ISSN 2710-4672

# ПАЁМИ ДОНИШГОҲИ ОМӮЗГОРӢ

**Силсила: илмҳои фалсафӣ**

**Нашрияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ**

# ВЕСТНИК ПЕДОГОГИЧЕСКИЙ УНИВЕРСИТЕТ

Серия: философские науки

**Издание Таджикский государственный педогогический университет имени Садриддина Айни**

**HERALD OF THE PEDAGOGICAL UNIVERSITY**

**Series: Philosophical Sciences**

**Publication of the Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Ayni**

**№ 3-4(3-4)**

**Душанбе – 2021**

***Маҷалла соли 2021 таъсис ёфтааст.***

Маҷалла дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11 июни соли 2018 таҳти № 061/ЖР ба қайд гирифта шудааст.

**Суроға:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 121, ДДОТ ба номи С. Айнӣ

**Тел. :** (+992 37) 224-20-12

**Факс:** (+992 37) 224-13-83

**Почтаи электронӣ:**
vestnik. tgpu@gmail. com

**Сомонаи маҷалла:**
*http:filosofiya.tgpu.tj*

***Сармуҳаррир:*** **Самиев Бобо Ҷӯраевич** - *академики Академияи илмҳои табиии Русия, доктори илмҳои фалсафа, профессор*

***Муовини сармуҳаррир: Назариев Рамазон Зибуҷинович*** - *академики Академияи илмҳои табиии Русия, доктори илмҳои фалсафа, профессор*

**Котиби масъул:** ***Давлатов Рамазонӣ Лақаевич*** - *номзади илмҳои фалсафа, иҷрокунандаи вазифаи дотсент*

***Маҷалла шомили пойгоҳи иттилоотии «Шохиси иқтибоси илмии Русия» (ШИИР) шудааст, ки дар сомонаи Китобхонаи миллии маҷозӣ ҷойгир аст.*** **http: //elibrary.ru**

## ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:

***Усмонзода Хайриддин Усмон*** – *узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, доктори илми фалсафа, профессор*
***Шоисматуллоев Шоҳназар*** – *узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, доктори илмҳои сотсиологӣ, профессор*
***Каҳоров Ғаюр Ғафурович*** - *доктори илмҳои фалсафа, профессор*
***Ҳайдаров Рустам Ҷурабоевич***- *доктори илми фалсафа, профессор*
***Каримов Шамсиддин Турсунович***- *доктори илмҳои сиёсӣ, профессор*
***Махмадҷонова Муҳиба Талатҷоновна*** - *доктори илми фалсафа, дотсент*
***Акмалова Мунира Абдунабиевна***- *доктори илмҳои сиёсӣ, профессор*
***Султонзода Соқӣ Аслон*** - *доктори илми фалсафа, дотсент*
***Бердиев Шоҳназар Пирназарович*** - *номзади илмҳои фалсафа, дотсент*
***Зикирзода Ҳобил*** – *номзади илмҳои фалсафа, дотсент*
***Давлатов Рамазонӣ Лақаевич*** - *номзади илмҳои фалсафа, иҷрокунандаи вазифаи дотсент*

***© ДДОТ ба номи С. Айнӣ, 2021***

***Журнал основан в 2021 году***

*Журнал зарегистрирован Министерством культуры Республики Таджикистан 11 июня 2018 года за № 061/ЖР*

***Адрес**: 734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121*

**ISSN 2710-4672**

**Тел. :** (+992 37) 224-20-12

**Факс:** (+992 37) 224-13-83

**Электронная почта:**
vestnik. tgpu@gmail. com

***Сайт журнала**:*
*http:filosofiya.tgpu.tj*

***Главный редактор**: **Самиев Бобо Джураевич** – академик Российской академии естетсвенных наук, доктор философских наук, профессор*

***Зам. главного редактора**: **Назариев Рамазон Зибуджинович** – академик Российской академии естетсвенных наук, доктор философских наук, профессор*

***Ответственный редактор**: **Давлатов Рамазони Лакаевич** – кандидат философских наук, и.о. доцента*

***Журнал включен в «Российский индекс научного цитирования» (РИНЦ), размещенный на платформе Национальной электронной библиотеки. http: //elibrary.ru***

**РЕДАКЦИОННАЯ КОЛЛЕГИЯ:**

***Усмонзода Хайриддин Усмон** – член-корр. Национальной академии наук Таджикистана, доктор философских наук, профессор*
***Шоисматуллоев Шохназар** – член-корр. Национальной академии наук Таджикистана, доктор социологических наук, профессор*
***Кахоров Гаюр Гафурович** - доктор философских наук, профессор*
***Хайдаров Рустам Джурабоевич** - доктор философских наук, профессор*
***Каримов Шамсиддин Турсунович** – доктор политических наук, профессор*
***Махмаджонова Мухиба Талатжоновна** - доктор философских наук, доцент*
***Акмалова Мунира Абдунабиевна** - доктор политических наук, профессор*
***Султонзода Соки Аслон** - доктор философских наук, доцент*
***Бердиев Шахназар Пирназарович** - кандидат философских наук, доцент*
***Зикирзода Хобил** - кандидат философских наук, доцент*
***Давлатов Рамазони Лакаевич** - кандидат философских наук, и.о. доцент*

***© ТГПУ имени С. Айни, 2021***

***The Magazine was founded in 2021.***

*The Magazine was registered by the Ministry of Culture of the Republic of Tajikistan on June 11, 2018 for No. 061/ZhR*

***Address:*** *734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121*

**ISSN 2710-4672**

Phone: (+992 37) 224-20-12

Fax: (+992 37) 224-13-83

E-mail:
vestnik. tgpu@gmail. com

Journal website:
*http:filosofiya.tgpu.tj*

***Editor-in-chief: Samiev Bobo Dzhuraevich*** *- Academician of the Russian Academy of Natural Sciences, Doctor of Philosophy, Professor*

***Deputy Editor-in-chief: Nazariev Ramazon Zibudzhinovich*** *- Academician of the Russian Academy of Natural Sciences, Doctor of Philosophy, Professor*

***Executive Editor: Davlatov Ramazoni Lakaevich*** *- Candidate of Philosophical Sciences, docent*

***The Magazine is included in the database of «Russian Science Citation Index» (RISC), placed on the platform of the National Digital Library. http: //elibrary.ru***

**THE EDITORIAL BOARD:**
***Usmonzoda Khairiddin Usmon*** *- corresponding member. National Academy of Sciences of Tajikistan, Doctor of Philosophy, Professor*
***Shoismatulloev Shokhnazar*** *- corresponding member. National Academy of Sciences of Tajikistan, Doctor of Sociological Sciences, Professor*
***Kakhorov Gayur Gafurovich*** *- Doctor of Philosophy, Professor*
***Khaydarov Rustam Dzhuraboevich*** *- Doctor of Philosophy, Professor*
***Karimov Shamsiddin Tursunovich*** *- Doctor of Political Sciences, Professor*
***Makhmadjonova Muhiba Talatjonovna*** *- Doctor of Philosophy, docent*
***Akmalova Munira Abdunabievna*** *- Doctor of Political Sciences, Professor*
***Sultonzoda Soki Aslon*** *- Doctor of Philosophy, Associate Professor*
***Berdiev Shakhnazar Pirnazarovich*** *- candidate of philosophical sciences, docent*
***Zikirzoda Khobil*** *- Candidate of Philosophical Sciences, docent*
***Davlatov Ramazoni Lakaevich*** *- candidate of philosophical sciences, docent*

***© TSPU named after S. Ayni, 2021***

## МУНДАРИҶА / СОДЕРЖАНИЕ

### ТАЪРИХИ ФАЛСАФА /ИСТОРИЯ ФИЛОСОФИИ


***Султонзода С. А.***
Афкори ирфонии Ибни Арабӣ дар таҳқиқоти Анри Корбен ........ 7
***Маҳмадҷонова М.Т., Аскардаев К.***
Руҷӯе ба афкор ва ҳикмати Муҳаммад Бухорӣ маъруф ба Имом Бухории Муҳаддис ........ 11
***Давлатов Р. Л.***
О проблеме осмысление метафизических и физических вопросов в учении Ибн Рушд ........ 15
***Саидова Г.З.***
Таносуби ақоиди фалсафӣ ва динӣ дар таълимоти мутафаккирони асримиёнагии исломӣ (таҳлили таърихӣ-фалсафӣ ........ 20
***Камолова Х.Қ.***
Заминаҳои сиёсии Зардуштия ........ 24
***Хасанова З.А.***
Учение Наджбуддина Кубро о десяти принципах самосовершенствование ........ 30
***Хасанова З.А.***
Этика Кубравийа ........ 36
***Субҳонзода С.И.***
Ҷанбаҳои асосии категорияҳои кулл, махсус ва муҷаррад ........ 40
***Давлатова О.С.***
Этические аспекты проблемы насилия и ненасилия в учении средневековых исламских мыслителей ........ 45
***Қосимов Қ. А.***
Таълимоти метафизикӣ ва табиатшиносии муътазила ва маърифати ақлонии онҳо ........ 49
***Каримов Р.С.***
Андешаҳои астрономӣ дар фарҳанги исломӣ ва таъсири онҳо дар ташаккули идеяҳои астрологии Аҳмади Дониш ........ 55
***Каримов Қ. С.***
Фалсафаи фарҳанги ориёӣ ........ 62
***Аминов Б. У***
Мавқеи фазилат дар «Унвону-л-баён»-и Абдуллоҳи Шабровӣ ........ 65
***Ширинзода А.Ш.***
Чанд андеша роҷеъ ба мавқеи мадориси низомия ва мударрисону муаллимони он ........ 71


### *ФАЛСАФАИ ИҶТИМОӢ/СОЦИАЛЬНАЯ ФИЛОСОФИЯ*


***Шомуродов Б. Б.***
Пайдоиши фаранҷӣ: хусусиятҳои динӣ ва фарҳангӣ-халқии он ........ 76
***Гиёсов Ф.Н.***
Гуманизм – идеал общественной жизни ........ 79
***Файзова М.***
Меҳмоннавозӣ ҳамчун падидаи иҷтимоӣ-фарҳангӣ ........ 83
***Аълоев Д.А.***
Социокультурная сущность религиозного мировоззрения ........ 87


### *ФАЛСАФАИ ИЛМ/ФИЛОСОФИЯ НАУКИ*


***Ниёзӣ Ё.Б.***
Меъёрҳои таснифоти илм дар мактаби машшоиёни шарқӣ ........ 92
***Холов С. С.***
Философия космологии ал-Бируни и его отношение к преставленний древних индусов и греков ........ 97

## *СОТСИОЛОГИЯ/СОТСИОЛОГИЯ*

***Самиев Б.Ҷ., Бердиев Ш.П***
Ҳолат ва сатҳи ифротгароии динӣ дар байни ҷавонони Ҷумҳурии Тоҷикистон .......... 103
***Ҳайдаров Р. Ҷ.***
Сармояи иҷтимоӣ:маҳфум, назария ва равишҳои консептуалӣ .......... 113
***Ҳаитов Ф.К.***
Изменения этико - эстетических ценностей человека в процессе миграции. (социально-философскийнализ .......... 117
***Ҳодибоев Ф.***
Омилҳои таъсиррасонии шабакаи иҷтимоӣ ба ҷавонон ва оилаҳои ҷавон, роҳҳои пешгирии хатарҳои он .......... 122
***Файзуллаев Х***
Таҳлили мафҳум ва таърифҳои «ҳамбастагии иҷтимоӣ .......... 128
***Мамадҷонова М.Д.***
Таъсири зиддиятҳои иҷтимоӣ ба оилаҳои ҷавони Тоҷикистон дар солҳои 90 ум .......... 132
***Абдуллоҳ М.С.***
Натиҷаи ҷаҳонӣ шудан-бухрони ҳувият аст .......... 139
***Бердиёрова Г.И.***
Нақши муколамаи фарҳангҳо дар эҷод ва ҳифзи сулҳ дар Тоҷикистон .......... 145

## ***<u>ФАЛСАФАИ ИҶТИМОӢ- СИЁСӢ</u>***

***Karimov Sh.T .***
Aspects of militarization in the countries of Central Asia: priorities and conflict of interests .......... 153
***Каримов Ш.Т.,Файзов Р.Х.***
Ҷасорати сиёсии Пешвои Миллат дар истиқрор ва таҳкими сулҳу субот дар минтақа .......... 159
***Бедилзода Ҳ, Бобоев А.Ш.***
Мафҳуми истиқлолияти миллӣ ва соҳибихтиёрӣ ..........
***Қувватзода С. З.***
Ҷойгоҳи амнияти обӣ дар ҳифзи амнияти миллӣ дар шароити тағйирпазирии ҷомеаи муосир.167
***Бедилзода Х. Тошов Х.М.***
Укрепления дружбы народов – важный фактор совершенствованию национальных отношений .......... 171
***Амиров Т. Ш.***
Военного сотрудничества Таджикистана с Россией как фактор безопасности Центральной Азии .......... 175
***Рашидова Т.К.***
Влияние современных процессов глобализации на сферы культуты и образования национальных государства .......... 178
***Чоршанбезода М.***
Теоретическое аспекты изучение проблемы развития института парламентаризма в науке 183
***Холназаров Н.М., Чорёри Ҳ.***
Паёми Пешво- роҳнамои ҳаёти пурсаодати халқ аст .......... 186
***Қаландаров Ф***
Амнияти иттилоотӣ ҳамчун омили муҳимми пойдории амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон .......... 189
***Исроилов И. И.***
Заминаҳои сиёсии таърихии таъсисёбии қушунҳои сарҳадии Ҷумҳурии Тоҷикистон .......... 195
***Қараев Н. Н.***
Хусусиятҳои давлатҳои миллӣ дар шароити муосир .......... 199
***Мирзоев У.И.***
Зиракии сиёсӣ: ҳамчун омили рушди худшиносии миллии ҷавонон .......... 204

## АФКОРИ ИРФОНИИ ИБНИ АРАБӢ ДАР ТАҲҚИҚОТИ АНРИ КОРБЕН

***Султонзода С.А.***
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ*

Тазаккур бояд дод, ки файласуф ва шарқшиноси фаронсавӣ Анри Корбен (1903-1978) аслан муҳаққиқи масоили фалсафии таълимоти файласуфону сӯфиён ва мутакаллимини форсу тоҷик аст. Вай бештар ҷанбаҳои мистикию теологии таълимоти мутафаккиронро омӯхта, ба ақидаҳои табиатшиносии онҳо камтар таваҷҷуҳ зоҳир намудааст ва ё таваҷҷуҳ намуда бошад ҳам, онҳоро аз назари космологияи динӣ, хосатан мазҳаби исмоилӣ, ки ба он бештар майл дошт [2], мавриди омӯзиш қарор додааст. Сарфи назар аз он, ки А. Корбен ба омӯзиши фалсафаи форсу тоҷик сарукор дорад, ҳамчунин таълимоти фалсафии дигар мутафаккирони исломӣ, ба хусус араб аз мадди назари муҳаққиқ дур намондаанд. Асари бунёдии А. Корбен «Таърихи фалсафаи исломӣ» гувоҳи он аст, ки А. Корбен аз таълимоти тамоми мактабҳои фалсафию динии олами ислом ба хубӣ огоҳӣ дорад ва роҷеъ ба таълимоти ҳар кадоми онҳо фикру ақидаҳои хосаи худро баён намудааст. Дар миёни фалосифаи араб, сӯфии маъруф Ибн Арабӣ (1165-1240) ҷойгоҳи хоса дорад ва таълимоти ин мутафаккири бузург аз назари А. Корбен на ин ки дур намондааст, балки диққати муҳаққиқро ба худ сахт кашидааст. А. Корбен дар баробари он, ки дар аксар асарҳои тадқиқотии худ аз Ибни Арабӣ ва таълимоташ ёд мекунад, ҳамчунин доир ба таълимоти вай асари тадқиқотии махсусе низ иншо кардааст. Ба ҳамин далел мо наметавонем А. Корбенро танҳо дар доираи омӯзиши таълимоти мутафаккирони форсу тоҷик маҳдуд намоем.

А. Корбен дар асари худ «Тахайюли холиқ дар тасаввуфи Ибни Арабӣ» бо пешгуфтори Жилбер Дюран андешаю осори Ибни Арабиро дар ҳадди якчанд бобу зербобҳо мавриди омӯзишу баррасӣ қарор додааст. Ин асари тадқиқотӣ имкон медиҳад, ки хонанда на фақат бо назару андешаҳои Ибни Арабӣ ошно гардад, балки пеш аз ҳама ҳангоми хондани ин асар ба назару андешаҳои шахсии А. Корбен оид ба ин таълимот шинос гардад. Фаромӯш набояд кард, ки асари тадқиқотии А. Корбен оид ба таълимоти Ибни Арабӣ асари калонҳаҷм буда, дар сурати ба таври муфассал баррасӣ намудани ақидаҳои олими фаронсавӣ оид ба сӯфии номбурда, домани таҳқиқотамон ниҳоят васеъ мегардад. Ҳол он ки мо тасмим гирифтаем нуктаи назари А. Корбенро роҷеъ ба таълимоти ирфонии Ибни Арабӣ мухтасаран баён карда, тадқиқоти муфассали масъаларо барои оянда вогузор намоем.

Қабл аз он ки ба баррасии масъалаҳои тасаввуфӣ-фалсафии асари А. Корбен оид ба Ибни Арабӣ шуруъ намоем, таъкид месозем, ки усули таҳқиқот ва мантиқи андешаи А. Корбен аз дигар шарқшиносону файласуфони аврупоӣ фарқ дорад. Ҳамин нозукии андеша ва мантиқи фарққунандаи А. Корбен хонандаро водор месозад, ки асарҳои ӯро ҷиддитар ва бо мароқи хоса мутолеа намояд. Дигар олимони шарқшиноси аврупоӣ низ ба ин назар розиянд. Тавре ишора намудем, хусусан Жилбер Дюран, ки ба асари номбурдаи А. Корбен пешгуфтор навиштааст, ҷонибдорӣ ақидаи фавқ мебошад. Назар ба қавли Ж. Дюран, андешаи А. Корбен яке аз силоҳҳои илмитарин маҳсуб меёбад, ки дар олами Ғарб аз рӯи аслияту махсусияти дарки масъала, беназир шуморида мешавад [7, с. 5-14]. Ж. Дюран бо истилоҳи лотинии «Imaginatio vera» (яъне тахайюли ҳақиқӣ. – С.С.) нишон медиҳад, ки дарки ҳақиқии масоили вобаста ба тасаввуфи исломӣ то ба миён омадани осори А. Корбен дар Аврупо таҳти таҳриф қарор дошта, ҳақиқати он кашфношуда буд. Ба ин ақидаи Ж. Дюран метавон ҳамфикр буд, лекин барои дарки воқеии масоили тасаввуфӣ муҳаққиқ дар баробари факту далелҳои мантиқию мушоҳидаҳои илмӣ бояд эҳсоси ботиниашро низ истифода намояд. Гумон меравад, ки ҳарчанд олимони аврупоӣ, хусусан А. Корбен дар шинохти аҳволу осор ва андешаи мутафаккирони мутасаввиф муваффақ гардидааст, вале ҳанӯз ҳам аврупоиён ба умқу моҳияти тасаввуфи исломӣ нарасидаанд. Зеро тавре гуфтем, онҳо ба тасаввуф аз назари факту далелҳои илми муосир баҳо медиҳанд, дар ҳоле, ки барои дарки воқеии тасаввуф эҳсос муҳим аст, ҳамон эҳсосе, ки хоси аҳли тасаввуф буд.

Анри Корбен дар боби нахустини асари худ оид ба таълимоти Ибни Арабӣ роҷеъ ба интихоби номи асар «Тахайюи холиқ дар тасаввуфи Ибни Арабӣ» истода мегузарад. Дар ин боб, ки таҳти унвони «Миёни Андалусия ва Эрон: ангораи сохти рӯҳоният» баён мегардад, А. Корбен унвони пурраи асарро дар шакли зайл нишон медиҳад: «Тахайюи холиқ ва таҷрибаи тасаввуфӣ дар суфизми Ибни Арабӣ». А. Корбен таъкид менамояд, ки мафҳуми «тахайюл»-ро набояд ба маънои муқаррарӣ, на ҳамчун фантазия, на узве, ки тасаввуреро бо чизи ғайривоқеӣ айният медиҳад ва на ҳамчунин воситаи офарандаи ҳисси зебопарастӣ шинохт. Вай бояд ҳамчун амали мутлақу бунёдие, ки ба самти дунёи ба худ хос, ба ҳастии комилан «воқеӣ» пешбинишуда мебарад, шинохта шавад ва «тахайюл» ҳамчун воситаи махсуси идрок эътироф гардад [5., с. 25]. Ҳамин «тахайюл», ки Ибни

Арабӣ мегӯяд, дар таълимоти дигар сӯфиён низ ба мушоҳида мерасад, вале бо истилоҳи гуногун. Масалан, онро Мавлоно Ҷалолиддин «фавқулэҳсос» меномад. Он чи ки обу оташу замин ифода мекунанд, барои дарки воқеиашон қобилияти фавқулэҳсос зарур аст. Вале файласуфон ва ба ибораи имрӯза «технократҳо» далелу исбот талаб менамоянд, зеро онон дорои тафаккури фаъол нестанд ва ҳарчи аз бобати фавқулэҳсос бархезад, онро хаёлоти ботил меҳисобанд [4, с. 9-17].

Ин таъкиди А. Корбен ба муқобили ақидаи он касоне ки таълимоти сӯфиёнро ғайривоқеию бофта мепиндоранд қарор гирифта, кашфу дарки ононро шакли махсуси ҳисси инсонӣ мешуморад ва онро ҳамчун як навъи воқеият эътироф менамояд. Бинобар ин, ҳисси тахайюл ё ваҳмро А. Корбен дар қатори дигар узвҳои ҳис гузошта, барои дарки воқеият муҳим мешуморад. Аз ин нуктаи назар, А. Корбен иброз менамояд, ки мо имрӯз дар назди он падидае, ки инсон тавассути он метавонад муносибаташро бо олам (бе маҳдуд кардани сифоти воқеии маълумотҳои узвҳои ҳис, ҳамчунин на маҳдудсозии доираи донишҳои ҳақиқӣ ва муҳим барои амалиёти дарки ратсионалистӣ), муқаррар намояд, қарздорем [5, с. 25]. Чунин таъкиди А. Корбен ба назари мо бори дигар таълимоти сӯфиёнро аз таънаю маломати дигар намояндагони мактабҳои мухталиф наҷот медиҳад.

Аслан дар таърихи илму фалсафа, таълимоти сӯфиёнро ирратсионалистӣ, бофта, ғайривоқеӣ, хаёл ва дар ҳолати ҷунунӣ ба миёномада мешуморанд. Вале тавре мебинем, бар хилофи инҳо А. Корбен бовар мекунонад, ки таълимоти сӯфия зуҳуроти бузургу барои илм аҳамиятнок ба шумор меравад. Зеро он, яъне дарк кардан тавассути «ваҳм» нақши узвҳои ҳисро барои идроки олам ҳаргиз маҳдуд намекунад, доираи донишҳои ратсионалистиро низ танг намегардонад, балки ба онҳо илова шуда, дар дарки воқеитарини олам, ба инсон кумак мерасонад. Бинобар ин, ба таври дигар ифода намоем, ҳадафи А. Корбен аз ин гуфтаҳо дар он зоҳир мегардад, ки танҳо сӯфиён дар дарки дурусти оламу ҳастӣ аз дигарон муваффақтаранд, зеро дигарон дар доираи донишҳои ҳиссию ақлӣ маҳдуд шуда, сӯфиён дар баробари он дониши ваҳмиро низ доро мебошанд. Андешаи дар боло зикрнамудаи А. Корбен сухани Муҳаммад Ғазолиро дар хусуси дарки олам ба хотр меоварад, ки номбурда бо омӯзиши таълимоти мутакаллимин, баъдан фалосифаи машшоӣ қонеъ нагардида, ночор рӯ ба тасаввуф овард ва дар охири умр сӯфӣ шуд ва ҳатто ба ин маъно дар асараш «ал-Мунқиз мин аз-залàл» таъкид намуд, ки он чи сӯфиён мебинанду ҳис мекунанд, аз он мутакаллимину машшоъиён марҳуманд [1, с. 429].

Ҳамин тавр, А. Корбен мавқеи тахайюлро дар таълимоти сӯфиён ба ҳадди баландтарин бардошта, барои тасдиқи он, вохӯрии Ибни Арабии ҷавонро бо Ибни Рушд нақл мекунад ва ҳангоми суҳбат намудани ин ду мутафаккири мухталифандешаю гуногунмактаб, Ибни Арабии ҷавонро, ки соҳиби ҳисси тахайюл буда, дар фавқулэҳсос ба Ибни Рушд ғолиб меомад, болотар мегузорад [5, с. 62-64]. Бояд гуфт, ки омӯзиши асари А. Корбен оид ба таълимоти Ибни Арабӣ шаҳодат бар он медиҳад, ки тахайюл ё ваҳм, ки хоси сӯфиён аст, ба маънои фавқулэҳсос, таваҳҳуми фаъол ва ҳис низ фаҳмида мешавад ва то андозае ба Ақли фаъоли Ибни Сино мувофиқат менамояд.

А. Корбен муътақид аст, ки Ибни Арабӣ мисли дигар намояндагони аҳли тасаввуф ҳамеша дар ҷустуҷӯ ва солики роҳи ҳақиқат буда, бо бештари сӯфиёни замони худ мулоқотҳо анҷом додааст, ҳамчунин осори зиёди илмию диниро мутолеа намуда, ки дар натиҷа ба кашфи асрори ҳақиқат даст ёфтааст ва намунаи барҷастаи он ҳамон фавқулэҳсос ва ё ваҳм аст [5, с. 64]. Яке аз рамзҳои асосие, ки дар таълимоти Ибни Арабӣ ҷойгоҳи хоса дорад ва барои расидан ба зинаи олии суфизм муҳим ба шумор меравад, ба ташреҳи А. Корбен - ин Хизр аст, яъне пайраву шогириди Хизр, устоди ноаён будан аст. Рамзи дигари расидан ба мақсад дар таълимоти Арабӣ, ба назари А. Корбен, ба мисли тамоми Увайсиҳо, ин аз устод гирифтани хирқа ва интиқол додани он ба шогирд мебошад, ки моҳиятан ба рамзи Хизрро устоди ботинии худ ҳисобидан алоқаманд аст [5, с. 87]. Аз ин лиҳоз, А. Корбен таъкид менамояд, ки таълимоти Ибни Арабӣ аз пайравони дини аслӣ, аз эътиқодмандону таърихан душманони таъвил ва аз догмаи якранги ба омма нигаронидашуда, шояд ҳазар ҳам дошт. Зеро он нафаре, ки шогирди Хизр аст, қудрати зиёди ботинии озодона дарёфтани таълимоти ҳамаи устодонро дорад. Барои ҳамин, Ибни Арабӣ ба таъкиди А. Корбен гирдоварандаи таълимоти тамоми устодони замони худ буд. Ин гуфтаҳоро метавон ба ибораи дигар ифода намуда, ба ин натиҷа расид, ки А. Корбен озодии андеша ва тафаккури Ибни Арабиро дар рӯ ба рӯи дину эътиқоди расмии он замон ифшо менамояд.

А. Корбен дар ибтидои асари ба Ибни Арабӣ бахшидаи худ кӯшиш ба харҷ додааст, ки таълимоти тасаввуфии мутафаккирро тавре ки ҳаст, ҳамон тавр нишон диҳад. Бино бар ин, қисмати аввали ҳаёти Ибни Арабиро, яъне аз давраи таваллуд то чилсолагӣ ба се марҳила ҷудо менамояд ва дар ҳар яке аз ин марҳилаҳо ҳадафҳои муҳимеро пайгирӣ мекунад. Марҳилаи аввалро «Иштирок дар маросими дафни Ибни Рушд», марҳилаи дуюмро «Зиёрати Шарқ» ва марҳилаи сеюмро «Шогирдӣ ба Хизр» меномад [5, с. 88]. Тавре мебинем, ин се марҳила, марҳилаҳои рамзӣ мебошанд ва маъноҳои хосаеро дороянд. Дар ин марҳилаҳо, Ибни Арабӣ бояд аз торикию зулмот ба сӯи рушноӣ, ба дарёфти ҳақиқат, аз дини зоҳирӣ ба дини ҳақиқӣ, ба сӯи машриқ, яъне ба сӯи офтоб рафта расад.

А. Корбен камолоти воқеии ирфонии Ибни Арабиро пас аз синни чилро убур кардану ба кишвару шаҳрҳои шарқӣ, ба мисли Коҳираю Маккаю Қуния мебинад. Хусусан ба Қуния омадани Ибни Арабӣ дар соли 1210 ва аз ҷониби шоҳи Салҷуқиён Кай Ковуси 1 бо шаҳомати хоса пазироӣ ёфтан, ба болоравии мавқеи тасаввуфии Ибни Арабӣ таъсири калон расонидааст [5, с. 89]. Аз навиштаҳои А. Корбен маълум мегардад, ки салотини турки салҷуқӣ ба аҳли тасаввуф эҳтироми хоса дошта, чанде қабл аз омадани Ибни Арабӣ ба Қуния чунин муносибати некро ба Сӯҳравардӣ, яъне ба эҳёгари фалсафаи Форси қадим, - ба назари А. Корбен, лоиқ дида будаанд [5, с. 89]. Дар ҳошияи суханони А. Корбен ҳаминро бояд қайд кард, ки султонҳои турк ин гуна меҳрубонӣ карданро нисбат ба дигар намояндагони аҳли тасаввуфи минбаъда низ идома бахшидаанд, ки намунаи барҷастаи он дар мисоли Султон-ул-уламо Баҳоуддин Валад ва Мавлоно Ҷалолиддин дида мешавад.

Ба гуфтаи А. Корбен Ибни Арабӣ дар Қуния Садриддини Қуниявии ҷавонро ба муридӣ мепазирад ва дар оянда ӯ домоди вай мешавад. А. Корбен бовар дорад, ки маҳз таълимоти Ибни Арабӣ дар Қуния, ба таълимоти Садриддин нуфуз карда, тавассути он ба суфизми шарқӣ пайвастагӣ пайдо мекунад. Ҳамчунин А. Корбен таъкид менамояд, ки Садриддини Қуниявӣ аз ҷониби дигар бо Насириддини Тӯсӣ – ба ибораи А. Корбен яке аз симоҳои барҷастаи Имомизми эронӣ, мукотаба дошт ва дар ин бобат як қатор мактубҳои интишорнагаштаи онҳо дар хусуси масъалаҳои муҳимтарини фалсафа ва тасаввуф мавҷуданд [5, с. 90]. Илова бар ин, А. Корбен тазаккур медиҳад, ки Насириддин устоди Қутбиддини Шерозӣ – муфассири машҳури фалсафаи ишроқи Сӯҳравардӣ буд ва ба ҳамин минвол А. Корбен намояндагони аҳли тасаввуфи он замонро бо мутакаллимону файласуфон, хусусан Н. Тӯсӣ дар робитаю муколамаи зичи байниҳамдигарӣ нишон дода, бо ин роҳ нуфузи аҳли тасаввуфро ба таълимоти Насириддини Тӯсӣ низ нишон доданист. Илова ба андешаи А. Корбен ҳаминро бояд гуфт, ки таъсири ақидаҳои Ибни Арабӣ ба аксар сӯфиёни мобаъди худ, аз ҷумла Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ низ расидааст [3, с. 195-200].

Ҳамчунин А. Корбен дар хусуси робитаи дӯстона доштани Садриддини Қуниявӣ бо Мавлоно Ҷалолиддинро низ таъкид намуда, таъсири Ибни Арабиро ба Мавлоно тавассути Садриддин аз эҳтимол дур намедонад. Дар ин бобат А. Корбен чунин ақида дорад: «Дар нигоҳи аввал таълимоти Ҷалолиддини Румӣ ва таълимоти Ибни Арабӣ таҷассум ва намои ду шакли комилан мухталифи рӯҳоният ба назар мерасанд. Мавлоно танҳо ба файласуфон ва фалсафаи онон сарукор дошт» [5, с. 91]. Ҳамин тавр, А. Корбен суханашро идома дода менависад, ки баъзе аз таънаю бӯҳтонҳои Мавлоно бо ҳуҷумҳои шадиди Муҳаммад Ғазолӣ ба фалосифа мувофиқанд. Аз ҷониби дигар А. Корбен иддао дорад, ки тафаккури фалсафӣ таҷрибаи тасаввуфиро комил мегардонад ва таҷрибаи тасаввуфию фалсафа барои ҳамдигар муҳиманд. Мувофиқату айни якдигар будани таълимоти Ибни Арабӣ ва Мавлоноро А. Корбен маҳз дар ҳамин мебинад. Омӯзиши тадқиқоти А. Корбен бар он шаҳодат медиҳад, ки олими фаронсавӣ бузургию шукӯҳи осори Ибни Арабӣ ва Мавлоноро дар як саф гузошта, асари машҳури Ибни Арабӣ «Футӯҳот»-ро дар баробари «Маснавии маънавӣ»-и Мавлоно, ки «Қуръони форсӣ» эътироф гардидааст, ҳамчун «Библияи асрорангез дар Ислом» нишон медиҳад [5, с. 94].

Анри Корбен дар асари дигари худ «Таърихи фалсафаи исломӣ» низ чанд саҳифаро ба Ибни Арабӣ бахшида, ин мутафаккирро ба баҳри бекарон, кӯҳи қуллааш фатҳношуданӣ, яке аз бузургтарин ваҳдониятгароёни (теософ) тамсилии тамоми давру замонҳо номидааст [6, с. 402]. А. Корбен ҳамчунин дар ин асар бар хилофи ақидаи он ки, гӯё бо Ибни Арабӣ «давраи тиллоии суфизм» ба анҷом мерасида бошад зид баромада, таъкид мекунад, ки баръакс бо ба майдон омадани Ибни Арабӣ дар тасаввуф давраи нав ва асил оғоз ёфт, ки он бар пояи ботиния (эзотеризм)-и иброҳимӣ (паёмбар Иброҳим дар назар аст. – С.С.) ва ботинияи исломӣ устувор аст. Ҳамзамон донишманди фаросавӣ таъкид менамояд, ки фалсафаи фалосифа, каломи фуқаҳо, зуҳди сӯфиёни содамашраб, ҳама ба як дарёи пуртӯғёни метафизикаи спекулятивӣ ва нерӯи тахайюлии беназир ворид карда шуданд. Бино бар ин, аз ин ваҳдонияти ирфонӣ «давраи тиллоӣ» шуруъ шуд [6, с. 402].

Хулоса маълум мегардад, ки олими фаронсавӣ А. Корбен дар шинохти таълимоти ирфонии Ибни Арабӣ бо таълифоти илмии худ нақши муассир гузоштааст. Омӯзиши осори А. Корбен ишора бар он мекунад, ки андешаю хулосаҳои ӯ оид ба ин ё он таълимоту мактаби фалсафӣ хусусияти энсиклопедӣ доранд, зеро муҳаққиқ барои равшан намудани масъалаҳои баррасишаванда тамоми робитаҳои мутақобила ва баҳамтаъсирасониҳои мутафаккиронро ба инобат мегирад. Аз таҳқиқоти ба Ибни Арабӣ бахшидаи А. Корбен ба ин натиҷа расидан мумкин аст, ки агар барои фалосифаи машшоия мантиқ ва факту далел асоси тасдиқи андеша ба шумор равад, пас дар таълимоти Ибни Арабӣ, ки ирфонӣ аст ҷои асосиро эҳсоси ботинии инсон ишғол менамояд.

**АДАБИЁТ**


1. Абу Хамид Мухаммад ал-Газзали. Избавляющий от заблуждения // Опровержение философов. – Душанбе: Дониш, 2008. – 554 с.

2. Саидризо Мӯсавии Гелонӣ. Тафаккури Ҳонри Курбин дар бораи ирфон ва фалсафаи исломӣ. Моҳномаи «Интизори муъуд». №17, 05.09.2015.
3. Султонов С. Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ дар шинохти Анри Корбен // Паёми Донишгоҳи Омӯзгорӣ. - №6 (67). - Душанбе, 2015. – С. 195-200.
4. Султонов С., Давлатов Р. Мавлоно дар баҳои файласуфони Фаронса ва тоҷик // Паёми Донишгоҳи Омӯзгорӣ. - Душанбе. - № 6 (55)., 2013. – С. 9-17.
5. Corbin H. L'imagination créatrice dans le soufisme d'Ibn Arabi. Préface de Gilbert Durand. - Paris: Entrelacs, 2018. – 398 p.
6. Corbin H. Histoire de la philosophie islamique. - Gallimard, 1986. - 546 p.
7. Durand G. L'envers d'un siècle de ténèbres // Corbin H. L'imagination créatrice dans le soufisme d'Ibn Arabi. Editions Entrelacs, 2018. - P. 5-14.

## АФКОРИ ИРФОНИИ ИБНИ АРАБӢ ДАР ТАҲҚИҚОТИ АНРИ КОРБЕН

*Дар мақола ташаккулёбии афкори тасаввуфии Ибни Арабӣ дар таҳқиқоти файласуфи фаронсавӣ Анри Корбен мавриди омӯзиш қарор дода шудааст. А. Корбен андешаҳои тасаввуфии Ибни Арабиро баррасӣ намуда, дар он ҷойгоҳи «тахайюл»-ро муҳим мешуморад. Ба навиштаи олими фаронсавӣ тахайюли тасаввуфӣ андешаи сохтаю бофта набуда, балки вай барои дарки воқеият муҳим аст. Тахайюли тасаввуфӣ барои дарки олам нақши узвҳои ҳис ва донишҳои ратсоналистиро, ки файласуфони машшоӣ ҷонибдорӣ мекарданд, маҳдуд наменамояд, балки ба онҳо илова гардида, дар дарки ҳодисаҳои олам кумак мерасонад. Бинобар ин, А. Корбен бар он бовар аст, ки мартабаи сӯфии файласуф нисбат ба сӯфии ғайрифайласуф баландтар аст. А. Корбен ҳамчунин робита ва таъсири ақидаҳои Ибни Арабиро ба дигар сӯфиёну файласуфон, ба мисли Садриддини Қуниявӣ, Мавлоно Ҷалолиддин, Насириддини Тӯсӣ ва дигарон нишон додааст. Дар ин росто, А. Корбен асари машҳури Ибни Арабӣ «Футӯҳот»-ро дар баробари «Маснавии маънавӣ»-и Мавлоно гузошта, ҳамчун «Библияи асрорангез дар Ислом» қаламдод кардааст. А. Корбен дар ташаккули афкори ирфонии Ибни Арабӣ се марҳиларо муассир мешуморад: 1) «Иштирок дар маросими дафни Ибни Рушд», 2) «Зиёрати Шарқ» ва 3) «Шогирдӣ ба Хизр». Дар ин марҳилаҳои хоса, ки рамзӣ мебошанд Ибни Арабӣ аз торикию зулмот ба сӯи рушноӣ, ба дарёфти ҳақиқат, аз дини зоҳирӣ ба дини ҳақиқӣ, ба сӯи машриқ, яъне ба сӯи офтоб рафта мерасад. Ҳамчунин, А. Корбен Ибни Арабиро яке аз баландтарин қуллаҳои фатҳношудании тасаввуфи исломӣ ҳисобидааст.*

***Калидвожаҳо:*** *тахайюл, фикр, тасаввуф, ирфон, ҳақиқат, зоҳир, машриқ, ҳис, дониш, файласуф, фаронсавӣ.*

## МИСТИЧЕСКОЕ ВОЗЗРЕНИЯ ИБН АРАБИ В ИССЛЕДОВАНИИ АНРИ КОРБЕНА

*В статье рассматривается становление мистической мысли Ибн Араби в исследованиях французского философа Анри Корбена. А. Корбен обсуждает мистические идеи Ибн Араби, в которых он считает важным место «воображения». По мнению французского ученого, суфизм — это не вымышленная идея, а важная для понимания реальности. Мистическое воображение для познания мира не ограничивает роль чувств и рационалистического познания, отстаиваемого философами перипатетиками, а дополняет их и помогает понять явлений мира. Следовательно, А. Корбен считает, что статус суфий-философа выше, чем у суфий нефилософа. А. Корбен также показал связь и влияние идей Ибн Араби на других суфиев и философов, таких как Садриддин Кунияви, Мавлана Джалалиддин, Насириддин Туси и другие. В связи с этим А. Корбен сравнил знаменитую работу Ибн Араби «Футухот» с «Маснави-и-манави» Мавлави и назвал ее «Таинственной Библией в исламе». А. Корбен считает важным три этапа в формировании мистической мысли Ибн Араби: 1) «Участие в похоронах Ибн Рушда», 2) «Паломничество на Восток» и 3) «Ученичество Хизра». На этих особых стадиях, которые носят символический характер, Ибн Араби идет от тьмы к свету, к истине, от внешней религии к истинной религии, на восток, то есть к солнцу. Также А. Корбен считал Ибн Араби одной из высочайших вершин исламского мистицизма.*

***Ключевые слова:*** *воображение, мысль, мистика, ирфон, истина, внешний, восток, чувство, знание, философ, французский.*

## MYSTICAL VIEWS OF IBN ARABI IN A STUDY BY HENRY CORBIN

*The article deals with the formation of the mystical thought of Ibn Arabi in the studies of the French philosopher Henry Corbin. H. Corbin discusses the mystical ideas of Ibn Arabi, in which he considers the place of «imagination» to be important. According to the French scientist, mysticism is not a fictitious idea, but an important one for understanding reality. Mystical imagination for the knowledge of the world does not limit the role of feelings and rationalistic knowledge, defended by peripatetic philosophers, but complements them and helps to understand the phenomena of the world. Consequently, H. Corbin believes that the status of a Sufi philosopher is higher than that of a non-philosopher Sufi. H. Corbin also showed the*

*connection and influence of Ibn Arabi's ideas on other Sufis and philosophers, such as Sadriddin Quniyavi, Mawlana Jalaliddin, Nasiriddin Tusi and others. In this regard, H. Corbin compared the famous work of Ibn Arabi «Futuhat» with «Masnavi-i-manavi» of Mavlavi and called it «The Mysterious Bible in Islam». H. Corbin considers important three stages in the formation of the mystical thought of Ibn Arabi: 1) «Participation in the funeral of Averroes», 2) «Pilgrimage to the East» and 3) «Apprenticeship of Khizr». At these special stages, which are symbolic, Ibn Arabi goes from darkness to light, to truth, from external religion to true religion, to the east, that is, to the sun. H. Corbin also considered Ibn Arabi one of the highest peaks of Islamic mysticism.*

***Key words:*** *imagination, thought, mysticism, irfon, truth, external, east, feeling, knowledge, philosopher, French.*

***Маълумот дар бораи муаллиф:***

***Султонзода Соқӣ Аслон*** *– доктори илмҳои фалсафа, дотсенти кафедраи фалсафа, мудири кафедраи забони франсавии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ. Тел.: (+992) 93 814 86 39. E-mail: sultonzoda83@mail.ru*

***Сведения об авторе:***

***Султонзода Соки Аслон*** *– доктор философских наук, доцент кафедры философии, заведующий кафедрой французского языка Таджикского государственного педагогического университета им. С. Айни. Тел.: (+992) 93 814 86 39. E-mail: sultonzoda83@mail.ru*

***About the author:***

***Sultonzoda Soqi Aslon*** *- doctor of philosophic sciences, docent of philosophy chair, head of French language chair of Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni. Tel.: (+992) 93 814 86 39. E-mail: sultonzoda83@mail.ru*

## РУҶӮЕ БА АФКОР ВА ҲИКМАТИ МУҲАММАД БУХОРӢ МАЪРУФ БА ИМОМ БУХОРИИ МУҲАДДИС

***Маҳмадҷонова М.Т., Аскардаев К.***

*Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови АМИТ*

Дар дафтари замона фитад номаш аз қалам,
Ҳар миллате, ки мардуми соҳибқалам надошт.
(Фаррухии Яздӣ)

Муҳаммал Бухорӣ (Ҳофиз Абӯабдулло Муҳаммад бин Исмоили бин Иброҳим бин Муғира Бухорӣ Ҷаъфӣ) 19 июли 810 - 1 сентябри 870) маъруф ба Бухорӣ, аз маъруфтарин муҳаддисон ба шумор меравад, ки бо ҷамъоварии ҷомеътарин, комилтарин ва саҳеҳтарин маҷмӯаи ҳадисҳо, бо омӯзиши амиқ дақиқан таҳлил намудани онҳо номи ӯ дар таърихи фарҳанг ва тафаккури исломӣ бо ҳарфҳои заррин нақш гардидааст. Ба эътирофи иддаи бузурги уламои исломшинос, аз ҷумла Салоҳуддин ибн Али ибн Абдул Мавҷуд, ки муаллифи тарҷумаи ҳоли ӯст, Борҷуин Сюзан Михаил ва Пауле Кей, ки тарҷумаи ҳоли Бухориро дар Энсиклопедияи ашхоси маъруфи ҷаҳон таҳия намудаанд, ва Ленд Девид Маршал, ки дар Роҳнамои адабиёти шарқ дар бораи Бухорӣ маълумот медиҳад, нависандаи эронӣ (ба маънои забони такаллум, на таълиф), муаллифи китоби «Саҳеҳи Бухорӣ» мебошад [9, 7:112, 8:33]. Бо таълифи ин маҷмӯаи ҳадис Имом Бухорӣ дар садри 6 нафар муҳаддиси маъруф истодааст, ки бо унвони фахрии Шашгонаи саҳеҳ ё Сиҳои Ситта ёд мешаванд, меистад.

Бухоро, ҳамчун Самарқанд, яке аз ду шаҳри тоҷикнишин ва форсизабони Ӯзбекистони имрӯза аст [11]. Аксарияти мардуми Бухоро то имрӯз низ ба забони форсӣ бо гӯиши вижаи осиёи марказӣ, ки ба имрӯза аз шохаҳои мустақили забони форсӣ-забони тоҷикӣ маъруф шуда аст ва забони миллати алоҳидаи соҳиби давлати муосири мустақил аст, сухан мегӯянд, ки бархе манобеъ мизони тоҷикзабонони ин шаҳрро беш аз 90% низ ёд кардаанд [10:213-214].

Муҳаммад ибни Исмоил Бухорӣ дар шаҳри Бухоро дар оилаи фарҳангӣ ва сарватманд ба дунё омадааст. Тавре дар мавриди ҳаёт ва фаъолият ва оилаву парвариши барвақти ӯ муҳаққиқи рус Прозоров С.М. дар Энсиклопедияи православӣ хабар медиҳад, авлодони ӯ аз ҷумлаи зардуштиёни Форс будаанд, ки ба Бухоро омадаанд. Бобокалони ӯ, ки Бардизбеҳ ном дошт, форсиасл буд ва маҷусивор мезиста аст ва дунёро дар мазҳаби маҷусӣ падруд гуфта аст. Падараш –ал Муғира тахти сарпарастии мавлояш Ямон ал – Муснади Бухорӣ ал - Ҷуъфӣ - волии Бухоро қарор дошта бо ҳидояти ӯ исломро қабул кардааст. Аз ин рӯ насаби Имом Бухорӣ аз номи ӯ- ал- Ҷуъфӣ гирифта шудааст. Ба он маънӣ, мавлои ӯ воли он вақтаи Бухоро ал - Ҷуъфӣ будааст ва он вакт шахсоне, ки ба тозагӣ ба ислом мепайвастанд, бояд сарпарасти арабӣ медоштанд, то дар умури зиндагӣ онҳоро раҳнамоӣ созад. Яъне, бобояш ҳам маҷусӣ будааст. Дар овони кӯдакӣ падари Муҳаммад аз дунё мегузарад ва ӯ дар тарбияти модар мемонад. Модараш зани таҳсилкарда ва босавод буда аз малакаву

имконятҳои фитрии фарзанд огоҳ, дар тарбияти фарзанди боистеъдодаш хеле кӯшиш мекунад. Муҳаммад аз давраи хурдсолӣ - 7 солагӣ Қуръонро ҳизф намуда дар 10 солагӣ беш аз ҳазор ҳадисро азбар намуда ба ин кор меҳр мебандад. Дар синни кӯдакӣ ӯ бо донистани ҳадис ва қироати пурэҳсоси Қуръон ном мебарорад ва ин кор ба ӯ ба тавре муваффақ мешавад, ки натанҳо ҳамчун қории Қуръон ном баровардa, мартабаи «Ҳофиз»-ро касб менамояд, балки ҳар ҷо ки бошад, мардум аз ӯ саволу ҷавоби динӣ мекарданд ва ӯ ҷавоби саҳеҳ медод. Бояд дар ин маврид оиди мартабаи «Ҳофизи» Қуръон илова кард, ки он ифодагари қобилияти фавқулоддаи мусалмонони тамоми ҷаҳони ислом дар қироати дуруст, пурэҳсосу эстетикӣ буда аз замони аввалин давраи паҳн шудани дини Муҳаммад аз тарафи халифаҳои ислом пайгирӣ шуда то ба имрӯз феҳристи ҳофизони барҷастаи Қуръон сабт мегардад. Бинобар ин мартабаи ҳофизӣ дар ҷаҳони ислом хеле олӣ ва пуршараф буда аҳамияти ҷаҳонӣ дорад.

Имом Бухорӣ фаъолияти омӯзишу пажуҳиши худро барвақт оғоз намуда дар ҷавонӣ - ҳудуди 16 солагӣ бо модару бародараш озими ҳаҷ мешавад, аммо дар замони бозгашт аз онҳо канда, ба Макка баргашт ва дар ҳудуди чаҳор сол бо омӯзиш дар назди машҳуртарин муҳаддисон - Аҳмад ибн Ҳанбал, Абу Мусҳир, Яхё ибни Мунҳари Нишопурӣ дар шаҳрҳои Басра, Куфа, Бағдод, Димишқ, Марв, Балх, ки марокизи илмии он замон ба шумор мерафтанд, таҳсил карда, тавре худаш таъкид кардааст дар назди беш аз 1800 нафар устодони ҳадис машғул шуда ба Мадина меояд ва он ҷо наздики 16 сол мемонад ва ба ҷамъоварии ҳадис идома медиҳад. Ӯ барои худ мақсад гузошта буд, то саҳеҳтарин маҷмӯи ҳадисро таҳия намояд.

Имом Бухорӣ осори зиёде таълиф намудааст. Аз ҷумла: «аль-Асма» ва-ль-куно» (Таърихи куния), «ат-Тарих аль-кабир» (Таърихи бузург) «ас-Сунан фи-ль-фукаҳо» (Суннатҳои фиқеҳон), «Халк аф'аль аль-'ибад» (Офариниши афъоли бандагон), «аль-Адаб аль-Муфрад» (Одоби хосагон) и «аль-Кира'а халфа-ль-имам» (Қират аз паси имом), «Ал муснад ал- кабир» (Муснади бузург), «Ат - тафсир ал кабир» (Тафсири кабир), Китаб-ул –ашриба (Китоби нушокиҳо), Кита басма ас сахаба (Китоби номҳои саҳобагон) Китаб ул ваҳдан- (Китоби вохидон), Китаб-ул мабсут (Китоби ризоият), Китобул илал (Китоби иллатҳо), Китабул фаваид (Китоби фоидаҳо), Китаб ас-зуафо ас сағир (Китоби хурди заифон), Китаб қазая ас саҳаба ва т-табеин (Китоби қазияҳои саҳоба ва тобеин).

Имом Қутайба бинни Саид Бағлонӣ, ягона шахсияте, ки номи номвараш дар «Саҳеҳи Бухорӣ» ва «Саҳеҳи Муслим» (ба иттифоқи умуми уламои уммати исломӣ аз ҷумлаи 6 саҳеҳтарин китоб баъд аз китобуллоҳ, яъне Қуръони карим шинохта шудаанд) бештар аз 974 мартаба такрор шудааст, дар бораи мартабаи илмии Имом Бухорӣ менависад: «Инсонҳои зиёде аз Шарқу Ғарби ҷаҳон ҷӣҳати фарогирии дониши ҳадис суям кучидаанд, аммо ҳамонанди Муҳаммад бинни Исмоили Бухорӣ ҳаргиз кассе суям накучида аст. Ва ҳам дар ҷои дигар мегуяд: «Бо фақеҳону зоҳидон нишаста аз замоне, ки соҳиби дарку хирад будам ҳамонанди ӯро надидам. Ӯ дар рӯзгори худ ба сони Умар бини Хатоб (разиаллоҳу анҳу) дар миёни саҳоба будааст».

Баҳси забони тоҷикӣ будани забони модарии Имом Бухорӣ, ки зодаи шаҳри Бухорост ва авлоди дураш аз Форс ба ин ҷо куч бастаанд ва модараш аз тоҷикони Бухоро будааст, бо ин ҳал мешавад, ки забони аксари мардуми Бухоро то ҳол ҳам тоҷикӣ аст. Ва Абубакри Наршахӣ дар «Таърихи Бухоро» (таълиф ба забони арабӣ 332 қамарӣ/943 мелодӣ, забони аҳли Бухороро бухорӣ мегуяд: «…Ва ҳамук ба забони бухорӣ гавҳар бувад…» [1:9]. тарҷумаи форсӣ аз тарафи Абунасри Қабовӣ-соли 522-574к/1128-1178м). Абубакри Наршахӣ дар мавриди фазои маънавӣ-иҷтимоии Бухоро дар давраи паҳншавии ислом чунин овардааст: «Қутайба ибни Муслим ба Бухоро даромад ва Бухорори гирифт. Аҳли Бухороро фармуд то як нима аз хонаҳо ва зиёъи хеш арабро доданд. Қавме буданд дар Бухоро… ва эшон аз деҳқонон набуданд, ғурбо буданд асил ва бозаргонон буданд ва тавонгар буданд. Пас Қутайба илхоҳ кард андар қисмати хонаҳо (ва асбоби эшон. Хонаҳо) ва асбоби хеш ҷумла гузоштанд ба раб «ва аз беруни шаҳр ҳафтсад кушк биноб кардан два он рӯз шаҳр ҳамин қадар буд», ки шахристон аст» [1:42]. Ва дар ин бора меафзояд: «Ҳар боре аҳли Бухоро мусалмон шудандӣ ва боз чун араб боз гаштандӣ, риддат оварандӣ ва Қутайба ибни Муслим се бор онҳоро мусалмон карда буд, боз риддат оварда, кофар шуда буданд, ин бори чаҳорум Қутайба ҳарб карда шаҳр бигирифт…» [1:66]. «Ва мардумони Бухоро ба авали ислом дар намоз Қуръон ба порсӣ хондандӣ ва арабӣ натавонистанд омӯхтан» [1:74]. Мутарҷим дар бораи хоҳиши мардуми Бухоро оид ба тарҷумаи китоб ба забони ба онҳо фаҳмо, чунин овардааст: Ва таълифи ин китоб ба арабӣ буд ба ибoрати балиғ дар шуҳури санаи иснайн ва салосин ва салосамиа. Ва бештари мардум ба хондани китоби арабӣ рағбат нанамоянд. Дӯстон аз ман дархост карданд, ки ин китобро ба форсӣ тарҷума кун. Фақир дархости эшонро иҷобат кардам ва ин китобро ба форсӣ тарҷума кардам» [1:29].

Тавре Марғинонӣ Бурҳонуддин дар Ҳидояи худ, Боби сифоти салоҳ таъкид кардааст, асоси маънавии иҷозаи мазкур дар мазҳаби ҳанафия аст: «Назди Абуҳанифа ифтитоҳи салот, қироат дар салот ва тасмия дар забҳ бо забони форсӣ иҷозат аст, агарчанде арабиро хуб бидонад [4:186-188].

Хилоф карданд ӯро имомайн, яъне Имом Абул Юсуф ва Имом Муҳаммад, ки гуфтанд: танҳо дар забҳ иҷозат аст, агар арабиро хуб бидонад. Агар арабиро надонад, мумкин аст, ба ҳукми намози ба имову ишора».

Қавли дигаре ҳаст аз Имоми Аъзам, ки «агар пурра намозро ба забони аҷамӣ бихонад, тарки суннат карда бошад, чунки пайғамбар ба арабӣ мехонд». Тарки суннат - яъне- кам шудани савоб ва маслиҳат набудани ин кор.

Далели Имоми Аъзам аз Қуръон, сураи Шуаро, 196 баргирифта шудааст: « -…бинобар он, ки пеш аз Қуръон китобҳои осмонии дигар ба забонҳои дигар низ будааст…» [3: Шуаро-169].

Дар мавриди сокинони автохтонӣ ва ё бумӣ будани тоҷикон дар Вароруд, аз ҷумла дар Бухоро ва забони тоҷикӣ будани забони модарии аҳолии минтақа далели маъруфтарин таърихпажуҳони олам, ки шахсан дар минтақа бо аҳолӣ вохурдаанд, мавҷуд аст. Ба эътирофи умум тоҷикон сукунати бумии худро дар ин ҷой, аз ҷумла Бухоро, бо ташаккул додани фарҳанг ва тамаддуни фарогир ҳанӯз аз асри 6-5 то милод оғоз карда қисми таркибии фарҳанги ҳинду аврупоиро ташкил намудаанд [5].

Арминий Вамебри (1832-1919), ки ӯро дилбохтагӣ ба фарҳанги турк ба Туркияи усмонӣ овард, чунини меоварад: «Тоҷикон аз даврони бостон аксарияти кулро ташкил мекунанд, гарчанде аз идора кардани давлат маҳрум шуданд, нисбати ҳокимони худ муносибати олии фарҳангӣ изҳор менамоянд. Дар асрҳои аввали қабули дини ислом дар дониши илоҳиёт ва фалсафа пеш аз ҳама тоҷикон саҳм гузоштаанд. То ба ҳол дар Бухоро, Қуқанд ва Қоғар муллоҳои маъруф ва эшонҳои донимaнд тоҷиконанд. Гарчанде амири Бухоро узбек аст, дар дарбори ӯ сарвазир ва мансабдорони олӣ тоҷиконанд ва ҳатто дар чунин хонигарии ваҳшии узбек чун Хива, меҳтар-котиби давлатӣ, яъне мансабдоре, ки соҳибхирад бошад, танҳо аз ҳисоби тоҷикзабонон интихоб мешавад» [2:74].

Асари безаволи Имом Бухорӣ «Ҷомеъ ас саҳеҳ» яке аз шаш китоби асосии маҷмӯии ҳадисҳост, ки номи дурусти он ба қавли Ибн ас-Салоҳ, бояд «Ал Ҷомеъ ал муснад ас саҳеҳ ал мухтасар мин умур расули-л-Лоҳ ва сунаниҳӣ ва аямиҳӣ» (Муснади ҷомеи саҳеҳу мухтасар аз фармуда ва суннати расули худо ва даврони ӯ) бошад. Ба китоби мазкури Имом Бухорӣ як қатор шарҳу тафсир таълиф шудааст, ки ба қалами уламои маъруф - Ибн Ҳоҷари Асқалонӣ, Бадруддини Айнӣ, ал-Касталонӣ, ас - Суютӣ, Ибни Касир ва ғ. мансубанд.

Филми ҳунарии синамогарони тоҷик бо номи «Имом ал Бухорӣ» (2 баст), ки аз тарафи коргардон Бако Содиков соли 1995 ба навор гирифта шудааст, ҳаёт ва фаъолияти Имом Бухориро дар асоси сарчашмаҳои таърихӣ возеҳу равшан ва ба забони тоҷикӣ таҷассум менамояд ва имконият медиҳад, ки нақш ва мақоми ин фарзанди баруманди халқи тоҷик бо тамоми нозукиҳояш зиндаву ҷовид гардад [6:385-386].

## АДАБИЁТ


1. Абубакри Наршахӣ.Таърихи Наршахӣ, чопи сеюм, Техрон, 1382 (2004) .
2. Вамбери А. История Бохары или Трансоксании с древнейших времен до настоящего. Перевод А. И. Павловского. Тома I—II. — Санкт-Петербург: 1873.//Бабаханов М. История таджиков мира. Душанбе, 2004, -с. 74.
3. Қуръон, Шуаро,169.
4. Марғинонӣ Бурҳонуддин. Ҳидоя. Покистон, Мактабат ал Бушро, 2008, ҷ.1. 186-188.
5. Рахмонов Э. Таджики в зеркале истории .книга первая . От арийцев до Саманидов.-Душанбе, Вамбери А. История Бохары или Трансоксании с древнейших времен до настоящего. Перевод А. И. Павловского. Тома I—II. — Санкт-Петербург: 1873.//Бабаханов М. История таджиков мира. Душанбе, 2004.
6. Энциклопедия кино Таджикистана. Душанбе, 2012.
7. Bourgoin, Suzanne Michele; Byers, Paula Kay, eds. (1998)."Bukhari». Encyclopedia of World Biography (2nd ed.). Gale. p.112.
8. Lang, David Marshall, ed. (1971). "Bukhārī" . A Guide to Eastern Literatures. Praeger. p.33.
9. Salaahud-Deen ibn Alee ibn Abdul-Maujood (December 2005). The Biography of Imam Bukhaaree. Translated by Faisal Shafeeq (1st ed.). Riyadh: Darussalam. ISBN 9960969053.
10. Richard Foltz, «The Tajiks of Uzbekistan», Central Asian Survey, 15 (2), 213–214 (1996).
11. https://fa.wikipedia.org/wiki/%D8%A8%D8%AE%D8%A7%D8%B1%D8%A7


# РУҶӮЕ БА АФКОР ВА ҲИКМАТИ МУҲАММАД БУХОРӢ МАЪРУФ БА ИМОМ БУХОРИИ МУҲАДДИС


*Мақола ба муаррифии Муҳаммад Бухорӣ маъруф ба Имом Бухории муҳаддис бахшида шудааст, ки бо вуҷуди саркардаи муҳаддисони маъруфи шашгона буданаш, дар замони мо ба доираҳои васеи илмӣ камтар шинос аст. Ҳол он ки ӯ аз ҷумлаи ҳамзабонони маъруфи давраи аввали асрҳои миёнаи таърихи тафаккури тоҷик буда, бо маҷмӯаи саҳеҳтарини ҳадис дар ҷаҳон шӯҳрат пайдо намудааст. Ӯ дар ҷамъоварӣ, тасниф, таркиббандӣ ва ҷудо кардани ҳадисҳои саҳеҳ, машкук, маъруф ва номаъруф ҷаҳду талош намуда, онҳоро дар мавҷмӯае бо номи Саҳеҳи Бухорӣ, ё «Ал Ҷомеъ ал муснад ас саҳеҳ ал мухтасар мин умур расули-л-Лоҳ ва сунаниҳӣ ва аямиҳӣ» (Муснади ҷомеи саҳеҳу мухтасар аз фармуда ва суннати расули худо ва даврони ӯ) гирд овардааст. Ба*

*китоби мазкури Имом Бухорӣ як қатор шарҳу тафсир таълиф шудааст, ки ба қалами уламои маъруф - Ибн Ҳоҷари Асқалонӣ, Бадруддини Айнӣ, ал-Касталонӣ, ас - Суютӣ, Ибни Касир ва г. мансубанд. Ҳаёт, фаъолият ва осору афкори ин абармарди фарҳанги исломӣ боиси омӯзиш ва пажуҳиш мебошад.*

***Калидвожаҳо***: *фалсафа, илоҳиёт, фарҳанг, ислом, Қуръон, ҳадис, ҳадисҳои саҳеҳ, машкук, мутарҷим.*

## ССЫЛКА НА ВОЗЗРЕНИЙ И МУДРОСТЬ МУХАММАДА БУХАРИ, ИЗВЕСТНОГО КАК ХАДИСОВЕД ИМАМ БУХАРИ

*Статья посвящена ознакомлению с Мухаммадом Бухари, известного как хадисовед Имам Бухари, который несмотря на то, что является родоначальником известных шестеричных хадисоведов, в наше время мало знаком в широких научных кругах. Хотя он является одним из известных соотечественников первого периода средних веков истории таджикской мысли, приобретавший славу в мире благодаря сборнику самых достоверных хадисов. Он усердно работая над сбором, классификации, анализом и синтезом достоверных, сомнительных, известных и неизвестных хадисов, собрал их в одном сборнике под названием Сахих ал-Бухари, или «Ал-Джамиъ ал-муснад ас-Сахих ал-мухтасар мин умур расули-л-Лах ва сунанихи ва айямихи» (Достоверный и краткий сборник Муснада из повелений и сунны Пророка Аллаха и его дней). Этой книге Имама Бухари написаны ряд комментарий и примечаний, которые относятся к таким известным учёным (улемам), как Ибн Хаджару Аскалани, Бадруддину Айни, ал-Касталани, ас-Суюти, Ибн Касиру и др. Жизнь, деятельность, произведения и воззрений этого выдающегося титана исламской культуры достойны изучению и исследованию.*

***Ключевые слова***: *философия, теология, культура, ислам, Коран, хадис, достоверные и сомнительные хадисы, переводчик.*

## REFERENCE TO THE VIEWS AND WISDOM OF MUHAMMAD BUKHARI, KNOWN AS THE HADITH SCHOLAR IMAM BUKHARI

*The article is devoted to acquaintance with Muhammad Bukhari, known as the hadith scholar Imam Bukhari, who, despite the fact that he is the founder of the famous six-fold hadith scholars, is little known in wide scientific circles in our time. Although he is one of the well-known compatriots of the first period of the Middle Ages in the history of Tajik thought, who gained fame in the world thanks to a collection of the most reliable hadiths. He diligently worked on the collection, classification, analysis and synthesis of reliable, doubtful, known and unknown hadiths, collected them in one collection called Sahih al-Bukhari, or Al-Jami» al-musnad as-Sahih al-mukhtasar min umur rasuli- l-Lah wa sunanihi wa ayamihi (A reliable and concise collection of Musnad from the commands and sunnah of the Prophet of Allah and his days). A number of commentaries and notes were written on this book by Imam Bukhari, which refer to such famous scientists (ulema) as Ibn Hajar Askalani, Badruddin Aini, al-Kastalani, al-Suyuti, Ibn Kathir and others. The life, activities, works and views of this outstanding the titans of Islamic culture are worthy of study and research.*

***Keywords:*** *philosophy, theology, culture, Islam, Koran, hadith, reliable and doubtful hadiths, translator.*

***Маълумот дар бораи муаллифон:***

***Маҳмадҷонова Муҳиба Талатҷоновна*** - *доктори илмҳои фалсафа, профессор, сарходими «шуъбаи таърихи фалсафа»-и Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови АМИТ;*

***Аскардаев Кишваршо*** - *ходими илмии Маркази синошиносии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови АМИТ.*

***Информация об авторах***:

***Махмаджонова Мухиба Талатжоновна*** - *доктор философских наук, профессор, заведующая «Отделом истории философии» Института философии, политологии и права им. А. Баховаддинова НАНТ;*

***Аскардаев Кишваршо*** – *научный сотрудник Центра авиценоведения Института философии, политологии и права им. А. Баховаддинова НАНТ.*

***About the authors:***

***Makhmadzhonova Mukhiba Talatjonovna*** - *doctor of philosophical sciences, professor, head of the «Department of the History of Philosophy» of the Institute of Philosophy, Political Science and Law. named after A. Bahovaddinova of NAST;*

***Askardaev Kishvarsho*** - *research fellow of the Center for Avicenna Studies at the Institute of Philosophy, Political Science and Law. named after A. Bahovaddinov of NAST*

# О ПРОБЛЕМЕ ОСМЫСЛЕНИЕ МЕТАФИЗИЧЕСКИХ И ФИЗИЧЕСКИХ ВОПРОСОВ В УЧЕНИИ ИБН РУШД

***Давлатов Р. Л.***
*Таджикиский государственный педагогический университет им. С.Айни*

Ибн Рушд написал трактаты в виде комментариев различного объёма, чтобы представить аристотелевскую метафизики. Для её экспозиции он опирался, прежде всего на такие произведения как «Метафизика», «Физика» и «О душе». Кроме того, он рассматривал мнения некоторых интерпретаторов и комментаторов взглядов Аристотеля. Тем не менее, изучая сочинения Аристотеля, Ибн Рушд создал впечатления, о тех сочинениях, которые сохранились до наших дней, т.е. философское описание небес и метафизические взгляды древнегреческого философа, которые были неполными, а их высказывания временами противоречили друг другу. Более того, обращаясь к толкователям и комментаторам, он обнаружил, что некоторые из них привнесли в своих комментариях к взглядам Аристотеля ошибочные мнения, которые требуют исправления.

Эти наблюдения поставили перед ним тройную задачу:

дополнить небесную теорию Аристотеля;

продемонстрировать последовательность его взглядов;

опровергнуть ложные мнения более ранних интерпретаторов и комментаторов, в частности, ал-Фараби и Авиценны, некоторые моменты идей, которые нами уже были рассмотрены в предыдущих статьях.

Итак, что собой представляет метафизика Ибн Рушд в концептуальном плане?

Как было отмечено в предыдущей статье, мыслитель под термином «Опровержение опровержения» (Тахафут ал-тахафут) подразумевает «прочно связанные между собой две её части - метафизики и физики, но не в смысле наук, которые возникают сверхъестественным путём, приписывая их начало пророкам или джиннам.

В другой своей книге «Средний комментарий к метафизике» (Талхис ма баʻд ат-табиʻа) Ибн Рушд в 17-ти пунктах раскрывает значение метафизики. Прежде всего, он отмечает, что его целью в изложении данной книги является «подбор научных высказываний из статей Аристотеля о науке «метафизики», о пользе, о частях, уровнях и отношениях к этой науки с другими науками, где он утверждает: «…искусство и науки бывают трёх типов: либо теоретические, предел которых бывает только познание, либо практические искусства, для которых наука предназначена только для практики, либо определённые и в этом они нацелены на правильный путь, которыми являются логические искусства» [1, с.2].

Также в книге «Доказательство» говорится, что теоретические искусства бывают двух видов: универсальные и частные.

К частным относятся два искусства:

- наука о природе, изучающая изменяющиеся существа;

- наука о четырёх науках - математики, геометрии, астрономии и музыки, изучающая количество, абстрагирующее от материи.

Анализируя важность такой классификации наук, в итоге Ибн Рушд приходит к признанию «науки о природе» (ʻилм ал-табиʻи), или физика, где отмечает, что кроме реально существующих вещей, говоря языком самого Ибн Рушда, есть «другие принципы», которые не существуют в каком-либо состоянии, а имеют абсолютную сущность. Отсюда, он делит «дела мира» на «сенсибельное» и «не сенсибельное» с признаками множественности, потенциальности и актуальности вещей. В начале данной книги Ибн Рушд с явным одобрением обсуждает принципы первой сущности, т.е. первого недвижимого двигателя, или Бога. Эта концепция двойной цели метафизического исследования полностью согласуется с идеями Аристотеля о Боге и Он, т.е. бытие, которое имеет принципы, истекающие от Него причины, не может быть первым существом; и если первая философия имеет дело с различными «классами бытия» (1396, 15), включая «абстрактные существа» / абстрактные понятия, то это не наука об одном единственном царстве бытия, а именно о нематериальном существе или о божественном мире.

Судя по этим соображениям, можно сказать, что Ибн-Рушд использует концепцию «ма вара» ал-табиʻа», «то, что находится вне (выше) природы, по ту сторону природы, мета-природа или метафизика») с множеством и разнообразными значениями, каждое из которых имеет одно содержание: «мудрость» есть первая философия, божественная наука, универсальное знание, абсолютная мудрость, наука о том, что бытие существует с существом, знание о том, что существует, наука о первопричинах, о достойнейших причинах и т.п. Только зная все виды бытия, можно отличить реальное бытие от низших видов бытия.

Таким образом, путём элиминации Ибн Рушд приходит к заключению, что «сущие», существующее вне природы, являются объектом науки о существовании, т.е. метафизической онтологии. И если первой философией является наука о существовании, то это не означает, что существование является первым и последним предметом этой науки. Скорее Аристотель, а после него Ибн Рушд старались обратить внимание в этой науке на более широкий масштаб существования: сила и действие, субстанция и акциденция, единство и множественность и т.д. Но здесь, цель науки, как видно, проявляется в первую очередь в том, чтобы достичь познание первого принципа и двигателя, о движении которого ни один из них не судит. Речь идёт о Боге как первопричина, и этот вопрос второй части метафизики Аристотеля и Ибн Рушда. Поскольку существует общий знаменатель между этой наукой, которая имеет дело с абсолютным существованием, и частичными науками, которые связаны с различными типами существования, она посвящена рассмотрению принципов науки как целого раздела по этому вопросу.

Цель науки о естественной природе, как указано в «Талхис ма ба‘д ат-таби‘а», состоит в том, чтобы рассмотреть существующее с тем, что они присутствуют в мире со всеми своими разнообразиями вплоть до предметов частного порядка с их «самостными» субъективными производствами, и возвращения их к своим первопричинам. На этом уровне возможно взаимопроникновение науки и других частичных наук. Следовательно, эта наука не касается реальной причиной, кроме формальной, субстанциональной и деятельной. Таким образом, метафизика, по мнению Аристотеля, является наукой, которая изучает существующее таким, каким оно существует.

Всё предстоящее чувствам и мышлению указывает, по Аристотелю, на проблему бытия. Но метафизика - «первая философия», как её называет Аристотель, - исследует не отдельные области бытия, а начало и причины всего «сущего», поскольку оно берётся как сущее. Наиболее полное познание вещи достигается, по Аристотелю, тогда, когда знают в чём сущность этой вещи. Сущность - «первое во всех смыслах: и по определению, и по познанию, и по времени [1, с. 41]. Иными словами, это исследование всей совокупности формирующих принципов, без которых невозможно установить систему знаний субъектов, то есть исследование различных частей существования, как общая природа всех вещей. И это Ибн Рушд называет знанием, которое имеет дело с «существованием того, что есть существование», то есть исследованием субстратов, которые не подвержены возникновению и разложению, относительно природы первого двигателя, который является чистым действием и чистым умом, который также является отделённым от материи и не подвержен возникновению и разложению. Из этого становится ясно, что метафизика является универсальной теоретической наукой, она изучает существующее с позиции, имеющегося бытия, т.е. в абсолютном существовании, и идентифицирует первые причины этого существования, а именно: активную, целевую и формальную причину в отличие от естествознания, связанного с материальной причиной, т.е. первоматерией и движущей силой.

Что касается разделов этой науки, Ибн Рушд отмечает, что метафизика «по ту сторону природы» делится на три раздела.

Первый раздел касается вопросов, воспринимаемых тем, что присутствует, во всех его видах и во всех последующих их частях, и это связано с первым настолько, насколько это возможно в данной части.

Второй раздел, в котором он рассматривает принципы субстанции, являющимися парадоксальными вопросами, и приписывает его первому принципу - Бога, и о соотношении всех других действующих к нему, и, что Он является окончательным совершенством, первым образом и первым действующим лицом. «Он» - абсолютное существование, т.е. по сути, в чём заключается сущность «сущих», и это является изначальным предметом метафизики.

Ибн Рушд писал: «Что касается второй части, то в ней рассматривается субстанциональные принципы, которые относятся к различным делам, и она исследует любое существо её субстрата. Это также относится к первому принципу, которым является Аллах, обладающий пределом благодати. Рассматриваются атрибуты и деяния, которые присущи Ему, и также разъясняется отношение других существ к Нему. Он - предельное совершенство, первая форма и первое действующее, кроме тех дел, которые относятся к одним за другим из числа отдельных дел».

Касаясь вопроса пользы от метафизики, Ибн Рушд относит её к роду пользы теоретических наук и ссылается на книгу «О душе» Аристотеля, отмечая, что целью метафизики заключается в совершенстве говорящей души, т.е. польза от «ма ба‘д ал-таби‘а» как постфизической науки заключается в том, что она есть как теоретическая наука, которая дополняет частные науки. Без этой науки другие теоретические науки не достигают своей цели и полноты, потому что с постижением этой науки достигается постижение сущих со всеми различными их причинами. И если предметом «первой философии» является изучение «существования того, что существует», то самым

благородным из его сущих является абсолютная, самоочевидная сущность, которая в своём выражении не нуждается ни в какой-либо внешней причине.

Это «…субстанция того, что есть субстанция» (ал-джавхар бима хува джавхар), которая отличается от естественных сущностей, воплощённых в естественных телах, подвергающихся движению, изменению, возникновению и разложению. Здесь же Ибн Рушд переходит к рассмотрению места метафизики в «достижении знаний» как предшествующая наука в постижении бытия и поэтому она «получила название первой философии».

Одним из главных комментариев Ибн Рушда является книга «Средний комментарий к метафизике» (Тафсир ма ба‘д ат-таби‘а), арабский вариант, который недоступен и его переводы существую на иврите и английском языках. В ней мы находим в интерпретациях Ибн Рушда не только мнения Аристотеля, но и мнения таких комментаторов, как Фемистий, Николай Дамасский, Александр Афродисийский, Ибн Сина и других.

Например, когда Ибн Рушд анализирует взгляд Аристотеля о том, что формы не генерируются сами по себе, потому, что, если бы они были, то порождение было бы без материи нематериальной вещи. Следовательно, то, что генерируется, является чем-то обоснованным, но если это так, подчёркивает Ибн Рушд, то тогда то, что генерирует, это то, что движет веществом до тех пор, пока оно не получит форму, то есть то, что заставляет форму выходить из потенциальной возможности в актуальности. Теперь то, что движет материей, должно быть либо телом, обладающим активным качеством, либо силой тела, которое действует через тело, обладающее активным качеством. Если бы то, что порождает субъект формы, отличалось от того, что порождает его форму, то субъект и его форма были бы на самом деле двумя вещами, что невозможно. Ибн Рушд добавляет: «Может показаться, что Фемистий также уступил этому мнению, либо в отношении существующих вещей, которые рождаются без семени, что ясно из его экспозиции в комментарии к книге «Лямда» по этому вопросу» [3, с. 332].

Ибн Рушд вообще игнорировал конкретные свойства и движения каждой небесной сферы, рассматривая вместо этого элемент, общий для всех их. Вечный в своём существовании, этот общий элемент движется с равномерным круговым движением бесконечной длительности, а формы элементов происходят только от «Дарителя форм». Переходя к рассмотрению мнения Аристотеля, он подчеркивает следующее: «Мы говорим, когда кто-то размышляет над высказыванием Аристотеля в этом отрывке, т.е., что материальные формы производят материальные формы, становится очевидным, что семена - это то, что обеспечивает формы произведённых вещей, являющихся результатом семян, через формы, которые предоставляет их производитель семян. Что касается вещей, порождённых самими собой, небесные тела - это то, что обеспечивает это, заменяя семя и силу, которая находится в семени в том, что произведено из семени» [2, с. 333].

Проблема связи между движущей силой и двигателями сфер ниже неподвижных звёзд очень сложна, и разрозненные комментарии Ибн Рушда на эту тему, строго говоря, далеки от ясности. Хотя Ибн Рушд имеет определённые идеи по этому вопросу, он не занимается ими глубоко. Однако, даже из этих разрозненных указаний можно нарисовать картину его системы. По вышеуказанному порядку метафизического представления Ибн Рушда схематически можно определить три различные подхода к осмыслению её сути: первый подход, который можно назвать «таксономическим», встречается в сочинениях по классификации наук, цель которых - очертить содержание «Метафизики» и уточнить её место в аристотелевском учении, а также указать на положение дисциплины метафизики в системе знаний. Экзегетический подход представлен комментариями, цель которых с разной степенью в буквальном или внутренней полноты объяснить содержание «Метафизики». И наконец, тенденция к адаптации, прослеживается в метафизических трактатах, которые переформулируют учение Аристотеля, и они задуманы как оригинальные разработки, независимо от степени зависимости от их греческой модели.

С доктринальной точки зрения, Ибн Рушд как интерпретатор метафизики обсуждал три основных теоретических вопроса. Прежде всего, он размышлял о научной конфигурации дисциплины, представленной Аристотелем в его трактатах, с особым акцентом на такие фундаментальные аспекты, как её предметность, а именно, вопрос о том, является ли метафизика философским богословием, или онтологией, или и то, и другое, в структуре, методах и положении в системе знаний.

При рассмотрении эписистемного статуса метафизики учитывался расширенный аристотелевский корпус, который включил в теоретическую философию математику, основанную на Евклиде и Птолемее, поскольку сам Аристотель не писал трактата по математике, и дополнил метафизику псевдо-аристотелевскими неоплатоническими метафизическими трудами. Второй - исследование специфических доктрин, связанных с отдельными вопросами метафизики. Важными темами в рамках изучения бытия, или онтологии, являются различные аспекты теории сущности, такие как выяснение её связи с формой и веществом, обсуждение эпистемологического и

онтологического статуса универсалов и др. Центральное место в его космологии занимают споры о вечности против идеи сотворения мира и способе развития Вселенной по Первому Принципу, будь это по теории эманации от собственной сущности или другими путями.

Хотя в эманативном принципе создания мира Ибн Рушд находится под влиянием как древнегреческих философов, так и восточных перипатетиков, как ал-Кинди, ал-Фараби и Ибн Сины, он исследует их учения и вносит в них свои коррективы и новшества. В частности, говоря об «Активном Разуме» и других элементов, он разъясняет этот процесс таким образом: «Активный Разум истекает от других движений по достоинству, и давайте назовём его двигателем сферы Луны. Первоэлементы же являются необходимым следствием от великого движения, которое нами было разъяснено в «Небо и мир» (ал-Сама» ва ал-‘алам), где было сказано, что особенность движения такова, что оно производит тепло, а тепло по своей природе лёгкое, что есть форма огня и без движения оно было бы совсем другим, т.е. тяжёлым. Поэтому огонь может проникнуть вглубь кругового тела, а земля находиться по середине его отдалённости от движения окружности и между огнём и землёй были бы вода и воздух, т.е. в двух состояниях - тяжёлого и легкого» [4, с. 155]. Так, Ибн Рушд указывает на противоположности четырёх природных свойств тела и действующим в изменении этой противоположности считает только кругообразное движение самого тела. Также, по его мнению, сферическое тело ввиду того, что является кругообразным, должно находить место, вокруг которого оно будет вращаться, а это и есть центр этой окружности. В отношении небесного тела этим центром будет Земля и подчеркивает, что, если существует Земля, существуют и другие первоэлементы, т.е. первоэлементы существуют по необходимости существования Земли, а если так, отмечает Ибн Рушд, «небесное тело есть причиной существования первоэлементов, так как оно является их сохранителем, приводящим в действии, формой и пределом». [5, с. 156].

Ибн Рушд также отмечает, что, хотя небо не подвергается возникновению и разложению, оно имеет свой круговой двигатель, т.е. приводящий его в круговом движении. Теперь всё, что движется само по себе, должно состоять из чего-то производящего движение и что-то претерпевающего его. Отсюда следовало, что небесному элементу нужен двигатель для производства кругового движения, а также тела, которое прошло через него. Материя небесного двигателя, как уже было сказано, - это форма небесного элемента, а тело - его материя. Материя и форма применяются к небесным и земным веществам в различных смыслах этих терминов, поскольку они созданы из наземных веществ в силу своего происхождения и разложения, в то время как они происходят из небесного мира в силу их вечной подвижности. Ибн Рушд отмечает, что касается вопроса об однородных частях, в «Науке о природе» было сказано, что она не испытывает нужду в предоставлении подходящей причины для вещи, кроме первоэлементов и движения небесных тел [5, с. 156].

Но это вопрос об естественных телах, к которым мы ещё вернёмся в статье. Ибн Рушд говорит, что если, размышлять над метафизикой, то получим смысл, который исходит от вещей, умопостигаемых и не может происходить от частной субстанциональной формы в материальных веществах, и не может быть такое, чтобы она была произведена от обособленной и отделённой формы, ибо она сама является обособленной. Поэтому, здесь важна роль «Активного Разума», которая обеспечивает простые формы, порождающие особи по своей самости, и она - особь как «Активный Разум». По этому поводу Аристотель сказал: «Действительно, человек порождает только человека. Понятия «Солнце» и «особь» происходило по самости, в то время как форма - по акциденции. Вот здесь -то и проявляется для неё порождающий и она вещь, которая не является особью… Если так, как нами было описано, разъясняется, что небесные тела являются причиной существования первоэлементов, и о том, что по скольким аспектам они могут быть их причинами, то формы первоэлементов есть приближенная причина для существования перичной материи, объединённой с ними и то, только с точки зрения формы и предела. Дело в том, что невозможно представлять её в числе причин для первичной материи, за исключением только этих двух аспектов» [5, с.156].

Очевидно, что поскольку принципы переходных и вечных существ отличаются в отношении рода, Ибн Рушд материю и форму определяет в соответствии с двойственного их значения. Отсюда, Ибн Рушд создал свой анализ о небесной материи и форме посредством их сравнения с аналогичными земными принципами, и их описание было получено, в свою очередь, из анализа наземных данных. Мыслитель это подтверждает тем, что формы, полученные после смешивания первоэлементов, создают формы растения, животного и человека, а существование последнего заложено «в душе, а она существует ради говорящей души, и существование говорящей души ради наилучшей жизни, как положение среди небесных тел. Поэтому находим, что ближайшее существо по достоинству к небесным существам здесь является человек, и он нечто среднее между извечным существом и разлагающимися сущими» [1, с. 25].

Так, Ибн Рушд резюмирует свою позицию с большей убедительностью, подчеркивая, что существует два класса вещей: конкретно вечные и численно вечные, соответствующие разделению

между подлунным миром и небесными телами. С одной стороны, живые организмы, в которых индивиды умирают и заменяются другими, и элементы, которые переходят друг в друга, но которые присутствуют во все времена в том или другом месте, а с другой стороны, звезды, которые подобны бессмертных сущих. Есть, таким образом, два параллельные ряда вечных сущих, хотя и вечных по-разному. Проблема только состоит в том, чтобы выяснить, какие отношения или связи между ними существует.

Ибн Рушд, как мы видим, пытается дать более удовлетворительный ответ на этот многолетних философский вопрос. Здесь он довольствуется утверждением, что численно вечное является причиной вечности конкретно вечного сущего.

Такое упорядочение метафизических и физических знаний также даёт организацию, которой должно следовать изучение учения о душе. На каждой степени усложнения материи существует альтернатива материальному существованию между пребыванием на этой стадии и вступлением в неё в более поздней композиции, где она, в свою очередь, будет служить субстратом для более сложного существа. Можно изучать простые тела как таковые, т.е. либо, когда они смешиваются друг с другом, или в той степени, в которой они входят как субстраты, поскольку они находятся во власти того, что высшее существо действует в последующем составе сущих, который придаёт им форму органических существ.

**ЛИТЕРАТУРА**


1. Ibn Rushd. Commentary of Metaphysics, Zeta 9a // Classical Arabic philosophy: an anthology of sources (2007). С. 2-25.
2. Ibn Rushd. Commentary of Metaphysics, Zeta 9a. С. 333.
3. Translated with introduction, notes, and glossary by Jon McGinnis and David C. Reisman. Hackett Publishing Company, Inc. Indianapolis/Cambridge, p. 332.
4. Там же. С. 155.
5. Там же. С. 156-158
6. ابن رشد. تلخيص ما بعد الطبيعة. تهران 1377. ص332
7. بن رشد. تلخيص ما بعد الطبيعة. تهران 1377. ص. 155


## О ПРОБЛЕМЕ ОСМЫСЛЕНИЕ МЕТАФИЗИЧЕСКИХ И ФИЗИЧЕСКИХ ВОПРОСОВ В УЧЕНИИ ИБН РУШД


*Автор хотел бы заключить, что метафизика Аверроэса занимается раскрытием бытия через создание понятийного аппарата, концепций и теорий, способствующих раскрытию проблем бытия в его более широкой философской мысли. Цель его изложения статьи о сущности состоит в том, чтобы различить природу и диспозицию бытия и, поэтому, по его мнению, метафизика исходит из глубокого понимания существа.*

*Исследование Ибн Рушдом проблемы бытия с обсуждением его мыслей о существе является наиболее подходящим способом для анализа происхождения аналогичного характера бытия в его философской мысли, поскольку для мыслителя вещи или материя были общим, связующим звеном между физическим и метафизическим, естественным и богословским пониманием вопроса. Более того, он утверждал, что вещество, и только вещество, может раскрыть происхождение аналогичного бытия, и поэтому оно должно обязательно иметь приоритет, чтобы установить прочный фундамент, откуда можно было бы приступать к обсуждению аналогичного бытия в его метафизике.*



***Ключевые слова:*** *Бог, природа, вселенная, религия, бытие, метафизика, материя, солнце, человек.*


## ДАР БОБИ ИДРОКИ МАСОИЛИ МЕТАФИЗИКӢ ВА ФИЗИКӢ ДАР ТАЪЛИМОТИ ИБНИ РУШД


*Муаллиф дар мақолаи мазкур натиҷабардорӣ менамояд, ки метафизикаи Ибни Рушд бо ифшои мавҷудият, тавассути эҷоди як дастгоҳи консептуалӣ ба мафҳумҳо ва назарияҳое сарукор дорад, ки ба ифшои мушкилоти ҳастӣ дар афкори васеътари фалсафии ӯ мусоидат мекунанд. Ҳадафи пешниҳоди мақолаи ӯ марбут дар бораи фарқ кардани табиат ва ихтилофи мавҷудот дар табиат аст. Ба ақидае ҷонибдор аст, ки метафизика аз фаҳмиши амиқи моҳият сарчашма мегирад.*

*Пажӯҳишҳои Ибни Рушд дар баррасии андешаҳои муаллиф дар бораи ҳастӣ роҳи мувофиқтарини таҳлили пайдоиши табиати шабеҳи мавҷудият дар афкори фалсафӣ аст. Ба андешаи мутафаккир (Ибни Рушд) ашё ё материя робитаи умумӣ ва пайвасткунанда, байни фаҳмиши физикӣ ва метафизикӣ, табиӣ ва теологӣ аст. Муаллиф ба ин ақида аст, ки материя ба танҳоӣ наметавонад пайдоиши мавҷудоти мушобеҳро ошкор созад, он ҳатман бояд афзалият дошта бошад, то заминаи мустаҳкаме ба вуҷуд оварда шавад. Метафизика ба таҳлили пайдоиши табиати шабеҳи мавҷудият заминагузор аст*



***Калидвожа***: *Худо, табиат, олам, дин, ҳастӣ, метафизика, материя, офтоб, инсон.*

**ON THE PROBLEM OF COMPREHENDING METAPHYSICAL AND PHYSICAL ISSUES IN THE TEACHINGS OF IBN RUSHD**

*Based on the above article, the author would like to conclude that Averroes» metaphysics deals with the disclosure of being through the creation of a conceptual apparatus, concepts and theories that contribute to the disclosure of the problems of being in his broader philosophical thought. The purpose of his presentation of an article on essence is to distinguish between the nature and disposition of being and, therefore, in his opinion, metaphysics proceeds from a deep understanding of the essence.*

*Ibn Rushd's study of the problem of being with a discussion of his thoughts about the being is the most appropriate way to analyze the origin of a similar nature of being in his philosophical thought, since for the thinker things or matter were a common, connecting link between the physical and metaphysical, natural and theological understanding of the issue. Moreover, he argued that matter, and only matter, can reveal the origin of an analogous being, and therefore it must necessarily have priority in order to establish a solid foundation from which to start discussing an analogous being in his metaphysics.*

***Keywords:*** *God, nature, universe, religion, existence, metaphysics, matter, sun, man.*

***Маълумот дар бораи муаллиф:***

***Давлатов Рамазонӣ Лақаевич*** *- номзади фалсафа, дотсенти кафедраи фалсафаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ, (+992) 935203016, e-mail: r.davlatov@mail.ru*

***Сведения об авторе:***

***Давлатов Рамазани Лакавич*** *– кандидат философских наук, доцент кафедры философии Таджикского государственного педагогического университета имени С. Айни, (+992) 935203016, e-mail: r.davlatov@mail. ru*

***About the author:***

***Davlatov Ramazani Lakaevich*** *- candidate of philosophy, associate professor of the Department of Philosophy, Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni, (+992) 935203016, e-mail: r.davlatov@mail. ru.*

## ТАНОСУБИ АҚОИДИ ФАЛСАФӢ ВА ДИНӢ ДАР ТАЪЛИМОТИ МУТАФАККИРОНИ АСРИМИЁНАГИИ ИСЛОМӢ (ТАҲЛИЛИ ТАЪРИХӢ-ФАЛСАФӢ)

***Саидова Г.З.***

*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ*

Дар фарҳанги ибтидоии исломӣ анъанаҳои илоҳиётшиносӣ ва фалсафӣ то ба ҳадде тавъам буданд ва дар ҳадди дигар бошанд, мустақилона аз ҳамдигар рушд мекарданд. Илоҳиётшиносӣ ҳамчун бахши тафаккури динӣ асосан ба устувор сохтани мавқеъ ва баёну тафсири таълимоти динӣ буд, ки моҳиятан ба таълимоти Китоби муқаддас такя менамуд, гарчанде ки дар баъзе ҷойҳои ин матн таъсири равияҳои зеҳнии мухталифи тоисломӣ, ки дар Шарқи Наздик вуҷуд доштанд, мушоҳида мегардид. Дар доираи суннатҳои илоҳиётшиносӣ низ доираи васеъ ва мухталифи дидгоҳҳо - аз ақлгароии ғулот, ки тибқи он имон бояд бо ақл асос меёфт, - то фаҳмиши нисбатан деистӣ, ки мувофиқи он имон бояд то андозае ба нуфузи Қуръон ё баъзе шахсони бонуфуз (харизматикӣ) фаъолият доштанд, такя менамуд. Аз тарафи дигар, фалсафа идомаи анъанаи қадимаи ақлгароӣ буд ва дар асл ягон иртиботи мушаххас бо дин надошт. Дар интиқол ва рушди фалсафаи ақлгароӣ дар фарҳанги асримиёнагии мусулмонон масеҳиён, яҳудиён ва ҳатто бутпарастон низ саҳм доштанд.

Аммо, ҳардуи онҳо – фалсафа ва дин аз рӯи мавзуҳои баҳсашон ба ҳамдигар хеле наздик буданд. Ҳардуи онҳо, масалан, бо кайҳоншиносӣ, космогония, гносеология, антропология, этика, сотериология ва эсхатология сару кор доштанд. Аз ин рӯ, табиист, ки муносибати файласуфон ва илоҳиётшиносон як антагонизми мутақобила буд, гарчанде ки дар амалия ин аксар вақт дар он ифода мегардид, ки ҳардуи онҳо нисбат ба ҳамдигар беэътиноӣ зоҳир менамуданд, хусусан ба иллати он ки онҳо соҳаҳои алоҳида ва асосан ҷудогонаи иҷтимоиро ишғол мекарданд.

Ба тадриҷ ҳамкориҳои байни ду соҳа асосан дар зери таъсири нуфуз ва мартабаи зеҳнии се шахсияти калидии фалсафа ва каломи исломӣ тақвият меёфт. Ибни Сино як низоми фалсафии азимеро ба вуҷуд овард, ки он дар ҷанбаҳои гуногун ҳатто таваҷҷуҳи илоҳиётшиносони зиёдро ба худ ҷалб карда буд. Чанд даҳсолаҳо пас, ал-Ғазолӣ илоҳиётро бо интиқоди шадиди фалсафаи Ибн Сино ва пайравони дигари мактабҳои ақлгаро дифоъ намуда, дар баробари муносибати интиқодӣ ва ошкорои худ нисбат ба фалсафа, аз илоҳиётшиносӣ ҳимоят кард. Пас аз он Фахр уд-Дини ал-Розӣ синтези деистии теологияю фалсафаро инкишоф дод, ки боиси пайдоиши равияи навашъария гардид. Бо вуҷуди ин таҳаввулот, бисёре аз илоҳиётшиносҳо баъдтар ба таълимот ва дидгоҳҳои анъанавии илоҳиётшиносӣ пайравӣ карда, фалсафаро ҳамчун бидъате эълон намуданд, ки тибқи он

гӯё пайравони гумроҳи он эътиқоди худро аз тахминҳои бутпарастони қадимӣ бардошта, аз қабул кардани ҳидояти бенуқси илоҳӣ, ки дар ваҳй шомил аст, рӯ гардонидаанд.

Дар ин мақола ба иллати камбудии ҳаҷми кори таҳқиқотӣ мо фақат дар бораи таносуби ду марҳилаи илоҳиётшиносӣ бо фалсафа – дар давраи қабл аз Ибн Сино ва баъд аз Ибн Синоро баррасӣ менамоем.

Файласуфони қабл аз Ибн Сино аз ҷониби илоҳиётшиносои муосир ба таври васеъ ҳамчун пайравони низоми эътиқодоти тоисломӣ, ки аз ҷониби пайравони бисёрхудоии Юнони Қадим, алалхусус Афлотун ва Арасту таъсис ёфтаанд, пазируфта шуданд. Ба истисноии талошҳои камтарини инфиродии илоҳиётшиносии давраи ибтидоии Ислом барои омӯзиши таълимоти як файласуфи мушаххас ё мубоҳисаи инфиродӣ бо ӯ бо истифода аз манбаъҳои илоҳиётшиносӣ умуман ошноӣ ё робитаи мустақим бо таълимот ва манбаъҳои анъанаи фалсафӣ мушоҳида намешавад. Ин нукта аз ҷониби мутакаллими охири асри XI ал-Ғазолӣ тасдиқ шудааст, ки ӯ дар бораи пешгузаштагони худ чунин нуқтаи назар доштааст: «Аз таълимоти [файласуфҳо] дар китобҳои мутакаллимон дар ҷойҳое, ки бояд ба файласуфон посух медоданд, танҳо пораҳои мураккаб ва кандашударо ба кор мебаранд, ки онҳо ба таври возеҳ мутаноқиз буда, нуқсон доранд ва сарфи назар аз ашхосе, ки ба иктисоби улуми мураккаб муддаиянд, ин пораҳо ҳатто шахси оддии солимфикрро бовар кунонида наметавонанд. Аз ин рӯ ман фаҳмидам, ки рад кардани таълимоте бидуни дарки амиқи он, чизе ба ҷуз аз тирандозӣ дар торикӣ нест» [6, 18].

Илоҳиётшиносон, ки дар соҳаҳои донишҳои анъанавии динӣ ва забони арабӣ таҳсил кардаанд, ба забони фалсафии хориҷӣ, ки ба ақидаи онҳо, беҳуда ва беаҳамият буд, завқи ниҳоят кам зоҳир менамуданд. Масалан, илоҳиётшиноси маъруфи муътазилӣ Қозӣ Абдуҷаббор ибн Аҳмади Асадободӣ асҳоби ҳайулоро ҳамчун гурӯҳе медонад, ки «аз назари онҳо ҳайуло азалӣ буда, таркибҳои он бо мурури замон тавлид мешаванд ва барои мудаллал сохтани он аз як қатор ифодаҳои муғлақ, ба монанди «устуқус», «унсур», «ҳайуло» ва ғайра истифода мебаранд» [5, 72].

Дар маъхазҳои пештараи илоҳиётшиносӣ файласуфонро аксар вақт бо нишонаҳои номуайян ба монанди табиатшиносон (табоʻиюн) ё асҳоби табоʻӣ ёдовар мешаванд, ки дар таълимоти онҳо модда аз чаҳор табъ иборат аст: гармӣ, сардӣ, намӣ ва хушкӣ. Онҳо ҳамчун ҷонибдорони теъдоди муайяни таълимоти мушаххас мебошанд, ки ба хотири тасдиқ ва инкори ҳақиқати мавзуҳои матраҳшаванда, хусусан гилеморфизм, яъне таълимот дар бораи модда ва сурат, азалӣ будани олам, тасаввурот дар бораи он ки Худо сабаби ғайриихтиёрӣ аст ва баъзан масъалаи таносух (метемпсихоз) мавриди муҳокима қарор мегиранд. Баёни ин таълимоти файласуфон ба ҳадди зиёд хусусияти интихобӣ, порчавӣ ва моҳиятан монологӣ (на муколамавӣ) ба назар мерасанд. Илоҳиётшиносон танҳо якчанд ақидаро баррасӣ менамуданд, ки онҳо гарчанде ки бо ҳам пайваст бошанд ҳам, аз заминаҳои аслии кайҳоншиносӣ ва эпистемологии хеш гусаста буданд. Дар маҷмӯъ, назарияҳои васеътаре, ки ин ақидаҳо ба онҳо тааллуқ доштанд ва далелҳою бурҳонҳое, ки файласуфон барои онҳо меовардаанд, пурра набуданд ва аз ин ҷо, онҳо хусусияти нопурраги ва дар ҳолатҳои муайян худсарона буданд. Тарзи интихоб ва пешниҳоди ин ақидаҳо нишон медиҳад, ки илоҳиётшиносҳо нисбат ба он таълимоте, ки файласуфҳо дар ҳақиқат пешкаш менамуданд ва зоҳиран кайҳоншиносии худи илоҳиётшиносонро ба чолиш мекашиданд, ҳусни таваҷҷуҳи кам доштанд.

Дар ниҳояти кор, дар ин давраи аввал, фалсафа ҳанӯз ҳамчун як таҳдиди воқеӣ барои онҳо пазируфта намешуд ва илоҳиётшиносӣ ба он муносибати сатҳӣ ва назарногирона дошт. Барои равшан шудани моҳияти масъала, зарур аст, ки таълимоти намояндаи яке аз ин мактабҳоро баррасӣ намуд. Илоҳиётшиноси ашъарӣ ал-Боқиллониро (ваф. 1013) мисол мегирем. Пас аз исбот кардани он, ки олам аз ҳеҷ чиз офарида шудааст ва Офаридгор вуҷуд дошта, дорои сифатҳои муайян аст, ӯ масъалаҳоеро, ки ба табиати раванди офариниш дахл дошта, ба олам ҳастӣ ато намудааст, баррасӣ менамояд [4, 22-23]. Ӯ истидлол мекунад, ки аъмоли Худо ихтиёрӣ буда, аз рӯи шавқу завқи Ӯ ва иҷборӣ нестанд (мактаби муътазилаи ба ӯ муқобил, баръакс, амалҳои Худоро аз рӯи шавқу ҳавас, аммо маҷбурӣ ҳисоб намекунад). Пас аз он дар китоби ӯ «Китоб ут-тамҳид» инкори кайҳоншиносии алтернативӣ, ки дар якчанд низоми эътиқодии ғайриисломӣ инъикос ёфтаанд, идома меёбад. Дар ибтидо эътиқоди пайравони назарияи мавҷуд мавриди таҳлил қарор мегирад [4, 34-47]. Хулосаи умумии ин назария дар он ифода меёбад, ки ашё ва падидаҳо дар олам бо сабабҳои табиӣ ба вуҷуд меоянд, ки дар он барои фаъолияти эҷодии мавҷудоти ихтиёрии илоҳӣ ҷой боқӣ намегузорад. Ба назари илоҳиётшиносони калом, ин сабабҳои табиӣ аз баъзе ҷиҳатҳо бо консепсияи онҳо бо номи «иллати муҷиба» шабеҳ буданд: араз, ки дар ҷузъҳо (атомҳо) ҷойгиранд, маълулотро ба вуҷуд меорад. (Тибқи назарияи атомизми каломии қаблӣ, олам аз аҷзои тақсимнашавандаи якхела иборат аст, ки онҳо бо ҷузъҳои гуногуни аразҳое тавсиф меёбанд, ки дар онҳо вуҷуд доранд.) Ҳамин тавр, чуноне ки равшан мешавад, ал-Боқиллонӣ ва дигар илоҳиётшиносон бо тафсири консепсияи иллати табиии файласуфон сарфи назар аз ихтилофоти зиёди байни онҳо, талош меварзанд, ки онро ба консепсияи иллатии хеш мутобиқ гардонанд. Масалан, ашъариён чунин мешуморанд, ки ҷузъҳои инфиродии иллати муайян танҳо метавонанд ҷузъҳои инфиродии мушаххаси оддии маълулро

офаранд, ки бо таъсири омилҳои дигари хилқат тағйир намеёбанд. Ғайр аз он, маълул метавонад танҳо дар ҳамон ҷузъе рух диҳад, ки ҳамчун субстрате, ки дар он иллат ҷойгир аст, хизмат кунад ва ҳеҷ гоҳ дар ҷузъҳои гуногун чунин ҳодиса сурат намегирад.

Ақидаи калидии ин гурӯҳ, ки онро ал-Боқиллонӣ баррасӣ менамояд, ин аст, ки офаридгори олам «табиат» мебошад, ки таҳти он ӯ шояд маънои иллати ғайрииродӣ (на яке аз чаҳор табъ)-ро дар назар дорад. Вай ин фарзияро бо як инфисоли маънои оддии зерин идома медиҳад: агар фарз намоем, ки олам бо ягон сабаби мушаххас ба вуҷуд омадааст, пас, ин сабаб ё вуҷуд надорад, ки дар ин ҳолат он барои чизе сабабгор нахоҳад буд ва ё вуҷуд дорад. Агар сабаб вуҷуд дошта бошад, пас он ё азалӣ аст ва ё дар замон офарида шудааст. Он азалӣ буда наметавонад, зеро дар акси ҳол силсилаи маълулоти офаридаи он низ азалӣ хоҳад буд; аммо, ҷаҳон дар замон офарида шудааст (тавре ки қаблан дар ҳамон китоб, дар саҳ. 22-23 тасдиқ шуда буд). Аз тарафи дигар, агар сабаб (иллат) офарида шуда бошад, пас он бояд бо сабаби дигари табиие ба ҳаёт мутобиқ гардад, ки боиси зудуда шудани сабабҳои номаҳдуди табиӣ ё ягон навъи офаридгор мегардад.

Сипас ал-Боқиллонӣ ба баррасии назарияҳои гиломорфизм ва сабабҳои табиӣ рӯ меорад, ки тибқи он олам аз омезиши чаҳор табъ таркиб ёфта, ҳар як табъ дорои феъли мушаххас аст ва ин назария ба атомизм ва окказионализми ашъарияи классикӣ муқобил аст [2, 37]. Бо тафсилоти бениҳоят кам дар бораи ақидаҳои фалсафии дар боло овардашуда, ӯ бо истифода аз якчанд далел, ки мисолҳои зер оварда шудаанд, онҳоро рад мекунад. Далели аввал: агар як табъ (масалан, гармӣ ё рутубат), ки дар ашё вуҷуд дорад, бо табъи акси он (мутаносибан сард ё хушк) иваз мешавад, табъи аввалӣ аз байн рафта, бо дуюми он тағйир меёбад, ки он ба вуҷуд меояд. Ҷисм худ ба худ бетағйир боқӣ мемонад. Аз ин рӯ, ин табъҳо дар асл чизе нестанд, ба ҷуз аз ҷуфти аразҳои бо ҳам муқобил, ки хосси ҷузъҳо (атомҳо) буда, дар замон аз ҳеҷ чиз ба вуҷуд меоянд ва дар ниҳояти кор ба ҳеҷ чиз бармегарданд. Аз ин бармеояд, ки онҳо зотан азалӣ нестанд, аммо ал-Боқиллонӣ ба таври ғомиз ва номуайян ба гунае ҷузъи гармӣ, хунукӣ, намӣ ва хушкии азалиро ба атомизм илова мекунад, дар ҳоле ки ашёи офаридашуда ҷузъи ашёи азалӣ буда наметавонанд.

Далели дигари ӯ чунин аст, ки агар ҳодисаҳои олам аз тариқи иллатҳои ғайрииродии табиӣ ба вуҷуд оянд, пас ин иллатҳо бояд маълулоти якхела ва тағйирнаёбандаро ба вуҷуд оранд. Ҳамин тавр, дар сурати мавҷуд будани захираҳои номаҳдуди об ва ғизо, ҳайвонот ва растаниҳои алоҳида то ба беинтиҳоӣ афзоиш меёфтанд. Аммо он воқеият, ки обдиҳӣ ва поруи аз ҳад зиёд дар ҳақиқат зироатҳоро нобуд мекунад, нишон медиҳад, ки ин моддаҳо бо ягон хусусияти ботинии худ маълулҳоро ба вуҷуд оварда наметавонанд.

Шояд далели ҷолибтарин далели ал-Боқилонӣ – ҳукм дар бораи он аст, ки бар асоси мушоҳидаи ҳиссии инсон, робитаи иллатӣ-маълулии байни сӯхтан ва гармӣ, ки дар оташ вуҷуд дорад ва инчуни мастӣ ва хосиятҳои машруботи масткунанда дақиқан ошкор аст ва аз ин рӯ, далелеро талаб намекунад. Аммо чунин ҳукмро рад намуда, посух медиҳад, ки аслан чизе, ки инсон мушоҳида мекунад, танҳо ҳамоҳангии ду ҳодиса аст: тағйирёбии муайяни ҳолати ҷисм (мутаносибан, мастӣ ё сӯхтан) ҳангоми нӯшидани машрубот ё дар тамос шудан бо оташ [4, 47-52].

Муносибатҳои байни афкори фалсафӣ ва динӣ зери таъсири таълимоти Ибни Сино ба тағйироти азим дучор омад. Вай на танҳо як низоми фалсафии хеле боварибахши илмиро таҳия кард, балки дар чаҳорчӯбаи он масъалаҳои мухталифи илоҳиётшиносиро, аз қабили нубувват, ваҳй, муъҷизот, зиндагии пас аз маргро ба қолаби назарияҳо ворид намуд. Дар баъзе мубоҳисаҳо, ӯ бошуурона аз забон ва консепсияҳои хоси динӣ (ва ғайримазҳабӣ) ва фарҳангии исломро истифода бурд, ки машҳуртарин онҳо дар «ал-Ишорот ва ат-танбеҳот») дарҷ шуданд ва ӯ дар ин китоб сотериологияи фалсафиро бо истифода аз феҳристи тасаввуф таҳлилу баррасӣ намудааст. Гарчанде ки тамоюли назариясозии консерсияҳои динӣ ва сотериологӣ аллакай дар замонҳои атиқа оғоз ёфта буд, файласуфони аввалини ислом, ки дар ин раванд ширкат варзида буданд, аз ҷумла хараёни «Ихвон ус-сафо» ва ал-Форобӣ, таваҷҷуҳи фақеҳони диниро ҷалб карда натавонистанд. Танҳо тақрибан дар охири асри XI ғавғоҳои фақеҳон дар муқобили фалсафа ба миён омаданд, ки онҳо фалсафаро ҳамчун таҳдиди воқеӣ ба илоҳиётшиносии ислом медиданд.

Зарбаи ҷавобӣ ба фалсафа бо интиқоди шадиди таълимоти Ибн Сино аз ҷониби фақеҳи машҳур ва илоҳиётшинос Муҳаммад ал-Ғазолӣ буд, ки ӯ оҳанги табодули илоҳиётшиносии замонашро бар фалсафа авлотар медонист. Бо вуҷуди мунаққиди асосии фалсафа буданаш, ал-Ғазолиро ба ҳадде ҳамчун саҳмгири муҳим дар ибтидои раванде эътироф намудан мумкин аст, ки боиси болоравии анъанаи илоҳиётшиносии фалсафӣ гардид ва он то ба давраи муосир идома меёбад. Вай бо як қатор таълимоти Ибни Сино мусаллаҳ гардид, аммо муҳимтар аз ҳама, муносибати табъизомезро нисбат ба фалсафа тарғиб намуд, ки он ба илоҳиётшиносони баъдӣ имкон дод, ки ба ин равиши кор хеле озодона шуғл варзанд. Дар охири асри XII Фахриддин ал-Розӣ синтези расмии илоҳиётшиносии фалсафиро инкишоф дод, ки он доираи васеъи анъанаҳои ашъарияро барои суннатҳои минбаъдаи навашъария асос гузошт [3, 141-179].

Ал-Ғазолӣ дар «Мақосид ул-фалосифа» хулосаи мухтасар ва возеҳи фалсафаи Ибни Синоро пешкаш менамояд, ки барои хонандагони ғайрифайласуф пешбинӣ шуда, ҳамчун илова ба асари маъруфи ӯ «Таҳофут ул-фалосифа» ба назар мерасад. Вазифаи ин асар мусоидат намудан ба ҳамкории беҳтари иттилоотӣ-интиқодии фалсафа чунон тарҳрезӣ шуда буд, ки баъзе ақидаҳоро тавассути далелҳои асосноки худи фалсафа рад намуда, ақидаҳои дигари ба илоҳиётшиносӣ мувофиқро қабул менамуд. Монанди сарчашмаҳои дигари илоҳиётшиносии қаблӣ, «Таҳофут ул-фалосифа»-и ал-Ғазолӣ ба як зумра таълимоти метафизикӣ ва физикии фалсафӣ, ки дар мавзӯи баҳсашон бо таълимоти динӣ мепайванданд, мутамарказ мегардад. Масъалаҳои китобро ба ду гурӯҳи асосӣ тақсим кардан мумкин аст. Аввалан, баъзе масъалаҳо таълимоти алоҳидаеро, ки бо эътиқодоти исломӣ асос ёфтаанд, рад мекунанд, гарчанде ки дар шумораи ками ҳолатҳо (масалан, муқаддимаи шашум), ин таълимот бархӯрдҳои мушаххасро бо таълимоти мактаби ашъария, ки ба он худи ал-Ғазолӣ тааллуқ дошт, танқид мекунад. Чунин муносибатро дар муқадимаҳои дигар ҳам ёфтан мумкин аст, масалан дар муқаддимаи дуюм омадааст: «Гуруҳи сеюм – ашъариён фармудаанд: «Аммо аъроз худ ба худ аз байн мераванд ва вуҷуди доимии онҳо ғайриимкон аст, зеро агар тасаввур кунем, ки онҳо абадӣ вуҷуд дошта метавонанд, пас адами онҳоро тасаввур кардан муҳол мебуд». Дар навбати худ, ҷавҳарҳо худ ба худ низ беҳудуд вуҷуд дошта наметавонанд. Беҳудудии вуҷудияти онҳоро вуҷудияти беҳудуде таъмин мекунад, ки аз ҳастии онҳо фаротар аст... Аммо ин ҳукм низ дуруст нест, зеро он бархилофи мушоҳидаҳои аъзои ҳис мебароянд, ки онҳо тасдиқ мекунанд, ки сиёҳӣ ва сафедӣ абадӣ нестанд ва ҳастии ин рангҳо доимо тағйир меёбад» [1, 89].

Ду муқаддимаи аввал, бошад, таълимотро дар бораи он рад мекунанд, ки тибқи он олам дар гузашта азалӣ ва дар оянда абадӣ аст ва он барои дифоъ аз таълимоти умумиисломӣ аст, ки тибқи он олам дар замон офарида шуда, вуҷудияти он интиҳо дошта, дар ҳар ду ҳолат ҳастии он бевосита аз қудрат ва иродаи Худо вобаста аст. Таълимоти Ибни Сино дар бораи он ки Сабаби якум танҳо куллиёт (ба истиснои баъзе ашё)-ро маърифат мекунад низ барои ҳимояи консепсияи Қуръон дар бораи Худои азза ва ҷалла мавриди ҳамла қарор мегирад. Ҳамин тавр таълимоти ӯ дар бораи он, ки танҳо нафси нотиқа баъди марги ҷисми инсон зинда мемонад ва ҷисм эҳё намешавад, бо тасвири қуръонии растохези аҷсом мухолифат мекунад.

Гурӯҳи дигари муқаддимаҳо дар «Таҳофут ул-фалосифа» танҳо нишон медиҳанд, ки файласуфҳо баъзе таълимоташонро бо далелҳои муътамад асоснок намекунанд ва ё ин таълимот ё далелҳои онҳо бо ақидаҳои дигарашон дар таноқузанд, гарчанде ки худи таълимот ба ин ё он ҳадд бо доираи васеи ақидаҳои динӣ мувофиқат доранд. Ин тактика барои асоснок намудани даъвоҳои минбаъдаи ал-Ғазолӣ ба кор меравад, ки гӯё далелҳои файласуфон ба ҷои он ки бар бурҳонҳои қавӣ ва интиқодӣ асос гиранд, дар ҳақиқат худсарона ва аз суннатҳои гузаштагон ғайриинтиқодӣ ба даст омадаанд. Ал-Ғазолӣ, масалан, исбот мекунад, ки онҳо мавҷудияти Сababи Аввал, ғайримоддӣ будани Ӯ ва он ки Ӯ фақат Худашро мешиносад, исботе надоранд.

Дар охири китобаш ал-Ғазолӣ ба хулосае меояд, ки файласуфонро аз рӯи се таълимоти онҳо бояд кофир шуморид: олам – азалӣ ва абадист; Худо ба ашёи алоҳида сарукор надорад; ҷисми инсон эҳё намешавад. Ин нуқот далелҳои ғайричашмдошти таърихӣ ё иҷтимоӣ набуда, балки ба он такя мекунад, ки ҳатто илоҳиётшиносони ғайримуқаррарии мусалмон нуфузи ваҳйро эътироф мекунанд ва кӯшиш мекунанд, ки эътиқоди худро бо имонашон мувофиқ кунанд. Дар ҳар сурат, ин се нукот бо ислом мувофиқат намекунанд ва ба ақидаи ал-Ғазолӣ «ҳар касе, ки ба онҳо бовар мекунад, ба он боварӣ дорад, ки пайғамбарон дурӯғ мегӯянд». Ин ҳамон тактикаи бадномкунии файласуфон буд, ки ба василаи он нуқтаи назари теологӣ дифоъ гардида, дониши илмиро то ба сатҳи омма паст мебурд, ки албатта аз рӯи арзиши илмӣ шоистаи пазириш буда наметавонист.

Ҳамин тавр, дар асрҳои миёнаи исломӣ ақоиди пайравони онҳо дар аксари ҳол ба ихтилофи шадид дучор меомаданд. Барои баъзе илоҳиётшиносон, фалсафаи юнониёни қадим ва машоиёни шарқӣ ба он дараҷае аҳамият дошт, ки дар он нуқтаҳои ҳамбастаашро бо илоҳиётшиносӣ дармеёфтанд ва мавриди баррасӣ қарор медоданд. Дар навбати худ, файласуфони мусулмон ақоиди зиёди файласуфони Юнони қадимро пазируфта, ақоидашонро аз тамоми нуқоти назари динӣ ҷудо карда наметавонистанд.

**АДАБИЁТ**


1. Абу Хамид аль-Газали. Крушение позиций философов. М.: «Ансар», 2007. – 281 с.
2. Perler, D. & Rudolph, U. (2000) Occasionalismus. Theorien der Kausalität im arabischislamischen und im europäischen Denken, Göttingen: Vandenhoeck & Ruprecht, 278 p.
3. Shihadeh, A. (2005) «From al-Ghazalı to al-Razı: 6th/12th Century Developments in Muslim Philosophical Theology,» Arabic Sciences and Philosophy 15, 1: 141–79.
4. الباقلانی ابی بکر. کتاب التمهید. بیروت 1957، 404 صح.
5. القاضی عبد الجبار ابن احمد اسد آبادی. الاصول الخمسة. کویت 1998، 103 صح.
6. الغزالی. المنقذ من الضلال. دمشق 1993، 84 صح.

**ТАНОСУБИ АҚОИДИ ФАЛСАФӢ ВА ДИНӢ ДАР ТАЪЛИМОТИ МУТАФАККИРОНИ АСРИМИЁНАГИИ ИСЛОМӢ (ТАҲЛИЛИ ТАЪРИХӢ-ФАЛСАФӢ)**

*Дар мақола масъалаи таносуби ақоиди фалсафӣ ва динӣ дар таълимоти мутафаккирони асримиёнагии исломӣ дар доираи таърихи фаласафа мавриди баррасӣ ва таҳлил қарор гирифтааст. Таваҷҷуҳи асосӣ ба таноқузот ва ихтилофоти ғоявие, ки дар назарияҳо ва таълимоти файласуфон ва фақеҳони дин дода шуда, ҷавҳар ва иллатҳои ин ихтилофот муқаррар гардидааст. Дар доираи таҳлили фалсафии ақоиди Ибни Сино муқоисаи онҳо бо афкори динии ал-Боқиллонӣ (ҳамчун намояндаи қабл аз Ибн Сино) ва ал-Ғазолӣ (намояндаи баъд аз Ибни Сино) сурат гирифта, сабабҳои асосии аз ҳам дур рафтани муносибат ба фаҳмишу маърифати олам аз ҷониби онҳо муайян гардидаанд. Аз ҷониби дигар, дар мақола хусусиятҳои синтези афкори динию фалсафӣ дар ақоиди ин мутафаккирон ва таъсири онҳо ба ташаккул ёфтани тамоили динӣ ё фалсафии онҳо нишон дода шудааст.*

***Калидвожа:*** *Қуръон, ислом, табиат, афкори фалсафӣ, илоҳиётшиносӣ, инсон, машшоия.*

**СООТНОШЕНИЕ ФИЛОСОФСКИХ И РЕЛИГИОЗНЫХ ВЗГЛЯДОВ В УЧЕНИЯХ СРЕДНЕВЕКОВЫХ ИСЛАМСКИХ МЫСЛИТЕЛЕЙ (ИСТОРИКО-ФИЛОСОФСКИЙ АНАЛИЗ)**

*В статье рассматривается и анализируется соотношение философских и религиозных взглядов в учении средневековых исламских мыслителей в ракурсе истории философии. Основное внимание уделяется идейным противоречиям и противоположностям, содержащимся в теориях и учениях философов и религиозных правоведов, а также выявляются сущность и причины этих противоречий. В рамках философского анализа воззрений Ибн Сины было проведено их сравнение с религиозной мыслью аль-Бакиллани (как представителя до периода Ибн Сины) и аль-Газали (после периода Ибн Сины). С другой стороны, в статье показаны особенности синтеза религиозных и философских мыслей в сознании этих мыслителей и их влияние на формирование их религиозных или философских тенденций.*

***Ключевые слова:*** *Коран, ислам, природа, философская мысль, метафизика, человек, перипатетизм.*

**THE RELATION OF PHILOSOPHICAL AND RELIGIOUS VIEWS IN THE TEACHINGS OF MEDIEVAL ISLAMIC THINKERS (HISTORICAL AND PHILOSOPHICAL ANALYSIS)**

*The article examines and analyzes the relationship between philosophical and religious views in the thoughts of medieval Islamic thinkers in the history of philosophical focus. The main attention is given to ideological contradictions and oppositions contained in the theories and doctrines of philosophers and religious lawyers, as well as identified the essence and causes of these contradictions. Within the framework of philosophical analysis of Ibn Sina's views, they have been compared with the religious thought of al-Baqillani (as a representative before the period of Ibn Sina) and al-Ghazali (after the period of Ibn Sina). On the other hand, the article shows the peculiarities of synthesis of religious and philosophical thoughts in the minds of these thinkers and their influence on formation of their religious or philosophical tendencies.*

***Keywords****: Quran, Islam, nature, philosophical thought, theology, man, peripateticism.*

***Маълумот дар бораи муаллиф:***

***Саидова Гулхумор Зиннатовна*** *– номзади илмҳои фалсафа, мудири кафедраи фалсафаи фарҳанги ДДОТ ба номи С. Айнӣ*

***Сведение об авторе:***

***Саидова Гулхумор Зиннатовна*** *- кандидат философских наук, заведующий кафедра философии культуры ТГПУ им. С. Айни*

***About the author****:*

***Saidova Gulkhumor Zinnatovna*** *– candidate of philosophy, head of the Department of Philosophy of Culture of Tajik State Pedagogical University named after S.Ayni*

**ЗАМИНАҲОИ СИЁСИИ ЗАРДУШТИЯ**

***Камолова Х.Қ.***

*Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Т. Сатторов.*

Заминаҳои сиёсии зардуштӣ аз таълимоти ахлоқии динҳои ибтидоӣ, маздои куҳан, меҳрпарастӣ, зарвония ва ғайра ташаккул ёфтааст, ки дар он подшоҳ мазҳари бақои давлат, бинои адолат, назму тартиб, тарсу ҳароси душманон, ободонии мамлакат, осудагӣ ва осоиши мардум буд. Ҳар қадами

гузоштаи ӯ иқтидор, шаъну шавкат, адолату додгусторӣ, ақлу заковат ва сиёсату давлатдорӣ мегардид. Вазифаи аввалини подшоҳ, ғамхори дар ҳаққи мардум, муътадил нигоҳ доштани зиндагии халқ мебошад. Беҳтарин омили ободӣ, хуррамии мамлакат дар таълимоти «Авесто» ин сулҳу осоиштагӣ мебошад.

Тавре ки дар Готҳо ва бахшҳои кӯҳани яштҳо - фарвардин - ящт, Зомадяшт, Меҳряшт омада, подшоҳ сардори комилҳуқуқ ва мутлақи мамлакат шинохта шуда, ҳукми олии қонунгузорӣ ва иҷроия доштааст. Дар муқоиса бо кишварҳои дигари халқи қадим, дар Эроншаҳри бостон подшоҳро мисли худованд намепарастиданд ва ба вай саҷда намебурданд. Вале суннатҳои атиқа ҳокист, ки ниёкони мо вайро мазҳари худовандӣ дониста, амиқан эҳтиром мегузоштанд ва ӯро таъзиму такрим намуда, то замин сар фуруд меоварданд [1;114].

Осори кӯҳани Авестоӣ, Форси бостон, паҳлавӣ ва «Шоҳнома» баёнгари он аст, ки устураю ривоятҳои қадимаи ниёкони мо ниҳоят ғанӣ ва гуногунпаҳлӯ буда, аз устураю афсонаҳои Юнони қадим ва Ҳинди бостон камтар набуданд.

Мутобиқи яке аз онҳо, ки дар фаргарди дуюми Вандидод омадааст, Аҳурамаздо - худованди бузурги мутаол дар оғози ҷаҳон нишонаҳои зоҳирии салтанати дунявиро ба Ҷамшед - подшоҳи нахустини ниёкони мо таҳвил кардааст. Дар он ҷо чунин омадааст: Зардушт аз Аҳурамаздо пурсид: «Ай хиради пок, дар миёни навъи башар, ба ҷуз ман, барои нахустин бор, ба кадомин кас муколама намудӣ ва дини аҳуроиро ба кӣ супурдӣ? Аҳурамаздо гуфт: Эй Спандамони Зардушт, ман ғайр аз ту нахустин бор бо Ҷами зебою дорандаи рамаи хуб муколама кардам ва дини аҳуроиро ба ӯ супурдам ва гуфтам: Ҷоми зебо, писари Вивангҳон, ман ойини хешро ба ту месупорам. Ҷам гуфт: Ай Аҳурамаздо, ман барои ин кор сохта нашудаам, паёмбарию дингустари аз ман наёяд. Ман ба ӯ гуфтам, ки ту он беҳ, ки ҷаҳонро бипироӣ ва ба гетӣ фазоишу гушоиш диҳӣ. Ҷами зебо гуфт: пазируфтам ба шарти он ки ҳангоми подшоҳии ман боди сарду гарм навазад ва маргу нохушӣ набошад. Он гоҳ ман, ба Ҷам ду чиз додам, яке нигини зарин ва дигаре асои зарнишон. Бо ин Ҷам дорои иқтидор гардид»[1;115].

Аносиру нишонаҳои ҳокимият, ки муқаддам аз ангуштарӣ ва асои зарнишон иборат буд, дар даврони Сосониён ба авҷу камоли худ расида, дар қурни вусто ба Урупо мунтақил гардид. Вазифаи ангуштарӣ ва асои зарнишон дар идомаи суханони Аҳурамаздо - худованди бузургу тавоно ба Зардушт, дар бораи Ҷам ва замони ӯ чунин омадааст: «…Сесад сол аз салтанати вай гузашт, Замин аз чорпоёни хурду бузург, мардум, сагҳо мурғакон ва шуълаҳои сурхи оташ пур гашта, ҷо ба сутурони хурду бузург танг гардид. Пас аз он ман, Ҷамро огоҳ намуда гуфтам, ай Ҷами зебо, писари Визангҳон, замин аз чорпоёни хурду бузург, мардум, сагҳо, мурғакон ва шуълаҳои сурхи оташ пур гашта, ҷо ба сутурони хурду бузург танг гардид. Он гоҳ Ҷам дар нимрӯз ба сӯи фуруғ рӯй намуда, ба роҳи хуршед даромад, бо нигини зарини хеш заминро бисуд ва асои зарнишони хеш ба он бимолид ва гуфт: ай Спиндормази маҳбуб /фариштаи муваккали замин/, пеш рав ва хештанро бикшоӣ, то чорпоёни хурду бузург ва мардумон ба майлу орзуи хеш ҷо гузинанд. Спиндормаз заминро як сулс густариш дод…»

Дар ин ҷо на танҳо маншаи худовандии ҳокимият ба вазоҳат дида мешавад, балки ин нуқта низ равшан мегардад, ки ҳокимияти дунявӣ қабл аз мазҳаб вуҷуд дошта, дорои расму сунатҳои муайяне будааст.

Поэтому Руми считает, что в каждом месте, где происходила война, она происходит из-за отсутствия любви. В «Маснавии ма‘нави» Руми подробно описывает вселенское послание любви: Любовь отделена от всех других религий, религия и национальность любящего - это Возлюбленный (Бог). Любовь в исламском мистицизме и мысли Руми разделены на две части: любовь в человеке и любовь ко всему миру и творениям.

Прикладные установки Руми по отношению к его мистицизму проявляются в его пацифизме - это не теоретическое, а практическое учение об образе жизни, за которым должны следовать все, кто желает добраться до цели. Руми убежден, что мусульмане верят, что человечество рождается в состоянии миролюбии, полной и безупречной любви; но именно его загрязненная среда (наряду с шайтанами и джиннами) приводит человечество в заблуждение от прямого пути ислама. Вот почему от мусульман требуется, чтобы он пропагандифровал то, что считается мирным посланием ислама о социальной справедливости с тем, чтобы распространить мир по всей Земле через истину, раскрытую в Коране и дополненную хадисами.

Исходя из вышеизложенного, можно заключить, что философская этика насилия и ненасилия как результат процесса взаимоотношений между людьми в исламской философии принципиально основывается на идею о том, что индивид и его собратья едины по своим происхождением. Поэтому, между ними должны быть добрые, братские отношения и должны обладать такими этическими качествами, как: полезный, добрый, сердечный, щедрый и вежливый по отношению друг к другу.Поэтому этика исламских мыслителей имеет жизненно важное значение, поскольку она является одной из основ здорового общества и направлена на установление жизненного порядка и предоставление ему возможности регулирования, достоинства и спокойствия.

**ЛИТЕРАТУРА**

1. Абу Бакр ар-Рази. Духовная медицина. Душанбе, 1990. – 88 с.
2. Ибн Мискавейх. Воспитание нравов (фрагмент). Пер. с араб., предисл. и прим. Ф.О. Нофала /Исламская мысль: традиция и современность. Религиозно-философский ежегодник. Вып. 4. М.: ООО Издательский дом «Медина», 2020. - С. 155-187.
3. Макаева Г.З. О некоторых особенностя этики ислама / Вестник Башкирского университета. 2008. Т. 13. №4 – С. 1062-1064.
4. Насируддин Туси. Насирова этика. – Душанбе, 2014. – 404с.
5. Руми Джалал ад-дин. Маснави ма‘нави («Поэма о скрытом смысле»): Дафтар 2 (байты 1-3810) - Пер. с перс. М.-Н. О. Османова. - СПб.: «Петербургское Востоковедение», 2009. С. 94.
6. Руми Джалалиддин. Газели. Притчи. Сост., предисл., прим. Р. Хадизаде. - Душанбе, 1988. -224 с.
7. الغزالی. احیاء علوم الدین. ج. 3. بیروت 1983. ص. 109
8. الغزالی مُحَمَّد. خلق المسلم. الطبعة الاولی. القاهرة 1987. ص.

## ЭТИЧЕСКИЕ АСПЕКТЫ ПРОБЛЕМЫ НАСИЛИЯ И НЕНАСИЛИЯ В УЧЕНИИ СРЕДНЕВЕКОВЫХ ИСЛАМСКИХ МЫСЛИТЕЛЕЙ

*В статье рассматривается проблемы насилия и ненасилия в учениях средневековых исламских мыслителей, таких как аль – Фараби, аль – Рази, Ибн Мискавейха, аль – Газали, ал – Туси, Руми и др.*

*Автор, определяя значения исламской этики, утверждает, что некоторые этику насилия и ненасилия можно рассматривать как одни из фундаментальных вопросов учения ислам.*

*Автор утверждает, что аль – Фараби в противовес религиозной доктрине видвыгает свою версию о взаимоотношениях между людьми. Также рассматривает нравственную философию ал-Рази в его оставшихся произведениях, анализирует учение великого моралиста Ибн Мискавейха и аль-Газали, а также подробно рассмотрены проблемы насилия и ненасилия в учениях ал-Туси и Руми. Концепция ненасилия Руми, - как утверждает автор, - во многом опирается на его идею «братья по люви».*

*В статье утверждается что философская этика насилия и ненасилия как результат процесса взаимоотношений между людьми в исламской философии принципиально основывается на идею о том, что индивид и его собратья едины по своим происхождением, что служит в качестве основополагающего принципа разработки этического учения в данной работе.*

***Ключевые слова:*** *насилия и ненасилия, Куран, этика, добро, зло, справедливость, несправедливость, ислам, любовь.*

## ҶАНБАҲОИ АХЛОҚИИ МАСЪАЛАХОИ ЗӮРОВАРӢ ВА ҒАЙРИЗӮРОВАРӢ ДАР ТАЪЛИМОТИ МУТАФАККИРОНИ АСРИМИЁНАГИИ ИСЛОМӢ

*Дар мақола мушкилоти зӯроварӣ ва ғайризӯроварӣ дар таълимоти мутафаккирони асримиёнагӣ, аз қабили ал-Форобӣ, ал-Розӣ, Ибни Мискавайҳа, ал-Ғазолӣ, ал-Тусӣ, Румӣ ва ғайра мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.*

*Муаллиф, ки арзишҳои ахлоқи исломиро барраси менамояд, қайд мекунад, баъзе мафҳумҳои исломиро метавон ҳамчун мушкилоти бунёдии ахлоқи хушунат ва ғайризӯроварӣ баррасӣ кард.*

*Муаллиф тасдиқ мекунад, ки ал-Форобӣ, бар хилофи таълимоти динӣ, ақидаи худро дар бораи муносибатҳои байни одамон пешниҳод мекунад. Вай инчунин дар асарҳои боқимондаи худ фалсафаи ахлоқии ар-Розиро меомӯзад, таълимоти ахлоқшиноси бузург Ибни Мискавейҳ ва Ғазолиро таҳлил мекунад, инчунин мушкилоти зӯроварӣ ва ғайризӯровариро дар таълимоти ал-Тӯсӣ ва Румӣ муфассал баррасӣ мекунад. Ба ақидаи муаллиф, консепсияи зӯроварӣ дар бораи Румӣ асосан ба ақидаи ӯ дар бораи «бародарони ошиқ» асос ёфтааст.*

*Дар мақола гуфта мешавад, ки ахлоқи фалсафии хушунат ва ғайризӯроварӣ дар натиҷаи раванди муносибатҳои байни одамон дар фалсафаи исломӣ асосан бар он ақида асос ёфтааст, ки фард ва шарикони ӯ пайдоиши якхела доранд, ки ҳамчун принсипи асосии инкишофи таълимоти ахлоқӣ дар ин кор ба шумор меравад.*

***Калимаҳои калидӣ:*** *зӯроварӣ ва ғайризӯроварӣ, Қуръон, ахлоқ, некӣ, бадӣ, адолат, беадолатӣ, ислом, муҳаббат.*

## ETHICAL ASPECTS OF THE PROBLEM OF VIOLENCE AND NON-VIOLENCE IN THE TEACHINGS OF MEDIEVAL ISLAMIC THINKERS

*The article devotes to the problem of violence and non-violence in the teachings of a number of medieval Islamic thinkers, such as al- Farabi, al- Razi, Ibn Miskaveikha, al- Ghazali, al- Tusi, Rumi, ect.*

*The author, defining the vales of Islamic ethics, argues, that some Islamic concepts can be considered as fundamental problems of the ethics of violence and non-violence.*

*The author claims that al- Farabi, in contrast to the religious doctrine, puts forward his version of the relationship between people. He also examines the moral philosophy of al- Razi in his remaining works, analyzes the teachings of the greatmoralist Ibn Miskaveykh and al – Ghazali, and also examines in detail the problems of violence and non-violence, according to the author, is largely based on his idea of «brothers in love».*

*The article argues that the philosophical ethics of violence and non-violence as a result of the process of relationships between people in Islamic philosophy is fundamentally based on the idea that the individual and his fellows are one in origin, which serves as the fundamental principle of the development of ethical teachings in this work.*

***Key words:*** *violence and non-violence, Qoran, ethics, good, evil, justice, injustice, Islam, love.*

***Маълумот дар боари муаллиф:***

***Давлатова Озодамоҳ Сафомидиновна*** *– унвонҷӯи кафедари умумидонишгоҳии фалсафаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ*

***Сведение об авторе:***

***Давлатова Озодамох Сафомидиновна.*** *– соискатель кафедры философии, Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни.*
***About the author:***
***Davlatova Ozodamoh Safomidinovna.*** *– applicant of the Department of Philosophy of Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni.*

## ТАЪЛИМОТИ МЕТАФИЗИКӢ ВА ТАБИАТШИНОСИИ МУЪТАЗИЛА ВА МАЪРИФАТИ АҚЛОНИИ ОНҲО

***Қосимов Қ. А.***
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ*

Намояндагони табиатшиноси муътазилӣ дар зери таъсири чандинасраи мактабҳои фикрии гуногуни ҳам дохилии ислом ва ҳам берун аз он, хусусан эллинизми Юнони қадим дар сарзаминҳои марказии Шарқи Наздик фаъолият мебурданд ва он таъсир ба ҳаёти зеҳнӣ ва динии мардуми ин минтақа амиқан ворид шуда буд. Табиист, ки бархӯрд бо эллинизм мундариҷа ва барномаи фалсафии каломиро дар назарияҳои метафизикӣ ва табиатшиносӣ равшан нишон медиҳад. Аз ин ҷо, тадқиқоти зиёди ин давраи аввал ба миён омада буданд, аммо вазъияти таҳқиқи онҳо аз он ҷиҳат мураккаб аст, ки матнҳои давраи қаблии муътазилиён то ба мо нарасидааст ва тамоми иттилооти мо аз пораҳои дар матнҳои мутафаккирони баъдии он ҳифзшуда гирифта мешаванд.

Мавзуъҳое, ки бо масоили ақлонӣ фаро гирифта шудаанд, асосан ба мушкилоти табиатшиносӣ-кайҳоншиносӣ марбутанд, ки ба маънои васеъ аз мушкилоти табиат ва унсурҳои ашёе, ки оламро ташкил медиҳанд, инчунин мушкилоти иллату маълули ашё ва табиати инсонӣ бармеоянд. Ҳамин тариқ, дар ибтидои рушди каломи муътазилӣ се назарияи табиат ва унсурҳои ашёро ёфтан мумкин аст, ки ҳамаи онҳо аз фалсафаи қадимаи эллинӣ сарчашма мегиранд. Онҳоро дар асарҳои нахустини муътазила ва инчунин таълимоти санавиён (дуалистҳо) ва ба ном «файласуфони табиатшинос» (даҳрия, аҳл-ут-таба̄‘ия, асҳа̄б ал-ҳайула) мушоҳида кардан мумкин аст. Ба қатори ин мавзуъҳо дохил мешаванд: а) таълимот дар бораи он ки ашё ё ҷисмҳо аз маҷмӯи аразҳо таркиб меёбанд; б) таълимот дар бораи он ки ашё ё ҷисмҳои физикӣ аз маҷмӯи ҷисмҳои ба ҳам пайвастшаванда иборатанд; в) таълимот дар бораи он ки ҷисмҳо аз ҷузъҳо (атомҳо) ва аразҳои ба онҳо хос иборатанд. Тибқи ақидаи пайравони таълимоти аввал (асҳа̄б ул-‘араз, яъне Дирар ибни Амр (ваф. 200/815), Ҳафс ал-Фард (тав. 195/810) ва ал-Ҳусайн ан-Наҷҷор (ваф. тақр. 220-230 / 835-845), олами офаридашуда танҳо аз аразҳо иборат аст ва аз ин рӯ объектҳои ҷаҳон аз маҷмӯи аразҳое иборатанд, ки сифатҳо ва хосиятҳои онҳоро муайян мекунанд [4, 307]. Пайравони таълимоти дуюм, яъне Ҳишом ибни ал-Ҳакам (ваф. 179 /795), ал-Асамм (ваф. 200/815), Сайёр ан-Наззом (ваф. 220-230)/835-845) ва пайравони ӯ боварӣ доштанд, ки олами офаридашуда танҳо аз ҷисмҳо иборат аст ва аз ин рӯ ашёи он аз маҷмӯи ҷисмҳои ба ҳам пайвастшаванда ташаккул ёфтаанд, ки хосиятҳо ва сифатҳои онҳоро муайян мекунанд. Ниҳоят, пайравони таълимоти сеюм, ки дар байни мутакаллимони давраи баъдӣ васеъ паҳн шуда буданд, боварӣ доштанд, ки олами офаридашуда аз атомҳои ҷисмонӣ ва аразҳои ғайриҷисмонии хосси онҳо ва инчунин аз таркиби ин атомҳои мутааллиқ ба аразҳо барои ташаккул ёфтани воҳидҳои нисбатан бузургтар, ки ҷисми инсон ном гирифтааст, ташаккул меёбанд. Аз чунин тавсифи мухтасари ин се таълимот дар бораи табиат ва сифатҳои ашё бармеояд, ки назарияи физикӣ дар асоси ин се формулаи рақобаткунанда коркард мешавад [1, 37-119]. Таълимоти сеюм дар бораи табиат ва сифатҳои ашё, яъне атомизм, дар кайҳоншиносии муътазилиён мақоми махсус дорад ва ҳақиқатан дар суннатҳои ақлгароии онҳо дар мадди аввал меистад. Боиси қайд аст, ки дар баъзеҳо ҳолатҳо, рақобатҳои кайҳоншиносие, ки дар осори қадимаи юнонӣ байни атомистҳо аз як тараф ва стоикҳо, навафлотуниён ва машоиён вуҷуд доштанд, рақобате буд, ки онро Д. Фурли «бухрони кайҳоншиносии қадимаи классикӣ» [2, 1-19] номидааст ва он пас аз чандин асрҳо дар муҳити исломӣ, ки дар он мутакаллимони муътазилӣ пайравони атомистҳо буданд ва фалсафа, ки ақоиди навафлотуниён ва машоиёни юнониро тарафдорӣ менамуд, ҷунбиши наверо ба вуҷуд овард.

Дар ҳақиқат, танқиди пайравони мактаби эллинӣ аз табиатшиносии монистии ибтидоӣ асосан хусусияти эпистемологӣ ва ақлонӣ дорад. Аз ин рӯ, дар мубоҳисаҳои матнҳои табиатшиносии муътазилӣ пайдо кардани як таҳқиқоти бунёдӣ бо масъалаҳои асосии гносеологӣ дар доираи ратсионализм ҳайратовар нест. Ин масъалаҳо дар асари табиатшиносии ал-Ҳасан ибн Аҳмад Ибни Маттавейҳи муътазилӣ (415/1025) «ал-Тазкира фи аҳка̄м ал-ҷава̄ҳир ва ал-а‘ра̄д» бо таснифи намудҳои гуногуни донишҳо ворид шудаанд. Ӯ изҳор мекунад: «Бидонед, ки маҷмуи донишҳо (ал-ма‘лума̄т аҷма‘) бояд ба [синфҳо, гуруҳҳо] аз тариқи нафй ва исботи чандинкарата тақсим шавад. Ҳамин тавр, он (яъне объекти дониш) ё дорои сифати вуҷуд [дар ин ҳолат он бо истилоҳи «мавҷуд» ишора карда мешавад], ё хусусияти мавҷудиятро надорад ва дар ин ҳолат он бо истилоҳи «ма‘дум»

ишора карда мешавад. Гузашта аз ин, объекте, ки дорои сифати мавҷуд аст, ин хусусиятро дар [ягон] лаҳзаи ибтидоӣ ба даст меорад ё ба даст намеорад» [5, 62]. Он чиро, ки офарида шудааст, мегӯяд ӯ, метавон минбаъд ба он чизе тақсим кард, ки ҳангоми вуҷуд буданаш фазоро ишғол мекунад ва ё ишғол намекунад. Аввали онҳо атом (ҷавҳар) ва дуюм араз аст. Танҳо як ҷинси атом вуҷуд дорад, аз ин рӯ зарурати зикр намудани тақсимоти он монанди араз, ки аз анвоъ ва ҷинсҳои гуногун таркиб меёбад, вуҷуд надорад. Маҷмӯи ашё, ки дар натиҷаи исбот ҳамчун араз эътироф шудаанд, - ранг, мазза, бӯй, гармӣ ва хунукӣ, намӣ ва хушкӣ, маконҳо, таълиф, эътимод, алам, савт, ҳаёт, қудрат, шаҳват, ирода, нафрату кароҳат, эътиқод, гумон (занн), ақл ва қатъшавии вуҷуд (фано) ва ғайра ба шумор меравакд. Хулоса, ин тасниф, ки бар асоси тақсимоти се меъёр, яъне меъёрҳои вуҷудият, пайдоиши муваққатӣ ва мавқеи фазоӣ, тасдиқ мекунад, ки дониши мо аз дониш дар бораи ашёе, ки воқеан вуҷуд надоранд ва дониш дар бораи объектҳои мавҷудбуда иборат аст. Объектҳое, ки вуҷуд доранд аз Худои абадӣ, атомҳо ва аразҳое, ки пайдоиши муваққатӣ доранд, иборатанд. Илова бар ин, атомҳо (ва ҷисмҳои таркибдиҳандаи онҳо) маконро ишғол мекунанд, аммо аразҳое, ки шумораи онҳоро то бисту ду навъ ҳисоб кардаанд, маконро ишғол намекунанд [5, 33-34].

Тавре ки таснифоти Ибни Маттавоҳ нишон медиҳад, мутакаллимон танҳо як намуди ҷавҳар, ё дурусттараш, зерсохти моддӣ, яъне атом ва аз ин рӯ ҷисмҳоро, ки аз муттаҳидшавии маҷмӯи атомҳо иборатанд, баррасӣ менамоянд. Онҳо бархилофи ҳамтоёни худ - файласуфҳо, дар онтологияи худ барои шарҳу тафсири падидаҳое, ки бо мавҷудоти зинда иртибот доранд, нафси ғайримоддӣ надоранд. Дар низоми фикрии онҳо ин вазифа ба аразҳо вогузор карда мешавад, ки аз ин сабаб дар тавсифи зуҳуроти психологии фикр, ирода, хоҳиши ҳадсӣ ва инчунин феълу амал нақши муҳим доранд. Дар шакли умумитарин ин матлаб чунин ба назар мерасад: мутакаллимон бовар доранд, ки атомҳо метавонанд бо ҳам пайваст шуда, ҷисми калонтаро ташкил кунанд. Аммо вақте ки ҷисм дорои таркиб ё сохтори муайян (бунйа) ҳаст (дар мисоли сохтори бадани инсон ё ҳайвон) имконпазир мегардад, ки аразҳои ҳаёт дар ҳар як ҷузъҳо (атомҳо)-и таркибии он мавҷуд бошанд, ки он дар навбати худ замина барои вуҷудияти аразии қувваи худмухтори амал, хоҳиш, дониш, хоҳиши ҳадсӣ ва ғайра муҳайё мекунад [8, 51-60]. Аммо дар муқоиса бо вуҷудияти ранг дар ҷузъ (атом)-и мушаххас, дар бораи ин қувваҳои аразии мустақили феъл, хоҳиш, дониш ва ғайра, тасдиқ кардан мумкин нест, ки онҳо ба ягон ҷузъ (атом)-и алоҳидае мансуб бошанд, ки он ҷисми инсонро ташкил медиҳанд, балки онро дар нисбати ҷисми инсон дар маҷмуъ ифода кардан мумкин аст [5, 104].

Муътазилиҳо ба монанди ҳамаи мутакаллимон эпистемологҳои воқеъбин (реалист) буданд. Онҳо итминон доштанд, ки ҷузъҳои таркибии ниҳоии олам зотҳои воқеӣ ва мушаххас (на идеалӣ ва назариявӣ) мебошанд. Онҳо инчунин тасдиқ мекарданд, ки инсон дар бораи ин ҷузъҳои таркибӣ ва хосиятҳои онҳо дониши ҳақиқӣ дошта метавонад. Чунин эпистемологияи воқеӣ мустақиман муътазиларо ба ҳукми шаккоконае, ки тибқи он маърифати ашё чунон ки онҳо зотан вуҷуд доранд, имкон надорад, мухолиф мекунад. Ҳақиқатан, ин эпистемологияи воқеӣ дар пояи инкор намудани чунин ақидаи шаккокона қарор мегирад. Намунаи муътазилии ин эпистемология аз ҷониби Абд ул-Ҷаббор дар асараш бо номи «ал-Муғнӣ», ки ба ал-назар ва ал-маʻāриф бахшида шудааст, инчунин дар инкори имконияти ба чашм дидани Худо (ру’йат ул-Бāрӣ), новобаста аз он ки ин рӯъё дар ин олам хоҳад буд ё на, инъикос меёбад [9, 41-68].

Масъалаи араз масъалаест, ки таваҷҷуҳи мутакаллимони муътазилиро аз ибтидои пайдоиши ин мактаби фикрӣ ҷалб карда буд. Ал-Ашъарӣ мавқеъҳои мухталифи онҳоро дар робита ба саволи зерин чунин баён кардааст: «Чаро мавҷудоте, ки дар аҷсом вуҷуд доранд, араз номида мешаванд? Баъзеҳо гуфтаанд: «Ҷисмҳо чунин номро барои он гирифтаанд, ки онҳо падидаҳои муваққатӣ мебошанд ва ҷисмҳо пайдо шуда, дар онҳо вуҷуд доранд (тақуму биҳа)». Онҳо вуҷудияти аразҳоеро рад карданд, ки дар ягон макон нестанд (лā фи макāн) ва аразҳое, ки дар ҷисм офарида нашудаанд. Ин таълимоти ан-Наззом ва бисёр муътазилҳои пайрави ӯ (аҳл ан-Наззāм) аст [4, 369-370].

Аён аст, ки «араз» дар баробари масъалаи фазо, масъалаест, ки мутакаллимони ибтидоӣ ва ворисони онҳоро амиқан аз ҳам ҷудо кардааст, аммо ҳамаи онҳо мувофиқ бар як ақида будаанд, ки аразҳо гузарандаанд. Аммо мушкили давомнокии воқеии ҷараёни сариъи онҳо ду роҳи мухолифи ҳаллу фасли онро дошт: азз як тараф, қарори мутлақи окказионалӣ вуҷуд дошт, ки он ба ан-Наззом нисбат дода шудааст. Тавре ки мо дар боло қайд кардем, аразҳо дар системаи ақоиди ӯ ҳаракатҳо мебошанд. Мутакаллимонии баъдӣ баҳс мекарданд, ки ба андешаи ан-Наззом, ин ҳаракатҳо ва инчунин ҷисмҳое, ки ба онҳо шомиланд, танҳо як лаҳза давом мекунанд ва аз ҷониби Худо аз сари нав дар ҳар лаҳзаи вақт офарида мешаванд [3, 275-280]. Намунаи тағирёфтаи аразшиносии муътазилиҳои баъдӣ талқин мекард, ки аразҳо наметавонанд зиёда аз як лаҳза вуҷуд дошта бошанд, дар ҳоле ки атомҳо ва ҷисмҳое, ки ба онҳо дохил мешаванд, метавонанд муддати тӯлонӣ вуҷуд дошта бошанд, зеро Худо метавонад дар онҳо арази «идомаи вуҷудият» (бақо) -ро эҷод кунад. Ин ақидаи асфариён ва муътазилиёни Бағдод буд [4, 358]. Ал-Ашъарӣ ин мавқеъ, алалхусус нисбати масъалаи аразҳоро дар ақидаи Абу ал-Ҳузайл чунин баён мекунад, ки ба ақидаи вай аразҳо дар худ инчунин аразҳои дигареро дар бар мегиранд, ки метавонанд барои муддати тӯлонӣ вуҷуд дошта

бошанд ва ё аразҳое, ки зиёда аз як лаҳза вуҷуд дошта наметавонанд. Ба андешаи Абу ал-Ҳузайл ҳаракат наметавонад зиёда аз як лаҳза вуҷуд дошта бошад, дар ҳоле ки баъзе аразҳои сукун ё ором метавонанд муддати тӯлонӣ арзи вуҷуд карда тавонанд. Ал-Ашъарӣ дар идомаи ин фикр навиштааст, ки Абу ал-Ҳузайл «тасдиқ мекард, ки оромии сокинони биҳишт сукунест, ки то [беҳудудӣ] идома ёбад. Ҳамин тавр, дақиқан ҳудуси маконҳо (акван) ва ҳаракатҳои онҳо то ба нуқтаи ниҳоӣ расиданашон фосилавӣ ва детерминистӣ мебошад. Вай исбот кард, ки рангҳо то даме вуҷуд дошта метавонад, ки агар таъм, бӯй ва [аразҳои] ҳаётии онҳо дар ҳастиашон идома меёбанд. Қувваи мустақили феъл [инчунин] бе ҷойгирӣ дар макон идома дорад» [4, 359].

Аз ин порча маълум мешавад, ки ба қавли Абу ал-Ҳузайл, ҷисмҳо ва мувофиқан атомҳое, ки онҳоро таркиб додаанд ва инчунин баъзе аразҳо метавонанд муддати тӯлонӣ вуҷуд дошта бошанд. Аз ин рӯ, ақидаҳои ӯ ҳам ба аразшиносии пешина ва ҳам тағйирёфтаи ҳамзамононаш мухолиф буданд, зеро вай ба идомаи мавҷудияти баъзе садамаҳо иқрор буд, дар ҳоле ки дигарон идомаи мавҷудияти ҳамаи аразҳоро инкор мекарданд. Бо вуҷуди ин, нуқтаи назари ӯ бо аразшиносии тағйирёфта ба ҳадде мувофиқтар буд, ки он имконияти вуҷудияти пайваста ё пайдарҳамии ҷисмҳоро ҷоиз медонист. Ҷолиби диққат аст, ки Абу ал-Ҳузҳайл бо аразшиносоне, ба мисли ан-Наззом ҳамфикр буд, ки онҳо боварӣ доштанд, ки арази ҳаракат наметавонад идома ёбанд ва он танҳо як лаҳза давом меёбад [5, 459]. Абу ал-Ҳузайл барои фаҳмондани сабаби он ки чаро баъзе аразҳо, атомҳо ва ҷисмҳо метавонанд муддати тӯлонӣ вуҷуд дошта бошанд, маҷбур мешавад, ки ба ғояи динии он муроҷиат намояд - аз он сабаб, ки Худо барои вуҷуди онҳо амр медиҳад: «Кун файакун» («Бош, то бишавад!»). Дар баробари ин ӯ қайд мекунад, ки «бори тавзеҳ додани сабаби мавҷудият ва идомаи ин ашё бар дӯши онҳое афтодааст, ки ба мавҷудияти идомаи аразҳо ва атомҳо бовар кардаанд, на бар дӯши онҳое, ки мавҷудияти идомаи худро инкор карда, мегӯянд, ки онҳо дар ҳар лаҳза дубора аз нав эҳё мешаванд» [4, 366].

Дар маълумоти ал-Ашъарӣ далели возеҳе вуҷуд надорад, ки ба ақидаи Абу ал-Ҳузайл, Худо бояд ҳар лаҳза фармон диҳад, ки ашё ё падида дар лаҳзаи баъди он ҳатман идомаи вуҷуд дошта бошад. Эҳтимолияти кам ҷой дорад, ки ба ақидаи мутафаккир, чунин амри илоҳӣ бояд дар ҳар лаҳза дода шавад, зеро ин маънои онро медошт, ки мавқеи Абу ал-Ҳузайл аз мавқеи муътазилиёни Бағдод, ки онро ал-Ашъарӣ дар китобаш алоҳида зикр кардааст, фарқ надорад. Он мавқеест, ки муътазилиёни бағдодӣ барои Худо мувофиқ намудани идомаи мавҷудияти ҷисмҳо ё атомҳоро бо ташкил додани аразҳои идомаи вуҷудияти онҳо дар ҳар лаҳзаю вақт зарур мешумориданд. Дар ин ҳол Абу ал-Ҳузай барои Худо дар ҳар лаҳза фармон додани «вуҷуд доштанро идома диҳед!» дар вақти дилхоҳ баҳри ашё (аз ҷумла аразҳо), ки бояд вуҷудияташонро идома диҳанд, зарур медонад. Чунин тафсири таълимоти Абу ал-Ҳузайл бо ақидаҳои ӯ дар бораи нобудшавии атомҳо мувофиқат намекунад, зеро, тавре ки муфассири ин масъала Ибни Маттавейҳ дар назарияаш дар бораи нобудшавии атомҳо иброз медорад, «... ё нобудшавии атомҳо натиҷаи фармони Худо мебошад. Ин таълимоти Абу ал-Ҳузайл аст» [10, 131-132]. Аз ин рӯ, агар ба Худо зарур бошад, ки чизеро, ки барои муддати тӯлонӣ вуҷуд дошта метавонад, маҳв созад, нобудшавии он наметавонад натиҷаи далели он бошад, ки Худо амр нადодааст. Аммо, тавре ки дар боло дидем, онҳо, ба фарқ аз дигар аразҳо ашёи зербинояшонро надоранд.

Мутакаллимони муътазилии баъдии басрӣ қисман ба ақидаҳои Абу ал-Ҳузайл пайравӣ мекарданд, зеро онҳо мутмаин буданд, ки баъзе аразҳо метавонанд муддати тӯлонӣ идома ёбанд. Аммо онҳо бо ақидаи ӯ розӣ нестанд, ки сабаби идомаи мавҷудияти аразҳо ё атомҳо фармони Худо – «вуҷудатро идома деҳ!» бошад. Муфассир Ибни Маттавейҳ изҳор мекунад: «Андешаи ҳаштум, ки мувофиқи он табдилёбии атомҳо метавон танҳо бо амрҳои илоҳии «фано шав!» (ифна) ва «нобуд шав!» (иʻдам) ботил аст. [Амри Худо] «бош!» буда наметавонад... Сабаб дар он аст, ки агар фармон дар нест кардани атомҳо муассир мебуд (лаху та’сирун), пас ҳар вақте ки мо [ҳамчун мавҷуди инсонӣ] ҳамон як амрро талаффуз намоем, атомҳо бояд нобуд шаванд, зеро он чизе, ки фоъил аст, [дар фоъилии хеш] бо сабаби тағйир ёфтани фоъили аввал монанди тағйир ёфтани ҳаракат, ҳатто агар ин амрҳоро талаффуз кунем, дигаргун намешаванд. Аммо мо медонем, ки ҳатто агар мо ин фармонҳоро талаффуз кунем, атомҳо нобуд намешаванд» [4, 366]. Ҳамин тавр, муътазилиҳои басрӣ ин андешаро инкор мекунанд, ки атомҳо ё ҷисмҳо бо сабаби фармони Худо – «вуҷуди доштанро давом диҳед!», вуҷудияташонро давом медиҳанд, зеро дар муқоиса бо Худо вақте ки инсон низ чунин амр медиҳад, ҳамон таъсирро надорад. Ба андешаи онҳо, сабаби мавҷудияти тӯлонии атомҳо ва баъзе гурӯҳҳои аразҳо комилан дигар аст: вуҷудияти минбаъдаи онҳо оқибати он аст, ки онҳо ба кадом чизҳо тааллуқ доранд. Абу ал-Ҳузайл бошад, муътақид аст, ки баръакс, атомҳо ва ҷисмҳое, ки онҳо ташкил медиҳанд, ба ғайр аз аразҳо ба монанди ранг, мазза, бӯй, гармӣ, хунукӣ, намӣ, хушкӣ, ҳаёт, қувваи мустақили феъл, ҷойгиршавӣ, пайвастшавӣ ва ғайра метавонанд дар як муддати тӯлонӣ вуҷуд дошта бошанд, зеро онҳо хосиятҳои он навъҳои ашёи худи онҳо мебошанд.

Дар луғати табиатшиносии муътазилиҳо атом ва араз қариб ҳамеша бо истилоҳи ҷавҳар ба кор мераванд. Аммо, барои файласуфони машоияи шарқӣ худи ҳамон истилоҳ консепсияи онҳоро дар

бораи моддаҳо ифода мекунад. Мутакаллимони муътазилии асри IX аз корбурди мухталифи мафҳуми ҷавҳар огоҳ буданд ва кӯшиш мекарданд, ки истифодаи хоси худро шарҳ дода истеъмоли махсуси худашонро бо дигарон муқоиса кунанд. Дар асри X, муътазилиён атомро ҳамчун чизе, ки «фазор ишғол мекунад (мутаҳаййиз)», таъриф кардаанд. Ин таъриф вобастагии мутақобилаи назарияи моддаи муътазилӣ ва назарияи фазои онро таъкид мекунад, зеро ба гуфтаи ин муътазилиён, агар атомро ҳамчун чизе, ки фазоро ишғол мекунад, тасаввур накунанд, набояд баҳо дод. Вобаста ба он, масъала дар бораи вуҷудияти ҷойҳои холӣ дар фазо ба он иртибот дорад, зеро, аз нуқтаи назари муътазилиҳо,саволе матраҳ хоҳад шуд, ки оё фазои фосилавии байни ду атом холӣ буда метавонад ё на. Ҳамин тариқ, ин чор мафҳум – ҷавҳар, атом, фазо ва хало - асоси назарияи физикии муътазилиён ба ҳисоб мераванд.

Ҷавҳар шакли арабишудаи истилоҳи форсии гавҳар (дар забони паҳлавӣ ба маънои «модда») аст. Дар ҳақиқат, дар анъанаи файласуфони исломӣ низ ҷавҳар пеш аз ҳама моҳияти моддаро ифода мекунад ва атом бошад бо ибораҳое чун «ҷузъе, ки тақсимнашаванда аст» ишора шудааст ва ғайра. Аз тарафи дигар, дар анъанаи каломи муътазилӣ, ҷавҳар қариб ҳамеша моҳияти ҷузъ (атом)-ро ифода мекунад, сарфи назар аз он ки дар фалсафаи минбаъдаи исломӣ он ҳамчун мақулаи ҷуфт ҳамроҳ бо «модда» (ҷавҳар-модда) ба кор меравад. Мутакаллимони муътазилӣ аз истифодаи махсус ва фарққунандаи ҷавҳар дар динҳои ҷаҳонӣ ва фирқаҳои гуногуни исломӣ огоҳ буданд. Ин матлаб аз маълумоти ал-Ашъарӣ дар бораи намудҳои гуногуни истифодаи мафҳуми ҷавҳар дарак медиҳад. Ӯ навишта буд: «Насрониҳо бовар доштанд, ки ҷавҳар ба зоти худаш як мавҷуд аст (ал-қāиму би-зāтиҳӣ). Аз ин рӯ, ҳар он чизе, ки ба зоти худ мавҷуд аст, ҷавҳар аст ва ҳар як ҷавҳар – зоти хешро дорад. Баъзе фалсафашинсон (мутафалсафа) боварӣ доштанд, ки ҷавҳар чизест, ки ба зоти худ вуҷуд дошта, қабулкунанда (қобил) -и муқобил (мутазадāт) мебошад. Баъзеҳо муътақид буданд, ки ҷавҳар, ҳангоме ки он вуҷуд дорад, ҳомили аразҳо буда метавонад. Муаллифи ин таълимот тасдиқ кардааст, ки ҷавоҳир худ ба худ (би-анфусиҳā) ҷавоҳиранд ва баҳс мекард, ки ҷавоҳир пеш аз зоҳир шуданашон маълум буда метавонанд» [7, 148]. Ин гуфтор ба Абу Алӣ ал-Ҷуббоӣ тааллуқ дорад. Муътазилии дигар Ас-Солеҳ боварӣ дошт, ки ҷавҳар чизе аст, ки аразҳоро дар бар дорад. Ба андешаи ӯ, ҷавҳар метавонад вуҷуд дошта бошад, ҳатто агар Худо дар он араз офарида набошад ва ҷавҳар як зерсохтори аразҳо набуда, балки як макони эҳтимолиест барои онҳо [5, 149-150]. Ин маълумот ба таври возеҳ нишон медиҳад, ки мутакаллимони муътазилӣ аз он, ки ҷавҳар истилоҳи духӯра аст, огоҳ буданд. Баъзе файласуфон онро мавҷуд ба зоти хеш бо иловаи колбади тазодҳо, Абу Алӣ ал-Ҷуббоӣ онро ҳомили аразҳо ва Абу ал-Ҳусайн ас-Солеҳӣ онро колбади аразҳо медонистанд. Ҳамин тавр, ҳам мутакаллимони муътазилӣ, ҳам ал-Ҷуббоӣ ва ҳам ас-Солеҳӣ, ки ба онҳо ал-Ашъарӣ таълимоти сеюм ва чоруми маълумоташро ба онҳо нисбат медиҳанд, атомгаро буданд. Дар мавриди ас-Солиҳӣ бошад, ал-Ашъарӣ дар ҷои дигар мегӯяд, ки вай изҳор доштааст, ки ҷузъҳои тақсимнашаванда (ал-ҷуз» аллази ла ятаҷазза) як ҷисмест, ки дар он аразҳо шомиланд. Айнан ҳамин тавр, моҳияти ҷавҳар дар он ифода меёбад, ки он дорои аразҳо аст. Ҳамин тавр, ҷузъи ло-йатаҷаззо, ҳадди ақалл барои ас-Солеҳӣ, ба ҷавҳар ба ҳадде айният дорад, ки дар ҳар ду ҳолат он колбади аразҳо маънидод мегардид. Мутакаллими дигаре, ки дар китоби ал-Ашъарӣ ишора шудааст, Абу Алӣ Ал-Ҷуббоӣ буд ки ӯ дар пайравии баъзе мутакаллимони асри IX низ дар таълимоташ ҳамин гуна мушаххасот додааст. Хулосаҳои ӯро ал-Ашъарӣ дар маълумоти дигар ба таври возеҳ баён кардааст: «Ҳар як ҷавҳар ҷисм нест. Ҷоиз нест, ҷавҳаре, ки тақсимнашаванда аст (ла янқасиму), ҷисм бошад, зеро ҷисм чизест, ки дарозӣ, паҳной ва чуқурӣ дорад. Атоми ҷудогона чунин нест. Ин таълимоти Абу ал-Ҳузайл ва Муъаммар аст. Ин таълимотро [Абу Алӣ ] ал-Ҷуббоӣ пайравӣ кардааст» [5, 60].

Чуноне ки қаблан зикр карда будем, Ибни Маттавейҳ атомро ҳамчун мутаҳаййиз, яъне чизе, ки фазоро ишғол мекунад ва сипас хосиятҳои зерини ҷузъ (атом)-ро, ки фазоро ишғол мекунад, тасниф менамояд: аввалан, он воҳиди калонеро аз тариқи ба худ илова намудани атоми дигар ташкил медиҳад; сониян, он як қисми фазо (макон)-ро пур мекунад; он фазоро чен мекунад (мā йуқаддиру тақдира-л-макāни); он имкон намедиҳад, ки атоми дигаре дар он ҷое, ки худи он вуҷуд дорад, ҷой ишғол кунад. Ибни Маттавейҳ ба ин рӯйхат ду хосияти дигарро илова мекунад: аввалан, он имкон медиҳад, ки дар атом осоре аз аразҳо боқӣ намонад; сониян, онро тавассути ҳиссиёти биниш ва ламс ҳис мекунанд [5, 90-95]. Барои ҳамин, ишғоли фазо аз ҷониби атом, ки бо истилоҳи мутаҳайиз ишора карда мешавад, бояд ба ишғоли фазо аз ҷониби ҷисмҳои ақлонӣ шабеҳ бошад. Далели он, ки мавқеи фазоии чунин ҷисмҳои ақлонӣ мавҷудияти ҳаҷм ё массаро дар онҳо ифода мекунад, аз таҷрибаи ҳаррӯзаи мо равшан аст. Мутаҳайиз, ба андешаи ин мутафаккир, наметавонад дар заминаи атомҳо маънои дигаре дошта бошад, яъне он наметавонад як навъи машғули фазо бошад. Аз ҷумла, маънои онро дошта бошад, ки вай дар фазо аст, аммо ҳамзамон фазоро мисли як нуқтаи математикӣ ишғол намекунад. Баръакс, барои он ки вай ҳам монанди ҷирми осмонӣ ҳамон маъноро дошта бошад, мутаҳаййиз бояд чизеро ифода кунад, ки дар фазо имтидод дорад ва монанди шайъе фазоеро ишғол намояд. Ин нуқтаи назар ба мутаҳаййиз ҳамчун ифодаи чизи соҳиби имтидод бо хосиятҳое,

ки Ибни Маттавейҳ ва муфассири ӯ номбар кардааст, инчунин бо дигар хосиятҳое, ки онҳоро ал-Боқиллонӣ ва ал-Ҷувайнӣ зикр кардаанд, мувофиқат намояд. Ҳамин тавр, равшан мегардад, ки чизи соҳиби имтидод ҳангоме, ки онро ба чизи дигари соҳиби имтидод пайваст мекунанд, дар ченакҳояш зиёд мешавад ва дар айни ҳол чизи соҳиби имтидод бояд як қисмати фазоро ишғол намуда, дорои андозаи муайян бошад. Тасдиқи возеҳе, ки дар бораи мутаҳаййиз, дурусттараш шакли мухтасари он – «ҳайиз» гуфтан мумкин аст, дар он ифода меёбад, ки он худ ба худ фазоро ишғол мекунад (иннаҳу мутаҳайизун би-нафсиҳи). Гузашта аз ин, муносибати атом ба мутаҳаййизро монанди муносибати ҳастӣ ба атом тасаввур кардан душвор нест. Ифодаи «он чи фазоро тақсим мекунад, дар «Инсāф»-и ал-Боқиллонӣ ҷой дорад: «Ҷавҳар чизест, ки як қисми фазоро ишғол мекунад ва ҳаййиз - ин фазоест (макан) [ки ишғолшуда аст], ё чизеест, ки фазоро тақсим мекунад (ма йуқаддиру тақдира-л-маканӣ) ва намегузорад, ки дар он чизи дигар пайдо шавад» [6, 15]

Ин суханони ал-Боқиллонӣ ва муътазилиёни дигар нишон медиҳанд, ки ду намуди фазо тавассути истилоҳҳои макāн (инчунин ҷиҳа ва муҳаза ифода мешаванд) ва ҳаййиз фарқ мекунанд. Макон фазои холии ишғолнашударо ифода мекунад, аммо ҳаййиз - як қисми муайяни фазои қаблан холиро, ки ҳоло онро объекти имтидоднок ишғол мекунад ва аз ин рӯ, аз фазои холӣ ҷудошуда ва ё ба ҳамин шакл чен карда мешавад. Аз ин рӯ, ба маънои қатъӣ, ҳайиз – фазоеро, ки акнун чизи имтидоддор ишғол мекунад, ифода менамояд. Ал-Ҷувайнӣ масъалаеро ба миён мегузорад, ки оё ҳаййиз дар як вақт бо ташаккул ёфтани атом, ки онро ишғол мекунад, шакл мегирад ё на. Чунин гузориши савол ба он оварда мерасонад, ки ҳаййиз маънои фазои холиро дошта наметавонад. Ин тафсири ҳаййиз ҳамчун фазои ишғолшуда бо таъбири Ибни Маттавейҳ дар бораи он ки чизи имтидоддор фазоро бо ишғоли як қисми муайяни фазо, онро тақсим мекунад. Як муфассири маҷҳул дар тафсири ақоиди Ибни Маттавейҳ боз меафзояд: «Атом он аст, ки фазоро тавре тақсим мекунад, ки ба фазои холӣ ҳамсоя бошад», [11, 69-70] ё ба ибораи дигар, фазои ишғолшуда ба фазои холӣ ворид намешавад. Бо ҳамаи ин, ин ду намуди фазо минтақаҳои ҳамҷавори худи фазо ба он тарзе мебошанд, ки фазоҳои ишғолкардашуда дар фазои холӣ ҷойгир шуда, онро иҳота кардаанд. Ҳамин тариқ, нуқтаи назаре, ки макон маънои фазои холиест, ки онро ягон чиз ишғол накардааст, боиси эътимоди бештар ба мавҷудияти холо (ҷои холӣ) мегардад ва он таълимоте буд, ки онро ҳам муътазилиёни басрӣ ва ҳам ашъариёни мутакаллими асрҳои X ва XI пайравӣ намудаанд.

Ҳамин тариқ, ба андешаи мутафаккирони муътазилӣ иродаи шахс дар ҷанбаи метафизикии он тобеи ирода ва хости Худо буда, дар ҷанбаи дунявии он ба ҳеҷ ваҷҳ як ҳодисаи пешакӣ муайяншудае нест, ки дар ниҳоят ба фаъолияти ихтиёрӣ ё ғайриихтиёрии ӯ оварда расонад; балки он дар як шабакаи мураккаби хоҳишҳо, эътиқодҳо ва ирода, инчунин дар якҷоягӣ бо таъсири қувваҳои берунӣ ташаккул меёбад. Аён гардид, ки ба ҳадди зиёд шудани маҳдудиятҳои дохилӣ ва берунӣ, ки ин фоъилро таҳти тасарруф қарор додаанд, майдони ирода ва озодии шахсро низ бештар маҳдуд мегардад. Аммо, мутафаккирони машшоӣ муътақиданд, ки аввалан, масъулияти ҳуқуқӣ ва маънавии шахс ба доираи озодии иродаи ӯ мутаносиб аст ва сониян, фоъили ҷанбаи моддӣ, яъне шахс, наметавонад ин маҳдудиятҳоро паси сар накунад; фоъили озод метавонад озодона ва бар асоси интихоб ва қарорҳои худ қарор қабул кунад, аммо танҳо дар ҳудуди муайян, зеро вай ирода ва хоҳишҳои ботинии худро пурра иҷро карда наметавонад.

**АДАБИЁТ:**


1. Dhanani, A. Kalam and Hellenistic Cosmology: Minimal Parts in Basrian Mu'tazili Atomism. Ph.D. diss., Harvard University, 1991, 178 p.
2. Furley D. The Cosmological Crisis in Classical Antiquity. In: Proceedings of the Boston Area Colloquium in Ancient Philosophy: Volume II, ed. John J. Cleary, Lanham: University Press of America, 1986, pp. 1-19.
3. Encyclopaedia Iranica. 1 vol., Ed. E. Yarshater. London, Boston, and Henley: Roudedge and Kegan Paul, 1982, pp. 275-280.
4. الأشعری أبو الحسن. مقالات الاسلامتین واختلاف المصتین. عنی بتصحیحه هلموت ریز. فیسبادن، الطبعة الثالثة، 1980. 688 ص.
5. ابن متویه. التذکرة فی احکام الجواهر و الاعرتض. القاهرة 1975. 603 ص.
6. الباقلانی ابو بکر. الانصاف فیما یجب اعتقاده و لا بجوز الجهل به. القاهرة 1950. 200 ص.
7. الجوینی ابو المعلی. الشامل فی اصول الدین. السکندریة 1969. 440 ص.
8. عبد الجبار ابن احمد الهمدانی. شرح الاصول الخمسة. القاهرة 2006. 320 ص.
9. عبد الجبار الهمدانی. المغنی فی ابواب التوحید و العدل. ج. 12. القاهرة 1964. 289 ص.
10. النسابوری ابو الرشید. زیادة الشرح. القاهرة 1969. 430 ص.
11. مولف مجهول. شرح کتاب التذکرة فی احکام الجواهر و الاعراض. تهران – دانشکده پژوهش اسلام، برلین 2006. 324 ص.

## ТАЪЛИМОТИ МЕТАФИЗИКӢ ВА ТАБИАТШИНОСИИ МУЪТАЗИЛА ВА МАЪРИФАТИ *АҚЛОНИИ ОНҲО*

*Мақола таҳлили мухтасари масъалаи пайдоиши ақлгароӣ дар муътазила мебошад, ки ҳамчун як таълимоти динии либералӣ тавсиф мешавад, ки дар зери таъсири назарраси файласуфони Юнони қадим ва навафлотуния ташаккул ёфта, дар он гояҳои аввалини табиатшиносӣ тавлид ёфтаанд. Аз бисёр ҷиҳатҳо, фалсафаи табиатшиносии ин мактаби фикрӣ тавассути дарки ақлонии ҳодисаҳои ҳам ҷаҳони метафизикӣ ва ҳам моддӣ, табиӣ ташаккул ёфтааст. Дар мақола масъалаҳои марбут ба ташаккули дастгоҳи консептуалӣ ва дар асоси ин дастгоҳ созмон ёфтани назарияҳо ва мафҳумҳои куллӣ баррасӣ мешаванд. Атомизм яке аз чунин назарияҳои табиатшиносӣ-фалсафист, ки тавассути мазмунҳои мафҳумҳои ҷавҳар, араз, макон, фазо, ҳаракат, сукун ва г. арзёбӣ мегарданд. Дар маҷмӯи ин назарияҳо ва мафҳумҳо рӯйдодҳои мушаххасе, ки дар олам рух медиҳанд ва робитаи онҳо бо падидаҳои дигар ҳам аз нигоҳи метафизикӣ ва ҳам табиатшиносӣ мавриди таҳлил қарор мегиранд.*

***Калидвожаҳо** муътазила, табиатшиносӣ, ақл, атом, араз, ҷавҳар, фазо, макон, ҳаракат, онтология, гносеология, эпистемология.*

## МЕТАФИЗИЧЕСКОЕ И НАТУРАЛИСТИЧНСКОЕ УЧЕНИЯ МУ‘ТАЗИЛИТОВ И ИХ РАЦИОНАЛЬНОЕ ПОСТИЖЕНИЕ

*Статья представляет собой краткий анализ вопроса об истоках рационализма в му‘тазилизме, которая характеризуется как сложившуюся под значительным влиянием древнегреческих философов и неоплатонизма либеральная религиозность, в которой складывается первейшие идеи натуралистического характера. Во многом натуральная философия этой идейной школы складывалась рациональным постижением как метафизического, так и материального, естественного мира. В статье рассматриваются вопросы, связанные с образованием понятийного аппарата и на основе этого аппарата, - целые теории и концепции. Атомизм является одной из таких натурфилософских теорий, который рассматривается через значения понятий джавхар (субстанция), араз (акциденция), макон (место), фазо (пространство), харакат (движение), сукун (покой) и др. В совокупности этих теорий и понятий анализируются конкретные события, которые происходят в мире и их соотношения с другими явлениями как в метафизическом, так и физическом плане.*

***Ключевые слова:** метафизика, естественнознание, разум, атом, акциденция, субстанция, место, пространство, движение, онтология, гноселогия, эпистемология*

## METAPHYSICAL AND NATURALISTIC THOUGHTS OF THE MU'TAZILITS AND THEIR RATIONAL PERCEPTION

*The article is a brief analysis of the issue of the origins of rationalism in mu'tazilism, which is characterized as a liberal religiosity that developed under the significant influence of ancient Greek philosophers and neo-Platonism, in which the first ideas of a naturalistic nature are formed. In many ways, the natural philosophy of this ideological school was formed by the rational comprehension of both the metaphysical and the material, natural world. The article deals with issues related to the formation of a conceptual apparatus and, on the basis of this apparatus, whole theories and concepts. Atomism is one of such natural philosophical theories, which is considered through the meanings of the concepts of jawhar (substance), ‘araz (accidence), makon (place), phazo (space), harakat (movement), sukun (rest), etc. There are analyzed specific events that occur in the world and their relationship with other phenomena both in the metaphysical and physical terms in the aggregate of these theories and concepts.*

***Keywords:** metaphysics, naturalology, reason, atom, araz (accidence), javhar (substance), makon (place), phazo (space), harakat (movement), ontology, gnoseology, epistemology*

***Маълумот дар бораи муаллиф:***

***Қосимов Қурбон Абдусамадович** - ӯнвонҷӯи кафедраи умумидонишгоҳии фалсафаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ. Тел.:900886673.*

***Сведения об авторе:***

***Косимов Курбан Абдумасамадович-*** *соискатель кафедры философии Таджикский государственный педогогический университет имени С. Айни. Тел.:900886673.*

***About the author:***

***Kosimov Kurban Abdusamadovich-*** *applicant of the Chair of Philosophy of Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Ayni, Tel.: (+992)900886673.*

## АНДЕШАҲОИ АСТРОНОМӢ ДАР ФАРҲАНГИ ИСЛОМӢ ВА ТАЪСИРИ ОНҲО ДАР ТАШАККУЛИ ИДЕЯҲОИ АСТРОЛОГИИ АҲМАДИ ДОНИШ

***Каримов Р.С.***

*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ*

Астрономия дар Юнони қадим ҳамчун илм инкишоф ёфта, вале рушди худро дар асрҳои миёнаи Шарқ ба даст овард. Он маҷмуан донишҳои космогонӣ ва космологии инсон дар бораи Коинотро дар бар мегирад. Мафҳуми космогония (kosmogonia) аз забони юнонӣ гирифта шуда, kosmos - олам, кайҳон ва gone, goneia - тавлид мебошад. Ё худ кавншиносӣ, илмест, ки таърихи ташаккул ва таҳаввули ҷирмҳои осмонӣ сайёраҳо, аз ҷумла Замин, ситораҳо ва галактикаро меомӯзад.[7. с, 481] Истилоҳи космология бошад, аз калимаи юнонии kosmos - олам, кайҳон ва logos - таълимот, илм гирифта шудааст. Илмест, ки дар бораи сохту низоми Коинот баҳс мекунад. [7. с, 483]

Муҳаққиқон таърихи пайдоиши кайҳоншиносиро на кам аз се ҳазор сол ҳисобида, қайд мекунанд, ки идеяҳо дар бораи Коинот дар доираи донишҳои фалсафӣ ташаккул ёфта, аввалин ғояҳоро дар бораи олам маҳз файласуфон баён кардаанд. Дар ин маврид, донишманди шинохтаи тоҷик А.Турсунов дар бораи таърихи пайдоиши Коинот, манзараи Коинот, беинтиҳоии Коинот ва баррасии масъалаи низоми фалак ва мақоми инсон дар олам тадқиқоти бунёдӣ анҷом дода, китобҳои арзишманде рӯйи нашр овардааст, ки дар онҳо андешаи файласуфон воқеъбинона таҳлил ва муқоиса карда шудаанд.

Муҳаққиқи эронӣ Ф.Ҳино бошад, дар кори тадқиқотии худ «Таърихи фалсафа дар ҷаҳони ислом» ба ин мавзуъ таваҷҷуҳ дода, бавижа дар хусуси мавҷуд будан ва ё набудани донишҳои астрономӣ дар фарҳанги араб зикр менамояд, ки мусулмонон пеш аз асри аббосӣ бо илми нуҷум ошноӣ надоштанд. Он чӣ дар ин замина доштанд ҳамон танҷим буд.

Мақсуд аз танҷим нигаристан дар ҳоли кавокиб, ҳаракат ва аҳкоми онҳо барои таъйини хусуф ва кусуф, иртиботи авзоъи кавокиб бо ҳодисаҳои олам, барои иттилоъ аз соати саъд, вазъи оянда ва ҷангу сулҳ, борону сойири бурузотҷӯӣ бо он ки дини ислом танҷиму ситорабиниро наҳӣ карда буд. Бо вуҷуди ин халифаҳо, махсусан аббосиҳо ба он таваҷҷуҳи фаровон доштанд ва бо мунаҷҷимон «дар бисёре аз аҳволи идорӣ, сиёсӣ ва амалӣ, ки аз оқибати он бим доштанд, машварат мекарданд. Аз онҳо мехостанд, ки то дар ҳалли фалак ва уқсуруноти кавокиб назар кунанд… Ҳамчунин, бемориҳоро бар муқтазои ҳоли фалак муолиҷа мекарданд ва пеш аз пардохтан ба ҳар коре ҳатто ғизои хурдан ва ба дидори дигарон рафтан ба саъд ва наҳси кавокиб менигаристанд». [6. с, 363]

Аз ин андеша бармеояд, ки яке аз сабабҳои асосие, ки хулафоро ба тақвияти илми нуҷум водор кардааст иҷрои ҳамин амалҳо буданд. Иллати дигар анҷоми фароизи динӣ ба ҳисоб мерафт, ки аз назари вақтшиносӣ мусулмононро ба таҳсил вомедошт.

Ховаршинос Нолину низ дар китоби худ «Таърихи нуҷуми исломӣ» мегӯяд: «бар ҳар мусулмоне воҷиб буд, ки вақти намозро, ки ба ихтилофи макон ва замон тағйир мекард, бишносад. Мусулмон мебоист, ки дар ҳангоми намоз рӯ ба ҷониби қибла кунад, пас бояд ҷиҳати қибларо бишносад ва ин худ мубтанӣ бар ҳалли масъалае аз масоили илми ҳайат аст ва ба мусосоти курравӣ марбут мебошад низ чунин аст рӯза доштан ва рӯза кушодан дар моҳи рамазон, ки мусулмононро ба муҳосибот фалакӣ бармеангезонад. Ин аҳкоми шаръӣ дар бораи рӯза мунаҷҷимони мусулмонро бар он доштааст, ки дар бораи масоили душвор вобаста ба рафияти ҳалол ва аҳволи шафқ ба ҷустуҷӯ бархезанд ва ба ҳамин ҷиҳат дар ин бора пештрафтҳое карданд ва муҳосибот ва равишҳои тозае оварданд, ки миёни юнониён ва эрониёни қадим собиқа надошт». [5. с, 285-286]

Мусулмонон маълумоти нуҷумии худро аз китобҳои ҳандасӣ ва ирфонӣ дарёфт карданд. Дар аҳди Маъмун муҳимтарин китоби нуҷумӣ «Синди Ҳинд» - и бузург ва «Маҷастӣ»-и Батлимус ва ғайра мебошанд, ки ба арабӣ тарҷума шудаанд. Уламои исломӣ танҳо ба нақли осори гузаштагон напардохтанд, балки хатоҳои онҳоро низ ислоҳ карданд ва матолиби бисёре бар он чи онҳо оварда буданд, афзуданд.

Мусулмонон нахустин касоне буданд, ки ба тариқаи илмӣ тавонистанд тӯли як дараҷа аз хати нисфи анҳорро таъйин кунанд. Аввалин бор усули расм бар сатҳи кураро шинохтанд ва ба курравӣ

будани замин ва даврзании он ба гирди меҳвараш қойил шуданд ва инҳиноҳи кусуф ва майли фалак-ал-бурҷро сабт каданд ва дар солшуморӣ низ қадамҳои бузург бардоштанд. Онҳо барои анҷоми ин мақсадҳо расадхонаҳои чанде бино карданд ва барои шинохти кавокиб олоти дақиқе ихтироъ намуданд. Машҳуртарини ин олоти дақиқ устурлоб аст, ки ба саъй ва диққати онон ислоҳ шудааст. Ва аз ин ҷо буд, ки илми фалак дар назди мусулмонон ба сурати илми истиқройӣ даромад.

Аз далелҳо бармеояд, ки бартарии мусулмонон дар ин илм коркард кардани вожаҳои нуҷуми арабӣ аст, ки дар қуруни васат ривоҷ дошт ва имрӯз низ мутадовил аст. Ин вожаҳоро мунаҷҷимони мусулмон ба қомуси нуҷуми Аврупо дохил карданд. Аз қабили: Albadran, Altaref, Caph, Arnab, Vega, Deneb ва ғайра.

Ҳамин тавр, аз омӯзиш ва таҳлили андешаҳо маълум мегардад, ки донишмандони варзидаи ин соҳа, ки илми нуҷуми исломиро рушд доданд, мутафаккирони тоҷик ба ҳисоб мерафтанд Онҳо оид ба масъалаҳои тавсифи ҳодисаҳои осмонӣ, бунёди расадхонаҳо ва сохтани олоти гуногуни астрономӣ, таҳияи тақвим, усулҳои таҳқиқи ҷирмҳои осмонӣ, нишон додани қимматҳои дуруст ҳангоми чен кардан ва ғайра андешаҳои илмӣ баён дошта, саҳми назарраси худро дар рушди илми нуҷум гузоштаанд.

Хусусан, дар расадхонаи Бағдод бори аввал дарозии 1°-и камони меридиани Замин чен карда шуд, ки аз ҳисобкуниҳои ҳозира тафовути ҷиддие надорад. Абӯрайҳони Берунӣ радиуси Заминро бо усули нав, аз рӯйи вобастагии дурии дидашавандагии уфуқ ба баландии ҷойи мушоҳида (яъне, баландии кӯҳ ё теппа) муайян намуд, ки аз ҳисоби ҳозира қариб 110 км фарқ мекунад.

Қимати майли эклиптика нисбат ба экватор барои солҳои гуногун ва суръати пресессия чен карда шуда, дар ҳамин замина ҳодисаи камшавии майли эклиптика нисбат ба экватор аз тарафи Собит ибни Қурра ва Абӯмаҳмуди Хуҷандӣ маълум карда шуданд. Ҳамзамон қимати камшавии асрии он аз ҷониби А.Берунӣ аниқ карда шуд, ки он аз ҳисобкуниҳои ҳозира фарқи куллие надорад.

Умари Хайём бошад, тақвими нисбатан мукаммал таҳия кард, ки дар таърихи илм беназир аст. Инчунин, мутафаккирони тоҷик дар сохтани як қатор асбобҳои астрономӣ, аз ҷумла: секстант (аз ҷониби Абӯмаҳмуди Хуҷандӣ), квадрант (аз ҷониби Холиди Марварудӣ), шомила (аз ҷониби Абӯмаҳмуди Хуҷандӣ), доираи ҳиндӣ (аз ҷониби А.Берунӣ), нониус (аз ҷониби Ибни Сино), устурлоби зарқола (аз ҷониби Абӯмаҳмуди Хуҷандӣ ва ё Иброҳими Зарқола), глобуси осмонӣ (аз ҷониби Абдураҳмон Суфӣ) ва ғайра муваффақ буданд.

Дар баробари ин дастовардҳо идеяҳои Иброҳими Наққош, Насириддини Тӯсӣ, Ибни Шотирро доир ба ҳаракати сайёраҳои Системаи офтобӣ, ки ба назария (модел)-и ҳаракати сайёраҳо тағйирот ворид намудаанд ба кашфи низоми гелиомарказӣ (офтобмарказӣ)-и олам таъсир гузоштанд. Ба маълумоти Абӯубайди Ҷузҷонӣ дар Исфаҳон Ибни Сино китобҳои «Аш-Шифо», «Мантиқ» ва «Ал-Маҷистӣ»-ро ба анҷом мерасонад. Хусусан, дар «Ал-Маҷистӣ» оид ба ихтилофи манзар даҳ шаклро дохил карда, дар охири он дар илми ҳайъат чизҳоеро ворид кард, ки пеш аз ин гуфта нашуда буданд. [2. с, 164-165]

Ё худ дар ҷойи дигар Ҷузҷонӣ зикр медорад, ки «Як шаб дар пеши Алоуддавла аз халале сухан рафт, ки дар тақвимҳои маъмулаи тибқи расадҳои қадима, ворид шуда буд. Пас, амир ба Шайх фармуд, ки ба расади ситораҳо бипардозад ва аз мол он миқдор, ки лозим буд, ба ӯ дод. Шайх ба ин кор оғоз кард ва фароҳам овардани олатҳо ва ба хидмат гирифтани созандагони онҳоро ба ман супурд. Аз ҷумла ҳангоми расад олатҳое сохт, ки собиқа надоранд ва дар бораи онҳо рисолае таълиф намуд. Аз ҷумла, худи Ибни Сино зикр мекунад, ки «Ман ҳашт сол ба расад машғул будам ва мақсадам муайян кардани он чи буд, ки Балтимус (Птоломей) дар расадҳо аз пеши худ гуфтааст. Дар натиҷа баъзеи он маро маълум шуд. Умуман, бисёр масъалаҳо ошкор шуданд, аммо бо сабаби мусофиратҳои зиёд ва машаққатҳои он дар кори расад халал ворид мешуд». [2. с, 165-168] Баъд аз он шайх дар Исфаҳон китоби «Алоӣ»-ро таълиф кард.

Ибни Сино дар фасли ҳайати китоби «Аш-шифо»-и худ ба нуҷум мепардозад ва дар ҳилоли яке аз баҳсҳои худ ба баҳси қадимае ишора мекунад, ки дар он дар бораи ҷойгоҳи фалаки Зуҳра ва Уторид баҳс шудааст. Ибни Сино дар дифоъ аз назари гурӯҳе аз ин афрод истидлол мекунад, ки фалаки Зуҳра бояд миёни фалаки Хуршед ва Замин қарор дошта бошад. Сипас, дар посух ба назари мухолифоне, ки муътақид буданд дар сурати ин иддао бояд ба таври муназзам шоҳиди гузари Зуҳра аз муқобили қурси Хуршед бошем менависад далел бар ин амр вуҷуд надорад. Чаро ки агар ин ду фалак зовияе бо ҳам дошта бошанд, ин рӯйдод ҳар бор такрор нахоҳад шуд ва дар мавқеъҳои хоссе рух хоҳад дод. Зимни он, ки ман Зуҳраро чун қатраи сиёҳе дар муқобили қурси Хуршед дидаам.

Ин иддао шояд ба танҳоӣ ҳеҷ чизро исбот накунад, аммо замоне, ки таърихи гузарҳои Зуҳраро мурур мекунем мутаваҷҷеҳ мешавем, ки панҷ сол пеш аз вафоти Ибни Сино гузари Зуҳра дар Эрон ва ҳангоми ғуруб рух додааст. Яъне дар 30-юми моҳи майи соли 1032-и милодӣ ин гузар аз нимаи ғарби Эрон қобили рӯият буда ва бо таваҷҷуҳ ба ин, ки замони он наздики ғуруб буда имкони рӯияти ин падида бидуни ҳеҷ иброз ибтикои вуҷуд доштааст. Ҷамъ шудани ин воқеият дар канори диққати илмии Ибни Сино ва аз сӯи дигар ин воқеият, ки аз бахши ҳайати «Аш-шифо»-ро дар

охирин солҳои умраш нигошта ва дар он солҳо дар нимаи ғарбии Эрон ҳузур дошт ин эҳтимолро ба таври қобили таваҷҷуҳе афзоиш медиҳад. Ба ин тартиб шояд нахустин бор дар таърих Ибни Сино буда, ки шоҳид ва сабткунандаи падидаи гузари Зуҳра буда ва ин иттифоқро то соли 1000-ум баъд, ки Ҷурмиё Ҳуркис онро такрор кард, бераќиб будааст.

Умуман, то замони зиндагӣ ва эҷоди маорифпарвари тоҷик Аҳмади Дониш дастовардҳои илмии мутафаккирони асримиёнагии Шарқ дар соҳаи илми нуҷум асосан, таҳияи ҷадвалҳои ҳолатҳои Офтоб, сайёраҳо, ситораҳо, мавқеи географии маҳалҳо ва ғайра ба ҳисоб рафта, мазмуни асосии таълифоти онҳоро ташкил медоданд ва бо номи «Зиҷҳо» маъруф буданд. Аз ҷумла: «Зиҷи Маъмун» (марбут ба дастовардҳои олимони расадхонаи Бағдод); «Зиҷи Ҳикматӣ» (дастовардҳои олимони расадхонаи Қоҳира); «Зиҷи Маликшоҳӣ» (дастовардҳои олимони расадхонаи Исфаҳон); «Зиҷи Элхонӣ» (дастовардҳои олимони расадхонаи Мароға); «Зиҷи ҷадиди Курагонӣ» (дастовардҳои олимони расадхонаи Самарқанд) ва ғайра. [1]

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки таҳияи ҷадвалҳои ҳолатҳои Офтоб, сайёраҳо, ситораҳо, мавқеи географии маҳалҳо ва ғайра мазмуни асосии таълифоти олимонро ташкил медоданд. Аз ин рӯ, зиҷ гуфта ҷадвалеро дар назар доштанд, ки аз рӯйи он ҳаракат ва вазъияти ситора ва сайёраҳо омӯхта мешуданд. Ё худ чӣ тавре муҳаққиқи тоҷик М.Холов мафассалтар баён кардааст: «Зиҷ маҷмӯи ҷадвалҳои илми ситорашиносӣ ё китобест, ки дар он маълумот оид ба андозагирии вақт (тартиб додани тақвим, давомнокии рӯз, вақти адои намоз ва ғ.), муайянкунии координатаҳои ҷуғрофии маҳал (тӯлу арз), самти қибла, ҳисоби вазъи наййирайн (Офтобу Моҳ) дар кураи осмон, лаҳзаи тулӯъ ва ғуруби сайёрот, гирифти Офтобу Моҳ (хусуфу кусуф) ва ғайра ҷамъоварӣ шуда, барои фаъолияти ҳаррӯзаи мунаҷҷимон зарур буданд.

Вожаи «зиҷ» ба қавли баъзе олимон, муарраби «зик», «зиг» ва ба қавли Абурайҳони Берунӣ (дар «Қонуни Масъудӣ») «зеҳ»-и форсӣ буда, маънои он риштаест, ки дар сохтмон бо он тарҳи иморат ва дар нассоҷӣ нақшу тасвири матоъро дуруст мекарданд. Билохира, ба муносибати шабоҳати хатҳои ҷадвали ададӣ ба ришта, чунин ҷадвалҳоро зиҷ меномидагӣ шуданду дертар он ба забонҳои юнонию лотинӣ низ ворид гардид». [3. с, 5-6]

Муҳаққиқи эронӣ Аҳмад Ором бошад, дар тарҷумаи китоби Саид Ҳусайн Наср зери унвони «Илм ва тамаддун дар ислом» мафҳуми зиҷро чунин тавзеҳ медиҳад: «Калимаи зиҷ, ки асли санскритӣ дорад ва аз тариқи забони паҳлавӣ вориди забонҳои форсӣ ва арабӣ шудааст, ба маънии ҷадвали нуҷум аст. Вале амалан дар зиҷҳо, илова бар ҷадвали нуҷумӣ, баҳсҳои назарии нуҷум ва фусуле дар бораи гоҳшуморӣ («нигоҳ доштани ҳисоби солу моҳу рӯз», «тақвим», «солшуморӣ») ва усули комили риёзиёт марбут ба нуҷум ва соир, вузуъҳои вобаста низ вуҷуд дорад. Зиҷҳо, ки бахши муҳимме аз осори нуҷуми исломиро ташкил медиҳанд, маъмулан ба номи мусаннифи онҳо ё ба номи амире, ки дар таҳти ҷамъияти ӯ зиҷ таҳия шуда ё ба номи шаҳре, ки таълифи зиҷ дар он сурат гирифтааст, номида мешаванд ва гоҳҳо номгузории зиҷ сурати дигаре пайдо мекунад». [4. с, 69]

Аҳмади Дониш - мутафаккири барҷаста, файласуф, сиёсатмадор, муаррих, асосгузори равияи маорифпарварӣ дар Осиёи Миёна ба ҳисоб меравад. Дар тӯли зиндагии худ дониши кофӣ дар соҳаҳои ҷомеашиносӣ, ҷуғрофия, муҳандисӣ, меъморӣ, маъданшиносӣ дошта, маҳорати хуби сураткашӣ ва хаттотӣ дошт. Бар замми ин ҳунарҳо ӯ аз илми нуҷум низ баҳраи комил ба даст оварда буд. Ақидаҳои космогонӣ ва космологии Аҳмади Дониш дар асари арзишманд ва нодири ӯ «Манозир-ул-кавокиб» баён ёфтаанд. Ба иттилои муҳаққиқи тоҷик М.Холов «Дастхати «Манозир-ул-кавокиб»-и Аҳмади Дониш яке аз дастнавиштаҳои нодири асри XIX буда, дар сабки анъанавии астрономияи классикии форсии тоҷикии асримиёнагӣ - зиҷҳо навишта шудааст. Дар он маълумоти муфассал оид ба истилоҳот ва аломату ишороти нуҷум, ҳисоби позитсионии шастӣ ё худ «ҳисоби мунаҷҷимон», ҳафт сайёра (кавокиби сабъа), бурҷҳои дувоздаҳгона, манозили Қамар, раъсу занаб, ситораҳои думдор (зузуввоба, зузанаб) дода мешавад». [3. с, 3]

Мутолиаи асари «Манозир-ул-кавокиб»-и Аҳмади Дониш далолат аз он мекунад, ки ақидаҳои астрономии Аҳмади Дониш дар қолаби таълимоти нуҷумшиносии мутафаккирони пешина баён шуда, дар саҳифаи таърихи мардуми тоҷик ҳамчун хотимабахши андешаҳои классикии нуҷумшиносӣ муаррифӣ мешавад. Асари мазкур дар сабки классикӣ аз рӯйи маълумотии кофии бардошткарда, мутолиаҳои пайдарпай, дақиқу воқеӣ ҳисоб кардани ҷирмҳои осмонӣ, мушоҳидаву расад таълиф гардидааст.

Расад чист ва чӣ нақш дар шинохти сайёраву ситораҳо ва ҷирмҳои мухталифи осмонӣ, ташаккули донишҳои астрономӣ бозидааст? Бояд посух дод, ки дар сарчашмаҳо ва фарҳангномаҳо расад аз лиҳози луғавӣ ба ду маъно фаҳмида мешавад. Аввалан, расад - он чи аз рӯйи тақсим ба касе мерасад, ҳисса, саҳм, расама. Дуюм, маънои расад мушоҳида, таҳти назар ва мушоҳида қарор додани ситораҳо мебошад. Расадбанд касе аст, ки вазъияти сайёра, ситорагон ва паймоиши масофаи байни онҳоро ҳисоб мекунад. Ба маънои дигар, мунаҷҷим, ситорашинос ё ахтаршинос. Расадбандӣ маънои муайян кардани вазъ ва ҳолати ситораҳо, ситорашиносӣ, ахтаршиносиро ифода мекунад. Расадгоҳ бошад, ҷое дар баландӣ аст, ки мунаҷҷимон нишаста, вазъи сайёра ва ситорагонро

мушоҳида мекардаанд, ё ба истилоҳи дигар, расадхона. Ҷое, ки аз он ҳолати ситора, сайёра ва дигар ҷирмҳои осмонӣ мушоҳида карда мешаванд.

Бинобар ин, расадхонаҳо ба унвони иттиҳодияи мушаххаси илмӣ, ба он хотир таъсис дода шуданд, ки вазъи сайёраву ситораҳо ва дигар ҷирмҳои осмонӣ мавриди мушоҳида ва таҳти назар қарор дода шаванд. Саид Ҳусайн Наср дар таълифоти худ ба масъалаи таъсиси расадхонаҳо ва нақши расадхонаҳо дар омӯзишу таҳқиқи ҷирмҳои осмонӣ, сайёраву ситораҳо таваҷҷуҳ дода, чунин маълумот медиҳад, ки нахустин расадхона дар таърихи фарҳанги исломӣ расадхонаи Шимосия аст, ки Маъмун дар ҳудуди солҳои 213-828-и ҳиҷрӣ дар Бағдод бино кард. Ду мунаҷҷими номдор Фазл бинни Навбахт ва Муҳаммад бинни Мусо ал-Хоразмӣ бар он раёсат доштанд. Дар пайи ин расадхона як ришта расадхонаҳои дигар сохта шуд, ки ҳар як бо номи мунаҷҷиме пайваст буд. Ҳамчун расадхонаи Баттонӣ дар Риқа ва расадхонаи Абдураҳмон Суфӣ дар Шероз. Пас аз қарни чаҳорум/даҳуми мелодӣ расадхонаҳо рафта-рафта ҷанбаи умумитар пайдо карда, маъмулан ба шоҳон ва амирон вобастагӣ доштанд. Масалан, расадхонаи Ҳамадонро Алоуддавла дар ҳудуди 414\1032-и милодӣ барои Абӯалӣ ибни Сино таъсис дод. Камтар аз як қарн баъд Маликшои Салҷуқӣ нахустин расадхонаи шоҳиро бино ниҳод, ки умри тӯлонӣ пайдо кард ва дар он чандин мунаҷҷим ва аз ҷумла Умари Хайём тақвими ҷалолиро тарҳрезӣ кардааст. [4. с, 60]

Рушд ва такомули расадхонаҳо бо таъсиси расадхонаи Мароға иртибот дорад. Бинои он дар соли 657/1261-и милодӣ бо фармони Ҳаллоку, набераи Чингизхон оғоз шуд ва ин подшоҳ барои нигоҳдории он муқавфоти хос қарор дод. Китобхонаи муштамил бар 400 000 ҷилд китоб замимаи он буд ва (бинобар таҳқиқоти ҷадиди донишмандон ва билхоса Сойилӣ дар китоби англисии «Таърихи расадхона дар ислом») бо олоти нуҷумӣ муҷаҳҳаз буд. Аз қабилӣ: зот-ал-рубъи деворӣ ба шуоъ 430 сантиметр, кураҳои зот-ул-ҳалқ, ҳалқаи инқилобӣ, ҳалқаи эътидолӣ ва ҳалқаи самут. Зиҷи Илхонӣ ба соли 670/1374-и мелодӣ дар ин ҷо фароҳам шуд. Вале расадхонаи Мароға танҳо махсус расади ситорагон набуд. Як созмони муфассали илмӣ буд, ки дар он тақрибан ҳамаи шохаҳои илмҳо омӯзонида мешуд ва машҳуртарин донишмандони қуруни вустоӣ дар он ҷамъ омада буданд. [4. с, 70]

Роҳбарии расадхонаи мазкурро файласуфи тоҷик Насириддини Тусӣ ба уҳда дошта, донишмандони дигар, аз ҷумла Кутбиддини Шерозӣ (кошифи иллати аслии ташкили рангинкамон (қавси қазх), Муҳиддин-ал-Мағрибӣ, Наҷмиддин Дабириони Қазвинӣ, Асируддини Абҳарӣ, ки ба ғайр аз илми нуҷум дар фалсафа низ ҷойгоҳи намоён доштанд, дар ин расадхона фаъолият мекарданд. Ба маълумоти Саид Ҳусайн Наср аз сабаби он, ки дар он давра замони мубодилаи иттилооти нуҷумӣ миёни Эрон ва Чин буд, донишманди чинӣ низ бо номи Фою-мун-ҷӣ дар миёни он ҷамъ дида мешуд. Файласуф ва доират-ул-маорифнависи масеҳӣ Ибн-ал-Мабрӣ низ дар Марога ба тадриси усули Уқлидус ва ал-маҷастии Батлимус иштиғол дошт. [4. с, 70]

Шуҳрати расадхона дар шарқ, ба асри понздаҳуми милодӣ рост меояд, ки Улуғбек, набераи Темур расадхонаи худро дар Самарқанд бунёд кард. Улуғбек, ки худ мунаҷҷими шоистае буд беҳтарин риёзидонҳои замонро дар расадхона ҷамъ оварда, барои муваффақ шудани олимон ба дастовардҳои назарраси нуҷумӣ онро бо олоти нуҷумӣ таъмин намуд. Қозизодаи Румӣ, Алӣ Қушчӣ, Ғиёсиддини Кошонӣ, ки тасаллути вай бар назарияи ададҳо ва роҳҳои фанни ҳисоб то ин авохир бе рақиб ба шумор мерафтааст аз зумраи олимони ин муҳити илмӣ ба ҳисоб мерафтанд.

Дар оғози китоби худ «Манозир-ул-кавокиб» Аҳмади Дониш як масъалаи муҳимро таҳқиқ мекунад, ки аксари масъалаҳои ҳикамӣ ваҳмӣ ва заннӣ мебошанд, вале аглаби онҳо масоили нуҷум тақрибӣ ва кашфӣ мебошанд. Тақрибӣ будани он аз ҳадди мавҷудияти мавод ва кашфи он аз истеъдоди мунаҷҷим вобастагӣ дорад.

Фасли аввали китоб ба масъалаи маърифати истилоҳоти тақвим ва арқоме, ки дар изои бурҷу кавокиб, ки мутафаккирони гузашта то замони ӯ вазъ кардаанд, бахшида шудааст. Ваҷҳаш он, ки чун дақиқа ба 59 расад ва ба 59 сония таҷовуз кунад, як дараҷа[а] шавад. Ва дараҷа чун ба 29 расад ва ба 59 дақиқа таҷовуз кунад, як бурҷ шавад. Ва чун бурҷ ба 11 расад ва ба 29 дараҷаву 59 дақиқа[б] расад, як даври фалакулбуруҷ, ки иборат аз сесаду шаст дараҷа аст, тамом шавад ва боз давра аз сар, ки аввали Ҳамал аст муҳосиб гардад. [3. с, 18]

Маърифати мизоҷи бурҷи дувоздаҳгона ва интисоби маволиди сегона ба онҳо масъалаи дигари меҳварии асар ба ҳисоб меравад. Дар ин фасл Аҳмади Дониш оид ба 12 бурҷе, ки аз онҳо Офтоб дар тӯли ҳаракати солонааш мегузарад ва онҳоро «бурҷҳои дувоздаҳгона» меноманд, маълумот дода, бо нишон додани дараҷа ва хосиятҳояшон ба таври зайл зикр медорад: ҳамал, савр, ҷавзо, саратон, асад, сунбула, мизон, ақраб, қавс, ҷаддӣ, далв ва ҳут. Масалан, бо тавсияи маорифпарвар «Ҳар гоҳ, ки яке аз ин буруҷ манҳус гардад ба ҳулули наҳс, чун Зуҳал ва Миррих ё собитаи наҳс ё ба вуқӯи Уторид ва наҳсе ё қирони наҳсайн ё иҳроки кавкабе дар он, хоса кавкаби наҳс ҳамчу эҳтироз Зуҳал ё Миррих далели заъф ва офати мавҷудоти он бурҷ бошад, бар тибқи он ҳукм бояд кард. Ва агар монеае бар зидди он бувад, яъне бо вуҷуди ин аҳвол кавкаби саъде нозир бувад ва дафъи зарари ин нуҳус кунад, ҳукм бар заъфи мансуботи он бурҷ натавон кард, хоса агар монеа қавӣ бувад, балки бо эътидол ҳукм

кунад. Миррих наҳси қотеъ аст дар ҳар бурҷе, ки бувад. Мизоҷи мансуботи он бурҷро ночиз мегардонад, ҳамчу оташ, ки дар найистон афтад ва хушку тар бисӯзад…».[3. с, 42]Дар фасли мизоҷи раъс ва занаб (сар ва дум, дунб) маорифпарвар чунин андеша дорад, ки ҳар ҷо, ки мадори Моҳро бо мадори Офтоб қатъ афтад ва баъд аз қатъ афтодан дар шимоли минтақа гузарад, онро «раъс» гӯянд. Ва дар ҳар ҷо, ки баъд аз тақотуъ дар ҷануби минтақа гузарад, онро «занаб» гӯянд. Минтақаи васат фалакулбуруҷ аст. Ва минтақаи фалаки муаддилро «хати муаддилуннаҳор» гӯянд. Ва хати устуво, ки дар аввали ақолим ва васати кураи арз фарз кардаанд, ба изои он аст. Ва чун Офтоб аз муҳозии ин хат тулӯъ кунад, шабу рӯз яксон бошад. [3. с, 43]

Ба ақидаи Аҳмади Дониш раъс ин саъд аст, яъне саодату хушнудиро ба бор меорад. Аммо занаб наҳс аст, ки ба заъфу ноумедӣ дучор мегардонад. Қазияи аз як бурҷ ба бурҷи дигар гузаштани ситораҳоро маорифпарвар таҳвил меномад. Таҳвили Қамар дар бурҷро интиқол мехонад. Дар як бурҷ, дар як дақиқа ҷамъ омадани ду ситораро қирон ва ё худ муқорана (ба ҳам наздикшавии ду ситора ба як бурҷ) меномад.

Дар баробари ин, ба ҳам наздик шудани сайёраҳоро дар як бурҷ таҳлилу таҳқиқ карда, хосияти ҳодисаҳои рухдодаро тавзеҳ медиҳад. Масалан, ба андешаи маорифпарвар агар Зуҳал ба бурҷи Ҳамал таҳвил ёбад, далел аст, ки ҷангу муҳорибаҳои салотин ба вуқуъ оянд, ҳаво сард гашта, боронгарӣ зиёд шавад, ки ин ҳол аҳволи раиятро бад кунад, шаҳрҳо вайрон гарданд ва ғайра. Ё худ таҳвили Зуҳал дар бурҷи Ҷавзо ба он мусоидат мекунад, ки бодҳои хушк пайдо шавад, беморӣ дар байни ҷавонон зиёд шавад, офат дар меваҳо расад ва боронгарӣ бештар гардад. Дар сурати таҳвил ёфтани Зуҳал дар бурҷи Саратон сармо сахт шавад, бориш зиёд гашта, нуқс дар обҳо пайдо шавад, ба ҳайвоноти обӣ офат раса два ғайра. Таҳвили Муштарӣ дар бурҷи Ақрабро далели ривоҷи ошӯбу фитна, ҷабру ситам ва талафи амвол меҳисобад.

Умуман, маорифпарвар таҳвили сайёраҳоро дар 12 бурҷ таҳлил карда, бо далелҳо ҳодисаҳои рухмедодаро нишон медиҳад, ки тавзеҳи ҳар яки онҳо аз доираи мақола берун аст. [3. с, 44-85]

Аҳмади Дониш ҷисмҳоро ба ду қисм: басит (содда) ва мураккаб ҷудо мекунад. Зимни тавзеҳи аҷсоми басит онҳоро низ ба ду қисм: афлоку аносируссақл ва аносири арз ва ҷисмҳои мураккабро бошад, ба се қисм: маъдан, наботот ва ҳайвонот тақсим карда, онро «маводи салоса» меномад. [3. с, 136]

Ба андешаи маорифпарвар чор унсур асоси пайдоиши мавҷудот мебошанд. Замин дар васати афлок ҷойгир буда, шакли он куравӣ аст. Кӯҳҳову мағокҳо ва баландиву пастиҳое, ки дар вай аст шакли онро куравӣ гардонидаанд. Як рубъ (чоряк, яке аз чор ҳиссаи Замин – Р.Каримов) - и онро об ташкил медиҳад.

Инчунин, маорифпарвар мавҷудият нуҳ фалакро эътироф карда, ҷойгиршавии онҳоро ба таври зайл нишон медиҳад: фалаки аввал мақарр (ҷой, ҷои қароргирӣ, макон) - и Моҳ аст ва фалаки дуюм ҷои Уторид мебошад. Фалаки сеюм, мақоми Зуҳра аст ва фалаки чаҳорумӣ тахтгоҳи Шамс (Офтоб) аст. Фалаки панҷум, Миррих, шашум Муштарӣ, ҳафтум Зуҳал, ҳаштум маҳалли савобиту самои зотулбурҷи ӯст. Кавокиби марсуда дар ин фалак 1022 адад мебошанд. Фалаки нуҳумро маорифпарвар ба таври зайл тавзеҳ медиҳад: ба забони шаръ «ақли кулл» ва «ҳақиқати Муҳаммадӣ» ва «аршулраҳмон» ва ба забони ҳукамо «фалакулафлок» ва «фалакулатлас» ва «ақли аввал» ва «муҳитулафлок» гӯянд, собиқан мазкур шуда, ки дар он ҷо на замон асту на макон, на пуру на холӣ ва илм ба кунҳи ин фалак мақдури башарӣ нест. [3. с, 141-143]

Ба ақидаи Аҳмади Дониш дар байни сайёрагон Офтоб бузургтарин аҷсоми зери арш, сесаду шасту шаш баробари Замин ё ду донги ҷирми Замин аст.

Аҳмади Дониш дар мавриди ёфтани толеи вақт дар фасли «Дар ёфтани толеи авқот»-и асари мазкур ибрози андеша карда, қайд мекунад, ки бинои аҳкоми нуҷум вобаста бо толеи қироноту фусул ва толеи иҷтимоъу истиқбол ва толеи вақт аст. Аз ин рӯ, донистани толеъ ҷузъе аз фалакалбурҷ аст, ки дар вақти матлуба бар уфуқи машриқ мунтабиқ бувад. Толеъ - далел аст бар нафсу тану ҷону зиндагонӣ ва ибтидои корҳо ва саодату шақоват ва кайфияти маош. [3. с, 145]

Ба андешаи Аҳмади Дониш манзур аз толеъ дидан тавассути кавокиб ин муайян кардани наъсу хушнудиҳоест, бар сари хонавода, як инсон ё кишвар, соли меомада, ки чӣ баракату чӣ фалокатҳо дорад, мебошад. Дар робита бо ин маорифпарвар толеъ дидани аҳволи мулку салотин ва раиятро вобаста ба соҳаи шуғл таҳқиқ карда, чунин маълумот медиҳад, ки аҳволи мулку подшоҳ, вазирону ашрофон, қозию уламморо аз рӯйи Муштарӣ, аҳволи умарову лашкариён аз рӯйи Миррих, аҳволи хавотину маҳрамони онҳо, занони оммаро аз рӯйи Зуҳра, аҳволи раиятро аз рӯйи Қамар, аҳволи туҷҷору аҳли бозорро аз рӯйи Уторид ва ғайра муайян мекарданд. [3. с, 147]

Маорифпарвар дар манфиат ва фоидаи илми нуҷум ибрози андеша карда, менависад, ки тавассути омӯзиши он мо бояд донем, ки ҳодисаҳое, ки рӯй медиҳанд базе аз онҳо қазияҳои мубрам мебошанд, ки ба ҳеҷ ваҷҳ тағйиру табдил намеёбанд. Ба мисли қироноти тӯфон, интиқоли мулку давлат аз яке ба дигаре ва вабои омм. Дигаре қазияҳои маҳкам мебошанд, ки аз сармову гармо, заъфу беморӣ тағйиру табдил меёбанд. Дар ин маврид тавсия медиҳад, ки агар мо донем, ки фалон

рӯз сармо шадид мешавад ва дар сафар бими ҳалокат аст, дар хона нишинем ё ба либосе, ки дафъи зарари сармо кунад ба тан гирем.

Манфиати дигари ин илм шинохтани вақт аст аз саъд (бахосият) -у наҳс (бехосият). Дар ин маврид маорифпарвар чунин мисол меорад, ки агар подшоҳе дар ишғоли мулке ошуфтаҳол бошад ва дар ин вақт табъи ӯ эҳтимоли ҳеҷ амре накунаду шахсе надониста бо ӯ арзе кунад ва идроре талаб кунад, бе шак арзи ӯ ба иззи қабул нарасад, балки бими ғазаб бувад. Баръакс, вақте султоне дар пайи додани инъому ҳадя ба раият машғул бошаду аз ӯ арзе талаб намоӣ, он бо хушнуди иҷро гардад. [3. с, 153]

Аҳмади Дониш дар асари мазкур як нуктаи дигарро равшан менамояд, ки ҳар як сайёра хоситяҳое, дорад, ки вобаста ба онҳо аносири табиат тағйиру табдил меёбанд. Масалан, дар ин маврид маорифпарвар чунин таҳқиқ кардааст, ки «Зуҳал далели сармову борони пайваста ва зилзила. Муштарӣ далели эътидоли ҳавову бодҳои хуш ва ҳавои соф. Миррих далели гармиву хушкии ҳаво ва боди самум ва камоли ситаму зуҳури оташҳо дар ҳаво. Шамс далели сурхии ҳавову ғубори гармо. Зуҳра далели гарму тарии ҳаво аст ва барҷастани абрҳо. Уторид далели боду раъду барқу соиқа ва зулмату зилзила. Қамар далели рутубати ҳавову борон ва гаштани ҳаво аз ҳоле ба ҳоле ало ҳазо. Иттисоли Қамар ба Зуҳал, Зуҳра ба Миррих, Шамс бо Зуҳал далели борони сахт аст, хосса ки буруҷу вақти мустаъид бувад». [3. с, 160]

Қавси қузаҳ («Камони Рустам») - ро маорифпарвар акси шуъои Офтоб меҳисобад. Пешниҳод мекунад, ки агар он пеш аз борон бувад, далели борандагии шадид бошад. Ё худ «ҳола» (дар луғат маънои доираи ғуборолуд дар гирди Моҳро дорад – Р.Каримов) доирае мебошад, ки дар гирди Моҳ ё Офтоб ҳодис мешавад. [3. с, 160]

Инчунин, дар баъзе маврид бар гирди ситорагони собитаи бузург (ситораҳои беҳаракат) дида мешавад. Онро «хирмани Моҳ» низ гӯянд. Ҳодис шудани он далел аз боридани борон аст. Агар Моҳ дар паси он пинҳон шавад боридани борони шадид дар назар аст. Агар ҳангоми тулӯъ ё ғуруби Офтоб дар ҳаво абрҳои тӯлонӣ падид оянд, он гоҳ он аломати бод аст ва ғайра.

## АДАБИЁТ


1. Абдуллозода Х.Ф. Абӯмаҳмуди Хуҷандӣ ва таърихи астрономияи халқи тоҷик. - Хуҷанд: Нури маърифат, 2005. - 440 с.

2. Абӯалӣ ибни Сино. Рисолаи саргузашт. Осор. Ҷилди 1. - Душанбе: «Дониш», 2005. - С.164-165.Таърихи нуҷуми исломӣ. Тарҷумаи Аҳмад Ором. - Теҳрон, 1371. - 285-286.

3. Аҳмади Дониш. Манозир-ул-кавокиб. Баргардони матн, пешгуфтор, тавзеҳоту шарҳи луғот аз ҷониби М.Холов. – Душанбе, 2017. - 432с.

4. Саид Ҳусайн Наср. Илм ва тамаддун дар ислом. Тарҷумаи Аҳмад Ором. - Теҳрон, 1384. - 412с.

5. Таърихи нуҷуми исломӣ. Тарҷумаи Аҳмад Ором. - Теҳрон, 1371. - 285-286.

6. Фохури Ҳино. Таърихи фалсафа дар ҷаҳони исломӣ.- Теҳрон 1373. - С.363.

7. Энсиклопедияи советии тоҷик. Ҷилди 2.-Душанбе, 1983. - С.483.


## АНДЕШАҲОИ АСТРОНОМӢ ДАР ФАРҲАНГИ ИСЛОМӢ ВА ТАЪСИРИ ОНҲО ДАР *ТАШАККУЛИ ИДЕЯҲОИ АСТРОЛОГИИ АҲМАДИ ДОНИШ*


*Астрономия яке аз илмҳои равияи табиӣ ба ҳисоб рафта, дар Юнони қадим пайдо шудааст, вале рушди худро дар асрҳои миёнаи Шарқ ва марҳалаҳои баъдии таҳаввули илм ёфтааст. Он маҷмуи донишҳои космогонӣ ва космологии инсонро дар бораи Коинот дар бар мегирад.*

*Муллиф дар мақолаи мазкур қайд мекунад, ки аввалин идеяҳо дар бораи олам, аз ҷумла дар бораи таърихи пайдоиши Коинот, манзараи Коинот, беинтиҳоии Коинот ва баррасии масъалаи низоми фалак ва мақоми инсон дар олам дар доираи донишҳои фалсафӣ ташаккул ёфтааст ва баёнкунандаи ин ақидаҳо файласуфон буданд.*

*Баъдан, шурӯъ аз асрҳои миёна дар фарҳанги исломӣ, нисбат ба фарҳанги аврупоӣ илми астрономия бештар рушд кард. Донишмандони варзидаи ин соҳа файласуфони тоҷик ба ҳисоб рафта, дар асарҳои худ масъалаҳои тавсифи ҳодисаҳои осмонӣ, бунёди расадхонаҳо ва сохтани олоти гуногуни астрономӣ, таҳияи тақвим, усулҳои таҳқиқи ҷирмҳои осмонӣ, нишон додани қимматҳои дурустро ҳангоми чен кардан ва ғайра таҳлилу баррасӣ кардаанд.*

*Хусусан, қайд менамояд, ки идеяҳои Иброҳими Наққош, Насириддини Тӯсӣ, Ибни Шотир доир ба ҳаракати сайёраҳои Системаи офтобӣ, ки ба назария (модел)-и ҳаракати сайёраҳо тағйирот ворид намудаанд, ба кашфи низоми гелиомарказӣ (офтобмарказӣ)-и олам таъсир гузоштанд. Ҳамзамон, таҳияи ҷадвалҳои ҳолатҳои Офтоб, сайёраҳо, ситораҳо, мавқеи географии маҳалҳо ва ғайра мазмуни асосии таълифоти олимони тоҷикро ташкил додааст. Бавижа, зиҷ гуфта ҷадвалеро дар назар доштанд, ки аз рӯйи он ҳаракат ва вазъияти ситора ва сайёраҳо омӯхта мешуданд.*

*Аҳмади Дониш - мутафаккири барҷаста, файласуф, маорифпарвари тоҷик дар тӯли зиндагии худ донишҳои кофӣ дар соҳаҳои ҷомеашиносӣ, ҷуғрофия, муҳандисӣ, меъморӣ, маъданшиносӣ дошта, маҳорати хуби сураткашӣ ва хаттотӣ дошт. Бар замми ин ҳунарҳо ӯ аз илми нуҷум низ баҳраи комил ба даст оварда буд.*

*Ақидаҳои космогонӣ ва космологии Аҳмади Дониш дар асари арзишманд ва нодири ӯ «Манозир-ул-кавокиб» баён ёфтаанд. Дар рисолаи мазкур маълумоти муфассал оид ба истилоҳот ва аломату ишороти нуҷум, ҳафт сайёра, бурҷҳои дувоздаҳгона, манозили Қамар, ситораҳои думдор ва ғайра дода мешавад, ки зикри мухтасари онҳо дар мақолаи мазкур инъикос ёфтаанд.*

***Калимаҳои калидӣ:*** *илм, астрономия, Коинот, галактика, комогония, космология, расадхона, устуролоб, солшуморӣ, тақвим, сайёра, ситора, манзараи олам, донишҳои фалсафӣ, донишҳои астрономӣ, беинтиҳоии Коинот, низоми фалак, авзоъи кавокиб, асбобҳои астрономӣ, глобуси осмонӣ ва ғайра.*

## АСТРОНОМИЧЕСКИЕ МЫСЛИ В ИСЛАМСКОЙ КУЛЬТУРЕ И ИХ ВЛИЯНИЕ НА ФОРМИРОВАНИЕ АСТРОЛОГИЧЕСКИЕ ИДЕИ АХМАДА ДОНИША

*Астрономия - одна из раздел естественных наук, зародившихся в Древней Греции, но получившая развитие в Средние века и на более поздних этапах развития науки на Востоке. Это собрание космологических и космологических знаний человека о Вселенной.*

*В этой статье автор отмечает, что первые идеи о Вселенной, включая историю Вселенной, картина Вселенной, бесконечность Вселенной, а также вопрос о космической системе и статусе человека во Вселенной, были сформированы философами.*

*Впоследствии, начиная со средневековья, астрономия развивалась больше в исламской культуре, чем в европейской. Ведущие таджикские ученые и философы в своей области проанализировали проблемы описания небесных явлений, строительства обсерваторий и строительства различных астрономических инструментов, разработки календарей, методов изучения небесных тел, показа правильных значений при измерении и т.д.*

*В частности, он указывает, что идеи Ибрагима Наккаша, Насириддина Туси и Ибн Шатира о движении планет в солнечной системе, которые изменили теорию движения планет, повлияли на открытие гелиоцентрическая система. В то же время разработка таблиц Солнца, планет, звезд, географического положения и т.д. была основным содержанием работ таджикских ученых. В частности, они имели в виду карту, на которой изучались движение и положение звезд и планет.*

*Ахмад Дониш - выдающийся таджикский мыслитель, философ, просветитель на протяжении всей своей жизни обладал достаточными знаниями в области социологии, географии, инженерии, архитектуры, минералогии и каллиграфии. Помимо этих достижений, он был хорошо знаком с астрономией.*

*Космогонические и космологические идеи Ахмада Дониша выражены в его ценной и уникальной работе «Маназир-уль-кавакиб» («Картина звезд»). Этот трактат предоставляет подробную информацию о терминах и знаках астрономии, семи планет, двенадцати созвездий, домов Луны, кометы и т.д., все из которых кратко описаны в этой статье.*

***Ключевые слова:*** *наука, астрономия, Вселенная, галактика, комогония, космология, обсерватория, астрономия, календарь, планета, звезда, картина мира, философские знания, астрономические знания, бесконечность Вселенной, космическая система, астрономическая система, состояние звезд, небесный глобус и т.д.*

## ASTRONOMIC THOUGHTS IN ISLAMIC CULTURE AND THEIR INFLUENCE ON THE FORMATION OF THE ASTROLOGICAL IDEAS OF AHMAD DONISH

*Astronomy is one of the branches of the natural sciences that originated in Ancient Greece, but developed in the Middle Ages and at the later stages of the development of science in the East. This is a collection of man's cosmological and cosmological knowledge about the Universe.*

*In this article, the author notes that the first ideas about the Universe, including the history of the Universe, the picture of the Universe, the infinity of the Universe, as well as the question of the cosmic system and the status of man in the Universe, were formed by philosophers.*

*Subsequently, starting from the Middle Ages, astronomy developed more in Islamic culture than in European. Leading Tajik scientists and philosophers in their field analyzed the problems of describing celestial phenomena, building observatories and building various astronomical instruments, developing calendars, methods for studying celestial bodies, showing the correct values when measuring, etc.*

*In particular, he points out that the ideas of Ibrahim Nakkash, Nasiriddin Tusi and Ibn Shatir about the motion of planets in the solar system, which changed the theory of planetary motion, influenced the discovery of the heliocentric system. At the same time, the development of tables of the sun, planets, stars, geographic location, etc. was the main content of the works of Tajik scientists. In particular, they had in mind a map on which the movement and position of stars and planets were studied.*

*Ahmad Donish - an outstanding Tajik thinker, philosopher, educator throughout his life had sufficient knowledge in the field of sociology, geography, engineering, architecture, mineralogy and calligraphy. Apart from these achievements, he was well acquainted with astronomy.*

*The cosmogonic and cosmological ideas of Ahmad Donish are expressed in his valuable and unique work «Manazir-ul-kawakib» («Picture of the Stars»). This treatise provides detailed information on the terms and signs of astronomy, seven planets, twelve constellations, houses of the moon, comets, etc., all of which are briefly described in this article.*

***Keywords:*** *science, astronomy, universe, galaxy, comogony, cosmology, observatory, astronomy, calendar, planet, star, picture of the world, philosophical knowledge, astronomical knowledge, infinity of the universe, space system, astronomical system, state of stars, celestial globe, etc.*

***Маълумот дар бораи муаллиф:*** *Каримов Раҳмиддин Саҳоббиддинович, унвонҷӯи кафедраи фалсафаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ. Тел.: (+992) 900060622. E-mail: rahm_din@mail. ru*

***Сведения об авторе:*** *Каримов Рахмиддин Сахоббиддинович, соискатель кафедры философии Таджикского государственного педагогического университета им. Айни. Тел .: (+992) 900060622. E-mail: rahm_din@mail. ru*

***About the author:***

*Karimov Rakhmiddin Sakhobiddinovich, postgraduate student of the Department of Philosophy, Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni, Tel.: (+992) 900060622. E-mail: rahm_din@mail. ru*

## ФАЛСАФАИ ФАРҲАНГИ ОРИЁЙ

***Каримов Қ. С.***

*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ*

Тоҷикистони азиз дар тӯли 30-соли Истиқлолияти миллат, аз раванди дигаргуниҳои куллӣ, рушди инкишофи афкори маънавӣ, аз худ намудани таҷрибаи ниёгон, эҳёи комёбиҳои фарҳанги аҷдодон, таҳлилу барраси соҳаҳои гуногуни фарҳангию фалсафӣ баҳраманд мебошад.

Муҳаққиқони муосири тоҷик бо ҳисси баланди хештаншиносии миллӣ ба гузаштагони дуру наздики хеш дақиқ ва мушикофона назар афканда маънавиёти бесобиқаи гузаштагони миллати хешро холисона мавриди пажуҳиш қарор дода, саҳм ва нақши намояндагони барҷастаи илму фарҳанги пурғановати худро дар таърихи афкори маънавӣ ва тамаддуни башарият одилона арзёбӣ менамоянд. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар маърӯзаҳои хеш гаштаву баргашта борҳо таъкид намуданд, ки «омӯзиши тамаддуни ҳар як халқи аз як тараф бо бою ғанӣ гардидани тамаддуни башарӣ, ки аз маҷмӯи тамаддунҳои халқҳои ҷаҳон иборат аст, мусоидат мекунад, аз тарафи дигар ташаккулу инкишофи маданияти ин ё он халқро дар масири таърих муайян карда, саҳифаҳои дар зери ғубори фаромӯши мондаи онро таҷдид менамояд» [1.1].

Таърихи қавмҳои ориёинажод дар бештари адабиёти марбути бостон бо унвони «Ориёни Бузург» ёд шудааст, ки пурра аз ривояту устура достонҳои хамосӣ, корномаҳои паҳлавонию қаҳрамонӣ буда, дар онҳо унсурҳои муҳими ташаккули афкори фалсафӣ, ахлоқӣ, ирфонӣ, маърифатӣ, зебопарастӣ ва ғайра зоҳир гаштааст.

Бертран Рассел файласуфи англис дар китоби «Таърихи фалсафаи Ғарб»-и хеш қайд менамояд, ки «Барои фаҳмидани марҳила ва таърихи миллат мо бояд устура ва фалсафаи онро дуруст дарк намоем» [2.1]. Воқеан ҳақ ба ҷониби ӯст, ки барои муайян намудани афкори фалсафии тоҷику форс аз асотири меҳрпарастию зардуштия ва зарвония шурӯъ намуда маънавиёти зиёда аз сеҳазорсолаи онро ошкор намудан мумкин мебошад. Маданияти маънавии қадимаи «Ориёна Ваҷейҳа» (Осиёи Марказӣ ва Эрони бостон) бахусус асотир, дин ва фалсафаи онҳо саршор аз рамзу рози асроромез ва тамсилот иборат мебошанд.

Гузашта аз ин бояд эътироф намоем, ки ҷаҳонбинии асотирии Ориён - шакли ибтидоии шинохт ва маърифати олам буда ба зинаҳои аввали рушди иҷтимоии ҷомеа марбут мебошад. Ориён тавассути асотир мазмуни кайҳон, осмон, оламу одамро дарк менамуданд. Ин нуқта дар хамосаҳои «Иллиада»-и юнонӣ, «Рамаяна»-и ҳиндӣ, «Калевала»-и финӣ, «Худойнома» ва «Шоҳнома»-и форсӣ-тоҷикӣ бисёр дақиқ ба чашм мерасад.

Аксарияти олимони башар бар он ақидаанд, ки ҷаҳонбинии асотирӣ заминаи асосии ба вуҷуд омадани ҷаҳонбинии динӣ мебошад. Агар дар фарҳанги Ориё ба дин рӯй оварем, дин – вожаи қадимаи ориёӣ «Даяна» буда ба калимаи «дидан»-и имрӯзаи тоҷикӣ ҳаммаъност. Дар Готҳои Авесто омадааст: «Беҳтарин Даена беҳтарин дин аст» (Ясно, 44/10) [4.80]. Дар Готҳо Даена ҳамчун дин тарҷума шудааст ва ишора ба ботингароӣ (нигариши амиқ ба ботин), мурочиат ба Чисто Даена яъне

ба виҷдони инсон мебошад. Дар Ясnои 44, банди 11 омадааст, ки Спитама Зардушт ба воситаи Даена Аҳурамаздоро бишнохт ва одамонро чунин роҳ дар пеш хоҳад буд. Тибқи сурудаҳо ва матнҳои авестоӣ Даена чунин фариштаи зебост, ки инсониятро аз олами моддӣ ба олами маънавию равонӣ раҳсипор менамояд. Ҷойгузинии дин ба ҷойи асотир як гоми устувори инсоният маҳсуб ёфта ҷаҳонро ба ду қисмат тақсимбанди намуд – яке олами материалӣ, моддӣ, хокӣ, заминӣ ва сифлӣ, дигаре олами менуӣ, рӯҳонӣ, улвӣ, ва фавқуттабиӣ. Ҷавҳари асосии ҷаҳонбинии диниро боварӣ, имон ва эътиқод ба қувваҳои ғайризаминӣ, фавқуттабиӣ ташкил менамоянд. Дин бофтаи хаёли як фарди алоҳида набуда, балки маҳсули ҷараёни таърихиву иҷтимоии инсоният мебошад. Муҳимтарин мақулаи дин ин қудсияти он мебошад. Дин ба муаммоҳои азалии шинохти олам ва одам, масъулияти одамон дар назди табиат, ҷамъият ва дар назди Худо вокунишҳо медиҳад, масъалаҳои озодии ирода ва эсхаталогиро ба миён меорад. Ҷаҳонбинии динӣ заминаҳои бузургеро дар оянда барои ҷаҳонбинии илмӣ – фалсафӣ тайёр ва омода менамояд.

Дини аҷдодии мо – Зардуштия дини тавҳидӣ ва яктопарастӣ буда, дар куҳантарин қисмати китоби муқаддаси Авесто аз чанд ҷиҳат собит гардида аст. Худои мутаоли Зардуштиён – Аҳурамаздо дар зоти худ номуайян (астракт) буда, пайванде ба гайр надорад. Аҳурамаздои Зардуштиён ба воситаи исму сифатҳояш ба марҳилаи зуҳур мерасад. Чунин хусусиятҳоро Аҳриман надорад.

Дар оини Зардуштия Аҳурамаздо ба инсони неку накӯкор ниёз дорад. Инсони зардуштӣ коҳил набуда ҳамеша фаъолу мубориз дар роҳи Аша Ваҳита – Қонуни Ростиро, ки дар Коинот ҳаст, пайравӣ менамояд ва аз Дурӯғ ва Дурӯғванд дурӣ меҷӯяд.

Халқҳои ориёӣ яке аз қуҳантарин мардумоне буданд, ки ба дини монотеистӣ рӯй овардаанд. Асолати дини ориёӣ асосан дар он зоҳир мегардад, ки бунёд ва асли онро ахлоқи неки башарӣ ташкил медиҳад. Ростӣ, некӣ, накӯкорӣ, адолат, инсоф, виҷдон, ҷасорат, паҳлавонӣ, ҳиммат, шараф, номус, хайрхоҳӣ, некандешӣ, некгуфторӣ ва некрафторӣ мафҳумҳои марказии фалсафаи амалии мардумони ориёитабор маҳсуб мешуд.

Ба ҳамагон маълум аст, асоси фарҳанги инсониро ахлоқ ташкил менамояд. Дар тамаддуни ориёӣ асос ва бунёди ахлоқиро пиндори нек, гуфтори нек ва рафтори нек ташкил менамояд. Инсон аз нигаҳи фарҳанги ориёӣ шарифтарин офаридаи парвардигорӣ буда дар замин ва кайҳон нақши бузурги хешро доро мебошад. Саромади антропологияи тоҷик устод Музаффарӣ М. дар китоби «Антропология»- и хеш меорад: «Ҳамаи ашёҳои мавҷуда ва ҳама он чизе, ки дар оянда падид хоҳад омад, вобаста ба худи инсон аст. Инсон раҳнамо ва роҳбари абадият аст, вай маҳсули он чизест, ки ба воситаи ҳастии моддӣ ташаккул ёфтааст. Чунин аст, бузургии инсон дар низоми кайҳонӣ» [4:154].

Дар илми фалсафаи муосир инсонро оламаи сағир (микрокосмос) ва ҷаҳони моддию маънавиро олами кабир (макрокосмос) меноманд. Инсон ҳамеша мекӯшад, то олами ҳастиро ҳамаҷиҳата биомӯзад ва нақши халкунандаи хешро дар он муайян созад. Дар қисмати кӯҳантарини китоби муқаддаси Авесто «Готҳо» аз гуфтугӯи Спитама Зардушт бо Аҳурамаздо равшан мегардад, ки инсон дар аъмоли хеш озод буда дар интихоби ду қувваи ба ҳам зид – неку бад созандаи тақдиру сарнавишти худ мебошад. Аз инру фалсафаи зардуштия фалсафаи азнавсозии ҷаҳон ба воситаи худи инсон мебошад.

Мувофиқи таълимоти ҳастишиносии зардуштӣ Аҳурамаздо замоне, ки олами муҷарради миноиро меофарид, якҷо бо фариштагони ёвари муқаддасаш Амшоспандон олами «Фраваҳар»-ро низ офарид. «Фраҳавар»-ҳо афзояндагону рушдкунандагони ҷаҳони моддӣ ва маънавии инсонӣ мебошанд. Фруҳарҳои инсонӣ аз дониш ва таҷрибаҳои инсонӣ истифода намуда, барои ободиву азнавсозии ҷаҳони моддӣ ҳисса ва саҳми босазои хешро мегузорад.

«Мувофиқи таълимоти зардуштӣ, инсон бояд дар ҳамкорӣ бо табиат таҷриба ва дониш андӯхта, ҷаҳонро барои худ аз нав созад ва ба зебогии он зебогии нав илова намояд» [5.169].

Дар таълимоти Зардуштия андешаи нек ва ростӣ асос ва бунёди маънавии инсоният маҳсуб мегардад. Чунин фикр ҷиҳати ахлоқии оини Маздонапарастиро олитару шигифтангезтар аз ҷанбаи динӣ ва теологии он мегардонад. Нақши озодии иродаи инсон ва интихоби ӯ дар гузиншин роҳи неку бад, ӯро созанда ва дақиққунандаи қисмат ва сарнавишти худ сохтааст. Азбаски оини зардуштӣ дини «беҳӣ» мебошад, он бо созмон додани олами маънавию моддӣ аз пайравонаш талаб менамояд, бояд роҳи некиро интихоб намоянд ва танҳо дар чунин ҳолат ӯ ризояти сарвари доно – Аҳурамаздо ба даст оварда метавонанд.

Ин проблема нуқтаи муҳим ва такягоҳи асосии таълимоти ахлоқии Зардуштия маҳсуб мешавад. Дар оини зардуштӣ сегонаи ахлоқии «Пиндори нек, гуфтори нек ва рафтори нек» посух ба ҳамагуна талаботи муҳими инсон мебошад. Дар ҳама ҳолат пайғамбари ориёӣ инсониятро ба некию роҳи рост даъват менамояд.

Зардушт дар Авесто мардумро аз бадӣ ва дурӯғ дурӣ ва канораҷӯи намуданро тақозо менамояд. Кулли бадбахтиҳои инсон аз дурӯғ ва бадӣ падид меояд. Дар «Готҳо» омадааст: «Эй Маздои бузург, он роҳе, ки аз сӯи ту оварандаи онам, роҳи ростист, роҳест, ки суди одамӣ дар он аст, роҳе, ки ҷуз

зиёну табоҳӣ баҳраи дигаре намедиҳад. Инсон аст, ки орзумандам то мардумон ба роҳи ростӣ бираванд ва ба ҳамаи неру аз роҳи дурӯғ бипарҳезанд, аз он роҳе, ки мардумро ба хашму бедодӣ меангезад ... « (Ясно, ҳоти 49/3) [3.90].

Бузургтарин арзиш дар оини Зардуштия ин озодии инсон дар интихоби неку бад аст. Ҳатто гароиш ба дини зардуштиён озод гузашта мешавад, зардуштӣ зода шудан барои пайравони ин оин кифоят нест, ки зардуштӣ бошанд. Ҷавонон вақто, ки ба синни балоғат мерасанд, ихтиёран диншонро интихоб мекунанд, паймони гарондан ба дини Зардушти дар маросими расмии сарпӯшӣ сурат мегирад.

Зардушт дар муноҷот бо Аҳурамаздо оиди эътиқоди қавӣ ва содиқона чунин посух мегирад: «Касе, ки бо дилу ҷон дини хешро ба Маниши нек бипайвандад, ба Армаитӣ бастагӣ дорад ва дар партави Аша ба некогаҳӣ хоҳад расид» (Ясно, ҳоти 49/5) [3.90].

Аллома Бобоҷон Ғафуров дар китоби беназири хеш «Тоҷикон» овардааст: «Оини Зардуштӣ, ки дар Осиёи Миёна ба зуҳур омада буд, дар замони Ҳахоманишинҳо ба Эрон ва боз дуртар ба тарафҳои Ғарб паҳн шуда баъдҳо (то замони тахти истилои арабҳо қарор гирифтани Эрон ва Осиёи Миёна) мазҳаби давлатии эрониҳо қарор гирифт. Ҳанӯз дар асри V пеш аз мелод дар шаҳри Мемфиси Миср маъбади худои эронӣ Митра вуҷуд дошт. Дар давраи империяи Рим парастиши Митра дар бисёр мамлакатҳо расм гардида, то ҷазираҳои Британия расида буд» [6.109].

Аз нигоштаҳои Бобоҷон Ғафуров бар меояд, ки фарҳангу тамаддуни аҷдодони мо доманаи фаррохи хешро аз аҳди бостон дар ҷаҳони бекарон густурда, оламиёнро шефтаи хеш гардонидааст. Зарурият пеш омадааст, ки дар шароити ҷаҳонишавии бовусъат таъриху тамаддуни пурифтихори халқи азизи фарҳангию тамаддунсози хешро биомӯзам. Дар арсаи ҷаҳони муосир соҳибмаърифату худшинос буда таърих, забон, фарҳанг ва суннату анъанаҳои миллиамонро ҳифз намуда тавонем.

## АДАБИЁТ


1. Раҳмонов Э. Нигаҳе ба таърих ва тамаддуни ориёӣ. – Душанбе 2006.
2. Рассел Б. История западной философии. – Москва 1959.
3. Авесто. Куҳантарин сурудаҳо ва матнҳои эронӣ.(гузориш ва пажуҳиши доктор Ҷалили Дустхоҳ) – Душанбе 2001.- С.80.
4. Музаффарӣ М. Антропология. – Душанбе 2009.
5. Муминҷонов Ҳ. Турон – гаҳвораи тамаддуни ориёӣ. – Душанбе 2004.
6. Ғафуров Б. Тоҷикон. – Душанбе 2020.
7. Фрай Р.Н. Мероси Осиёи Марказӣ. – Душанбе 2009.
8. Мероси хаттии бостон. ҷ.1. – Душанбе 2014.- с. 478.
9. Диноршоев М., Комилов Р. Таърихи фалсафа – Душанбе 2011.
10. Ғаффорова М. Асосҳои фалсафа. – Душанбе 2012.


## ФАЛСАФАИ ФАРҲАНГИ ОРИЁӢ


*Дар мақолаи мазкур муаллиф оид ба фарҳанги бостони Ориён андеша ронда аз нигоҳи замони муосир масъалаҳои ба маънавиёт марбутро мавриди таҳқиқ қарор додааст. Бо ҳидоятҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон омӯзиши таърих, фарҳанг, забон ва тамаддуни ниёгонамон, ба хусус дар шароити ҷаҳонишавӣ, боз ҳам хусусияти актуалӣ касб менамояд. Аз ин рӯ масъалаи таҳқиқи фарҳанги тоисломии аҷдодонамон моро ба хештаншиносӣ роҳнамоӣ менамояд. Дар мақола оварда шудааст, ки барои беҳтару бештар донистани марҳила ва таърихи миллат мо бояд устура (миф) ва фалсафаи онро дуруст дарк намоем. Оиди пайдоиши устураҳои ориёӣ ва марбут ба устураҳои дигар халқҳои дигар ҷаҳон андешаҳои ҷолиб оварда шудааст.*

*Дар мақола вобаста ба маънавиёти зардуштиёни бостон пажӯҳиши хосса ба сомон расонида шудааст. Аз ҷумла ахлоқи зардуштия асос ва бунёди маънавиёту фарҳанги инсониятро ташкил менамояд. Масъалаи некӣ, ростӣ, садоқат, виҷдон покӣ, адолат ва хушбахтии инсоният дар маркази таваҷҷуҳ қарор гирифтааст. Зарурияти омӯзиши фарҳанги Ориёни бостон аз он иборат аст, ки ҷавонон таърих ва тамаддуни аҷдодони хешро омӯхта хештаншинос ва бомаърифат гарданд.*



***Калидвожаҳо:*** *Ориён, фарҳанг, асотир, дин, ҷаҳонбинӣ, Зардушт, Авесто, некӣ, ростӣ, покӣ, Митра, Миср, Империяи Рим.*


## ФИЛОСОФИЯ АРИЙСКОЙ КУЛЬТУРЫ


*В данной статье автор опирался на древнюю культуру Древней Ариёцы и, с точки зрения современного мира, исследует вопросы духовности. Под руководством Основателья мира и национального единства, Лидера нации, Президента Республики Таджикистан Эмомали Рахмон ведется изучение истории, культуры, языка и цивилизации наших предков, особенно в условиях глобализации, и по-прежнему несет актуальный характер. С этой точки зрения вопрос изучения*

*доисламской культуры наших предков нас ведет к самопознанию. В статье указано, что для того, чтобы лучше знать этапы и историю нашей нации, мы должны правильно осознать ее мифологии и философию. Представляются интересные мнения о происхождении арийской мифологии и об мифологии других народов мира.*

*В статье об духовности древных арийцов совершено заметное исследования. В том числе мораль зороастрийцы является основой и созданием духовности и культуры всего человечества. В центре внимания находится вопрос добра, истины, верности, чистоты, справедливости и счастья человечества. Необходимость изучения культуры арийцы заключается в том, чтобы молодежь изучала историю и цивилизацию своих предков.*

***Ключевые слова:*** *Арийцы, культура, миф, религия, мировозрение, Зороастр, Авесто, доброта, истина, чистота, Митра, Египет, Римская империя.*

**PHILOSOPHY OF ARYAN CULTURE**

In this article, the author relied on the ancient culture of Ancient Aryan and, from the point of view of the modern world, explores the issues of spirituality. According to the parting words of the Founder of Peace and National Unity, the Leader of the Nation, the President of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon conducts the study of the history, culture, language and civilization of our ancestors, especially in the context of globalization, and is still relevant. From this point of view, the question of studying the pre-Islamic culture of our ancestors leads us to self-knowledge. The article states that in order to better know the stages and history of our nation, we must properly understand its mythology and philosophy. Interesting opinions are presented about the origin of Aryan mythology and about the mythology of other peoples of the world.

In the article on the spirituality of the ancient Aryans, a notable research has been done. Including the morality of the Zoroastrians is the basis and creation of spirituality and culture of all mankind. The focus is on the question of goodness, truth, loyalty, purity, justice and happiness of mankind. The need to study the Aryan culture is for young people to study the history and civilization of their ancestors.

**Keywords:** Aryans, culture, myth, religion, wirld view, Zoroaster, Avesto, kindness, truth, purity, Mithra, Egypt, Roman Empire.

**Маълумот дар бораи муаллиф:**

**Каримов Қиёмиддин Саидвалиевич-** унвонҷӯи кафедраи фалсафаи ДДОТ ба номи С. Айнӣ.

**Сведение об авторе:**

**Каримов Киёмиддин Савидвалиевич-** соискатель кафедры философфии Таджикского государственного педагогического университета имени С. Айни.

**About the author:**

**Karimov Kiyomiddin Saidvalievich** – applicant of the Department of Philosophy of Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni.

## МАВҚЕИ ФАЗИЛАТ ДАР «УНВОНУ-Л-БАЁН»-И АБДУЛЛОҲИ ШАБРОВӢ

***Аминов Б. У***

*Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови АМИТ*

Мафҳуми «фазилат» вобаста ба мурури замон ва гузашти вақт, яъне тули қарнҳо тағйир ёфта, вобаста ба идеологияи ҷамъиятҳои гуногуни инсонӣ равиши мухталифу хосеро ба худ гирифтааст. Яке аз хусусиятҳои фазилат дар он аст, ки мақом ва мартабаи инсонро дар роҳи тайкардаи ҳаёташ баланд бардошта, байни ӯ ва дигар мавҷудоти биологӣ фарқ мегузорад. Зеро инсон ҳам дар ибтидо мисли дигар мавҷудот як ғаризаи биологӣ аст. Тадриҷан зери таъсири ҷамъияти инсонӣ мафкурааш шакл мегирад ва арзишҳои ахлоқӣ, махсусан анвои фазилатро аз худ карда, камол ва мартабаи инсониро дармеёбад. Дигар мавҷудот, дар робита ба масъалаи мазкур, ба ҳолати худ боқӣ мемонанд. Бузургии шахс ҳам ба фазилат ва ахлоқи ҳамида ва адабаш мебошад. Мувофиқи таълимоти мутафаккирон ҷинси фазилатро ба чор навъ ҷудо намудан мумкин аст: ҳикмат (аз таҳзиб (поксозӣ)-и қувваи назарӣ аст), шуҷоат (аз таҳзиби қувваи ғазабӣ аст), иффат (аз таҳзиби қувваи шаҳвӣ мебошад) ва адолат (аз таҳзиби қувваи амалӣ ба вуҷуд меояд). Мутафаккирону донишмандон фазилатро вобаста ба замони зиндагии худ маънидод кардаанд. Масалан, Арасту, ки аввалин устоди илми ахлоқ эътироф шудааст ва асоси ҳикмати ахлоқро тарҳ намудааст «фазилат»-ро чунин таъриф мекунад: «Як истеъдоде аст ба муқобили инфиъолот ва аслан аз қуввате пайдо мешавад, ки ба машқу тамрин нумӯ мекунад. Тафсили он ин аст, ки ҳар феъл тобеи қуввате аст, ки аз навъи ҳамон феъл аст ва фазилат қувваи феъли ахлоқӣ аст»[2,100].

Аммо ба ақидаи Абдуллоҳи Шабровӣ инсон «фазилат»-ро ҳамон вақт касб менамояд ва мояи ифтихори худ месозад, ки заҳмат ва машаққатҳоро таҳаммулу бардошт кунад. Пеш аз ҳама ин заҳмат ва машаққатҳо дар роҳи омӯхтани илму адаб ва ба даст овардани маърифат мебошад, зеро илм нур аст ва дар баробари тамоми ҷаҳолатҳо қарор дорад. Инсон аз ҷаҳолат муртакиби амалҳои зишт мешавад. Марди бадкор золим аст. Маҳз илм метавонад инсонро аз тамоми ҷаҳолату разолатҳо наҷот диҳад ва камолу саодат ва ниҳоят фазилатро мояи фахри ӯ гардонад. Ҳар фазилатро ҳадди муайянест, вақте ки инсон аз он ҳад берун равад, хоҳ ба ифрот хоҳ ба тафрит, ба разилат мегарояд. Дар ҳаёти иҷтимоӣ ғояи ягонаи инсон ва саодати ӯ фазилат аст, лекин фазилати танҳо ҳам кофӣ нест, зеро мумкин аст марде тамоми умри худро дар хоб ва ғафлат сарф кунад ё мумкин аст, ки ӯ шадидтарин бадиҳоро ва бузургтарин мусибатҳоро таҳаммул кунад. Пас гуфта намешавад, нафаре, ки бо ин равиш зиндагӣ мекунад хушбахт аст, магар ин ки муноқиша кунад. Марди фозил тамоми садоқатҳои ҳаётро ба сабри ҷамил мутаҳаммил мешавад ва дар ҳама авқот бо ҳамоҳангӣ дар зиндагӣ саъй мекунад. Абдуллоҳи Шабровӣ низ саодату фазилатро дар ҳамин поя дониста мегӯяд: «Фазилатҳо он вақт касб ва ҳосил мешаванд, ки машаққатҳо бардошт карда шаванд»[7,23].

Мутафаккир расидан ба мартабаи фазилатро раҳоӣ аз банду қайди нафс медонад. Аз оне ки нафси инсониро нафси нотиқа меноманд, метавонад инсонро ба тамоми аъмоли зишт амр кунад, зеро ақл дар дасти нафс чунон дар банд мебошад, ки гӯё марди оҷиз бо зане гирифтор бошад. Шахсе, ки хоҳишоти нафсро тарк кунад дар назди мардум муҳаббат мееёбад ва ӯро ҳамеша дӯст медоранд. Мардумро аз сиришти фурӯмоягӣ ва дохили тобеи он офаридаанд ва андуҳу парешонии олам дар моҳият ва асли ӯ сарф кардаанд. Ба ин хотир дар ниҳоди мардум табиати зишт ниҳон аст. Қабули хайр тавассути таълиму адаб дар онҳо зоҳир мешавад. Баъзе аз мардум, ки дар ниҳояти зиштӣ қарор доранд, таълиму адаб дар онҳо бетаъсир мемонад. Баъзеи онҳо, ки ислоҳпазир бошанд, бояд аз ибтидои умр бо аҳли фазилат нишонда шаванд ва аъмоли хайрро ихтиёр кунанд, вагарна бо табиати аслии хеш боқӣ бимонанд. «Дар илми нафс муқаррар шудааст, ки нафси инсониро се қувваи аз ҳам фарққунанда аст, ки ба эътибори он қувватҳо, бо иштироки ирода, маншаи афъолу осори гуногун мешавад. Вақте яке аз ин қувватҳо бар дигаронаш ғолиб мешавад, онҳо ё мағлуб мешаванд, ё аз байн мераванд. Аввал қувваи нотиқа, ки онро нафси малакӣ мехонанд ва он сарманшаи фикру тамйизу шавқи назар дар ҳақоиқи умур мебошад. Дуюм қувваи ғазаб, ки онро нафси сабъӣ (мансуб ба ҳайвоноти дарранда) мегӯянд ва он маншаи ғазабу далерӣ ва иқдом бар аҳволу шавқ, тасаллути тафъилу мазиди ҷоҳ бошад. Сеюм қувваи шаҳвонӣ, ки онро нафси баҳимӣ (ҳайвонӣ) номанд ва он мубтадои шаҳвату талаби ғизо ..., шавқ ба маъкулу машориб ва манокиҳ бувад»[6,120]. Бино бар қуввати нафс, ки аз навъҳои он бармехезад, Шабровӣ гоҳе аз худи нафс мадад меҷӯяд, то ӯро сахт нагирад ва ба мақоми мақсуд расиданро, ки он фазилат аст, барояш мушкил насозад. Ӯ нидо мекунад, ки «Эй нафс маро гузор то мақоми баланду фазилатро дарёбам, зеро ман ба осонӣ ба он расида наментавонам»[7,123].

Абдуллоҳи Шабровӣ чи хеле, ки қайд гардид ҷонибдори талаб ва ба даст овардани илмҳои гуногун аст. Ӯ муътақидаст, ки шахси олиму фозил бо душман чи гуна муросо карданро медонад. Зеро муомила бо душманро чунон медонад, ки агар ба додгоҳ арз равад, зафар ва ғолибият шахси бофазилатро бошад. Ба назари Шабровӣ бо душман муомила бояд чунон бошад, ки агар рӯзе ӯ дӯст шавад, дигар чизе барои душманӣ боқӣ намонад. Яъне, зинҳор газанде ба душман расонидан лозим нест. Фазилат дар шахсе пайдо мешавад, ки амалҳои фозилона анҷом медиҳад, лекин касе, ки амалҳои некро нодида мегирад, марде аст, ки ҳатто аз кӯчаи фазилат ҳам боре нагузаштааст. Аҳли фазл ҳамеша бо мардум бо хушрӯиву суханҳои латиф муомила мекунанд. Инсон ба воситаи аъмоли фозила фозил шуда метавонад. Моҳияти фазилат амал намудан аст ба муқтазои ҳикмат. Худи фазилат табиӣ нест, чизе ки табиӣ аст, истеъдоди фитрии мост. Фазилат бо ионати (кӯмаки) табиат касб мешавад. Аз фазилати бузургон бар меояд, ки душмани худро бо заҳр не, баки бо шакар бояд кушт: «Шахсе ки сахтӣ ва нохушии душманашро дӯст дорад, пас бояд барои худ бузургӣ ва фазилату илмро зиёд гардонад»[7, 25].

Лутфу фазилати бузургон он аст, ки дар ҳаёт аз тамоми лағжишҳо дар мегузаранд ва мебахшанд, зеро бахшидану чашм пӯшидан сифати одамони боқувват аст. Одамони камқувват ҳеқ гоҳ намебахшанд. Ҳакимон бузургиро дар ду чиз донистаанд: яке ҳалимӣ дар вақти ғазаб ва дигаре бахшидан дар вақти қодир будан ба интиқом. Инсони бохираду соҳибфазилат ҳамеша хушхӯй асту хулқи накӯ дорад. Беҳуда нагуфтанд, ки дар ҳаёт вақте ки нафаре ба ту лутфу меҳрубонӣ мекунад, хоки пояш бош. Вобаста ба ин мавзӯъ Ҳусайн Воизи Кошифӣ беҳтарин андарзро пешкаши мо месозад, вақте ки мегӯяд: «Мурод аз хулқ хушхӯист ва ғараз рафқ нармиву дилҷӯӣ ва яке аз созгорӣ бошад ба нармӣ ва яке аз корсозӣ ба мадоро ва мулоимат ва аммо хулқ некӯтарин неъмате ва зеботарин хислатест. Нишонаи хушхӯӣ даҳ чиз аст: Аввал, бо мардумон дар кори неку мухолифат накардан. Дуввум, аз нафси худ инсоф додан. Саввум, айби касон наҷӯстан. Чаҳорум, чун аз касе зиллате дар вуҷудояд, онро таъвили (маънидоди) неку кардан. Панҷум, чун гунаҳгор узр хоҳад, онро пазируфтан. Шашум, ҳоҷати муҳтоҷ баровардан. Ҳафтум, ранҷи мардумон кашидан. Ҳаштум,

айби нафси худ дидан. Нӯҳум, бо халқ рӯйи тоза доштан. Даҳум, бо мардумон сухани хуш гуфтан»[10,158]. Шабровӣ низ дар ин росто мефармояд, ки амалҳое, ки бар ҳасби фазилатанд, бояд дар зоти худ лазизу гуворо бошанд. Некро мукофот кардану бадиро дар гузаштан аз ҳақиқати фазилати бузурги инсонӣ ба шумор меравад: «Чашм пӯшидан аз лағжишҳо аз ҷумлаи фазилату ахлоқи бузургон аст»[7,30].

Адаб воситаест, ки инсонят ба туфайли он ба тамоми камолу саодат ва фазилат ноил мегардад. Нафс дорои фазилате мебошад, ки муҳофизати он амри зарурӣ аст. Адабро нишонаи ақл гуфтаанд. Пайравӣ аз ақл хайр аст ва нофармонӣ кардан шарр, яъне ақл ҳокими инсон аст бояд, ки инсон бо ҳукми ақл дар тамоми умури худ машварат намояд. Инсони боадаб шарир нест, балки дар сиришти ӯ тамоми аъмоли хайр аз қабили муҳаббат, мурувват, адолат, тавозуъ, саховат, иффат ва монанди инҳо ниҳонанд, ки маҳз ба чунин аъмоли хайр ба камолу фазилат комёб мегардад. Илми ҳикмат ба тарбия вобастагии сахт дорад. Пас, таълими ин илм бо фароҳам овардани фазилат муяссар мешавад. Агар чунин ҳол муяссар нагардад, дар муомиотлу муошироти ӯ ҷаҳолат падид меояд, ки сабаби фасодии олам мегардад. Дар ҷамъият тоифае вуҷуд доранд, ки зуд адабро қабул мекунанд ва нишонаи фазилат дар эшон зоҳир мегардад ва ин гурӯҳ дар офиятанд. Қадру мартабаи офиятро касе медонад, ки ба мусибате гирифтор шуда бошад. Шабровӣ низ барои адаб чунин мартабаро қоил аст. «Адаб воситаест барои дарёфт кардани комолу фазилат»[7,39].

Илм, ба андешаи Абдуллоҳи Шабровӣ, мояи дигари саодат ва фазилати инсон аст. Ягона нуре, ки инсонро аз ҷаҳолат ва зулмат мераҳонад ва ба олами саодат мерасонад илм аст. Инсон бештар амалҳои хайрро бо илм ва амалҳои зиштро бо ҷаҳл анҷом медиҳад. Шахси бофазилат саид аст. Аз ӯ ҳеҷ гоҳ аъмоли зишту разила набояд содир шавад ва дар ҳар давру замон шарафу ҳусни ӯ зиёд хоҳад гашт. Ҳеҷ саид шақӣ намегардад, яъне муртакиби феъли пасту забун намешавад. Соҳиби фазилат (саид) беғараз мебошад ва ҳатто мусибатҳое, ки ба номуси вай мерасанд, дар ҳама аҳвол ба сунннату сирати хеш устувор аст, чунки ба ҳеҷ офат саодати ӯ аз байн намеравад. Касе, ки беилму маърифат даъвои муҳаббат мекунад ҷоҳилу мағрур аст. Вақте ки инсон саргарми китобҳо ва мутолиаи онҳо бошад бофазл мегардад. Ҳеҷ кас аз фазилат набояд нафрат кунад ва барои ба даст овардани он кушиш кунад. Мақсад аз илм он илмҳое мебошанд, ки ба ҷомеа нафъ расонанд ва боиси пешрафту тараққиёти он гарданд, чуноне ки Шабровӣ дар «Унвону-л-баён» менависад: «Илм беҳтарин фазилат аст»[7,52].

Басо таассуф аст, ки инсон дар талаби молу сарват бошаду камолу фазлро фаромӯш кунад. Мол дар андак замон фонӣ ва нобуд мешавад. Бешак барои камолу фазл заволе нест. Касе ҳунару фазилате дорад аз маломати мардум дар амон аст, яъне аз мардум ҳосили маош намекунад, балки ҳунару фазли худро дар зиндагӣ ба кор мебарад. Саъдии Шерозӣ дар «Гулистон» меорад, ки: «Ҳакиме писаронашро панд ҳаме дод, ки ҷонони падар ҳунар омӯзед, ки мулку давлати дунё эътимодро нашояд ва симу зар дар сафар бар маҳалли хатар аст ё дузд ба як бор бибарад ё хоҷа ба тафориқ бихӯрад. Аммо ҳунар чашмаи зоянда асту давлати поянда. Ва агар хирадманд аз давлат бияфтад ғам набошад, ки ҳунар дар нафси худ давлат аст. Ҳар ҷо ки равад қадр бинаду дар садр нишинад ва беҳунар луқма чинаду сахтӣ бинад»[4,108]. Ҳар он ки ҳикмату фазилатро дарёбад яқин медонад, ки ӯ дар ин олами фонӣ ҷовид нахоҳад монд, яъне саранҷоми кораш марг аст ва марг саранҷоми ҳама чизҳо мебошад. Аз ин хотир бо халқ бо лутфу муҳаббат кор гирифта, қадами ӯ дар роҳи фазилату саодат собиту мустақил мемонад. Таълимоти Шабровӣ ҳам дар ин робита аз он иборат аст, ки ҳавову ҳаваси дунё бояд аз худ дур карда шавад ва ба ҳеҷ ваҷҳ аз одоби сутуда имтиноъ нашояд: «Марди нодон дар талаби мол аст ва марди оқил дар талаби камолу фазл»[7,53].

Аз назари Шабаровӣ одамӣ бояд ба сират неку бошад на ба сурат. Инсон фазлу камол ва саодатро дар ростӣ ва ҷӯстани ҳақ ба даст меорад. «Ростӣ» ва «ҳақиқат» мафҳумҳое мебошанд, ки азизтарин чизҳо бояд қурбони онҳо шаванд. Танҳо зоҳирро оро додан ва аз зебоии ботин фаромуш кардан аз фазилат ва камоли инсонӣ нест. Дар ҳақиқат фазилат кайфияту ҳолате аст, ки истеъдоду амали ахлоқӣ ва иродаи озоди худро дорад, ки дар ҳар тасмиме тавассути ақл зоҳир мегардад. Бояд шахс ботинро бо ақл, илм, дониш ва ахлоқи ҳамидаи инсонӣ зиннат диҳад: «Фазилату камоли инсон ба сабаби дарёфтани ростӣ ва дурустии ҳақ аст, на ба сабаби зиннату оростани либосҳо»[7,64].

«Парҳез» ва «тақво» дар таълимоти ахлоқии Шабровӣ мафҳумҳое мебошанд, ки инсони комилу-л-ақл ба воситаи онҳо фазилату саодатро ба даст меорад. Мафҳумҳои мазкур, дар амал, барои дур нигоҳ доштани шахс аз тамоми разилатҳо дар ҳаёт ва ҷамъият коргар мебошанд. «Парҳез» ва «тақво» одамонро ба сӯи рафтори нек, гуфтори нек, кидори нек ва пиндори нек ҳидоят менамоянд. Фазилат инсонро қобили он месозад, ки корҳои шариф ва ҷамилро анҷом диҳад, ки мадҳи оддии мо, умуман бо аъмоли муайяни ҷисму рӯҳ истеъмол мегардад. Вақте ки қалби шахс саршор аз «парҳез» ва «тақво» бошад илмеро ба даст меорад, ки асосаш ҳилм аст. Шароити ҳар фазилате ба андозаи ҳар шахсе мухталиф мешавад, яъне ба ихтилофи феълу аҳволаш. Дар натиҷаи ба даст овардани ҳилм ба фазилатҳои гуногуни инсонӣ мушарраф мегардад: «Вақте ки дил парҳез ва тақворо ба даст орад, забони илму фазилатро ҳам ба даст меорад»[7,78].

Фазилат дар сухани росту босавоб зиёд ба чашм мерасад. Вақте ки мо саодат ва фазилати инсонӣ мегӯем, мақсад фазилати рӯҳ аст, на фазилати ҷисм, зеро мо саодатро иборат аз фаъолияти рӯҳ медонем. Сухан мартаба ва мақоми ақлро ифода менамояд, ки ақли инсон дар кадом сатҳ қарор дорад. Пас бояд сухан мутобиқи ақл баён шавад, зеро ақл аз ҳар махлуқот ашраф аст ва он ҷавҳарест бар ҳама чизҳо ғолиб. Шабровӣ ба ҳамин маънӣ ишора карда мегӯяд: «Фазилату ақл аст, ки сарчашма ва зомини аъмоли нек шуда метавонад»[7,84]. Оқил бояд дар чаҳорчубаи ақл рафтору гуфторашро ба роҳ монад. Тамоми башар ба ақл муҳтоҷанд ва ақл дар натиҷаи таҷриба мукаммал мегардад ва ҳамеша ба таҷриба эҳтиёҷ дорад. Ҳамчуноне ки ҳакимон гуфтаанд: «таҷриба оинаи ақл аст». Шабровӣ низ ба ҳамин андеша мувофиқ аст, дар ҳоле ки мефармояд: «Сухани мард баёнкунандаи фазилати ӯст, агар сухани рост ва босавоб бошад, тарҷумон ва баёнгари ақли ӯст»[7,84].

Ҳамнишинӣ бо аҳли илм ва олимони боамал саодати бузурги инсонӣ мебошад. Донишмандон хушбахтарини мардумонанд. Ҳикматро дӯст доштан ва сухани аҳли илмро шунидан ба шахс виқор, фазилату бузургӣ мебахшад. Аз суҳбати аҳли илм дар шахс илму маърифат ҳосил мегардад. Дар натиҷа илм ҳокими ақл гардида, фазилат ва бузургӣ насиби шахс мешавад. Дар шахс лутф, бурдборӣ ва мулоиматию созгорӣ падид меояд. Инсон ҳамеша бояд ҳикматдӯст бошад ва сухани ҳакимонро ҳамеша бишнавад ва ҳавою ҳаваси дунё аз худ дур карда, баръакс одоби инсониро аз худ дур нагардонад ва дар ҳеҷ кор пеш аз вақти он кор оғоз накунад, чун ба коре машғул шавад аз рӯи фаҳму басират дар он машғул бошад. Ба тавонгарӣ мутакаббир нашавад. Масалан, «Фаридунро пурсиданд, ки мулозимонро ба чи чиз нигоҳ тавон дошт? Гуфт: ба мулотифат ва бурдборӣ. Гуфтанд: Мушкилиҳоро ба чӣ чиз ҳал тавон кард? Гуфт: ба мулоимат ва созгорӣ»[10,159]. Агар нафс ҳокими ақл гардад инсон бадбахт мешавад. Албатта ҳамнишинӣ бо аҳли илм сабаб мегардад, ки дар ҳаёт ва зиндагии шахс таҳаввулот ба вуҷуд ояд. Инсонро зарур аст умедвор бошад, ки ба суҳбати солеҳону орифон бирасад ва тарбияти онҳоро пазирад ва одати хирадмандон қабул кунад. Шаброви низ одамонро ба ин амал ташвиқ мекунад: «Шахсе ки ҳамнишини олимон бошад, соҳиби виқор, фазилат ва бузургӣ мегадад»[7,91].

Масъалаи «одоб» ва «ахлоқ» аз масоили ниҳоят мубрами ҷамъияти инсонӣ маҳсуб аст. Агар дар ҷомеа адаб ва ахлоқ ба пуррагӣ вуҷуд дошта бошад, дар байни одамон иззату эҳтиром, муҳаббат, адолат, якдигарфаҳмию ваҳдат ва қадру қиммати инсонӣ ҳукмфармо мегардад. Нафароне, ки ба саодати фазилат мушарраф бошанд ҳеҷ вақт ақли онҳо мағлуби нафс нахоҳад гашт. Албатта дар раванди таълиму тарбия мавқеи устод аз падар муқаддамтар аст. Агар падар сабаби қариби ҳастӣ ва тарбияти ҷисмонии фарзанд бошад, муаллим сабаби фазилату саодат ва тарбияти рӯҳонии фарзанд аст. Дар ҳақиқат муаллим падари рӯҳонӣ аст. Аз оне, ки рӯҳро бар ҷисм шарафу бузургӣ аст, муаллим нисбати падар шарафу бузургӣ дорад. Пас, муҳаббати муаллим дар мартаба поинтар аз муҳаббати Мавҷуди Ҳақиқӣ бошад ва болотар аз муҳаббати падар. Ҷалолуддини Давонӣ дар рисолаи «Ахлоқи Ҷалолӣ» овардааст: «Аз Искадар пурсиданд, ки падарро дӯсттар дорӣ ё устодро? – Гуфт: -Устодро, зеро ки падар сабаби ҳаёти фонӣ аст ва муаллим сабаби ҳаёти боқӣ»[11,251]. Тибқи таълимоти донишмандон дар айёми тифлият тарбия бояд бар қоидаи ҳикмат асос ёфта бошад. Дар ин сурат адаб ва ахлоқ ҳамчун мерос аз падар ба писар ва аз устод ба шогирд боқӣ мемонад. Шабровӣ ба назария мазкур мувофиқ аст: «Адаб беҳтарин мерос аст, ки писар аз падар ва шогирд аз устод мегиранд ва ахлоқ хубтарин ёр аст»[7,92].

Абдуллоҳи Шабровӣ толибилмонро барои омӯхтани илм ҳидоят намуда, онҳоро дар омӯзишашон ба сабру таҳаммул муваззаф мегардонад, зеро омӯхтани илм ва фаро гирифтани он чандон кори саҳл нест. Кам нафароне ҳастанд, ки дар омӯзиши илм собиранд. Мартабаи олимиву донишмандиро дарёфтан танҳо бо сабру таҳаммулпазирӣ муяссар мегардад ва омӯхтани он барои тамоми одамон амри зарурӣ ба ҳисоб меравад. Ҳар нафаре, ки ҳақиқати ҳикматро дармеёбад, дарк мекунад, ки лаззати он болотар аз ҳама лаззатҳост. «Шахсе ки илмро талаб кунад ва аз он рӯй натобад, олим мегардад»[7,92].

Асоси тавонгарӣ дар соҳибилму бофазилат будан аст. Нафаре, ки сарвати зиёд дорад, аммо илму фазилат надошта бошад, тавонгар шуда наметавонад. Шахси бофазилат аз сурати дӯстону атрофиёни худ оинае месозад, то аз ҳар сурате истифода кунад ва ба аъмоли зишти худ иттилоъ ёбад. Бояд фаромуш нашавад, ки фазилат ва илм дар заминаи илми ахлоқ ба вуҷуд меоянд, зеро илми ахлоқ аз баландтарину амиқтарин илмҳо ба ҳисоб меравад. Шабровӣ тавонгариро ба фазилату илм ба тарозу мекашад ва мегӯяд: «Касе ки фазилату илм надорад, барои ӯ тавонгарӣ нест»[7,102]

Мартабаи аҳли илму фазилат дар ҳар давру замон бузург аст, зеро аҳли илму фазилат чароғи рӯзгори башаранд. Онҳоро бояд икром кард ва бузург дошт. Агар дар ҷое бинӣ, ки аз ту нафаре бо илму фазилат болотар аст, ҳамеша адабро нигоҳ дор ва хомӯш бош, чунки зиёд сухан кардан нишонаи бехирадӣ аст. Моҳияти фарқият байни одам ва ҳайвон ақл, илм ва фазилат мебошад. Фазилат ва бартарии инсон аз дигар ҷонварон бо нутқу идрок аст. Лекин шахси ҷоҳил, ки дар ниҳоди ӯ фазилат вуҷуд надорад, аз зумраи ҳайвонот аст, на аз зумраи башар. Дар ҳузури олимону

донишмандон густохӣ кардан аблаҳист, ҳамеша тавозуъ бояд кард. Саъдии Шерозӣ, ки устоди панду андарз аст, дар ин мавриди ҳикояте дорад: «Ҷавоне хирадманд аз фунуни фазоил ҳаззе вофир дошту табъе нофир. Чандон, ки дар маҳофили донишмандон нишастӣ забони сухан бибастӣ. Боре падараш гуфт: Эй писар, ту низ он чи донӣ, бигӯй! Писараш гуфт: Тарсам бипурсанд аз он чи надонам ва шармсорӣ барам»[4,84]. Шабровӣ дар ҳамин радиф ва мутобиқ ба ин маъно менависад: «Касе ки дар илму фазилат аз ту болотар аст, ӯро бузург дор»[7,104].

Ба ақидаи Абдуллоҳи Шабровӣ шахс набояд ба аслу насаби худ фахр намояд, чунки фахр кардану нозидан ба аслу насаб аз бехирадӣ ва ҷаҳолат ба ҳисоб меравад. Ба ҳунару адаб ва фазилати худ фахридану нозидан беҳтар аст. Саодати инсонӣ ҳам маҳз дар ҳунару адаб ва фазилати худи шахс мебошад ва инсон тамоми хайрҳоро ба хотири саодати худ ҷӯстуҷӯ менамояд. Саодат он аст, ки феълу амали инсон мутобиқи шарифтарин фазилатҳо бошад ва бузургтарин фазилатҳо фазилати ақли назарӣ мебошад, ки шарифтарин аҷзои мост. Саодат дар ҳоли соҳибҳунару адаб ва бофазилат будан ғояи охирини тамоми амалҳои инсонӣ аст. Андак фазилате, ки дар сиришти шахс ҷой дошта бошад беҳтар аст, аз фазилати бисёр, ки дар ғайри ӯ бошад. Аз ин лиҳоз ҳар шахси соҳибфазлу бомаърифат ва оқил дар ҷомеаи башарӣ бофазлу адаб ва ҳунари худ бояд ҳиссагузор бошад. Шахси оқил дар ҳар амале нияти хайр дорад ва ҳудуду мартабаи муҳаббатро риоят мекунад, дӯстонро баробар бо худ медонад ва онҳоро дар тамоми хайроти хеш шарик мегардонад. Мутафаккир ин ақидаро ба тариқи зайл иброз менамояд: «Фахр кардану нозидани ту ба фазилату адаби худат беҳтар аст, аз оне ки ба аслу насабат фахр мекунӣ»[7,106].

Дар таълимоти Абдуллоҳи Шабровӣ яке аз фазилатҳо дар баробари дигар фазилатҳо, одоби ҳамсоядорӣ, нисбати инсонҳо хайрхоҳ будан ва дасти кӯмак дароз кардан ба табақаи эҳтиёҷманди ҷомеа мебошад. Ба назри мутафаккир яке аз беҳтарин ашхос касе аст, ки фазилатро на таҳо барои нафс худ, балки ба ҳамсояи худ низ ба кор мебарад, зеро ин кор ба ҳеҷ ваҷҳ аз саодат холӣ нест. Фазилати хубӣ кардан ба ҳамсояҳо фазилатест, ки муҳаббатро байни одамон устувор мегардонад, зеро ҳукамо гуфтаанд, ки қавоми мавҷудот ба муҳаббат аст ва ҳеҷ мавҷуд аз муҳаббате холӣ натавонад буд..., мабдаи он ишқу ҷавҳари ақл аст ва беҳтарини навъи муҳаббат он аст, ки маншаи он муҳаббати хайру камоли ҳақиқӣ бошад. Дар тамоми вазъият (ғам ва хурсандӣ) аз ҳоли ҳамсоя огоҳ будан амри зарурист. Ҳатто ба хӯйи бади ҳамсоя сабр бояд кард. Бо ҳамсояи баду хешу табори носозгор сабр кардан ва хушмуомилагиро ба кор бурдан, яке аз сифатҳои ҷавонмардӣ ба ҳисоб меравад. Ҳукамо гуфтаад, ки «лаимон ба бадан собир бошанду каримон ба нафс». Масъалаи дигар инсондӯстӣ мебошад, яъне қадру қиммати одамонро бояд нигоҳ дошт. Одамон аз якдигар ҳеҷ бартарие надоранд, магар бо илму маърифат ва фазилаташон. Инсон бояд одамонро новобаста аз миллат, нажод, дин ва мазҳабашон гиромӣ дорад. Сарф кардани мол чи дар вақти осонӣ ва чи дар вақти сахтиҳо мувофиқи шароит аз фазилати бузурги инсонӣ ба шумор меравад. Дар ҷомеаи башарӣ нафарони зиёде аз табақаи эҳтиёҷманд вуҷуд доранд, ки онҳо ба кӯмаки шахсони доро эҳтиёҷ доранд, ҳатман ба онҳо бояд кӯмак кард. Шабровӣ вобаста ба ин мавзӯъ мефармояд: «Шараф чист?..., Хубӣ кардан ба ҳамсояҳо ва нигоҳ доштани андозаи ҳар инсон ва қадру қиммати ӯ ва сарф кардани мол дар вақти осонӣ ва сахтиҳо»[7,113].

Хирадманд, ки худ соҳибфазилат аст, дар баробари дигар фазилатҳо боз барои ӯ ду фазилате вуҷуд дорад, ки он ду фазилат боиси саодатмандии худ ва дигарон мегардад. Фазилати аввал ақл аст, ки он яке аз беҳтарин неъматҳо дар офариниш мебошад. Инсон агар тамоми хоҳишҳои худро бо талаботи ақл мувофиқ намояд, чунон мегардад, ки гӯё тифл тобеи мураббии худ шудааст. Одамон бояд дар чаҳорчубаи ақли худ рафтор намоянд ва ба ҳеҷ ваҷҳ ба ифроту тафрит роҳ надиҳанд, зеро ифроту тафрит фазилат ва ҳикматро табоҳ мекунанд. Ҳар касе дар ифрот аст, ӯро фахур ва худписанд ва касе дар тафрит аст ӯро бемурувват мегӯянд. Фазилати дуюм сухани пурасрори ӯ мебошад, ки ҳамеша дигаронро панду андарз медиҳад ва ба роҳи дурусти ҳаёт ҳидоят мекунад.

Таснифи дигари фазилат дар осори мутафаккирону файласуфон ба назар мерасад, ки дар асоси сифатҳои зотии фалилат тақсим шудааст. Бино бар ин сифат фазилатро ба ду қисм ҷудо кардаад: яке ақлӣ ва дигаре ахлоқӣ. Фазилати ақлӣ аз таълим ва маърифат сарчашма гирифта, рушду нуму мекунад ва ҳам аз ин ҷиҳат ба таҷриба ва замон ниёзманд аст. Фазилати ахлоқӣ аз одат маншаъ мегирад. Касоне, ки мехоҳанд аҳволи худ ва дигаронро беҳтар гардонанд бояд, ки намунаи ибрат бошанд ва қонунҳои ахлоқу таълиму тарбияро мутолиа намоянд. Ба ибораи дигар, он нафаре ҳаққи ахлоқии ҳидоят ва насиҳат карданро дорад, ки худ ҳидоят ва насиҳат дида бошад. Аз оне ки инсон аз ду мабдаъ, яъне ҷисм ва рӯҳ иборат мебошад, ғизои ҷисми ӯ хурданию нушиданиҳо ва ғизои рӯҳаш маънавиёт аст, ки то абад ташнаи он мебошад. Ҳар нафар бояд ғизои рӯҳӣ гирад, то ки илму маърифат ҳоким ва роҳнамои ақли ӯ гардад. Шабровӣ ба таври сода, вале пурмуҳтаво мегӯяд, ки: «Аз барои хирадманд ду фазилат аст: яке ақле, ки аз он истифода мебарад ва ибрат мегирад. Дуввум сухане, ки дигаронро фоида медиҳад»[7,144].

Дар таълимоти ахлоқии Шабровӣ рӯза доштан мақоми баланд дорад ва он воситаест, барои нафсро ба итоати ақл даровардан. Нафси саркаш ба ҳеҷ ваҷҳ мутеи ақл намегардад, то ин ки ӯро дар

ҳолати гурӯснагӣ нигоҳ надорӣ. Дар зарфи рӯза доштан инсон тарбияи рӯҳӣ ва маънавӣ ёфта, аз тамоми разилатҳо ба мисли ғайбат, дурӯғ, зулм, буҳтон, ҳаққи мардум хӯрдан, мардумозорӣ ва ғайраҳо эмин мемонад ва ҳаловати рӯза ҳам дар ҳамин мебошад. Аз назари мутафаккир фазилатҳои рӯза барои инсони соҳибмаърифат ниҳоят зиёданд. Пеш аз ҳама фавоиди он дар солимии ҷисм ва ба назари шафқат нигаристан ба табақаи эҳтиёҷманди ҷомеа ба монанди ятимон, фақирон, мискинон ва дигарон мебошад:

«Мусаллам касеро бувад рӯза дошт,
Ки дармондаеро диҳад нони чошт» [4,156].

Арасту дар рисолаи «Илму-л-ахлоқ» фазилати иродӣ, яъне фазилате, ки бо иродаи шахс ба вуқуъ меояд, фазилати ихтиёрӣ ном бурдааст. Сифати ихтиёрии фазилати иродӣ ба он маъност, ки ҳар нафаре бо ихтиёри худ имкон дорад иродаи фазлу караму эҳсон кунад ба худ ва дигарон. Муаллими аввал менависад: «Фазилати иродӣ ихтиёрӣ аст, зеро ки марди хуб бақияи аъмоли худро низ ба сурати ихтиёр иҷро мекунад. Ва аз ин сабаб разилатҳо бояд сиёнан (аз руи худдорӣ) ихтиёрӣ бошанд, зеро ки амалиёти марди разил сиёнан ихтиёрӣ бошанд. Марди разил ҳар коре, ки мекунад марбут ба шахси худи ӯст»[2,73]. Инсон мавҷудест, ки хушбахт шудан ба иродаи ихтиёрии ӯ рабт дорад ва метавонад бикушад то хушбахтиро ба даст орад, хосса дар ҳоле ки фазилат ёру мадагори ӯст. Ҳеҷ фазилату шараф зиёдтар аз хирадмандӣ ва ҳушёрию зиракӣ нест. Дар робита ба рӯза, ба ақидаи Шабровӣ агар рӯза одамро аз разилатҳо нигоҳ надораду ба фазилатҳо ташвиқ нанамояд, он рӯза ғайр аз азияти гуруснагӣ ва ташнагӣ чизи дигаре нест: «Рӯза боз доштани нафс аз гуноҳ аст, на боз доштани меъда аз хӯрок»[7,144].

Мақулаи дигари ахлоқӣ, ки Абдуллоҳи Шабровӣ дар радифи ҳилм баён мекунад, «силлаи раҳм» аст. Силлаи раҳм ба хешу табор ва ахлоқи хуш нигоҳ доштан бо онҳо аз фазилатҳои беназири инсонӣ мебошад. Силлаи раҳм он аст, ки хешону пайвандонро бо худ дар тамоми хайрот ширик гардонӣ. Таъкид шудааст, ки риояти силлаи раҳм барои ҳар нафар воҷиб аст. Ҷалолуддини Давони қайд мекунад, ки: «Силлаи раҳм он аст, ки хешовандони худро дар сарвату рафоҳият бо худ шарик гардонад. Ҳам чуноне ки қаробати сувариро ҳаққест, қаробати маънавиро, ки таносуби рӯҳоният аст ҳаққест ва онро қурбату қаробати иллоҳӣ хонанд ва [мебояд] ҳаққи силла нигоҳ дорад»[11,72]. Вақте ки инсон сарватманду доро мегардад, хешу табор ва наздикону эҳтиёҷмандонро набояд фаромӯш кунад. Бузургии инсон ба воситаи ҳалимӣ, саховату эҳсон ва ахлоқи ҳасана дар байни қавмаш ва ҷамъият зоҳир мегадад. Ҳалимӣ, саховату эҳсон ва ахлоқи ҳасана мақулаҳое мебошанд, ки сиришт ва ҷавҳари шахси соҳибмаърифатро инъикос менамоянд. Вақте ки чунин мақулаҳо дар табиати шахс ҷой дошта бошанд, ин шахс дар ҷомеа боиси эҳтироми хосу ом мегардад. Шабровӣ ба ҳамин мазмун менависад: «Ҳар вақто ки замона туро мол диҳад, пас зиёдатии онро ба хешу табор ва наздикон бидеҳ ва огоҳ бош, ки ҳаргиз ту дар байнашон бузург намешавӣ, то ин ки туро ҳалиму хушахлоқ набинанд»[7,173].

Қайд карлан зарур аст, ки аҳли хирад ва маърифат бисёр наку гуфтаанд, вақте гуфтаанд, бояд шахс аз аъмолу кирдори атрофиёни худ оинае созад ва сирату сифоти худро дар он оина мушоҳида намояд, то бар тамоми қубҳи разилатҳои худ иттилоъ ёбад. Нафс ҳеҷ гоҳ аз қубҳи афъоли худ огоҳ намешавад, аммо қубҳи афъоли дигаронро ба осонӣ дармеёбад. Мисли он ки: «Луқмони Ҳакимро гуфтанд: Адаб аз кӣ омӯхтӣ? Гуфт: Аз беадабон. Ҳар он чи аз аъмоли эшон дар назарам нописанд омад, ман аз он парҳез кардам»[4,56].

Хулоса, масъалаи фазилат дар осори Абдуллоҳи Шабровӣ ва махсусан дар рисолаи «Унвону-л-баён» яке аз мавзӯъҳои марказӣ мебошад. Мутафаккир кушиш намудааст тамоми паҳлуҳои норавшани ин масъаларо бо таҳқиқи илмӣ-назарӣ баён созад ва методологияи омӯзиши онро пешкаши ҳаводорону толибони илми ахлоқ намояд. Ба назар мерасад, ки Абдуллоҳи Шабровӣ дар ин ҷода ба муваффиқиятҳои назаррас даст ёфтааст. Далели ин гуфтаҳо он аст, ки рисолаи «Унвону-л-баён» то замони мо яке аз дастуроти таълимӣ дар илми ахлоқ ва ҷомеашиносӣ мавриди тадрис дар марказҳои таълимии гуногуни ҷаҳон шинохта шудааст ва дар ҷомеаи имрӯзии Тоҷикистон зарурати эҳёи он ба миён омадааст.

**АДАБИЁТ**


1. Абдуллоҳ ибни Муҳаммади Шабровӣ. Унвону-л-баён ва бустону-л-азҳон ва маҷмаъу носиҳа фил ҳикам. Таҳқиқи Муҳаммад Хайрирамазон Юсуф. Бейрут. 2010. -213 с.
2. Арасту. Илму-л- ахлоқ. Тарҷума ва тасҳеҳи Салоҳиддин Салҷуқӣ. Кобул. 1371ҳ.қ. -477 с.
3. Аҳмадов Мирзо. Насри ахлоқӣ-тарбиявии Ҳусайн Воизи Кошифӣ. Қисми 1. Душанбе. 1994. -152 с.
4. Муслиҳиддин Саъдии Шерозӣ. Куллиёт. Шомили Гулистон, Бӯстон. Теҳрон. 1375 ҳ., ш.-808 с.
5. Мавлоно Ҷалолиддин Муҳаммад Мавлавӣ. Куллиёти Шамси Табрезӣ. Теҳрон. 1379 ҳ., ш.-1518 с.
6. Муҳаммад ибни Ҳасан Насриддини Тусӣ. Ахлоқи носирӣ. Панҷоб (Лакнаҳв). 1924.-511 с.
7. Мулло Мустазъафи Қаротегинӣ. Ганҷинаи баён. (тарҷума ва шарҳи Унвону-л-баён). Душанбе. 2018.-256 с.
8. Носири Хусрав. Девони ашъор. Рушноинома. Саодатнома. Душанбе: Адиб. 2010. -479 с.

9. Хоҷа Шамсиддин Ҳофизи Шерозӣ. Куллиёт. Теҳрон.1389 ҳ., ш.-540 с.
10. Ҳусайн Воизи Кошифӣ. Футувватномаи султонӣ. Ахлоқи мӯҳсинӣ. Рисолаи ҳотамия. Душанбе: Адиб. 1991.-320 с.
11. Ҷалолиддини Давонӣ. Ахлоқи ҷалолӣ. Ҳинд (Лакҳнав). 1911.-377 с.

## МАВҚЕИ ФАЗИЛАТ ДАР «УНВОНУ-Л-БАЁН»-И АБДУЛЛОҲИ ШАБРОВӢ

*Фазилат ҳамчун категорияи ахлоқӣ-фалсафӣ дар ҳаёти иҷтимоии одамон мавқеи хос дорад. Зери ин мафҳум тамоми аъмоли хайр ва неки инсон ба монанди «адолат», «саховат», «мурувват», «вафо», «сидқ», «ҳилм», «ҳаё», «иффат», «сабр», «шуҷоат», «зуҳд», «афв», «эҳсон», «тавозуъ», «қаноат» ва амсоли инҳо фамида мешавад. Бино бар ин, фазилат яке аз муҳимтарин ва заруритарин мақула дар фалсафаи илми ахлоқ маҳсуб аст. Инсоният ҳамон вақт ба саодати комил мерасад, ки хислатҳои ҳамидаро дар пиндор, гуфтор ва рафтор касб карда бошад. Як ҷанбаи ҳусули саодат барои инсон, баҳра гирифтан аз лаззату роҳате аст, ки дар асрори ҳикмат нуҳуфта аст. Фазилат дар навбати худ, яке аз ҳамин гуна сирри ҳикмат аст.*

***Калидвожаҳо:*** *фазилат, мурувват, саодат, илм, адаб, нафс, ақл, ахлоқ, тақво, авф, ҳилм.*

## ПОЛОЖЕНИЕ ДОБРОДЕТЕЛЬНОСТИ В «УНВОН АЛ-БАЁН»-Е АБДУЛЛАХА ШАБРОВИ

*Добродетельность как философко-этическая категория занимает особое место в социальной жизни людей. Под этим термином понимается весь арсенал добрых и праведных поступков человека, такие как «справедливость», «щедрость», «великодушие», «верность», «искренность», «снисходительность», «стеснительность», «целомудрие», «терпение», «храбрость», «воздержание», «прощение», «благодеяние», «скромность», «довольство» и другие. Исходя из этого, добродетельность считается одним из главных и необходимых категорий в философии этики. Человечество тогда достигнет полного счастья, когда притворит в жизнь благо в своих помыслах, высказываниях и поступках. Частью приобретения счастья является почучение удоволствия от наслаждения и блаженства скрытое в тайнах мудрости. Добродетельность, в свою очередь, и есть одной из тайн мудрости.*

***Ключевые* слова:** добродетельность, великодушие, счастье, наука, нрав, страсть, разум, этика, набожность.

## THE POSITION OF VIRTUE IN «UNWON AL-BAYON» -E OF ABDULLAH SHABROVI

*Virtue as a philosophical and ethical category occupies a special place in the social life of people. This term means the whole arsenal of good and righteous deeds of a person, such as «justice», «generosity», «generosity», «loyalty», «sincerity», «condescension», «shyness», «chastity», «patience», «Courage», «abstinence», «forgiveness», «good deed», «modesty», «contentment» and others. Based on this, virtue is considered one of the main and necessary categories in the philosophy of ethics. Humanity will then achieve complete happiness when it brings good to life in its thoughts, statements and actions. Part of acquiring happiness is to discover the pleasure and bliss hidden in the secrets of wisdom. Virtue, in turn, is one of the secrets of wisdom.*

***Key words:*** *virtue, generosity, happiness, science, disposition, passion, reason, ethics, piety.*

***Маълумот дар бораи муаллиф:***

***Аминов Бахтиёр Усмонович****-унвонҷуи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови АМИТ. Тел: 933070099.*

***Сведение об авторе:***

***Аминов Бахтиёр Усмонович*** *– сосикатель Института философии, политологии и права имени А. Баховаддинова НАНТ Тел: 933070099.*

***About the author:***

***Aminov Bakhtiyor Usmonovich*** *– applicant of the Institute of Philosophy, Political Science and Law named after A. Bahovaddinov of NAST Tel.: 933070099*

## ЧАНД АНДЕША РОҶЕЪ БА МАВҚЕИ МАДОРИСИ НИЗОМИЯ ВА МУДАРРИСОНУ МУАЛЛИМОНИ ОН

***Ширинзода А.Ш.***

*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ*

Асрҳои IX-XI давраи рушду нумӯи илму тамаддун дар Мовароуннаҳру Хуросон буда, дар ин айём бунёди масҷиду мадрасаҳо ва марказҳои таълимӣ хело густариш ёфта буд. Алалхусус дар ин давра вусъат ва тақвияти илму тамаддун ва фарҳанги ҷомеа хеле чашмрас буда, чандин уламову удабои бузург дар ин даврон ҳаёт ба сар бурдаанд. Аз ин ҷихат муҳокимаву баррасӣ ва омӯзишу таҳқиқи ин марказҳои таълимӣ қобили таваҷҷуҳ буда, баррасии яке аз машҳуртарин ниҳодҳои илмӣ

ва марокизи таълимии ҷаҳони ислом – мадориси «Низомия» ва мударрисони он мувофиқи мақсад аст. Бояд зикр намуд, ки мадориси мазкур дар таълиму тарбия ва тайёр намудани кадрҳои баландихтисос ва мувофиқ ба замон, ки барои пешбурди илму маданият дар замони худ саҳмгузоранд, хизматҳои шоён намудааст. Аз ин сабаб ба баррасии мавқеи мадориси «Низомия» ва таъсису тадриси он мепардозем.

Яке аз машҳуртарин ва маъруфтарин марказҳои таълимӣ ин мадориси «Низомия» аст, ки дар асри XI аз ҷониби вазири донишманди хонадони Салҷуқиён, олим ва мутафаккири бузурги тоҷику форс – Хоҷа Низомулмулки Тӯсӣ бунёд карда шудааст. Бинобар ин метавон гуфт, ки Низомулмулк ҳамчун сиёсатмадор ва сиёсатшинос ба масоили иҷтимоӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, барои пешрафту шукуфоии мамлакат ва оромиву осудагии аҳолии он ғамхорӣ зоҳир менамуд. Е.Э. Бертелс ба ин масъала диққат дода, қайд мекнад, ки дар солҳои 1046-1047 дар тамоми мамолики Салҷуқиён қаҳтию гуруснагӣ ҳукмфармо буда, сафар дар роҳҳо хатарнок буданд, вале дар соли 1083 сафар дар ин роҳҳо бехатар ва шароити иқтисодӣ беҳтар гардид [1.548]. Аз рӯи маълумоте, ки Е.Э. Бертелс пешниҳод намудааст, метавон чунин хулоса кард, ки баъди ба мансаби вазорати Салҷуқиён омадани Низомулмулк шароити иқтисодиву иҷтимоии давлат андаке беҳтар гардидааст. Зеро бо ташаббуси ӯ дар ҳудуди мамолики Салҷуқиён пулҳо, сардобаҳо, корвонсаройҳо ва масҷидҳо бино ёфта, барои бунёду обод ва беҳтару бехатар нигоҳ доштани роҳҳо чораҳо андешида мешуд. Дар баробари ин Низомулмулк барои беҳтар ва муттамарказ гардонидани низоми идории давлат низ чораандешӣ намудааст, ки дар ин бора академик Б. Ғафуров чунин зикр менамояд: «Низомулмулк барои марказиятнок шудани идораи давлат ҳам чораҳои муассир пешбинӣ намуд. Вале ҳеҷ яке аз ин тадбирот бидуни ташкили дастгоҳи маъмурӣ, бидуни одамони доно ва босавод амалӣ намегардид» [3.398]. Бинобар ин ӯ барои амалӣ гаштани ин тадбироташ ба бунёди муассисаҳои таълимӣ оғоз кард.

Муассиаи таълимии динӣ ва омӯзишии ин давра, ки маҳз бо ташаббуси Хоҷа Низомулмулки Тӯсӣ бунёд шудааст, мадрасаи пуровозаи «Низомия» буда, яке аз баҳтарин ва машҳуртарин марказҳои илмӣ ва таълимӣ ба ҳисоб мерафт. Мувофиқи маълумоти муҳаққиқон мадрасаи «Низомия» бо фармоиши Хоҷа Низомулмулк дар шаҳрҳои Балх, Нишопур, Тӯс, Ҳирот, Исфаҳон, Басра, Марв, Омул, Табаристон, Мавсил ва Бағдод бино карда шудаанд.

Доир ба барномаи таълимии мадрасаҳои «Низомия» Бобоҷон Ғафуров зикр менамояд, ки дар баробари аз ёд кардани Қуръону ҳадисҳо ва дигар риштаҳои улуми динӣ, инчунин илми ҳуқук, забон ва адабиёти араб, риёзиёт ва амсоли инро низ дар бармегирифт [3.399]. Тадриси илмҳои мазкурро дар ин мадрасаҳо Забеҳуллои Сафо низ қоил аст [4.32]. Пас метавон гуфт, ки мадориси «Низомия» яке аз беҳтарин ва пешрафтатарин ниҳодҳои илмии замони худ буда, дар қатори мутараққитарин муассисаҳои таълимии олам ба ҳисоб мерафтааст.

Муҳаммад Ҳусайни Рӯёҳӣ нуфузи мадрасаҳои мазкурро ёдоварӣ намуда, қайд менамояд, ки қадимтарин донишгоҳҳои Аврупо Солернои Италиё буда, аз таъсири мадориси «Низомия» холӣ набудааст [11]. Инчунин, донишгоҳҳои Болония ва Оксфорд, ки имрӯз шуҳрати ҷаҳонӣ доранд, дар охирҳои асри XI ва ибтидои асри XII таъсис ёфтаанд, аммо мадориси «Низомия» бошад барвақттар аз онҳо. Дар донишгоҳи Болония дар ибтидо танҳо илми ҳуқуқ омӯзонида мешуд ва аз асри XV инҷониб ба тадриси дигар фанҳо шурӯъ намуд. Аммо мадориси Низомия бошад дар баробари омӯзиши Қуръон ва ҳадисҳо тадриси илмҳои дунявӣ низ ба роҳ монда шуда буд.

Қобили тазаккур аст, ки дар мадрасаи Низомия барои толибилмони пешқадам идрорпулӣ муайян карда шуда буд, ки ба беҳбудии сифати таълим мусоидат менамуд ва ин ҳам бо ташаббуси Низомулмулк сурат гирифтааст.

Шайх Саъдӣ, ки дар мадрасаи мазкур таҳсил намудааст, яке аз толибилмони фаъол буда, аз гирифтани идрорпулӣ баҳраманд будааст ва худи ӯ чунин мегӯяд:

Маро дар Низомия идрор буд,
Шабу рӯз талқину такрор буд [9.13].

Зикр кардан ба маврид аст, ки дар байни ин ниҳодҳои илмие, ки бо дастури Низомулмулк таъсис ёфтаанд, Низомияҳои Нишопур ва Бағдод мавқеи хосса дошта, диққати муҳаққиқону муаррихонро ба худ ҷалб намудаанд. Зеро Нишопур маркази давлати Саҷуқиён ба Бағдод пойтахти хилофати Аббосиён буда, дар он шароити таълим хубтар ва олимону донишмандон бештар ба ин шаҳрҳо ҷамъ омада буданд. Аз рӯи маълумоте, ки доктор Н. Касоӣ пешниҳод менамояд, теъдоди мударрисону муаллимон ва толибилмоне, ки дар мадрасаи Низомияи Нишопур ба таълиму тадрис фаро гирифта шуда буданд нисбат ба дигар марокизи таълимии ин давра бештар буда, баъд аз Низомияи Бағдод меистад [8.86].

Доир ба замони таъсиси ин мадраса маълумоти дақиқе дар даст надорем, вале Касоӣ бар он назар аст, ки ин мадраса чанд сол пеш аз Низомияи Бағдод таъсис ёфта, он ба нахустин солҳои салтанати Алпарслон (1063– 1072) рост меояд. Мадрасаи «Низомия» - и Бағдод бошад, яке аз бузургтарин ва машҳуртарин мадрасае буд, ки бо дастури Низомулмулк дар байни солҳои 1064-1067

бунёд гардида, дар он бузургтарин олимону донишмандони даврон гирд оварда, ба тадрису таълим фаро гирифта шуда буд. Забеҳуллои Сафо қайд менамояд, ки барои бинои бошукӯҳи ин мадраса Хоҷа Низомулмулк 200,000 динор аз моли шахсии худаш сарф намудааст ва дар он шаш ҳазор шогирдон ба омӯхтани илмҳои гуногун машғул буданд [4.31]. Мадрасаи «Низомия» - и Бағдод бо як тарзу шукӯҳи хоссае бунёд гардида, Касоӣ ин мадрасаро аз ҷиҳати зебоиву бузургӣ дар олам ягона ҳисобидааст. Касоӣ дар идомаи фикраш мавзеи ҷойгиршавии мадрасаи «Низомия» - и Бағдодро қисмати шарқии шаҳри Бағдод, дар соҳили дарёи Даҷла қаламдод намудааст.

Аз рӯи маълумоти муҳаққиқон дар сохтмони мадрасаи «Низомия» - и Бағдод намояндаи шахсии Низомулмулк - Абӯсаид Аҳмад ибни Муҳаммади Сӯфӣ муаззаф гардидааст, то бино бо шаҳомати хосса бунёд гардад. Ин мадраса масоҳати зиёдро дар бар гирифта, дорои ҳуҷраҳои таълимӣ, ҳуҷраҳои алоҳида барои иқомати фақеҳону мударрисон, масҷид, ҳуҷраи муаззин, ҷои алоҳидаи дарбонон, китобхонаи бузург, зарфҳои махсус барои нигоҳдории сӯзишворӣ буда, бо таҷҳизоти равшанидиҳанда таъмин будааст [8.112] . Инчунин, бо мақсади шароити мусоид фароҳам овардан ба мударрисону муаллимон ва толибилмони мадраса дар аторофи он якчанд иншоотҳои муҳим, аз қабили бозор, дӯконҳои тиҷоративу косибӣ, корвонсаройҳо, ҳаммом ва ғайраҳо бунёд карда шуда буд, ки он ҳам ба пешрафти иқтисодии оммаи халқ мусоидат мекард ва ҳам барои аҳли мадраса.

Қобили зикр аст, ки Хоҷа ба амволи мадраса таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, онро зери назорати ҷиддӣ нигоҳ доштааст. Мувофиқи маълумоти муҳаққиқон дар он ҷо барои пардохти музди меҳнати кулли хизматгорону кормандони мадраса хазинаи махсусе бунёд гардида ва он хазина аз ҳисоби даромади иншоотҳои ёрирасони атрофии мадраса пур карда мешудааст. Бар замми ин идрорпулии толибилмон аз маблағи шахсии Низомулмулк пардохт карда мешудааст, ки дар ин бора Н. Касоӣ чунин қайд мекунад: «…Солона 10 ҳазор динор ба нафақаи шогирдон ихтисос дод» [8.114].

Лозим ба ёдоварист, ки мадрасаи «Низомия» - и Бағдод яке аз бузургтарин ва пуршукӯҳтарин маркази илмию динӣ ва таълимии сарзаминҳои Мовароуннаҳру Хуросон буда, ифтитоҳи он ҳамчун рӯзи таърихӣ қаламдод шудааст. Рӯзи ифтитоҳи мадрасаро Н. Касоӣ дар китобаш - «Мадориси Низомия ва таъсироти илмиву иҷтимоии он» даҳуми зилқаъдаи соли 459- ҳиҷрӣ (соли 1067 мелодӣ) гуфтааст [8.116]. Ба ғайр аз ин манбаъ дигар маълумоте доир ба ин рӯзи таърихӣ дар даст надорем. Муаллиф дар идомаи андешааш қайд менамояд, ки дар он рӯзи таърихӣ гарчи худи Хоҷа Низомулмулк, ки муассиси мадраса буд, ҳузур надошта бошад ҳам ғайр аз вазир дар Бағдод касе набуд, ки дар ин маросими бошукӯҳ ширкат накарда бошад. Ҳамин тавр, мадрасаи Низомияи Бағдод бо як шукӯҳу шаҳомат ифтитоҳ гардида, ба фаъолият шуруъ намуд.

Баробари ба фаъолият шурӯъ намудани мадрасаи «Низомия»- и Бағдод чандин нафар шахсон соҳиби ҷои кор гардиданд. Кормандони мадрасаро метавон ба ду бахш ҷудо намуд: якум кормандони соҳаи идорӣ ва дуввум кормандони соҳаи омӯзишӣ. Кормандони бахши идорӣ иборат буданд аз сарпарастон, нависандагон, дарбонон ва хидматгорон. Бахши омӯзишӣ бошад аз мударрисон, ноибон, воизон, муфтиён, китобдорон ва донишҷӯён иборат буда, ҳар кадом аз паи иҷрои вазифаи худ буданд.

Бо дастури Низомулмулк амволи мадраса, даромаду хароҷоти он ва инчунин, қоидаҳои муайяне, ки дар он ҷо бояд риоя шавад, махсус сабт карда мешуд ва ин иҷрои ин амал ба уҳдаи нависандагон буд.

Вазифаи хидматгорон аз таъмини муҳимоти мадраса ва мударрисону муаллимони он ва инчунин дастрас намудани маводи сӯхт ва таъмини рӯшноӣ иборат буд.

Дарбонон бошанд, тартиботи мадраса ва назорати вориду хориҷ ба мадрасаро бар зимма доштанд.

Яке аз муҳимтарин нукта марбут ба ин ниҳоди омӯзишӣ, ки дар ҳақиқат намунаи олии муассисаҳои фарҳангии ҷаҳони исломӣ мебошад, мавқеи муаллимону мударрисон он аст. Бояд ёдовар шуд, ки мударрисону муаллимони он дорои мақому мартабаи махсус буда, эҳзори он ба касоне муяссар мегардид, ки дар олитарин дараҷаи илмии замони худ қарор дошта, аз ҷиҳати ахлоқӣ низ дар сатҳи олӣ, покдоману зоҳид ва мавриди эҳтирому эътимоди омма бошанд. Эҳзори мударрисини мадориси «Низомия» шахсан аз ҷониби сарпараст ва бунёдгузори он – Хоҷа Низомулмулки Тӯсӣ сурат мегирифт ва фармони таъин ва озод намудани мударрисини мадраса тибқи муқаррароти муайяншуда амалӣ карда мешуд.

Қобили қайд аст, ки мударрисон дар баробари ба тадрису таълим ва тарбия машғул будан, фонди бузургу молу амволи мадраса ва дахлу харҷи онро низ ба зимма доштанд. Аз рӯи маълумоти Касоӣ мударрисону муаллимони мадрасаи «Низомия» - и Бағдод то он дараҷа мавриди эътимоди ҳукуматдорон қарор доштаанд, ки баъзан интихоби халифа ва рисолати байни халифаву подшоҳон бар дӯши онҳо будааст[8.126]. Пас маълум мегардад, ки пеш аз ҳама мударрисону муаллимони мадориси «Низомия» шахсони бообрӯю соҳибэҳтиром буда, мавриди эътимоди аҳли ҷомеа қарор доштанд. Дигар ин ки маҳз дар ҳамин давра дар Мовароуннаҳру Хуросон нисбат ба илм таваҷҷуҳи

махсус зоҳир гардида, олимону донишмандон мавриди иззату эҳтироми ҳукуматдорон қарор доштанд, зеро Низомулмулк шахси донишманду илмдӯст буда, уламову удаборо эҳтиром мегузошт.

Маврид ба зикр аст, ки дар мадрасаи мазкур чандин олимону донишмандон ва фақеҳони бузурги замон ба мисли Абӯисҳоқи Шерозӣ, Имом Муҳаммади Ғазолӣ, Муҳаммади Ҷувайнӣ, Хатиби Табрезӣ ва дигарон ба таълиму тадрис машғул буданд. Аз руи гуфтаи Касоӣ нахустин шахсе, ки ба мансаби мударриси мадрасаи «Низомия» - и Бағдод интихоб гардидааст ин Абӯисҳоқи Шерозӣ будааст, ки ӯ яке аз бузургтарин донишмандони замони худ буда, ҳам аз ҷиҳати илмӣ ва ҳам ахлоқӣ аз дигар донишмандон ба маротиб фарқ мекардааст [8.125]. Абӯисҳоқ аз нахустин рӯзҳои ифтитоҳи мадраса ба фаъолият шурӯъ намуда, то вопасин дами ҳаёт ин вазифаи пурмасъулро ба уҳда доштааст. Бояд тазаккур дод, ки Абӯисҳоқ шогирдони зиёдеро тарбия намудааст ва онҳо дар риштаҳои илм, дин ва сиёсат дар замони худ хидмати арзандае намудаанд.

Яке аз мутафаккирони бузурги асри XI – XII олим ва файласуфи бузург ва мударриси мадрасаи Низомияи Бағдод ва Нишопур Абӯҳомид Муҳаммад ибни Муҳаммади Ғазолӣ мебошад. Ӯ яке аз файласуфони машҳури замон буда, бо тахаллуси Ҳуҷҷатулислом маъруфият ёфтааст. Ғазолӣ худ таҳсилдидаи мадрасаи «Низомия» - и Нишопур буда, файласуф, донишманд ва фақеҳи шинохтаи замон маҳсуб меёфт. Тибқи маълумоти Н. Касоӣ Ғазолӣ дар Нишопур бо Низомулмулк мулоқот намуда, мавриди таваҷҷуҳи ӯ қарор гирифт ва Ғазолиро барои тадрис ба мадрасаи «Низомия» - и Бағдод даъват намуд [8.125]. Ҳамин тавр, Ғазолӣ мударриси мадрасаи «Низомия» - и Бағдод интихоб гардида, чаҳор сол дар он ҷо ба тадрис машғул шуд. Ҳангоме, ки Ғазолӣ дар мадрасаи Низомия ба тадрис пардохт ҳамагӣ 35 сол дошт. Дар ин синну сол мударриси мадрасаи «Низомия» интихоб шуданаш далели донишмандиву бузургии ӯ аст. Дар соли 1095 бо мақсади сафари ҳаҷ ва дурӣ ҷустан аз мақоми дунявӣ тарки тадриси мадраса намуд ва аз Бағдод берун рафт. Ин сафар 10 сол тӯл кашида, дар ин муддат ӯ пайваста ба зуҳду риёзат машғул буд. Пас аз гузаштани ин муддат ӯ ба Тӯс бозгашт ва бо дархости Султон Санҷар дар мадрасаи «Низомия» - и Нишопур ба тадрис пардохт. Дубора ба мадрасаи «Низомия» даъват шудани Ғазолӣ далели он аст, ки ӯ дар ҳақиқат олими бузурги замон аст ва дар байни аркони давлат обруву нуфузи хоссаро дорост.

Бояд тазаккур дод, ки Ғазолӣ ҳам дар дарбори хулафои Аббосӣ ва ҳам дар дарбори сулолаи Салҷуқиён дорои мақому мартабаи баланд ва нуфузи фавқулодда буда, гоҳо рисолати байни ин ду салотинро бар уҳда дошт.

Тадрис дар «Низомия» - и Бағдод барои ҳар як донишманд ифтихори бузург буда, баробари гирифтани мақоми мударрисӣ дар ин мадраса мавриди истиқболи самими донишмандон ва мардуми шаҳр мегардид. Баъд аз қатъи фаъолияти ҳар як мударрис, мударриси дигаре паси иҷрои ин амал муаззаф мегардид ва ҳамин тавр чандин мутафаккирону донишмандон дар мадрасаи «Низомия» - и Бағдод ба таълиму тадрис машғул буда, ҳар яки онҳо дорои дараҷаи баланди илмӣ ва сифоти инсонӣ буданд ва мавқеашон низ аз Абӯисҳоқ ва ё Ғазолӣ кам набуд.

Дар бораи теъдоди мударрисони мадрасаи «Низомия» - и Бағдод аз аввали фаъолият то давраи охири мавҷудият, аз рӯи маълумоти Касоӣ беш аз 85 нафарро ташкил медиҳанд [8.138].

Аз рӯи маълумоте, ки Муҳаммад Рашшод пешниҳод менамояд, Муҳаммад Ғазолӣ шогирди Абдумалик ибни Абдуллоҳ ибни Муҳаммади Ҷувайнӣ буда, дар мадрасаи «Низомия» - и Нишопур аз ӯ таълим гирифтааст[6.136]. Муҳаммади Ҷувайнӣ машҳур бо Имомулҳарамайн буда, яке аз фақеҳону донишмандони замон аст. Ӯ дар мадрасаи «Низомия» - и Нишопур тӯли сӣ сол ба тадрису таълим пардохта шогирдони зиёдеро чун Ғазолӣ тарбият намудааст.

Ҳамин тавр мадрасаҳои «Низомия» яке аз ниҳодҳои илмӣ ва фарҳангии ҷаҳони ислом буда, дар рушду тақвияти илм ва бар камол расонидани олимону донишмандони бузург саҳми арзанде гузоштааст ва шогирдони ин мадорис имрӯз низ шӯҳрати ҷаҳонӣ доранд. Дигар ин ки то кунун аз саҳифаҳои таърих зудуда нашудани номи ин муассисаи бузурги омӯзишии замон ва то кунун мавриди таҳқиқу омӯзиш қарор доштани он далели шукӯҳу шаҳомат ва мавқеи созгори он ба ҳисоб меравад.

**АДАБИЁТ:**


1. Бертелс Е.Э. Таърихи адабиёти форсӣ – тоҷикӣ. Душанбе, 2015.
2. Бобоев Қурбонбой. Назарияи сиёсии Низомулмулк. Душанбе: ирфон, 1999.
3. Ғафуров Бобоҷон. Тоҷикон: Таърихи қадимтарин, қадим, асрҳои миёна ва давраи нав. Душанбе: Дониш, 2008.
4. Забеҳулло Сафо. Таҷрихи адабиёти Эрон. ҷ.2. Душанбе, 2011.
5. Зокиров Г.Н. Сиёсатшиносӣ. Душанбе: матбуот, 2003.
6. Муҳаммад Рашшод. Фалсафа аз оғози таърих. Ҷ.3-4. Душанбе: ирфон, 2002.
7. Низомулмулк. Сиёсатнома. Душанбе: адиб, 1989.
8. Нуруллоҳ Касоӣ. Мадориси Низомия ва таъсироти илмиву иҷтимоии он.
9. Саъдии Шерозӣ. Мунтахаби куллиёт. Сталинобод: нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1956.
10. Сотиволдиев Р.Ш. Таърихи афкори сиёсӣ ва ҳуқуқӣ. Душанбе: Эр – граф, 2011.

11. Ensani.ir/fa/artile/download/10756

## ЧАНД АНДЕША РОҶЕЪ БА МАВҚЕИ МАДОРИСИ НИЗОМИЯ ВА МУДАРРИСОНУ МУАЛЛИМОНИ ОН

*Дар мақола баъзе андешаҳо доир ба таъсису фаъолияти мадрасаи «Низомия» ва нақши он дар пешбурди илму тамаддун баён шудааст. Муаллиф мавқеи муаллимону мударрисони мадраса ва саҳми онҳоро дар тақвияту густариши илм дар Мовароуннаҳру Хуросон мавриди омӯзишу баррасӣ қарор додааст. Мадрасаҳои «Низомия», ки бо ташаббуси Низомулмулки Тусӣ бунёд гардидааст, муассисаи бонуфузи замони худ буда, барои тайёр намудани мутахассисони давр ва баланд бардоштани илму маънавиёт ҷомеа хизмати арзанда намудааст. Мударрисони он бошанд, шахсони бонуфузу донишманд ва соҳибэҳтироми ҷомеа буда назди ҳокимони давр иззату икроми хоссаро соҳиб буданд.*

*Муаллиф кӯшиш намудааст, таърихи бунёди мадрасаҳои «Низомия», нақши мударрисони ин мадорис онро дар ҷомеа нишон диҳад.*

***Калидвожаҳо:*** *Низомулмулк, «Низомия», мадраса, Мовароуннаҳр, Хуросон, муаллим, мударрис.*

## НЕСКОЛЬКО МЫСЛЕЙ О ПОЗИЦИИ ШКОЛЫ НИЗАМИИ И ЕЕ УЧИТЕЛЕЙ

*В статье приводятся некоторые идеи о возникновении и функционировании медресе Низомия, и его роль в развитии науки и цивилизации. Автор исследует роль учителей и руководителей медресе, которые играли важнейший роль в распространение и развития науке в Мовароуннахре и Хуросоне. Медресе Низомия, созданные по инициативе Низам аль-Мульк, являются один из выдающихся деятелей учреждением своего времени, внеслись ценный вклад в подготовку специалистов, в развитие науки и духовности. Его учителя, с другой стороны, были влиятельными, знающими, уважаемыми, представителями общественности, которые имели большой уважение к правителям того времени.*

*Автор пытается показать историю создания медресе «Низамия», роль преподавателей этих медресе в жизни общества.*

***Ключевые слова:*** *Низомулмулк, «Низомия», медресе, Моварауннахр, Хуросон, наук, руководство.*

## A FEW THOUGHTS ON THE POSITION OF «NIZAMI`S» SCHOOL AND ITS TEACHERS

*The article gives some ideas about the creation and functioning of the Nizomiya Madresse and its role in the development of science and civilization. The about gives explores the role of teachers and leaders of madresses and their contribution to the development and dissemination of science in the Movarounnahr and Churoson. The Nizomiya Madresseh, created on the initiative of Nizam al-Mullk, is an influential institution of its time and made a valuable contribution to the training of specialists, the development of science and spirituality. His teachers, on the other hand, were influential, knowledgeable, and respected members of the public who had a special respect for the rulers of the time.*

*The author tries to show the history of the creation of the «Nizami» madrasah, the role of the teachers of these madrasahs in the life of society.*

***Маълумот дар бораи муаллиф:***

***Ширинзода Аюбҷон Ширинбой*** *–ассистенти кафедраи фалсафаи ДДОТ ба номи С. Айнӣ*

***Сведения об авторе:***

***Ширинзода Аюбджон Ширинбой-*** *Ассистент кафедры философии Таджикского государственного педагогического университета имени С. Айни.*

***About the author:***

***Shirinzoda Ayubjon Shirinboy*** *-assistant of the Department of Philosophy of Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni.*

## ПАЙДОИШИ ФАРАНҶӢ: ХУСУСИЯТҲОИ ДИНӢ ВА ФАРҲАНГӢ-ХАЛҚИИ ОН

***Шомуродов Б.Б.***
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ*

Сару либос як ҷузъи фарҳанги моддӣ ба ҳисоб меравад. Либосро инсоният пеш аз ҳама дар зери таъсири иқлим ба вуҷуд меорад ва вобаста ба завқу зебоипарастии шаклҳои гуногунро мегирад. Масалан, сокинони Шарқи Дури Руссия дар фасли зимистон аз сабаби сармои сахт одатан мӯза ва албатта, ҷуробҳои пашмини гарм мепӯшанд. Илова бар ин, барои рафъ намудани сармо пӯстҳои ҳайвонот гург, рӯбоҳ, хирс ва ғайраро берун аз мӯзаҳо дар соқи он медӯзанд. Ё масалан либоси миллии мардонаи арабҳоро, ки барои ҳифз намудани тан ва бахусус сари онҳо пораи газвореро ба сар мекашанд, ки ба рӯймоли занона хеле монанд аст. Омили дигар, ки ба дӯхтану дар бар намудани либос таъсири бузург мерасонад, ин анъанаи динӣ мебошад. Чунин бармеояд, ки ин ва ё он либос бо сабабҳои гуногун пайдо мешаванд.

Фаранҷӣ ва чашмбанд аз либосҳои кӯчагии халқҳои Осиёи Марказӣ, дар мисоли тоҷикон ва ӯзбекон ба ҳисоб меравад. Ин намуди либос хоси сокинони ҳамвориҳо, минтақаҳои қадимае, ки ба зироаткорӣ машғул буда, ҳаёти муқимиро аз сар мегузаронианд ва дар он ҷойҳо фарҳанги шаҳрӣ тараққӣ карда, ки зоҳидӣ, гӯшанишинии занон бештар ба чашм мерасид, пайдо шудааст. Он аз каллапӯшҳои занони кишварҳои Осиёи Хурд ба куллӣ фарқ мекард. Дар бобати фарқияти ин намуди либос аз чодари занони форс метавон гуфт, ки фаранҷии занони Осиёи Миёна дар шакли курта дӯхта нашудааст, он чун либосест, ки барои паноҳ кардани сар истифода мешавад ва қисмати дигарашро дар сари китф мепартоянд.

Фаранҷӣ либоси махсуси занонро гӯянд, ки онро занон ҳангоми ба кӯча баромадан дар бар мекунанд. Он аз матоъҳои кимхоб, бахмал, алоча, шоҳӣ ва ғайра дӯхта мешавад. Фаранҷиҳо шерозадор ва бахиядӯзӣ мешуданд. Боз фаранҷиҳои дигаре низ мавҷуд буданд, ки онро ба тани арӯс пӯшонида, то ба хонаи домод мебурданд. [5, С. 525]

Таърихи пайдоиши каллапӯшҳо, бахусус фаранҷиро дар либоси рӯзмарра аниқ гуфтан имкон надорад. Ин таърихи дуру дароз буда, дар муддатҳои гуногун дар байни на фақат халқиятҳои гуногун, балки дар минтақаҳои гуногун низ идома ёфтааст. Истилоҳи «фаранҷӣ» аз забони арабӣ гирифта шуда, ба гуфтори тоҷикон «фаранҷӣ, паранҷӣ», русияш «паранджа» буда, ба забони форсӣ «курта» тарҷума шудааст. «Фаранҷӣ» либоси рӯи мардона буда, он кушод ва остиндароз буда аст ва мардҳои турки Константинопол онро чун либоси расмии мардона пазируфта буданд. Он чун либоси занона низ ба ҳисоб рафта, занҳо ҳини аз хона берун шудан дар сар менамоянд.

Давраи дигар ба пайдоиши фаранҷӣ тааллуқ дора два ба суннати либосҳои мардонае, ки дар сари китф партофта мешуд. Тибқи ин суннат занон ҳангоми аз хона берун шудан ҷомаи шавҳар ё писарашонро ба сарашон мепартофтанд. Дар бисёр ҷойҳо, аз он ҷумла дар шаҳри Хуҷанд дар нимаи дуюми асри XIX дар сар каллапӯше мепӯшиданд, ки онро «мӯнисак» меномиданд ва он чун либоси муқаррарӣ қабул шуда буд. [4, С. 54] Занони болооби Зарафшон аз ҳар гуна газвор каллапӯшҳое медӯхтанд, ки онро «каллапӯшак» меноманд. Танҳо дар охири асри XIX дар бар намудани фаранҷӣ васеъ паҳн мешавад.

Аз либосе, ки он кушод, остиндароз ва бо сангҳои қимматбаҳо гулдӯзӣ шуда, танро то буҷулаки пой аз чашми дигарон панаҳ мекунад, ёдовар шудан бомаврид аст, ки ҳанӯз дар сарчашмаҳои хаттии асри IX дар ин хусус маълумот дода шудааст. Фаранҷӣ дар Миср пайдо шуда, аз он ҷо ба дигар мамолики Шарқ паҳн гаштааст. [4, С. 54]

Ба истисnoи ҳамаи ин, пайдоиши фаранҷӣ зери фаҳмиши вожаи арабии «фаранҷа», яъне пӯшонидани рӯй ҳанӯз аз замони воруди арабҳо ба сарзамини Осиёи Марказӣ (а.VIII) шарҳ дода мешавад. Каллапӯшҳои қадим, ғайр аз каллапӯшҳои аҳамияти динидошта ба он хотир пӯшида мешуданд, ки сарро аз нурҳои тафсони офтоб эмин доранд. Бояд гуфт, ки таърихи пайдоиши фаранҷии занҳои осиёимиёнагӣ аз ҳамон фаранҷии қадимии маҳаллӣ буда, чун либоси қимматбаҳо ба шумор мерафт ва онро дар сари китф мепӯшидаанд, ки баъдтар мазмуни динӣ гирифт. Ин намуди либос дар давраи феодалӣ хеле маъмул гашта, дар худ навовариҳоро ворид карда бошад ҳам, вале тарҳ ва қолаби қадимияшро нигоҳ доштааст. Дар асри XVI остинҳои дароз ва нобоб, ки аз газворҳои сернақш оро ёфта буданд, ислоҳ ёфтанд ва дар асри XVIII комилан муқарарроти амалии худро аз даст доданд. [4, С. 54] Дар замони феодализми охир вазифа ва муқаррароти фаранҷӣ тағйир меёбад: он акнун рӯи занонро аз чашми номаҳрамон паноҳ мекард, ки онро шариати ислом талаб мекард. Лозим ба ёдоварист, ки дар сар намудани фаранҷӣ дар байни ҳамаи халқҳо ва гурӯҳҳои этникии халқҳои Осиёи Марказӣ на он қадар васеъ паҳн гашта буд. Масалан, дар байни қазоқҳо, қирғизҳо,

туркманҳо, тоҷикон, бахусус тоҷикони кӯҳистон паноҳ кардани рӯй ва ҳатмӣ будани пӯшидани фаранҷӣ он қадар маъмул набуд. Аз чашми бегонагон, номаҳрамон паноҳ кардани рӯй дар минтақаҳои кӯҳистон чандон риоя карда намешуд. [2, С. 75.] Муқарраротӣ пӯшидани фаранҷӣ дар шаҳрҳо ва деҳоти атрофи он ҷиддӣ риоя карда мешуд. Дар баъзе ноҳияҳо, деҳот ва дар байни бархе аз гурӯҳҳо, ки пинҳон кардани рӯйро хуб риоя менамуданд, ин анъана маълум шуда буд. Аниқтараш, пӯшидани фаранҷӣ дар минтақаҳое, ки қонуну қоидаҳои ислом чуқур реша давонида буданд, бештар буд. Дар кӯҳистон фаранҷиро танҳо занҳое дар бар менамуданд, ки мансуб ба оилаҳои осудаҳол буданд ва онро танҳо дар баъзе мавридҳо, масалан, дар давраи сафар истифода мебурданд. Ин занҳо ҳангоми аз хона баромадан ба сар ягон либоси рӯйпӯшро мепартофтанду халос.

Занҳое, ки мансуб ба қабилаҳои кӯчӣ буданд, як андоза аз пӯшидани фаранҷӣ озодтар буданд. Дар як қатор вилоятҳо занҳо сарашонро бо пораи газвор ё рӯймолчае, ки як сари он ба гардан ва шона партофта шуда буд, вазифаи ҳимоя кардан аз нури офтоб ва шамолро низ мебозид, ҳамзамон дар баъзе ҳолатҳо бо он як қисми рӯйро панаҳ мекарданд. Ин намуди каллапӯшҳо дар байни мусулмонон ба таври гуногун номгузорӣ шудааст чун салла, саргирак, ва ғ. Масалан, занони болооби Зарафшон онро «саргирак» меноманд. [3, С. 180.] Дар баъзе деҳоти вилояти Самарқанди имрӯз ба ҷои фаранҷӣ куртаи мардонаи шавҳар, писар ё бародарашонро истифода мебаранд.

Фаранҷӣ чун хилъати хеле дароз, кушод, остинҳояш борик буда, аз болои либосҳои рӯпӯш чун тоқӣ ва рӯймол вобаста ба синну сол аз болои сар пӯшида мешавад. Рӯи занонро тӯри росткунҷа пинҳон мекунад, ки онро дар ҳар кадом маҳаллу ноҳия ба таври гуногун ном мебаранд, чун «чашмбанд», «чачвон», «чашман», «чиммет» ва ғ. Чашмбанд аз матои ғафс ва дағал дӯхта шуда, рӯи занро аз назари бегонагон паноҳ мекунад, ҳамзамон он зан аз паси он атрофро дида метавонист. Фаранҷиро аз болои чашмбанд дар болои сар мепӯшанд. Дар сӯҳбатҳо хеле зиёд шунида мешавад, ки зани мусулмон гӯё рӯяшро бо фаранҷӣ паноҳ мекарда бошад, ки ин ақида чандон саҳеҳ нест. Дар баъзе ҳолатҳо занҳо бо як гӯшаи фаранҷӣ муваққатан рӯяшонро паноҳ мекунанд. Аммо дар асл бошад, фаранҷӣ танро паноҳ мекунад ва чашмбанд-рӯйро. Носаҳеҳии ин ақида дар он аст, ки ин мутахассисон дар бораи сару либоси мардумони Осиёи Миёна чандон маълумоти саҳеҳ надоранд, онҳо фаранҷӣ ва чашмбандро як либос медонанд, гоҳо мешавад, ки онҳо фаранҷӣ гуфта, ҳамон тӯреро дар назар доранд, ки он танҳо барои паноҳ кардани рӯй омода шудааст (чашмбанд - чачвон).

Фаранҷии аввалинро дар синни 9-солагии духтарон, яъне дар баробари фарз гаштани гуноҳ барои духтарон медӯхтанд. То ба шавҳар баромадани духтарон фаранҷиҳои дуюм ва сеюмро ба хотири истифода барои онҳо медӯхтанд. Оилаҳое, ки сарватманд буданд, дар бисоти тӯи арӯсии духтарашон то чаҳор фаранҷӣ аз матоъҳои қимматбаҳо омода месохтанд. Бо фаранҷӣ дохили хона шудан мумкин набуд. Инчунин, ба зани фаранҷипӯш ҳақорату дашном кардан ҷоиз набуд. Агар дар дохили хонаи дигар кас бо фаранҷӣ ворид шаванд ва ё рост истад, ин нишони ба он оила марг, бадбахтӣ орзу карданро дошт. Танҳо дар лаҳзаҳои мотам фаранҷиро аз сар бадар накардан, салом надодан, бо касе ҳамсӯҳбат нашудан ва ба сари майит истодан раво буду халос. Одатан дар ин лаҳзаҳо занон дохили хонаи азодор гашта, дар назди онҳо пайдо гаштани соҳибхоназанро интизор мешуданд, то ки соҳибхона аз сари ҳар кадоми онҳо фаранҷиро бадар созад. Дар ҳолати иҷро нашудани ин амал маънои беэҳтиромӣ зоҳир кардани соҳибхона нисбат ба меҳмонон буд ва сабаби ранҷиши меҳмонон мегашт. Дар рӯзҳои баъдина, яъне дар вақти фотиҳахонӣ касеро интизор нашуда, фаранҷиро худи занон аз сар мекашиданд, худашон дар ҷое мегузоштанд ё бачое кашол мекарданд. [4, С. 121.]

Пӯшидан, истифодабарӣ ва кашидани фаранҷӣ тарзи махсуси иҷроишашро дошт, ки занҳо ҳанӯз аз овони бачагӣ аз худ менамуданд. Масалан, ҳини аз хона баромадан фаранҷӣ ва чашмбандро болои даст дошта, танҳо вақти аз дарвоза берун шудан фаранҷиро ба сар мепӯшиданд, чашмбандро танҳо дар наздикии дарвоза ба рӯяшон мекашиданд. Дар дохили хона пӯшидани фаранҷӣ мумкин набуд, гӯё бехосиятӣ, касофатӣ меоварда бошад. Чунон расм шуда буд, ки меҳмон баробари вориди хона гаштан чашмбандро худаш ва соҳиби хона бошад, фаранҷиро аз сари онҳо мегирифт. Ва айнан ҳамин тавр ҳини аз хона баромадан соҳибхона ё духтараш фаранҷиро ба сари меҳмонон мепӯшонд. Ин анъана то ҳоло риоя карда мешавад.

Пайдоиши фаранҷӣ ҳамчун либосе, ки тани зани мусулмонро аз чашми бегонагон бояд паноҳ кунад, бештар дар давраҳои охири ҷорӣ намудани дини ислом рост меояд, онро арабҳо дар байни сокинони Осиёи Марказӣ ҷорӣ накардаанд. Он дар асоси анъанаҳои либоси миллӣ ва дар асоси тафаккур ва қолабҳои иҷтимоии ҷамъияти Осиёи миёнагӣ пайдо шудааст. Анъанаи пӯшидани либос маҳсули ҳаёти чандинасраи ин мардумон ба ҳисоб рафта, баъзан аз сокинони мардумони ҳамсоя низ дар худ тағйиротро пазируфтааст. Занони тақводор одатан ба сарашон рӯймолча мебанданд, ки рамзи зани мусулмон будани онҳо ба шумор меравад, дар ин ҳолатҳо рӯи онҳо кушода мемонад.

Либос мебоист мувофиқи талаботи дини ислом дӯхта ва пӯшида мешуд: он бояд шаффоф ва танг набошад, ягон намуди чокӣ надошта бошад, то ҳадди имкон бояд дароз бошад. Шариати ислом

истифодаи мӯи сохта (хусусан, барои мардон), дароз намудани нохунҳо, чидани қошҳоро манъ кардааст. Танҳо дар баъзе ҳолатҳо истифодаи атриётро иҷозат медиҳад.

Дар тӯли асрҳои XVI ва нимаи аввали асри XIX дар ҳаёти мадании сокинони минтақа тағйирот дида мешавад ва як андоза ҳаёти иҷтимоӣ хусусияти демократӣ мегирад. Дар фаъолияти эҷодии намояндагони ҳунармандон ва тоҷирони шаҳрҳо тағйироти калон ба чашм мерасад. Дар ин шароит табақаи равшанфикри ҷамъияти тоҷик роҳҳои баробарҳуқуқӣ ва шарафмандиро меҷуст, ақидаи онҳо дар қолаби маорифпарварӣ доман густурда буд, онҳо мехостанд, ба анъанаҳои собиқи пешқадам содиқ боқӣ монанд ва ҳамзамон дастовардҳои пешқадами дигар халқҳоро аз худ намоянд. Сафи равшанфикрон меафзуд, ҳамаи ин навовариҳоро онҳо бо роҳи баланд бардоштани маориф, тараққӣ додани илм, маълумотнокӣ, фарогирии ҷаҳонбинии васеъ медиданд.

Ҳамин тавр, маълум гашт, ки фаранҷӣ, чашмбанд, ҳиҷоб ва дигар либосҳои миллӣ дар шароит ва даври таърихӣ, расму оин ва талаботи дину тафаккур пайдо шуда, мавриди истифода қарор гирифтааст.

## АДАБИЁТ


1. Русско-таджикский словарь. - М.: «Русский язык», 1985. - 1280 стр.
2. Семенов А.А. Этнографические очерки Зеравшанских гор, Каратегина и Дарваза. - М., 1903. - 112 саҳ.
3. Собиров Н.И. Изучение памятников истории и культуры верховьев Зеравшана второй половины XIX-первой половины XX вв. Душанбе: «Ирфон».2012. - 200 стр.
4. Сухарев О.А. История среднеазиатского костюма. - М.: «Наука», 1982. 210 стр.
5. Валиев А. «Фаранҷӣ». «Сарредаксияи илмии энсиклопедияи советии тоҷик». Душанбе: 2018. - 634 с.


## ПАЙДОИШИ ФАРАНҶӢ: ВИЖАГИҲОИ ДИНӢ ВА ФАРҲАНГ-ХАЛҚИИ ОН


*Дар ин мақола анъанаи пӯшидани фаранҷӣ - рӯипӯше, ки бадани зани мусулмонро пинҳон мекунад ва он на дар натиҷаи ҳамлаи арабҳо ба Осиёи Марказӣ, балки танҳо дар марҳилаҳои охири таърихи пайдоиши он ба ислом иртибот доштааст, мавриди баррасӣ қарор мегирад. Фаранҷӣ аз шаклҳои маҳаллии либос ташаккул ёфта, меъёрҳои идеявию иҷтимоии ҳаёти ҷамъиятии мардуми Осиёи Марказиро инъикос мекард. Қайд мешавад, ки дар тӯли садсолаҳои зиёд дар ҷараёни муошири сокинони Осиёи Марказӣ бо халқҳои ҳамсоя ва бо тағйир ёфтани тарзи ҳаёти иҷтимоии онҳо ба зани муъмин пӯшидани рӯймол ё рӯймоли матои махсуси дарозтар – «ҳиҷоб» дастур дода мешуд, ки он рамзи шаъну шарафи зани мусалмон ба шумор мерафт ва ҳангоми пӯшидани он чеҳраи зан кушода мемонад. Дар мақола исбот мешавад, ки пайдоиши ин намуди парда дар байни халқҳои гуногун раванди тӯлонӣ ва давраҳои гуногун доштааст. Аз ин ҷост, ки суннати пӯшидани фаранҷӣ бештар на хусусияти динӣ, балки аҳамияти халқӣ ва маҳаллӣ дошт.*



Ал-Бируни успешно объяснил правила прилива. Он заявил, что увеличение и снижение уровня прилива происходит в зависимости от фазы луны. Он дал четкое определение о приливах в Сомнатхе и их этимологических отношениях с Луной. Все это всего лишь небольшая часть научных достижений ал-Бируни, которые были получены им в результате изучения и сопоставления различных данных по астрономии, астрологи, космологии и других связанных с ними наук, где ключевые места занимают науки и знания древних греков и индейцев.

Таким образом, космологические и астрономическое измерения ал-Бируни, которое отличает его от классических текстов в результате синтеза древнегреческих, древнеиндийских, мусульманских и представителей других народов, отражают достижения, дополнения, уточнения и обогащения научных знаний в науке мусульманского Востока. Изучение им наследия древних греков и индейцев велось беспристрастно, свободным от религиозных и кастовых предрассудков, что позволило ему пойти по пути неуклонного и неустанного поиска истины и правды.

**ЛИТЕРАТУРА**


1. GafurovB. Al-Birunia Universal Genius Who Lived in the Central Asia a Thousand of Years Ago. The Unesco Courier, June 1974.
2. Sarton, G. Introduction to the History of Science, Carnegie Institution of Washington, 1927.
3. Бируни Абу Райхан. Канон Мас‘уда. Т. V.
4. Бируни Абу Райхан. Канон Мас‘уда// Избранные произведения. Т. V. Вступ. статья, пер. и прим. П.Г. Булгакова и Б. А. Розенфельда. Кн. 1-5. Ташкент, 1973.

5. Бируни Абу Райхан. Обособление речи о проблемах теней (Гномоника)// Избранные произведения. Т.
6. Бируни Абу Рейхан. Индия. Пер. А. Халидова, Ю. Завадовского. М.: «Ладомир», 1995. Бируни Абу Рейхан. Индия.
7. Бируни Абу Рейхан. Памятники минувших поколений // Избранные произведения. Т. 5. Ч. 1. Ташкент, 1973.
8. Булгаков П.Г. Жизненный путь и труды Беруни. К 1000-летию со дня рождения // Вестник АН СССР, 1973, № 10.

## ФАЛСАФАИ КОСМОЛОГИЯИ АЛ-БИРУНӢ ВА МУНОСИБАТИ ОН БО НАМОЯНДАГОНИ ҲИНДУВОН ВА ЮНОНИ ҚАДИМ.

*Дар мақола муаллиф роҷеъ ба саҳми олим ва мутафаккири бузург Абӯрайҳони Берунӣ дар рушди илмҳои гуногуни замони хеш маълумот дода, дар ин самт нақши асарҳои безаволи Ӯ «Осор-ул-боқия» ва Мол-ил- Ҳинд»-ро муҳим медонад. Дар ин асарҳо масоили гуногуни эътиқодию динӣ, анъанаҳо тақвимҳо ва кайҳоншиносии халқҳои гуногун баён гардидаанд, ки муаллиф зимни баёни онҳо на аз нигоҳи динӣ, балки аз нигоҳи илмӣ баҳо додааст. Махсусан зимни баёни ақида дар бораи кайҳоншиносии юнониён дар китоби «Мол-ил-Ҳинд» Берунӣ то 20 намгӯи асарҳои муаллифони юнониро зикр намудааст, ки гувоҳ аз доштани огоҳии комили ӯ аз ақоиди космологии юнониён мебошад. Берунӣ махсусан ақидаҳои космологии Птолемейро дар шаш маврид зери шубҳа қарор дода, ба далелҳои худ онҳоро инкор мекунад. Ҳамчунин баъзе ақидаҳои Арасту ё пайравони ӯро, ки худро барҳақ медонанд, нақди фалсафӣ-космологӣ намудаасат.*

*Дар «Осор-ул-боқия» Берунӣ масоили ба астрология ва космологияи ҳиндӣ бахшидашударо баррасӣ намуда, дар бораи истилоҳи «Синдҳинд», асари муаллифи ҳиндӣ Арябхатта Сиддханта, тафовути зичҳои ҳиндӣ аз чизҳои мавриди истифодаи замонаш сухан мегӯянд.*

*Донишҳои аниқи Берунӣ роҷеъ ба космологияи ҳиндувон ва юнониён дар маҷмӯъ бо донишҳои дигари андухтаи ӯ боис шуданд, ки ҳодисаҳои зиёди астрономию космологиро шарҳ диҳад. Муаллифи мақола ин дастовардҳоро дар иртибот ба назари Берунӣ ба космологияи ҳиндувон ва юнониён муфассал нишон додааст.*

**Калидвожаҳо:** космология, астрономия, Сиддханта, замин офтоб, моҳтоб, аристотелизм.

## ФИЛОСОФИЯ КОСМОЛОГИИ АЛ-БИРУНИ И ЕГО ОТНОШЕНИЕ К ПРЕСТАВЛЕННИЙ ДРЕВНХ ИНДУСОВ И ГРЕКОВ

*В статье автор дает сведения о вкладе великого ученого и мыслителя Абу Райхана Беруни в развитие различных наук своего времени, а также рассматривает роль его бесценных трудов «Осар-уль-Бакия» и «Моль-ил -Хинд» в этом направлении. В этих произведениях выражаются различные вопросы веры и религии, традиций, астрологии и космологии разных народов, которые автор оценивает не с религиозной, а с научной точки зрения. В частности, излагая свои взгляды на греческую космологию в своей книге «Моль-ил-Хинд», Беруни приводит до 20 примеров произведений греческих авторов, что свидетельствует о его полном знании греческих космологических воззрений. Беруни специально оспаривал космологические идеи Птолемея шесть раз, отрицая их в своих аргументах. Кроме того, некоторые из идей Арсатотелья или его последователей, которые утверждают, что они верны, были философски и космологически критическими.*

*В Осор-ул-бокия Беруни обсуждает вопросы, связанные с индуистской астрологией и космологией, а также обсуждает термин «синдхинд» индийского автора Арьябхатты Сиддханты, чтобы отличить плотность населения индийцев от плотности населения его времени.*

*Точное знание Беруни индуистской и греческой космологии в целом вместе с другими его знаниями привело его к объяснению многих астрономических и космологических явлений. Автор этих статей подробно описывает эти достижения в связи со взглядами Беруни на индуистскую и греческую космологию.*

***Ключевые слова**: космология, астрономия, Сиддханта, земля солнца, луны, аристотелизм.*

## THE PHILOSOPHY OF COSMOLOGY OF AL-BIRUNI AND HIS ATTITUDE TO THE DECENT OF THE ANCIENT HINDUS AND GREEKS

*In the article, the author gives information about the contribution of the great scientist and thinker Abu Rayhan Beruni to the development of various sciences of his time, and also considers the role of his invaluable works «Osar-ul-Bakiya» and «Mol-il-Hind» in this direction. In these works various issues of faith and religion, traditions, astrology and cosmology of different peoples are expressed, which the author evaluates not from a religious, but from a scientific point of view. up to 20 examples of the works of Greek authors, which testifies to his complete knowledge of Greek cosmological views.Beruni specifically challenged the cosmological ideas of Ptolemy six times, denying them in his arguments.In addition, some of the ideas of Aristotle, or his followers, who claim that they are correct, were philosophically and cosmologically critical.*

*In Osar-ul-Baqiya, Beruni discusses issues related to Hindu astrology and cosmology and also discusses the Indian author Aryabhatta Siddhanta's term «Sindhind» to distinguish Indian population density from that of his time.*

*Beruni's exact knowledge of Hindu and Greek cosmology in general, together with his other knowledge, led him to explain many astronomical and cosmological phenomena. The author of these articles describes these achievements in detail in connection with Beruni's views on Hindu and Greek cosmology.*

***Key words:*** *cosmology, astronomy, Siddhanta, land of the sun, moon, Aristotelianism.*

***Маълумот доир ба муаллиф:***

***Холов Сафобахш Санақулович-*** *унвонҷӯи кафедраи фалсафаи ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ, тел 938070906. safobakhsh@mail.ru.*

***Сведение об авторе:***

***Холов Сафобахш Санакулович*** *– соискатель кафедры философии Таджикского государственного педогогического университета имени Садриддина Айни, тел.: 938070906. safobakhsh@mail.ru.*

***About the author:***

***Kholov Safobakhsh Sanakulovich*** *- applicant of the Department of Philosophy of Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni, Tel.: 938070906, Email: safobakhsh@mail.ru.*

# ҲОЛАТ ВА САТҲИ ИФРОТГАРОИИ ДИНӢ ДАР БАЙНИ ҶАВОНОНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

***Самиев Б.Ҷ., Бердиев Ш.П***
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ*

Экстремизм - аз истилоҳи фаронсавии «extremisme» ва лотинии «extremus» гирифта шуда, маънои луғавиаш ифротгароӣ, тундравӣ, фикру андешаҳо ва амалҳои тундравона, аз ҳад гузаштан, аз андоза гузаштанро дорад.**[4]** Ба фаҳмиши дигар, экстремизм (аз истилоҳи лотинии **extremus** - шадид) - назария ва амалияи расидан ба ҳадафҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ, мазҳабӣ, миллӣ бо ёрии воситаҳои «экстремалӣ» (мамнӯъ) мебошад. **[8]**

Ифротгароӣ тамоили ҷудоихоҳӣ, тундгароӣ ва игвоангезиро дар худ таҷассум намуда, бо терроризм алоқаи зич дорад. Яъне, оқибати ифрот терроризм аст. Ё худ экстремизм - фаъолияти сиёсие аст, ки барои амалӣ гардидани мақсадҳои моҷароҷӯии худ, зӯригарии ҷисмонӣ, услубҳои ҳарбӣ, террор ва фитнаро истифода мебарад.

Ифротгароии динӣ - ин аз ҷиҳати динӣ асоснок намудани фаъолияти бо дин рӯйпӯшкардашудае аст, ки бо зӯран ғасб намудани ҳокимият, халалдор кардани истиқлолият ва якпорчагии давлат ва бо ин мақсад барангехтани душманӣ ва бадбинии динӣ равона карда шудааст, ки он ба дини мубини Ислом ягон рабт надорад.

Умуман, терроризм ва экстремизм, аз як ҷониб, чун вабои аср хатари глобалии ҷиддӣ буда, аз ҷониби дигар, аъмоли он гувоҳ аст, ки террорист ватан, миллат ва дину мазҳаб надорад, ҳамзамон як таҳдиде ба ҷомеаи ҷаҳонӣ ва ҷони ҳар як сокини сайёра аст. Ин зуҳуроти фалокатбор ҳеҷ умумияте ба дин, аз ҷумла дини мубини ислом надорад ва бо истифода аз номи ислом ба хотири ҳадафҳои сиёҳу ғаразноки сиёсӣ содир карда мешавад. Чӣ тавре асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон зикр медорад: терроризм ба ягон дин, мазҳаб ё миллат хос нест. Барои он ки дини мубини ислом минбаъд ҳамчун манбаи зӯроварию фишор қаламдод карда нашавад, мо бояд ба ҷаҳолат маърифатро муқобил гузорем ва ба ҷойи муқовимати тамаддунҳо гуфтугӯи тамаддунҳоро ба роҳ монем. То замоне, ки инсоният ба ҳамкорӣ ва гуфтугӯи судманд муваффақ нагардад, хатари терроризм ва ифротгароӣ боқӣ мемонад.**[5]**

Идеологияи онҳо таҳрифкорона, хурофотӣ буда, ҳадафи асосиашон ворид кардани бенизомӣ миёни мардуми мамолики исломӣ ва ҳисси бадбиниро барқарор намудан байни давлатҳои дигари ҷомеаи башарӣ нисбати ислом ва давлатҳои исломӣ мебошад. Масалан, мувофиқ ба идеологияи ин ҳаракатҳо ислом ҳеҷ гуна озодиҳо, хусусан, озодиҳои фардиро эътироф намекунад. Ин гуна нуктаро Набаҳонӣ яке аз поягузорони «Ҳизби таҳрир» зикр дошта, нигошта буд, ки аз чор навъ озодиҳои умумии демократӣ, яъне озодии эътиқод, озодии раъй, озодии моликият ва озодии шахсият, ҳеҷ навъе дар ислом вуҷуд надорад. Ин ақида пурра саҳв буда, ҳатто як оят, ояти 32, аз сураи «Нисо» - ро барои ради он мисол овардан басанда аст: Мардҳо (дар зиндагӣ) ҳарҷӣ касб мекунанд моли эшон аст, занон низ ҳарҷӣ ба даст меоранд, мутааллиқ ба худи онҳост. Яъне ислом ҳанӯз ҳаққи моликиятро ба зану мард 1300 сол пеш аз ин дода буд, ҳоло он ки дар Аврупо танҳо охири асри Х1Х ва дар Испания миёнаи асри ХХ баъд аз фавти Генерал Франко зан расман ҳаққи доштани моликиятро ба даст овард.

Мувофиқи ақидаи назархоҳони ин ҳизб ислом гӯё ҳамзистии ақидаҳо, тамаддунҳо ва фарҳанги башариро инкор мекунад. Муътақид бар он буданд, ки мусулмон ба ақидаи дигар афрод, ки арзишмандтар ва пазируфтанист созиш надошта бошад. Аммо онҳо ба инобат нагирфтаанд, ки аз ибтидо ислом тарафдори сулҳ, ҳамзистии маслиҳатомези ақидаю фарҳангҳои гунгун буда, пайравони худро ба ин самт равона менамуд.

Имрӯз барои таҳрифкорон роҳи асосии бештар ба ҳадаф расонондани барномаҳои сиёсии худ ба миёни мубориза ворид кардани уламои исломӣ ва дар қолаби аҳком ва қонунҳои шариати исломӣ пиёда кардани андешаҳо, тарғиби идеяҳои таассубангези худ мебошанд. Аз ҷумлаи чунин ҳизбу ҳаракатҳое, ки гӯиё моҳиятан дар пояи қонун ва қоидаҳои шариати исломӣ барномаи сиёсии худро тарҳрезӣ карда, сафи худро аз ҳисоби афроди аз шариати исломӣ воқиф набуда ороста намуда, аз номи ислом расидан ба ҳадафи нопокро мароми худ қарор додаанд: «Ҳизб-ут-Таҳрир ал - исломӣ»; «Ал-Қойида», «Ҳаракати Толибон», «Бародарони мусулмон», «Ҳизби исломии Туркистон» (собиқ «Ҳаракати исломии Узбекистон»), «Ҷамоати Таблиғ», «Ҷамоати Ансорулло»; Ҳизби наҳзати исломии Тоҷикистон ва дигарон мебошанд.

Бинобар ин, дар Тоҷикистон ин ҳаракату созмонҳои ифротӣ - экстремистӣ, террористӣ шинохта шуда, барои фаъолияти онҳо фазои озод ва амал кардан иҷозат дода намешавад, ҳарчанд дар сафашон шаҳрвандони синну соли гуногуни кишвар шомил мебошанд. Ба он хотир, ки таълимоти

онҳо наздикии комил ба ислом, ба китоби муқаддаси Қуръон ва ҳадис надорад. Идеологҳои ин ташкилоту ҳаракатҳо аҳком ва қоидаҳои шариатро тибқи фаҳмиши худ мавриди баррасӣ ва таҳлил қарор дода, исломро, ки дини покиву ростӣ, сулҳу салоҳ, бародарию баробарист, ҳамчун як дини тунду оштинопазир ва инкоркунандаи ҳамаи арзишҳои башарӣ нишон медиҳанд, ки ин бадтарин амали зишти назархоҳони ифротгаро маҳсуб меёбад.

Соли 2021 барои муайян кардани вазъият ва сатҳи зуҳури ифротгароии динӣ дар байни ҷавонони кишвар, аз ҷумла дар минтақаҳои гуногун: Душанбе, Хатлон, НТҶ, ВМКБ ва вилояти Суғд аз ҷониби муҳаққиқон, ҷомеашиносон тадқиқоти сотсиологӣ баргузор карда шуд. Ба хотири воқеӣ баҳо додан ба вазъ ва сатҳи зуҳури ин вабои аср дар байни ҷавонон чунин хусусиятҳои муҳим ба эътибор гирифта шуданд:

- ҷинсият (аз теъдоди 1523 нафар мусоҳибон 755 нафарро занон ва 768 нафарро занон ташкил доданд);

- миллат (тоҷик - 1370 нафар, ӯзбек - 141 нафар ва дигар миллатҳо 12 нафарро ташкил доданд.

- синну соли мусоҳибон (аз 18 то 25 сола 64,3%, аз 26 то 30 сола 17,9%, аз 31 то 40 сола 11,0%, аз 41 то 50 сола 3,7%, аз 51 то 60 сола 2,5% ва аз 61 сола боло 0,9%);

- сатҳи маълумотнокӣ (3 нафарро афроди маълумотнадошта, 8 нафарро маълумоти ибтидоӣ (синфи 1-4 мактаби миёна); 41 нафарро маълумоти миёнаи нопурра (синфи 8-9 мактаби миёна); 337 нафарро маълумоти миёнаи пурра (синфи 10-11 мактаби миёна); 173 нафарро маълумоти миёнаи махсус (ОКТ, техникум, коллеҷ); 523 нафарро маълумоти олии нопурра (бакалавр) ва 438 нафарро маълумоти олӣ (мутахассис, магистр);

- касб ва тахассус (37 нафар коргар (сантехник, электрик, коргари завод, посбон ва ғ.); 30 нафар соҳибкори инфиродӣ (тоҷир, дӯзанда, ронандаи таксӣ ва ғ.); 502 нафар кормандони ташкилоти давлатӣ (духтур, муаллим ва ғ




- вазъи оилавӣ (577 нафар оиладор, 890 нафар муҷаррад, 30 нафар шахсоне, ки аз оилаи худ ҷудо шудаанд ва 11 нафарро шахсоне, ки дубора оила барпо намудаанд).**[6]**

Инчунин, барои муайян кардани сатҳи маърифати динии шаҳрвандон, муайян кардани омилҳои асосии пайдо шудани ин зуҳуроти номатлуб ба масъалаҳои зерин таваҷҷуҳ дода шуд. Ба вижа, ба саволи «**Шумо никоҳи худатонро чӣ гуна ба қайд гирифтед?**» андешаҳо чунин буданд: - 263 нафар ё 43,8% - никоҳи диниро афзалтар шуморида, баъдан қайди САҲШ-ро ҷонибдорӣ кардаанд; - 246 нафар ё худ 41,0%-и мусоҳибон аввал бақайдгирии расмиро дар САҲШ муҳим шуморида, баъдан никоҳи диниро зикр доштаанд; - 43 нафар ё 7,2% танҳо никоҳи динӣ ва 14 нафар ё 2,3% ба қайд гирифтан дар САҲШ-ро қабул доштаанд ва 34 нафар ё 5,7% аз ҷавоб гуфтан рӯй гардониданд. **[6]**

Аз таҳлили ин мавод маълум мегардад, ки сатҳи маърифати динӣ ва дунявии ҷавонон ҷиҳати бастани никоҳ ва ба расмияти давлатӣ даровардани бунёди оила дар сатҳи зарурӣ қарор надорад. Ҳарчанд, дар Тоҷикистон пурра қоидаҳои шариати исломӣ нисбати бастани никоҳ риоя мегарданд, аммо ба расмияти давлатӣ даровардани бунёди оила аз чанд ҷиҳат ҳатмӣ ва шарт аст: робитаи оила бо ҷомеаро барпо карда, барои бунёди наслу танзими низоми демографӣ саҳмгузор мегардад; барои мушаххас кардани маълумоти омории оилаҳои бунёдшуда (вобаста ба сол) мусоидат менамояд; арзиши оиларо дар ҷомеа баланд мебардорад; масъулияти тарафайнро дар мустаҳкамкунии оила

таҳким мебахшад; баробарҳуққуқии марду занро ҷиҳати соҳиб шудан ба молу амволи оилавӣ таъмин мегардонад ва ғайра.

Вобаста ба саволи **«Кӣ бояд сарвари оила бошад?»** аз ҷониби тадқиқотчиён ба мусоҳибон намунаҳои зайл пешниҳод карда шуд: шавҳар, зан, ҳар ду баробар, вобаста ба вазъият ва ба ҷавоб гуфтан душворӣ мекашам. Аз миқдори 1502 нафар - 1099 нафар ё (73,2%) мардро ба сифати сарвари оила дидан мехоҳанд. 29 нафар ё (1,9%) вазифаи сарвари оиларо ба ухдаи зан гузоштан мехоҳанд. 336 нафар (22,4%) аз он ҷонибдорӣ мекунанд, ки мард ва зан дар якҷоягӣ сарварии оиларо ба дӯш дошта бошанд. Вобаста ба вазъият бошад, танҳо 22 нафар (1,5%) посух додаанд ва 16 нафар (1,0%) ба ҷавоб гуфтан душворӣ кашидаанд. Вобаста ба ҷойи истиқомат ва ҷинс бошад, мусоҳибон нисбати муайян кардани сарвари оила фикрҳои мухолиф доранд. Масалан, дар вилоятҳои Хатлон (77,4%) ва Суғд (77,2%)-и бештари мусоҳибон ҷонибдорӣ аз он кардаанд, ки сарвари оила ба ухдаи мард вогузор карда шавад. **[6]**

Ба ухдаи мард вогузор кардани сарварии оила аз ҷониби мусоҳибон дорои чанд омил аст: 1) анъанаи суннатӣ (мардсолорӣ) риоя мегардад; 2) сарварии оила масъулияти зиёдеро талаб мекунад, ки зан аз иҷрои ҳамаи онҳо баромада наметавонад; 3) оиларо бо тамоми эҳтиёҷот мард бояд таъмин кунад ва ғайра. Дар мавриди аз рӯйи ҷинс баҳо додан ба саволи мазкур низ 67,3%-и занҳо тарафдоранд, ки оиларо мард сарварӣ кунад. Танҳо 2,2%-и занҳо ҷонибдорӣ он мебошанд, ки сарвари оила зан бошад.

Воқеан, оила ҷузъи асосӣ, ячейкаи хурди ҷомеа мебошад. Таъсис додан ва идора кардани он масъулияти зиёдеро талаб мекунад. Аз ин рӯ, вобаста ба вазъият ҳам мард ва ҳам зан метавонанд, ки сарварии онро ба ухда дошта бошанд, вале аз ҷиҳати биологӣ ва ҷисмонӣ сарварӣ кардани он ба зан мушкилӣ пеш меорад. Бинобар ин, вогузор кардани мард ба сифати сарвари оила аз ҷиҳати ҷисмонӣ, биологӣ ва равонӣ муфидтар аст.

Ба саволи **«Шумо таълимоти динӣ доред?»** ҳангоми баргузор кардани назарпурсӣ аз 1446 нафар мусоҳибон 710 нафар ва ё 49,1% ҷавоби мусбат дода, 736 нафар ва ё баробар ба 50,9% таълимоти динӣ надоштани худро тасдиқ карданд. Аз ин маълумоти оморӣ маълум мегардад, ки дар сатҳи зарурӣ воқиф набудани аҳолии кишвар аз қонуну қоидаҳо ва аркони шариати Ислом зуҳуроти ифротгароӣ дар байни ҷавонон ва таваҷҷуҳи бештар зоҳир кардани онҳо ба андешаҳои таассубангезӣ муллоҳои маъвизагӯ ривоҷ гирифтааст. Ҳоло он ки бо ташаббус ва дастгирии Президенти кишвар китоби муқаддаси «Қуръон» ба хатти кириллӣ ба нашр расида, дастраси аҳолӣ гардид, китобҳои мухталифи марбут ба ҳадис ва қонуну аркони дигари шариати исломӣ аз ҷониби донишмандони соҳавӣ ба хатти кириллӣ таҳия шуда, рӯйи нашрро дидаанд. Мутаасифона, аҳолӣ, аз ҷумла ҷавонон ба мутолиаи ин китобҳо аҳамият намедиҳанд. Зеро барои донистани аркону қонунҳои шариати исломӣ мутолиаи ин мавод басанда аст. Зарур нест, ки барои гирифтани таълимоти динӣ ҳатман дар мадрасаву макотиби гуногуни динӣ таҳсил намоӣ.

Вобаста ба рушди бемайлони технологияи иттилоотӣ, бархӯрди тамаддунҳо ва тағйирёбии муносибатҳои иҷтимоӣ имрӯз дастрас кардан ва аз таълимоти динии гурӯҳои ифротӣ маълумот ба даст овардан як воситаи асосии шомил шудани намояндагони қишрҳои мухталифи аҳолӣ ба ҳайати ҳаракатҳои тундраву экстремистӣ ба ҳисоб меравад. Тадқиқотчиён барои муайян кардани таъсири воситаҳои гуногун, аз ҷумла: сомонаҳои интенетӣ ва шабакаҳои иҷтимоӣ, телевизион, матбуоти даврӣ, радио, гирифтани ахбор дар мактаб/ коллеҷ/ донишгоҳ, баҳсҳо /суҳбатҳо бо дӯстон/ хешу таборон, аз масҷид, аз рӯҳониёни маҳалла, аз оила, китобҳо ва ғайра барои дастрас кардани маълумоти динӣ ва бо ин роҳ аъзо шудан ба ҳаракатҳои ифротгар




Баъди коркард ва натичагирӣ кардани анкетаҳо маълум карда шудааст, ки воситаи аз ҳама асосӣ, роҳи осон ва нисбатан фавритари дастрас кардани маълумоти динӣ ва огоҳ гаштан аз ҳадафу барномаҳои ичтимоии ҳаракату созмонҳои ифротӣ, ки ба таълимоти худ тобиши динӣ дода, дар доираи қонуну қоидаҳои шариат амал кардани худро тарғиб мекунанд, сомонаҳои интернетӣ ва шабакаҳои ичтимоӣ мебошанд. Масалан, барои муқоиса аз маълумоти омории дар диаграмма, ки бо ҳисоби фоиз бароварда шудааст 32,6%-и мусоҳибон нисбат ба телевизиону радио, рӯҳониёни маҳаллаю масчид, китобу матбуоти даврӣ сомонаҳои интернетӣ ва шабакаҳои ичтимоиро чиҳати дастрас кардани иттилоъ афзал ва муҳим шуморидаанд. **[6]**

Пас, ин чо маълум мегардад, ки сомонаҳои интернетӣ ва шабакаҳои ичтимоӣ дар сатҳи ҳамаи кишварҳои чомеаи имрӯза, аз чумла Точикистон аз чониби ниҳодҳои марбутаи давлатӣ ба таври зарурӣ назорат ва фаъолияти масъулони он, ки иттилоъро қабул, коркард ва интиқол медиҳанд ба танзим дароварда намешаванд. Ба ибораи дигар, масъулини сомонаҳои интернетӣ ва шабакаҳои ичтимоӣ худ чонибдоранд, ки аҳолӣ аз сайтҳои онҳо фаъолона истифода баранд то аз ин ҳисоб манбаи даромади онҳо пайдо шавад. Бинобар ин, ҳалли масъалаи мазкур амнияти иттилоотиро таъмин мекунад ва назорати он бояд дар доираи қонунҳои амалкунандаи кишвар оид ба иттилоъ, матбуот, озодии вичдон ва ғайра таъмин карда шавад.

Дигар паҳлӯи масъалаи мазкурро зимни баргузории тадқиқот ба эътибор гирифтани нуфузи занҳо ташкил дод. Таваччуҳ диҳед ба маълумоти омории чадвали 1.

**Чадвали 1. Шумо маълумоти диниро бештар аз кучо дастрас менамоед?** (Вобаста ба чинс)

| **Сарчашмаи ахбор** | **Чинси мусоҳиб** | |
|---|---|---|
| | **Мард** | **Зан** |
| Сомонаҳои интенетӣ ва шабакаҳои ичтимоӣ | 21,5% | 23,2% |
| Телевизор | 15,4% | 16,5% |
| Матбуоти даврӣ | 6,6% | 4,9% |
| Радио | 4,2% | 3,3% |
| Гирифтани ахборот дар мактаб/ коллеч/ донишгоҳ | 5,4% | 4,3% |
| Баҳсҳо / суҳбатҳо бо дӯстон/ хешу таборон | 7,0% | 13,3% |
| Аз масчид | 13,3% | 4,7% |
| Аз рӯҳониёни маҳалла | 5,4% | 3,5% |
| Аз оила | 8,4% | 14,2% |
| Китобҳо | 0,5% | 0,1% |
| Ба чавоб гуфтан душворӣ мекашам | 11,9% | 11,8% |
| Аз чавоб гуфтан рӯй гардонд | 0,4% | 0,2% |
| **Ҳамагӣ** | **100,0%** | **100,0%** |

Аз чадвали мазкур чунин маълумот ба даст оварда мешавад, ки назар ба мардҳо 1,7% зиёдтари занҳо нақши сомонаҳои интернетӣ ва шабакаҳои ичтимоиро барои ба даст овардани маълумоти динӣ афзалтар шуморидаанд. **[6]**

Ҳамзамон, барои он ки дар ҳар як кишвар, аз чумла Точикистон аҳолии касбу кори гуногун аз моҳияти дин, қоидаву аркони он воқиф гашта, дар ҳаёти шахсии худ аз онҳо истифода барад, эътиқод ба Худо дошта бошад, бояд аз китобҳои осмонӣ, ҳадисҳо, мавчудияти ташкилоту ниҳодҳои динӣ, мазҳабҳо ва ғайра ба таври зарурӣ воқиф гардад.

Муҳаққиқон ба ин ҷанбаи масъалаи мазкур аҳамияти хосса дода,




Муайян кардани андешаи шаҳрвандон дар мавриди фарқ карда тавонистани таълимоти ин мазҳабҳо аз ҳамдигар паҳлӯи дигари саволи мазкурро таҷассум менамуд. Нигаред ба ҷадвали 5:

**Ҷадвали 2. Ин мазҳабҳо аз ҳамдигар бо кадом хусусиятгириҳо фарқ мекунанд?**

| | Ҷавобҳо | | Фоизи мушоҳида |
|---|---|---|---|
| | N | Фоиз | |
| Ба ҷавоб гуфтан душворӣ мекашам | 999 | 67,5% | 73,5% |
| Аз ҷавоб гуфтан рӯй гардонд | 193 | 13,0% | 14,2% |
| Аз рӯйи эътиқод | 56 | 3,8% | 4,1% |
| Аз рӯйи таълимот | 51 | 3,4% | 3,8% |
| Аз рӯйи расму русум ва маросимҳо | 43 | 2,9% | 3,2% |
| Аз рӯйи тарзи ибодат | 44 | 3,0% | 3,2% |
| Ҳамаш қариб якхеланд | 44 | 3,0% | 3,2% |
| Аз рӯйи пайравӣ ба пайғомбар | 30 | 2,0% | 2,2% |
| Масъалаҳои сиёсӣ (равиши хилофат) | 20 | 1,4% | 1,5% |
| **Ҳамагӣ** | **1480** | **100,0%** | **108,9%** |

Аз таҳлил ва муқоисаи маводи оморӣ бармеояд, ки қариб 80,5% мусоҳибон ба саволи мазкур посух дода натавонистанд.**[6]** Аз сабаби сатҳи пасти маърифати динӣ ва надонистани мазмун ва моҳияти таълимоти мазҳабҳои зикрёфта ба ҷавоб додан душворӣ кашида, ё худ аз ҷавоб додан рӯй гардонидаанд. Бинобар ин, тавсия менамудем, ки мутолиа кардани маводи мӯътамади марбут ба мазҳабҳо, фарқ карда тавонистани таълимоти онҳо сатҳи ифротгароии диниро кам карда, фарҳанги таҳаммулпазирӣ, ҳамдилӣ ва ҳамзистии шаҳрвандонро тақвият мебахшад.

Доир ба мавзӯи **«Ба фаҳмиши Шумо ба амнияти кишвар кадом ҷараён ва созмонҳои динӣ-сиёсӣ хатар доранд?** - аз 2401 нафар анкета гирифта шуд. Дар саволн




Нисбат ба саволи **«Шумо аз куҷо оид ба ҷараён ва созмонҳои динӣ-сиёсӣ маълумот пайдо кардед?»**бошад, бо 2019 нафар мусоҳибон пурсишнома гузаронида шуд. Натиҷаи онро вобаста ба сарчашмаҳои зикргардида дар ҷадвали 3 нишон медиҳем:

**Ҷадвали 3. Шумо аз куҷо оид ба ҷараён ва созмонҳо динӣ-сиёсӣ маълумот пайдо кардед?**

| **Сарчашма** | **Ҷавобҳо** | | **Фоизи мушоҳида** |
|---|---|---|---|
| | **N** | **Фоиз** | |
| ТВ, радио, рӯзнома ва ғайра | 491 | 24,3% | 35,6% |
| Аз дигар одамон/дар кӯча | 190 | 9,4% | 13,8% |
| Сомонаҳои интернетӣ | 351 | 17,4% | 25,5% |
| Масҷид | 97 | 4,8% | 7,0% |
| Мактаб/донишгоҳ | 121 | 6,0% | 8,8% |
| **АДАБИЁТ**и динӣ (китоб/CD) | 70 | 3,5% | 5,1% |
| Ҳангоми таҳсил дар хориҷа | 43 | 2,1% | 3,1% |
| Ҳангоми муҳоҷирати меҳнатӣ | 36 | 1,8% | 2,6% |
| Шабакаҳои иҷтимоӣ (фейсбук, одноклассник ва ғайра) | 65 | 3,2% | 4,7% |
| Ба ҷавоб гуфтан душворӣ мекашам | 408 | 20,2% | 29,6% |
| Аз ҷавоб гуфтан рӯй гардонд | 147 | 7,3% | 10,7% |
| **Ҳамагӣ** | **2019** | **100,0%** | **146,4%** |

Ба саволи **«Шумо нисбати ифотгаро**



Ба саволи «**Кадом омилҳо ба пайдоиш ва рушди радикализми динӣ мусоидат мекунанд? -** тадқиқотчиён бо 2473 нафар анкета тақисм намуда, омилҳои асосии онро нишон доданд. Нигаред ба ҷадвали 4.

**Ҷадвали 4. Кадом омилҳо ба пайдоиш ва рушди радикализми динӣ мусоидат мекунанд?**

| Омилҳо | Ҷавобҳо | | Фоизи мушоҳида |
|---|---|---|---|
| | N | Фоиз | |
| Мушкилоти иқтисодӣ | 483 | 19,5% | 34,1% |
| Нобаробариҳои иҷтимоӣ | 275 | 11,1% | 19,4% |
| Маҳалгароӣ | 207 | 8,4% | 14,6% |
| Тарғиботи ташкилотҳои радикалӣ | 207 | 8,4% | 14,6% |
| Ноадолатӣ | 206 | 8,3% | 14,6% |
| Фанатизми динӣ | 315 | 12,7% | 22,3% |
| Рафтори бади худи шахс | 283 | 11,4% | 20,0% |
| Ба ҷавоб гуфтан душворӣ мекашам | 362 | 14,6% | 25,6% |
| Аз ҷавоб гуфтан рӯй гардонд | 135 | 5,5% | 9,5% |
| **Ҳамагӣ** | **2473** | **100,0%** | **174,8%** |

Аз 2518 нафар мусоҳибон, ки дар татбиқи тадқиқоти сотсиологӣ ширкат варзида, ба саволи **«Дар кишвари мо кадом воситаҳо ва гурӯҳҳо ба радикали**




Барои муайян кардани сабабҳои гаравидани ҷавонон ба ҷараёнҳои радикалӣ омилҳо асосӣ ба таври мушаххас маълум карда шу




Сабабҳои гаравидани занон ба ҳаракатҳои тундраву ифротӣ дар замони муосир, хусусан дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз масъалаҳои баҳснок ба ҳисоб меравад. Муҳаққиқон дар кори тадқиқотии худ ба ин масъала таваҷҷух дода, дар рафти таҳияи саволнома проблемаи сабабҳои гаравидани занонро ба ҳизбу ҳаракатҳои ифротӣ аз мадди назар дур накарданд.

Барои мушаххас кардани ин вазъ дар минтақаҳои гуногуни кишвар дар тадқиқоти сотсиологӣ саволи **«Сабабҳои гаравидани**




Доир ба масъалаи оё ҷавонон ва ё шаҳрвандоне, ки бо сабабҳо ва воситаҳои гуногун ба ҳаракату созмонҳои ифротӣ гаравидаанд имконияти аз ақидаи худ баргаштан ва ислоҳ шуданро доранд ва ё

не низ тадқиқотчиён аҳамияти махсус зоҳир карданд. Дар ин маврид низ роҳу воситаҳо аз ҷониби онҳо муайян кард




Дар тадқиқоти масъалаи «Ба андешаи Шумо роҳу воситаҳои беҳтарини пешгирии одамон аз ҳамроҳшавӣ ба гурӯҳҳои радикалӣ кадомҳоянд?» муҳим арзёбӣ гардид. Анкета ба 3585 нафар мусоҳиб тақсим карда шуд. Вобаста ба бандҳое, ки ҳамчун восита эъти




Умуман, ифротгароии динӣ - ин инкор кардани низоми арзишҳои анъанавӣ барои ҷомеа, ахлоқ ва қонун, инчунин таблиғи ғаразноки «ақидаҳо» аст, ки зери ниқоби дин сурат мегиранд, фаҳмида мешавад. Ё инкор ва қабул надоштани принсипҳои ҷомеаи дунявӣ ва талаботи дигар динҳо аст. Мақсади ин зуҳурот маҷбуран тағйир додани низоми давлатдорӣ ё зӯран ба даст овардани ҳокимият, халал ворид кардан ба соҳибихтиёрӣ ва тамомияти арзии давлат ва барангехтани кинвау адоват бо ин роҳҳо мебошад. Ифротгаро фардест, ки фаъолияти худро дар партави амалҳои тундгароёнаи ҳаракату созмонҳои хатарзо ба хотири ба мақсад расидан ва манифиат бардоштан, ба роҳ мемонад.

Ҳамин тавр, аз натиҷаи тадқиқот бармеояд, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сабабҳои асосии пайдоиши ифротгароии диниро бо чунин омилҳо метавон вобаста донист:

- сатҳи пасти маърифати динӣ ва дунявии шаҳрвандон;
- дар сатҳи зарурӣ надонистани ҳуқуқ ва уҳдадориҳои худ;
- вазъияти оилавӣ, моддӣ, идеологӣ, дар сатҳи хуб ташаккул наёфтани фарҳанги иттилоотӣ;
- хоҳиши табаддулот ва норозигии баъзе аз шаҳрвандони ноогоҳ аз вазъи феълии идоракунии ҷомеа;
- коҳиш ёфтани сатҳи зиндагӣ;
- хусумати шахсии роҳбарони ҳизбҳои сиёсӣ, байни шахсиятҳои сиёсӣ;
- фаъолияти динии мубаллиғони хориҷӣ ва ғайра.

**АДАБИЁТ:**


1.Джабаров Р. Экстремисты против традиционалистов //«Независимая газета» 1999 г. 20 окт.

2.Лопатин И. Д., Янкевич П. Ф. Экстремизм как социально – политическое явление современного мира (особенности его возникновения и развития в России). Монография. – Ярославль: «Издательство «Литера»», 2007. – 167 с.

3.Мамытова Э. Исламский фундаментализм и экстремизм в странах Центральной Азии // «Центральная Азия и Кавказ» 2000 г. №5

4.Мусоев Ш.М. Терроризм ва экстремизм - ҳамчун падидаҳои номатлуби иҷтимоӣ/ http://old.ttu.tj

5.Паёми Президанти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2016.

6. Тадқиқоти сотсиологӣ дар мавзӯи «Вазъият ва сатҳи ифротгароии динӣ дар байни ҷавонони Ҷумҳурии Тоҷикистон». – Душанбе, 2021.

7.Фридинский С.Н. Экстремизм: понятие, виды, формы проявления и основные направления борьбы с данным явлением // Юристъ-Правоведъ. 2006. № 4.

8.http://aydarovskoe.ru/administratsiya/protivodeystvie-terrorizmu-i-ekstremizmu/chto-takoe-ekstremizm-i-terrorizm


## ҲОЛАТ ВА САТҲИ ИФРОТГАРОИИ ДИНӢ ДАР БАЙНИ ҶАВОНОНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН


*Муссалам аст ки, расму ойин, кешу мазҳаб, забон, иқтисод, марзу бум, ваҳдату якдигарфаҳмӣ, хештаншиносию худогоҳӣ ва дигар арзишҳои инсонӣ ҷавҳар ва бақои миллат маҳсуб мешаванд ва ҳар як миллати воҳид маҳз ба василаи ҳамин арзишҳо ба тамаддун ва таърихи башарӣ ворид мешаванд. Мутаасифона, таи даҳсолаҳои охир дар натиҷаи ҷаҳонишавии арзишҳо, авҷ гирифтани бархӯрди тамаддунҳо назари мардум нисбат ба арзишҳои фарҳангӣ, муносибатҳои ҷамъиятӣ дигаргун гашт. Ҳаракату созмонҳои мухталиф пайдо шуда, идеологияи ифротии худро тобиши динӣ дода, бар хилофи низоми ҷомеадории феълӣ ба роҳ монданд, ки дар натиҷа ба амнияту субот, ҳамзистию ҳамдилии мардумон халал ворид карданд.*

*Дар мақолаи мазкур муаллифон қайд мекунанд, ки тадқиқоти сотсиологие, ки дар мавзӯи «Вазъият ва сатҳи ифротгароии динӣ дар байни ҷавонони Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз ҷониби устодони кафедраи фалсафаи ДДОТ ба номи С.Айнӣ баргузор карда шуд аз он ҷиҳат афзалият дорад, ки барои муайян кардани омилҳои пайдоиши ифротгароии динӣ дар минтақаҳои гуногуни кишвар ҷинсият, миллат, сатҳи маълумотнокӣ, касбу тахассус, вазъи оилавии мусоҳибонро ба эътибор гирифта, маводро захира ва коркард кардаанд. Бинобар ин, таҳлил ва тавсияҳои тадқиқотчиён барои пешгирӣ аз вусъатёбии сафи ифротгароён дар миёни аҳолии Тоҷикистон мусоидат карда, барои муҳаққиқон ҷиҳати таҳия кардани мақолаҳои илмӣ, дастурҳои тавсиявӣ аз аҳамият холӣ намебошанд.*



***Калидвожаҳо:*** *инсон, ҷомеа, ниҳодҳои иҷтимоӣ, ифротгароӣ, тероризм, арзишҳои фарҳангӣ, бархӯрди тамаддунҳо, амнияту субот, маърифати динӣ.*


## СИТУАЦИЯ И УРОВЕНЬ РЕЛИГИОЗНОГО ЭКСТРЕМИЗМА СРЕДИ МОЛОДЕЖИ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН


*Очевидно, что обычаи, традиции, язык, экономика, границы, единство, взаимопонимание, самопознание, самосознание и другие человеческие ценности являются сущностью и увековечиванием нации, а именно через эти ценности каждая нация входит в цивилизацию и человеческую историю. К сожалению, в последние десятилетия в результате глобализации ценностей, столкновения цивилизаций изменилось отношение людей к культурным ценностям и общественным отношениям. Возникли различные движения и организации, которые придают своей экстремистской идеологии религиозный оттенок и идут вразрез с существующим общественным порядком, который подрывает безопасность, стабильность, сосуществование и солидарность людей.*

*В данной статье авторы отмечают, что социологическое исследование, проведенное преподавателями кафедры философии Таджикского государственного педагогического университета им. С. Айни на тему «Ситуация и уровень религиозного экстремизма среди*

*молодежи в Республике Таджикистан», имеет преимущество: факторы возникновения религиозного экстремизма в разных регионах страны с учетом пола, национальности, уровня образования, профессии, семейного положения респондентов накопили и обработали материал. Поэтому анализ и рекомендации исследователей помогают предотвратить распространение экстремизма среди населения Таджикистана и имеют важное значение для исследователей при разработке научных статей, и разных руководств.*

***Ключевые слова:*** *человек, общество, социальные институты, экстремизм, терроризм, культурные ценности, столкновение цивилизаций, безопасность и стабильность, религиозного знания.*

**SITUATION AND LEVEL OF RELIGIOUS EXTREMISM AMONG YOUTH IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN**

*It is obvious that customs, traditions, language, economics, borders, unity, mutual understanding, self-knowledge, self-awareness and other human values are the essence and perpetuation of a nation, and it is through these values that each nation enters civilization and human history. Unfortunately, in recent decades, as a result of the globalization of values, the clash of civilizations, people's attitudes towards cultural values and social relations have changed. Various movements and organizations have emerged that give their extremist ideology a religious connotation and run counter to the existing social order, which undermines the security, stability, coexistence and solidarity of people.*

*In this article, the authors note that a sociological study conducted by teachers of the Department of Philosophy of the Tajik State Pedagogical University named after S. Aini on the topic «The situation and level of religious extremism among youth in the Republic of Tajikistan» has an advantage: the factors of the emergence of religious extremism in different regions of the country, taking into account gender, nationality, education level, profession, marital status of respondents, have accumulated and processed material. Therefore, the analysis and recommendations of researchers help prevent the spread of extremism among the population of Tajikistan and are important for researchers in the development of scientific articles and various guidelines.*

***Key words:*** *man, society, social institutions, extremism, terrorism, cultural values, clash of civilizations, security and stability, religious knowledge.*

***Маълумот дар бораи муаллифон:***

***Самиев Бобо Ҷӯраевич*** *- доктори илмҳои фалсафа, профессори кафедраи фалсафаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ. Тел.: (+992) 918670143. E-mail: samiev.veshab@mail. ru. (SPIN-код): 6916-8573*

***Бердиев Шоҳназар Пирназарович****-н.и.ф., досент, мудири кафедраи фалсафаи ДДОТ ба номи С.Айнӣ. Тел: 935008547, Shokhnazar@mail.ru.*

***Сведения об авторах:***

***Самиев Бобо Джураевич*** *- д.ф.н., профессор кафедры философии Таджикского государственного педагогического университета имени С. Айни, e-mail: samiev.veshab@mail. Ru. (SPIN-код): 6916-8573*

***Бердиев Шохназар Пирназарович****- к.ф.н., доцент, зав. кафедрой философии ТГПУ им. С.Айни. Тел: 935008547, Shokhnazar@mail.ru.*

***About authors:***

***Samiev Bobo Juraevich*** *- doctor of philosophy, professor of the Cahir of Philosophy of Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni, E-mail: samiev.veshab@mail. ru, Tel.: (+992) 918670143.*

***Berdiev Shohnazar Pirnazarovich****- Ph.D. in philosophy, associate professor, head of the Department of Philosophy of Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni., Tel.: (+992) 935008547, Email: shokhnazar@mail.ru.*

## САРМОЯИ ИҶТИМОӢ:МАҲФУМ, НАЗАРИЯ ВА РАВИШҲОИ КОНСЕПТУАЛӢ

***Ҳайдаров Р. Ҷ.***

*Институти фалсафа,сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон*

Имрӯз ҳар сол садҳо монография ва мақолаҳои илмӣ оид ба омӯзиши падидаи сармояи иҷтимоӣ дар фазои илмӣ-иттилоотӣ нашр мегарданд. Қобили зикр аст, ки алъон мафҳуми «сармояи иҷтимоӣ» дар луғати илмӣ мақоми устувор пайдо намудааст. Истилоҳи «сармояи иҷтимоӣ» одатан ишора ба эътимод, робитаҳои иҷтимоӣ, меъёрҳо ва арзишҳое мебошад, ки ба ҳамкориҳои мутақобилан судманд дар дилхоҳ ҷомеа мусоидат мекунанд. Дар робита ба ин, мафҳуми «сармояи иҷтимоӣ» дар

омӯзиши тамоюлҳои глобалии рушди иҷтимоӣ дар кишварҳои муосири ҷаҳон фаъолона истифода мешавад.

Албатта дар атрофи калимаи «сармоя», ки дар истилоҳи «сармояи иҷтимоӣ»» ба назар мерасад, арзёбиҳои гуногун мавҷуданд. Дар ин қарина таҳқиқ намудани маънои истилоҳи «сармояи иҷтимоӣ», ки дар рушди иқтисодӣ ва иҷтимоию сиёсии дилхоҳ ҷомеа нақши калидиро мебозад, барои амалияи ҷомеаи муосири тоҷик аҳамияти калон дорад.

Истилоҳи «сармояи иҷтимоӣ» аввалин бор аз ҷониби ҷомеашиноси амрикоӣ Р.Путнам ба муомилоти илмӣ пешниҳод гардидааст. Таърифи умумии муҳаққиқи амрикоӣ оид ба мафҳуми «сармояи иҷтимоӣ» чунин садо медиҳад: «он хусусиятҳои созмонҳои иҷтимоӣ, ба монанди шабакаҳо, меъёрҳо ё эътимод мебошанд, ки ҳамоҳангиро дар расидан ба манфиатҳои мутақобила осон мекунанд»[1,67].

Масъалаҳои марбут ба ташаккули «сармояи иҷтимоӣ» инчунин дар асарҳои сиёсатшиноси амрикоӣ Френсис Фукуяма таҳқиқ гардидааст. Ба ақидаи Ф.Фукуяма ҷавҳари «сармояи иҷтимоӣ»-ро арзишҳо ташаккул медиҳанд. Маҳз эътимод ба ақидаи Ф.Фукуяма як шакли калидии сармояи иҷтимоӣ аст, ки ҷомеаро муттаҳид мекунад[3,46-90].

Ҳам Р.Путнам ва ҳам Ф.Фукуяма, аслан иқтисоди бозориро, бо дарназардошти дахолати маҳдуди давлат, муҳити беҳтарин барои сармоягузорӣ ба сармояи иҷтимоӣ мешуморанд. Гузашта аз ин, онҳо боварӣ доранд, ки маҳз «мантиқи мубодила»-и бозор ба паҳншавии арзишҳои башардӯстӣ дар давраи пас аз феодалӣ мусоидат кардааст. Тавре Ф.Фукуяма қайд мекунад, «... аъзоёни ҷамъияти буржуазӣ ба меҳнатдӯстӣ, ростқавлӣ, худтанзимкунӣ .... бештар таваҷҷӯҳ зоҳир мекунанд[3,347].

Аммо баъзе муҳаққиқон мутмаинанд, ки сармояи иҷтимоӣ хусусияти хоси сохтори иҷтимоӣ мебошад. Масалан, А.Портес ду гурӯҳи асосии сарчашмаҳои сармояи иҷтимоӣ – «абзорӣ» (инструменталӣ) ва «истеъмолшавандаро» муайян мекунад. Дар ҳоле ки сарчашмаҳои абзорӣ натиҷаи сармоягузорӣ мебошанд, сарчашмаҳои истеъмолшавандаи сармояи иҷтимоӣ аз алтруизми шахсони алоҳида ба вуҷуд меоянд[4,8].

Сарфи назар аз мавҷуд набудани мӯҳтавои умумии мафҳуми «сармояи иҷтимоӣ», ин истилоҳ аз солҳои 90-ум инҷониб дар пажӯҳишҳои ҷомеашиносӣ, иқтисодӣ ва сиёсатшиносӣ васеъ истифода мешавад. Мафҳуми «сармояи иҷтимоӣ» аз ҷиҳати генетикӣ бо таълимоти иқтисодчии шотландии асри XIX Адам Смит алоқаманд аст ва дар қаринаи назарияи захираҳои иҷтимоии ғайрииқтисодӣ муаррифӣ карда мешавад. Муқоисаи мафҳумҳои «сармояи иҷтимоӣ», ки дар асри XX аз ҷониби П.Бурдье, Р.Путнам ва Ҷ.С.Коулман таҳия шудаанд, дар баробари тафовутҳои марбут ба мавқеъи илмии муҳаққиқон як умумиятро инъикос мекунад, ки мувофиқи он сармояи иҷтимоӣ аз боварӣ ва эътимод дар байни иштирокчиёни муносибатҳои иҷтимоӣ ва таҳкими меъёрии онҳо сарчашма мегирад. Дар ин замина, мо мафҳуми умумии сармояи иҷтимоиро ҳамчун таносуби манфиатҳои шахсӣ ва ҷамъиятӣ муайян мекунем, ки дар сатҳи фардӣ, гурӯҳӣ ва иҷтимоӣ дар натиҷаи таъсири мутақобилаи иштирокчиёни робита ва амали дастаҷамъии онҳо ба вуҷуд меоянд ва афзоиш меёбанд. Пйер Бурдйе мафҳуми «сармояи иҷтимоӣ»-ро дар таҳқиқоти худ «Очеркҳои назарияи амалия» арзёбӣ намудааст, ки мувофиқи он ҳама гуна амалҳо, ҳатто аз манфиат холӣ ва мақсади равшан надошта бошанд ҳам, бо вуҷуди ин ба зиёд кардани неъматҳои моддию маънавӣ нигаронида шудаанд. Амалия - мубориза барои мақоми иҷтимоӣ бо бурду бохташ, мазмуни ҳаёт аст ва қонуният дорад[5,62; 6,357].

Ба ақидаи П.Бурдйе ҷомеа, новобаста аз иродаи шахсони дар онҳо амалкунанда, ба бисёр «майдонҳо»-и мухтори дорои ҳаёти махсуси иҷтимоӣ тақсим мешавад: соҳаи иқтисодиёт, соҳаи илм, дин, санъат ва ғайраҳо. Майдонҳо, вобаста ба ҳадафи воқеии шахсони алоҳида, ки барои расидан ба он саъйу кӯшиш мекунанд, «фазоҳои мубориза» -ро ифода мекунанд[7,132]. Ғалабаҳои стратегии «бозингар» дар соҳаҳои гуногун аз қобилияти ӯ дар ихтиёрдории захираҳои муайян вобаста аст, ки П.Бурдйе онҳоро «сармоя» меномад. Намудҳои гуногуни захираҳо маънои сармояи иқтисодӣ, фарҳангӣ ва иҷтимоиро доранд.

Сармояи иқтисодӣ мафҳуми васеъест, ки тамоми намудҳои неъматҳои моддиро дар бар мегирад, ки дар асоси ҳуқуқи моликият ниҳодина (институтсионализатсия) шудааст.

Сармояи фарҳангӣ мувофиқи назари П.Бурдйе дар се ҳолат ифода меёбад: 1) сармояи фарҳангӣ дар ҳолати омехта шудани «муомилоти дуру дарози рӯҳ ва ҷисм» пайдо мешавад, ки бо омӯзиш дар рафти иҷтимоишавӣ ва тарбияи ибтидоӣ ба даст омадааст; 2) дар ҳолати объект шудан – дар шакли расмҳо, китобҳо, асбобҳо, инчунин малакаҳои ба даст овардаи расмкашӣ, навохтани мусиқӣ ва ғайра, ки истифодаи онҳо лаззат мебахшад; 3) сармояи фарҳангии ниҳодинашуда (институтсионалӣ) инъикоси худро дар тахассуси академӣ, ки дар шакли унвонҳо, шаҳодатномаҳо, дипломҳои тасдиқшуда ифода мегарданд, пайдо мекунад ва барои табдил додани онҳо ба сармояи иқтисодӣ шароит фароҳам месозад.

Сармояи иҷтимоӣ, ҳамчун як шакли сармоя, аз ҷониби П.Бурдйе ҳамчун «маҷмӯи захираҳои воқеӣ ё эҳтимолии шахс бо доштани шабакаҳои устувори муносибатҳои бештар ё камтар институтсионалии шиносоӣ ва эътирофи мутақобила ифода меёбад»[5].

Иқтисодчии амрикоӣ Г.К.Лоури дар коркарди назарияи сармояи иҷтимоӣ саҳми назаррас гузоштааст. Вай иқтисодиёти неоклассикиро танқид карда, чунин мешуморад,ки «назарияҳои иқтисодии ортодоксӣ хеле фардӣ карда шудаанд ва танҳо ба сармояи инсонии инфиродӣ нигаронида шудаанд»[10,35].

Ҷеймс Самуэл Коулман консепсияи сармояи иҷтимоиро дар асоси назарияи интихоби оқилона таҳия мекунад. Ин мавқеъи ӯ аз мафҳуми «сармояи иҷтимоӣ», ки соли 1977 аз ҷониби иқтисодшиноси амрикоӣ Г.К. Лоури пешниҳод шудааст, маншаъ мегирад. Мувофиқи он сармояи иҷтимоӣ маҷмӯи захираҳое мебошад, ки ба муносибатҳои оилавӣ ба маънои васеи ин истилоҳ хос аст[8,129]. Ӯ се сатҳи сармояи иҷтимоиро фарқ мекунад: сатҳи эътимод, сатҳи иттилоотӣ ва сатҳи меъёрӣ.

**Сатҳи эътимод:** Эътимод ҳамчун посух ба амали судманд пайдо мешавад.Сатҳи эътимод як ҷузъи муҳими кӯмак ба эҷоди интизориҳо ва ӯҳдадориҳо барои нигоҳ доштани муносибатҳои иҷтимоӣ мебошад.

**Сатҳи иттилоотӣ**: Муносибатҳои иҷтимоӣ дорои зарфияти иттилоотӣ мебошанд.

**Сатҳи меъёрӣ**. Сармояи иҷтимоӣ ва меъёрҳои марбут ба фидокории бошууронаи ҳар як шахс ба муттаҳидшавӣ дар сатҳи ҷомеа оварда мерасонад.

Хулоса, бояд қайд кард, ки таҳқиқоти П.Бурдье, Ҷ.С.Колман ва Р. Путнам дар ташаккулу маънидоди мафҳуми «сармояи иҷтимоӣ» саҳми назаррас доранд. Бо такя ба таҳлилҳои дар боло анҷомдода изҳор намудан ҷоиз аст,ки сармояи иҷтимоӣ дар натиҷаи ҳамкории иштирокчиёни робитаҳои иҷтимоӣ ба вуҷуд меояд ва меафзояд. Он барои фаъолияти дастаҷамъона (коллективӣ) замина ба вуҷуд меоварад.

Дар ҳақиқат , сармояи иҷтимоӣ мафҳумест, ки шабакаҳои иҷтимоӣ ва муносибати байни одамонро дар ҷомеа ифода мекунад. Истилоҳи «сармоя» барои он истифода мешавад, ки шабакаҳои иҷтимоӣ (табиат ва шакли онҳо) дар тӯли даҳсолаҳо, садсолаҳо оҳиста-оҳиста тағйир меёбанд ва ҷамъ мешаванд. Аз ин рӯ, онро метавон ҳамчун нишондиҳандаи зарфияти фарҳанги ҷомеа, сармояи фарҳангӣ маънидод кард. Чунон ки олими рус В.В. Радаев қайд менамояд, сармояи иҷтимоӣ дорои як қатор хусусиятҳои хоси сармояи иқтисодӣ мебошад:маҳдудият, қобилияти ҷамъкунӣ, конвертатсия, худафзоӣ ва ҳатто интиқолпазирӣ дар сатҳи муносибатҳои байниташкилотӣ [9,5].

Бешубҳа эътимод ва арзишҳои муштарак аъзоёни ҷомеаро мепайванданд ва якҷоя амал карданро имконпазир ва осонтар мекунанд. Робитаҳои иҷтимоӣ унсури сохтории такрористеҳсоли сармояи иҷтимоӣ тавассути меъёрҳо, арзишҳо ва эътимод мебошанд. Бо маҳфуз доштани доштани робитаҳои иҷтимоӣ дар ҷомеа шаклҳои муайяни ҳамкорӣ муқаррар карда мешаванд. Таркиби арзишҳо, эътимод ва шабакаҳое, ки дар чунин ҷомеаҳо вуҷуд доранд, ба такрористеҳсол ва афзоиши сармояи иҷтимоӣ мусоидат мекунанд.

Шарти асосии бунёд ва рушди сармояи иҷтимоӣ ин муносибатҳои дӯстона ва поквиҷдонона бо одамони дигар, бо аъзои гурӯҳи дигар мебошад. Бо маҳфуз доштани шартҳои барои ҳамдигар муфид, аъзоёни гурӯҳҳо ҳаҷми умумии сармояи ҷамъиятиро мунтазам зиёд карда, робитаи байни ҳамдигарро мустаҳкам менамоянд. Дар айни замон иртибот ва вобастагии байни одамон ҳар кадар мустаҳкамтар бошад, сармояи иҷтимоии онҳо ҳамон қадар зиёд ва зарурати танзими меъёрии муносибатҳо ҳамон қадар кам мешавад. Ҳамин тариқ, вақт ва дигар хароҷоти муомилот кам карда мешавад, ки ин дар ниҳоят боиси афзоиши манфиатҳо ва баланд шудани сифати зиндагии ҷомеа ва инсон мегардад. Сармояи иҷтимоӣ ба худи сохтори муносибатҳои инсонӣ хос аст, зеро шахсе ки бо одамони дигар робита дорад, манфиатҳои зиёд мегирад. Ҳамин тариқ, сармояи иҷтимоӣ наметавонад ба касе тааллуқ дошта бошад, он неъмати ҷамъиятӣ аст, ки ҳама аз он баҳра бурда метавонанд.

Сармояи иҷтимоӣ ҷузъи сармояи инсонӣ мебошад. Сармояи иҷтимоӣ ҳамчун маҷмӯи дониш ва малакаҳое муайян карда мешавад , ки барои қонеъ кардани ниёзҳои гуногуни инсон ва умуман ҷомеа истифода мешаванд. Дар фаҳмиши маҳдудтар он ҳамчун маҷмӯи сармоягузорӣ ва натиҷаҳои сармоягузорӣ ба шахс муайян карда мешавад, ки қобилияти меҳнатии ӯро зиёд мекунад - яъне сармоягузорӣ ба таҳсилот ва рушди малакаҳои касбӣ, ба хароҷоти истеъмолӣ - хароҷоти оилаҳо барои хӯрок ва либос, манзил ва ҳифзи саломатӣ, маориф ва фарҳанг.

Ба ақидаи мо, дар шароити Тоҷикистон падидаи Ваҳдати миллӣ сармояи иҷтимоӣ маҳсуб ёфта, дар давраи Истиқлоли давлатӣ барои ташаккулу таҳкими эътимод дар байни қишрҳои мухталифи ҷомеаи тоҷик нақши муассир дорад.

Ба назари мо Ваҳдати миллӣ на танҳо дар таърихи муосири тоҷикон, балки дар воқеияти сиёсии минтақаи мо бисёр як падидаи нодир ба ҳисоб меравад. Ин арзиш дар зеҳни мардуми тоҷик тасаввуротро оид ба арзиши олии ҳар як миллат – истиқлоли сиёсии Ватан такмил дод. Консепсияи

Ваҳдати миллӣ, ки муаллифаш Пешвои миллат мебошанд, маснуияти идеологии моро аз таҳоҷуми арзишҳои зиддимиллӣ, афкори тахрибкори экстремизми динӣ-сиёсӣ, таҳдидҳо дар фазои воқеӣ, хушунати иттилоотӣ дар фазои маҷозӣ ҳифз намуд ва эътимодро дар байни қишрҳои гуногуни ҷомеаи тоҷик таҳким бахшид.

**АДАБИЁТ**


1. Putnam R. D. Bowling Alone: America's Declining Social Capital // Journal of Democracy. 1995. Vol. 6, N 1. P. 65-78.
2. Патнэм Р. Чтобы демократия сработала. Гражданские традиции в современной Италии. М.: Ad Marginem, 1996. 287 с.
3. Фукуяма Ф. Великий разрыв. М.: АСТ: Ермак, 2004. 475 с.
4. Portes A. Social Capital: Its Origins and Applications in Modern Sociology. Annual Review of Sociology, 1998, no. 24, pp. 1-24.
5. Бурдье П. Формы капитала // Экономическая социология. 2005. № 3. С. 60-74.
6. Bourdieu P. Entwurf einer Theorie der Praxis. Frankfurt a. M.: Suhrkamp, 1976. 493 S.
7. Бурдье П. Поле экономики // Социальное пространство: поля и практики. СПб.: Алетейя, 2014. С. 129-176.
8. Коулман Дж. Капитал социальный и человеческий // Общественные науки и современность. 2001. № 3.-С.122-139
9. Радаев В.В. Социальный капитал как научная категория // http://ecsocman.hse.ru/data/2011/01/11/1214867393/Социальный%20капитал.pdf
10. Градосельская Г.В. Сетевые измерения в социологии. М.: Издательский дом «Новый учебник», 2004. -248 с.


## САРМОЯИ ИҶТИМОӢ: КОНСЕПСИЯ, НАЗАРИЯҲО ВА РАВИШҲОИ КОНСЕПТУАЛӢ


*Муаллиф сармояи иҷтимоиро ҳамчун мафҳуми иҷтимоӣ-фалсафӣ таҳлил кардааст. Равишҳои гуногуни илмӣ ба шарҳи мафҳуми сармояи иҷтимоӣ баррасӣ мешаванд. Дар матлаб таъкид шудааст, ки падидаи Ваҳдати миллӣ дар шароити Тоҷикистон ҳамчун як сармояи иҷтимоӣ амал карда, дар даврони истиқлолияти давлатӣ дар бунёд ва таҳкими эътимод байни қишрҳои мухталифи ҷомеаи тоҷик нақши муҳим бозидааст.*



***Калидвожаҳо:*** *сармояи иҷтимоӣ, эътимоди иҷтимоӣ, ваҳдати миллӣ, рушди ҷомеа, ҳамоҳангии иҷтимоӣ*


## СОЦИАЛЬНЫЙ КАПИТАЛ: ПОНЯТИЕ, ТЕОРИИ И КОНЦЕПТУАЛЬНЫЕ ПОДХОДЫ


*Автор предпринял анализ социального капитала как социально-философского понятия. Рассмотрены различные научные подходы к интерпретации понятия социальный капитал. В статье подчеркнуто, что в условиях Таджикистана феномен Национального единства выступил в качестве социального капитала и в период государственной независимости он сыграл значительную роль в построении и укреплении доверия между различными слоями таджикского общества.*



***Ключевые слова:*** *социальный капитал, социальное доверие, национальное единство, развитие общество, общественное согласие*


## SOCIAL CAPITAL: CONCEPT, THEORIES AND CONCEPTUAL APPROACHES


*The author undertook an analysis of social capital as a socio-philosophical concept. Various scientific approaches to the interpretation of the concept of social capital are considered. The article emphasizes that under the conditions of Tajikistan, the phenomenon of National Unity acted as a social capital and during the period of state independence it played a significant role in building and strengthening trust between various layers of Tajik society.*



***Key words:*** *social capital, social trust, national unity, development of society, public consent*



***Маълумот дар бораи муаллиф:***

***Ҳайдаров Рустам Ҷурабоевич-*** *Муовини директори Институти фалсафа,сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон , доктори илмҳои фалсафа; E-mail:rustam86@hotmail.com*

***Информация об авторе:***

***Хайдаров Рустам Джурабоевич*** *- заместитель директора Института философии, политологии и права им. А.Баховаддинова Национальной академии наук Таджикистана, доктор философских наук; Электронная почта: rustam86@hotmail.com*

***About the author:***

***Haydarov Rustam Juraboevich*** *- deputy director of the Institute of Philosophy, Political Science and Law named after A. Bakhovaddinov of National Academy of Sciences of Tajikistan, Doctor of Philosophy, Email: rustam86@hotmail.com*

**ИЗМЕНЕНИЯ ЭТИКО - ЭСТЕТИЧЕСКИХ ЦЕННОСТЕЙ ЧЕЛОВЕКА В ПРОЦЕССЕ МИГРАЦИИ** (социально-философский анализ)

***Хаитов Ф.К.***
*Институт туризма, предпринимательства и сервиса*

С приобретением государственной независимости в Республике Таджикистан проблема миграциИ заняло важное место и привлекает внимание учёных разных областей науки. Важность исследования миграции сведительствует о том, что в настоящее время оно оказывает огромное влияние на развитие многих проблем общества. Следует отметить что, миграция приобретая новые функции затрагивает проблемами ценности и этико –эстетические воззрения человека. Это говорит о том, что каждое современное общество имеет этические идеалы и ценности как наивысшее воплощение его этического сознания. С другой стороны как отмечает М. Миронов " во второй половине 20 столетия происходит глубокая переоценка ценностей. На смену традиционному обществу приходит " компютерная» цивилизация, индустриальное общество сменяется постиндустриальным, модернизм-постмодернизмом» [1]. Именно такой период переживает сегодня наша страна. Следует учитывать при этом, что проблема миграции воплощает взаимосвязь материально-бытовой стороны жизни людей с их внутренним духовным миром, красоты внешней и внутренней среды. Исходя из таких объективных проблем можно умеренно отмечать, что исследовние миграции кроме экономических и демографических наук отражается в других науках, таких как философия, социология, этика и эстетика.

Современное состояние таджикской миграции свидительствует о том, что процесс миграции способствует отрыву большинства мигрантов и перемещению их в другую этико – эстетическую среду. Отсюда следует, что каждое общество имеет свои этические нормы и этим оно отличается от другого. Потому, что все традиционно функционирующие этико – эстетические ценности и нормы выражают особенности конкретно-исторических условий, при которых они зарождались. Как отмечает А. Гусейнов «мораль является неотчуждаемой первоосновой сознательной жизни, ее реальным смыслом»[2]. Произошедшие за последние годы изменения в поведении и образе жизни молодых таджикских мигрантов, к сожалению, ухудшают ситуацию в плане сохранения национальных этико-эстетических ценностей. В миграционном процессе в основном участвует молодёжь трудоспособного возраста 25-35 лет, и Россия как раньше является главным партнёрам страны по приему трудовых мигрантов. По словам президента России В. Путина (на канале PLANETA RTR, передача Вести 20:00) на встрече с президентом Республики Таджикистан, уважаемым Эмомали Рахмоном 27.12.2021 в г. Санкт-Петербурге перед Саммитом СНГ 1 млн. таджиков работают, и проживают в Российской Федерации. Молодежь, прибывая за границей, знакомятся с новым образом жизни, учатся жить в иной среде, познакомятся с обычаями, традициями других народов, зарабатывая небольшое количество суммы, привыкают к русской среде. Мы хорошо знаем, после распада Советского союза произошли существенные изменения в культурно- жизненной деятельности русского общества, прежде всего появление дискотеки, казино, публичных домов и др. Все эти новые явления (западноевропейские) к сожалению**,** ухудшили ситуацию в плане удовлетворения этико-эстетических интересов молодых мигрантов. Именно такие молодые мигранты, в России и на родине применяют западноевропейский и американские образы жизни в свою национальную культуру. Сначала такие изменения происходят в эмигрантской среде, а затем распространяются на всё общество. Как отмечает заместитель директора Института труда, миграции и занятости населения Лоикназар Мумин «неэтическое поведение таджикских мигрантов, принятие чужой культуры негативно влияет на мышление молодых таджикских мигрантов и развивает отчуждённость от менталитета и национальной гордости» [3]. Вышесказанное свидетельствует о том, что молодое поколение после миграции или во время приезда на родину за 2-3 года (всего на один месяц) ведут себя не чуть ли как люди с другим образом жизни и этико-эстетическим поведением. Они думают, что такое поведение и образ жизни является свидетельством совершенства деятельности и признаком их высокой культуры. Это гласит о том, что миграция меняет поведения больших социальных групп, формирует новый стиль жизни, этико-эстетические модели поведения, нормы и ценности [4]. Исследование последних 5-6 лет показывает, что таджикские мигранты более всего пропагандируют чужие как выше сказали, не традиционные ценности. Одним из основных пропаганд чужих ценностей является ношение чужих одежд, стиль поведения и речи, изменение мировоззрения, оценивать европейскую культуру и нежелание принимать успехи нашей страны. Они почти, что потеряли ( в основном женщины) национальную одежду и если не принять меры то, национальная одежда тоже может стать под вопросом исчезнования. День ото дня наша молодежь одевают не национальную одежду, и такой подход к

ценностям не были известны для старшего поколоения и они проявляют другие формы отчуждения молодежи, которое вытекают из противоречий, кроющиеся в природе современных отношений. Сегодня наши молодые мигранты почти забывали и потеряли национальные ценности, богатейшие этические традиции и национальный образ жизни. Согласно социологическим исследованиям на вопрос: «Как Вы думаете, почему наши девушки и женщины любят одевать не национальную одежду?» на который были получены следующие ответы: 35,0 % респондентов думают, что наши женщины и девушек подражают другим культурам, 29,0% думают, что такая одежда нынче в моде, 21,3 % думают, что они чувствуют себя в этой одежде удобно, 6,7 % думают, что они одевают эту одежду по вере, 3,3% думают, что они показывают свое вероисповедование, а на вопрос «Как вы думаете, почему наши женщины любят одевать Европейскую одежду?», 34,3% респондентов ответили, что те женщины, которые одевают европейскую одежду, подражают другим культурам, 23,3 % думают, что теперь это одежда в моде а люди которые одевают такую одежду гонятся за модой, 17, 0 % думают, что европейская одежда современная и за этого наши женщины любят одевать эту одежду, 3,0 % думают, что их заставляют родственники и родители, что говорит об не самостоятельности этой части молодежи, 2,7% отказывались от ответа, 2,0 % затруднялись ответить на вопрос [5]. Итоги социологического опроса свидительствуют о том, что пропаганда чужых одежд год за годом увеличивается быстрым темпом и наша молодёжь склонна к этому. По мнению таких мигрантов они улучшают свой стиль жизни в лучшую сторону, и те которые делали это достигли очень хороших жизненных результатов. Согласно научным факторам такой темп распространений чужих ценностей меняет не только этический взгляд, правила общения, но и внутреннее психологическое состояние людей. Сегодня мы являемся свидетелем того что, наши молодые мигранты не имеют желания принимать наш традиционный образ жизни и национальные ценности хотя и живут в окружении тех современных явлений, которое их окружает в другой инокультурной среде. А. Толстой описывая такой образ жизни русских мигрантов в период октябрьской революции отмечал: «если я страдаю – значит нужно изменить окружающее, чтобы я не страдал. Я – русский, я люблю Россию, то есть люблю себя в окружении вещей и людей, каким я был в России. Если этого нет или этого не вернут, то такая Россия мне не нужна» [6].

Мы знаем, что национальные ценности фиксируют существенные, социально-значимые моменты прошлого, которые существуют в настоящем, живут в сознании людей, в значительной степени формировали наше мировоззрение и мироощущение. Если национальные и этические ценности не контролируют наше поведение и образ жизни, то тогда что же остается? Ничего, кроме пропаганды европейских ценностей и образа жизни. Всем известно, что нынешняя глобализация это глобализация вокруг западных ценностей. Но мы являемся свидетелями того, что происходит в западных обществах и их образом жизни. Появление нового типа людей, одно половые браки и другие неэтические факторы развития человека, стало спецификой западного образа жизни. Такого процесса можно назвать упадком человеческих ценностей, которое происходит противоречиво и во многих отношениях болезненно. Основная черта такого упадка западных ценностей и ее распространения в другие общества это прежде всего кризис этики и эстетики. Этот кризис в других современных обществах не распространяется нежданно-негаданно, наоборот, он медленно накапливался в самой чувственной системе в ходе ее развития, распространяясь от скрытых в системе болезнетворных микробов до изменения человеческой жизни. Такой поворот ситуации таджикской миграции на нынешнем этапе можно включить отличительной особенностью миграции из Республики Таджикистан.

Статистические данные свидетельствуют о том, что для таджикистанцев как и для других народов Центральной Азии стало модным приобретение гражданства других стран, особенно российской и американской. Количество таджиков, проживающих в других государствах, превышает число таджиков Республики Таджикистан более чем в семь раз, составляя не менее 30млн [7]. В своё время Российская Федерация для того чтобы привлечь иностранных граждан в получении российского гражданства придумывали различные государственные программы как «Программа переселения», выделение квоты и др. Согласно отчетам управления миграции МВД Российской Федерации за 9 месяц 2021 года 1596481 граждан Таджикистана зарегистрировались в российских миграционных отделах для получения гражданства, из них 69699 – получили гражданство, 27000. – получили регистрацию для временного проживания( РВП) и 35967 – вид на жительство.

По нашему мнению после пандемии COVID -19 этот процесс взрос на несколько этапов. Согласно статистическим данным России с 01 декабря 2020 из 77 регионов России в 50 из них видится низ нехватки мигрантов в строительстве [8]. Таджикская история свидительствует о том, что некоторые переселившие таджики и раньше не смогли сохранить свой язык, культуру и традиции, причиной которого было отсутствие связи с родными и родиной. Эмиграция в современной истории Республики Таджикистана претерпела ряд существенных изменений. Это

прежде всего связано с тем что сегодняшные мигранты имеют отношение и связь со своими национальными традициями, обычаями и культурами. Такие связи созданы и на стране приёма мигрантов, через таджикские диаспоры которые организовывают различные встречи представителей государственных ведомст, а также во время их приезда на родную страну. Несмотря на все это ситуация идёт в худшую сторону и миграционное поведение людей влияет на изменение национальных ценностей и этико – эстетическое поведение людей. Вместо того, чтобы от поколения к поколению национальные ценности таджиков становились все богаче и международнее, оно изолируется и попадает в кризис. Итогом всего этого является значительное пространственное рассредоточение молодых таджиков за пределами своего этнического государства. Примером может стать тот факт, что ещё начиная с 2013 в Москве из каждых 100 новорожденных русских лишь 30%, остальные 70% -представители других национальностей, преимущественно титульных народов Закавказья и Средней Азии [9].

Возникает необходимость поиска новых ценностных форм, благодаря которым возможности человечества в ходе освоения новых условий деятельности все более совершенствовались. Однако как отмечают “ XX век - время уничтожения традиции и ценностей которое человечество достигло в своей истории, а мораль приобретая светскость не можеть найти себе опору» [10]. Нам известно, что в период развития общества содержание и характер передаваемых ценностей исторического опыта существенно изменяются. Они становятся многогранным, приобретают классовый аспект действия. В то же время происходит индивидуализация ранее существовавщей коллективной памяти. Теперь каждый член общества, выступает не только отдельным, самостоятельным носителем коллективной памяти, как это было раньше, но и становится творцом исторической памяти, вносит в нее свой собственный вклад. Однако такой вклад не поднимает иммидж страны и народа, а наооборот, может его уничтожать. Точно так же любое общество и каждый народ обладает своими этическими нормами, которые определяют, какие формы поведения ожидаются, требуются и допускаются со стороны его членов, а какие запрещаются и наказываются. Точно также, современный таджикский миграционный процесс предполагает, что Таджикистан должен сохранить свои национальные ценности и этико-эстетические традиции, следовательно, свою субкультуру, а не пересаживать бездумно неэтические по-нашему, европейский стиль и образ жизни. Осуществление коренных преобразований таджикистанского общества должно происходить не как чистое копирование западного опыта образа жизни и традиции, а на основе конкретно-исторических и региональных условий развития республики в условиях глобализации. История свидетельствует, что массовая миграция таджиков по различным причинам в другие страны существовало с древних времен . Сегодня по разным причинам и с отличительным особенностям как выше отметили тоже существуют. По мнению М. Бабаханова “ на протяжении многих веков для таджиков реально существовало опасность исчезновения. Она исходила от нашествия чужеземных тюрко-монгольских захватчиков начиная с 11 и последующих веков. Где бы ни жили таджики, у них своя проблема: на своей исторической Родине одна – это, главным образом, экономическая, социальная; в странах Европы, Америке, Азии и Африки, где они погружены в иноэтническую среду, сохранить свой этнокультурный облик, т.е. сохранить свой родной язык, обычай, культурные традиции своего народа» [11]. Приведенные высшее материалы говорят о том, что нынешняя таджикская миграция наряду с экономическими факторам и приобрела этнический характер, которое прежде всего связаны с самосохранением таджикского этноса или его части как самостоятельного социально-экономического и этнокультурного организма. Это гласит от том, что на нынешнем этапе развития таджикистанского общества мы должны пробуждать развитию этико – эстетических ценностей таджикского народа отражающих в возрождение и сохранение таджикских обычаев и традиций. Наша молодёжь как наследники древнейшего народа мира с богатым культурным наследием должны противостоят всем миграционным вызовом современности, и объединится вокруг таджикского народа. Для укрепления и реализации этой цели в настоящее время мы должны заниматься пропагандой традиционных духовно-нравстенных ценностей нашего общества, а значит и формированием традиционных духовно-нравственных систем ценностных ориентаций у молодёжи. Таджикистану всего 30 лет, т.е. он находится в начале своего жизненного пути. Мы являемся свидителями того, что наша страна полна созидательных сил и способна не только развиваться, но и оказивать поддержку другим народам.

По нашему мнению важной мерой в решении этих вопросов является формирование многих проблем на уровне сознания народа и принятие нескольких государственных программ:

1) Прежде всего мы должны, принять процесс миграции как положительное явление. Потому что в миграционном процессе участвуют не только таджики, но и представители других развитых стран, таких как Китай, Турция, Россия и др. Примером может стать тот факт, что согласно статистическим данным первое и второе место по количеству мигрантов, выехавших из страны, в мире по праву принадлежат Мексике (11,9 млн), а на третьем месте Россия (11,1 млн) , а на

российском рынке труда выходцы из стран дальнего зарубежья. Среди них лидирующие позиции занимают Китай, Турция, Вьетнам. Самым крупным поставщиком иностранных работников в Российскую Федерацию является Китай [12]. Поэтому таджикские мигранты должны учитывать эту ситуацию, и коренным образом изменить свое отношение и мнение к процессу миграции.

2) Во всех уровнях образования, начиная со средней школы в основном в 11 классах, выпускников армии, колледжа, училищ и вузах ввести дисциплину по трудовой миграции. В учебной программе такой дисциплине дать базовые знания о миграционном процессе с учетом отношения молодёжи к этико – эстетическим ценностям таджикского народа и их социально – экономического последствия. На сегодняшний день только на базе Российско – Таджикского (славянского) университета читается спецкурс по дисциплине «Трудовая миграция и денежные переводы» для студентов экономического, юридического факультетов и магистров факультета истории и международных отношений. Спецкурс читает ведущий специалист в области таджикской миграции, д.э.н., профессор Ульмасов Р.У. Объем дисциплины составляет 72 часа аудиторной нагрузки, из них 36 часов лекции. Дисциплина предназначена для того, чтобы ознакомить студентов с проблемами управления миграцией, но все темы данной дисциплины имеют экономический характер, и не в одном из этих тем не указаны влияние миграции на этико-эстетические ценности или национальные ценности нашего народа. В темах таких дисциплин обязательно отметить опыт многих развитых стран мира по вопросам миграции, такие как китайцы, филиппинцы, евреи, армяне, азербайджанцы, грузины, и другие, где они объединяются в Общества, организованно различными путями поддерживают свою историческую Родину как материально, так и морально. Благодаря чтением таких тем, наша молодежь знакомится с опытом мигрантов других стран. Набирая опыт других стран, они сохраняют свои национальные ценности в инокультурной среде, и в русле таких социальных установок должна подготовиться наша молодёжь.

3) Таджикистан как социальное государство заботиться о своих мигрантах, целенаправленно проводит политику в направлении поддержки таджикских мигрантов за пределами страны. Такая забота правительства отмечено в Национальной стратегии развития Республики Таджикистана на период до 2030 года, где отмечается, что диверсификация внешней трудовой миграции, в том числе с учетом гендерного фактора и усиление государственного регулирования процесса миграции является одним из высшей цели долгосрочного развития Таджикистана. Следует учитывать при этом взаимосвязь внешней поддержки с их внутренней стороной жизни мигрантов. Правительство страны, думая о финансовой стороне денежных переводов мигрантов, должны разумно и целенаправленно поддерживать семьи мигрантов на родине. В виде такой поддержки они могут исходя от денежных переводов каждого мигранта освободить или снизить их налоги, обучать их детей на бюджетной основе, или поступить на президентских квотах и тогда др.

Накопление таких опытов в области сохранения ценностей бережно передаются от поколения к поколению. Исследования таких проблем служат для преумножения этих ценностей, позвляет формулировать и решать принципиально важные проблемы процесса таджикской миграции.

**ЛИТЕРАТУРА**


1. В.В.Миронов. Философия: учебник. – М.: 2005. – С.212.
2. А.А. Гусейнов., Асперян Р.Г. Этика. Учебник. – М: - С. 40
3. Газета «Шуғл ва муҳоҷират». №7-8, от 16.03.21. – С. 11.
4. Ф. К. Хаитов. Взаимосвязь миграции и процесс старение населения в таджикистанском обществе. Вестник ПУ (серия: философские науки), №2(2).- С 153-157.
5. М.С. Гуломова. Социально- философское осмысление социокультурного отчуждения молодежи в таджикистанском обществе. Дисс .к.ф.н. Душанбе 2021. –С. 73.
6. Толстой А.Н. Эмигранты. – М.: Правда, 1982. – С.57
7. М. Бабаханов. История таджиков мира. Душанбе, 2004 г. – С. 4.
8. Газета «Шуғл ва аҳолӣ», №7-8, от 16.03.2021. – С.11.
9. Современная миграция населения: Учебное пособие. История, теория, политика.Душанбе -2013. –С. 124.
10. И.Г. Зиёев., З.И. Зиёева. Ахлоқ ва зебоишиносӣ. Душанбе, 2019. – С. 264.
11. М. Бабаханов. История таджиков мира. Душанбе, 2004. – С. 561-564.
12. Современная миграция населения: Учебное пособие. История, теория, политика.Душанбе -2013. – С. 311, 178


## ТАҒЙИРЁБИИ АРЗИШҲОИ АХЛОҚӢ – ЗЕБОИПАРАСТИИ ИНСОН ДАР РАВАНДИ МУҲОҶИРАТ (ТАҲЛИЛИ ФАЛСАФИ - ИҶТИМОӢ)


*Мақолаи мазкур ба таҳқиқи масъалаи тағйирёбии арзишҳои ахлоқӣ – зебоипарастӣ дар раванди муҳоҷират дар заминаи таҳлили фалсафӣ-иҷтимоӣ бахшида шудааст. Бояд тазаккур дод, ки таъсири раванди муҳоҷират дар шароити имрузаи ҷаҳонишавӣ ба тамоми паҳлуҳои фаъолити инсон дида мешавад. Масъалаи тағйирёбии арзишҳои ахлоқӣ – зебоипарастии инсон низ дар заминаи ин раванд мавқеи намоёнро ишғол намуда, мутахассисони соҳаро нигарон кардааст.*

*Таҳлили вазъияти имрузаи ҷомеаи тоҷикистонӣ нишон медиҳад, ки ахлоқ ва симои зебоипарастии қисмати зиёди ҷавонони тоҷик хислати бегонаро (аз ҷумла аврупоӣ) касб намуда, аз доираи урфу одат ва расму оинҳои миллӣ берун баромадааст. Ташвишовар он аст, ки чунин раванди бегонапарастӣ сол аз сол зиёд шуда,ҷавонони мо ба он майли бештар доранд. Мувофиқи тадқиқотҳои сотсиологӣ ба ақидаи чунин ҷавонон бо ин рафторашон онҳо тарзи ҳаёти худро беҳтар карда, метавонанд муваффақиятҳои зиёдро ба даст овардаанд. Муаллиф чунин тарафҳои манфии раванди муҳоҷиратро таҳлил намуда, баҳри пешгирии он тавсияву пешниҳодҳои судманд намудааст.*

***Калидвожаҳо:*** *ахлоқ, зебоипарастӣ, арзиш, ҷавонон, фарҳанг, муҳоҷират, тадқиқоти сотсиологӣ, бегонашавӣ*

## ИЗМЕНЕНИЯ ЭТИКО - ЭСТЕТИЧЕСКИХ ЦЕННОСТЕЙ ЧЕЛОВЕКА В ПРОЦЕССЕ МИГРАЦИИ

(социально-философский анализ)

*Статья посвящена проблеме исследованию изменения этико – эстетических ценностей в процессе миграции через призму социально-философского анализа. Следует отметить, что на современном этапе глобализации ощущается влияние процесса миграции на все стороны действие человека. Проблема изменения этико-эстетических ценностей человека в данном процессе занимая важное место, привлекла пристальное внимание специалистов. Анализ нынешнего этапа развития таджикистанского общества свидетельствует о том, что этико-эстетическое воззрение большинство таджикской молодёжи приобрела отчуждённый характер (в основном европейской) и вышло за рамки национальной традиций и обычаев. Тревожным является то, что это тенденция год за годом увеличивается и наша молодёжь склонна к этому. Согласно социологическим данным, молодые мигранты своим поступкам улучшают свои образ жизни и могут достигать больших достижений. Автор, анализируя негативные стороны процесса миграции для предотвращение его предлагает нужные рекомендации и предложения.*

***Ключевые слова:*** *этика, эстетика, ценность, молодёжь, культура, миграция, социологические исследования, отчуждения.*

## CHANGES IN THE ETHICAL AND AESTHETIC VALUES OF A PERSON IN THE PROCESS OF MIGRATION

(socio-philosophical analysis)

*The article is devoted to the problem of researching the change in ethical and aesthetic values in the process of migration through the prism of socio-philosophical analysis. It should be noted that at the present stage of globalization the influence of the migration process on all aspects of human action is felt. The problem of changing ethical and aesthetic The problem of changing the ethical and aesthetic values of a person in this migration process for everything hand is human action. The problem of changing the ethical and aesthetic values of a person in this process, occupying an important place, attracted the close attention of specialists. Analysis of the current stage of development of Tajik society indicates that the ethical and aesthetic the view of the majority of Tajik youth has acquired an alienated character (mainly European) and has gone beyond the framework of national traditions and customs. It is alarming that this trend is increasing year after year, and our young people are prone to it. According to sociological data, in the opinion of these young people, by their actions, they improve their way of life and can achieve great achievements. The author, analyzing the negative aspects of the migration process to prevent it, offers the necessary recommendations and extensions.*

***Key words:*** *ethics, aesthetics, value, youth, culture, migration, sociological research, separation.*

***Маълумот дар бораи муаллиф:***

***Ҳаитов Фирдавс Қаюмович*** *– номзади илмҳои фалсафа, дотсенти кафедраи ҷомеашиносии Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмат. Телефон: 93-429-24-76, E-mail:* ***kais_2007@mail.ru***

***Сведения об авторе:***

***Хаитов Фирдавс Каюмович*** *– кандидат философских наук, доцент кафедры обществоведения Института туризма,*

*предпринимательства и сервиса. Телефон:* ***93-429-24-76***

*E-mail:* ***kais_2007@mail.ru***

***About the author:***

***Haitov Firdavs Qayumovich*** *– candidate of philosophical sciences, associate professor of Chair of Social of the Institute of Tourism*

## ОМИЛҲОИ ТАЪСИРРАСОНИИ ШАБАКАИ ИҶТИМОӢ БА ҶАВОНОН ВА ОИЛАҲОИ ҶАВОН, РОҲҲОИ ПЕШГИРИИ ХАТАРҲОИ ОН

***Ҳодибоев Ф.***
*Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров*

Шурӯъ аз оғози асри XXI дар ҳаёти инсоният таҳаввулоти ҷиддӣ рух дод. Рушди босуръати илму техника ва технологияҳои иттилоотӣ ба самтҳои мухталифи ҷомеаи муосир торафт таъсири амиқ мегузорад. Маълумотҳои оморӣ нишон медиҳанд, ки шумораи истифодабарандагони интернет торафт афзоиш меёбад. Тибқи иттилои сомонаи We are Social мувофиқ ба моҳи январи соли 2020 беш аз 4,5 миллиард нафар одамони сайёра ба интернет дастрасӣ доштанд. Ин нишондиҳанда нисбат ба ҳамин давраи соли 2019 наздик 7% зиёд гуфта мешавад. Яъне, танҳо давоми як сол 298 миллион корбари нав ба интернет дастрасӣ пайдо намуданд [1].

Интернет аз ҷониби корбарон бо мақсадҳои гуногун, аз қабили муошират, дарёфти иттилоъ, баланд бардоштани сатҳи дониш, тамошои филм, гӯш намудани мусиқӣ, омӯхтани майлонҳои нави предметҳои гуногун ва ғайра истифода мешавад.

Ҷиҳати муайян намудани аҳамият ва таъсири мусбату манфии истифодаи интернет аз ҷониби олимони дохилу хориҷи кишвар як қатор таҳқиқоти судманд анҷом дода шудааст. Тазаккур бояд дод, ки дар шароити кунунӣ 60% - и аҳолии кураи Замин аз интернет фаъолона истифода мебаранд. Аз ин лиҳоз, масоили марбут ба истифода, таъсир ва пайомадҳои он ҳамчун мавзӯи актуалӣ мавриди таваҷҷуҳи олимон, ҷомеашиносон ва равоншиносони мамолики мухталифи ҷаҳон қарор дорад.

Масоили марбут ба паёмадҳои истифода ва таъсири интернет аз ҷониби муҳаққиқони хориҷаву рус Н. Виннера, Д. Тапскотта, С. Хилца, И. Казанской, М.Турова, Е.И. Горошко, М. Ли, Р. Спирса, Ч. Крука, Н. Деринга, В. Фриндте, Т. Келера, Дж. Рива, К. Галимберти, Дж. Мантовани, Ш. Текл, Дж. Сулера, П. Уоллес, Р. Краута, О.Н. Арестовой, Ю.Д. Бабаевой ва дигарон мавриди таҳқиқ ва баррасӣ қарор гирифтааст [2]. Таҳқиқи олимони соҳаҳои гуногуни илмҳои ҷомеашиносӣ, иқтисодӣ, сиёсатшиносиву равоншиносӣ, фарҳангшиносӣ ва ғайра масоили муаммоҳои шабакаҳои иҷтимоӣ, дарки механизмҳои иҷтимоию психологӣ, муносибати байни рафтор ва муносибати шахсият барои ҳамкорӣ дар гурӯҳҳои хурду калони иҷтимоӣ, дар заминаи психологияи иҷтимоӣ муайян кардани омӯзиши раванди ташаккули муносибатҳои иҷтимоӣ, рушди техникаву технологияҳои иттилоотӣ, таъсири он ба шахс, ҷамъият ва амсоли инҳоро фаро гирифтааст.

Аз омӯзиши натиҷаи таҳқиқотҳои судманд, ки дар ин замина рӯйи кор омадааст, метавон ҷиҳатҳои мусбати таъсири интернетро ба тариқи зайл тақсимбандӣ намуд:

- васеъ намудани ҷаҳонбинӣ;
- баланд бардоштани савияи дониш;
- огоҳӣ пайдо намудан аз маълумотҳои ҷадид;
- манбаи дарёфти маблағ;
- дастрасии осони иттилоъ ва ғайра.

Интернет ҳамчун платформаи онлайнӣ майдони васеъ ва фарохеро мемонад, ки дар он барои ҳар нафар чизи ҷолиб мавҷуд аст: шуруъ аз воситаҳои иртиботу муошират то усулҳои гуногуни фароғат. Дар ин росто, шабакаҳои иҷтимоӣ ҳамчун воситаи осон ва дастраси муносиботи онлайнӣ аз маъруфияти хос бархурдор мебошад [3].

Аз ин ҷост, ки сол то сол анвои гуногун ва ҷадиди шабакаҳои иҷтимоӣ коркард гардида, шумораи корбарони он дар ҳоли афзоиш аст. Ин нуктаро маълумотҳои оморӣ низ собит месозанд. Дар шароити кунунӣ аудиторияи шабакаҳои иҷтимоӣ дар ҷаҳон аз марзи 3,8 миллиард гузаштааст.

Мувофиқ ба маълумоти We are Social соли 2020 нисбат ба соли 2019 шумораи корбарони шабакаҳои иҷтимоӣ 321 миллион нафар зиёд шудааст.

Феълан «Facebook», «Viber», «Odnoklassniki», «VK» ,«Twitter», YouTube, Instagram аз шабакаҳои маъмули иҷтимоӣ махсуб меёбанд. Танҳо аз Фейсбук дар шароити кунунӣ беш аз 2,5 миллиард нафар истифода мебаранд.

Маврид ба зикр аст, ки шабакаҳои иҷтимоӣ дар баробари он ки манбаи осон ва фаврии дарёфти маълумот ва иттилоъ мебошад, инчунин ҷиҳати муошират ва барқарор намудани муносибат воситаи қулай ба шумор меравад. Гузашта аз ин, тибқи таҳлилҳо маълум аст, ки шабакаҳои иҷтимоиро аксарият маҳз барои муошират истифода мебаранд.

Торафт зиёд шудани сафи корбарони шабакаҳои иҷтимоӣ низ далели равшан мебошад, ки одамон беш аз пеш пойбанди муошират ва муносибатҳои вертуалӣ ва онлайнӣ мегарданд.

Мувофиқи маълумот давоми як рӯз истифодабарандагони шабакаҳои иҷтимоӣ наздик 6 соат вақти хешро барои муошрати беҳуда ва ғайримақсаднок сарф мекунанд. Ин ҳолат боис гардидааст,

ки дар раванди муосир беморие бо номи вобастагии интернетӣ ба истилоҳ «зависимость» ҷомеаи табибону равоншиносони ҷаҳонро нигарон намояд.

Безбогова Марина Сергеевна, номзади илмҳои психологӣ таъсири интернетро ба ҷавонон мавриди таҳқиқ қарор дода, зикр намудааст, ки дар шароити муосир интернет то ҷое инсониятро аз ҳаёти реалӣ дур намудааст [4, 3].

Равоншиносон вобастагии инсонро ба шабакаҳои иҷтимоӣ нисбат ба вобастагии инсон ба машруботи спиртӣ ва тамоку сахттар маънидод мекунанд.

Дар ин росто, муҳаққиқони Донишгоҳи техникии Новосибирск дар натиҷаи як таҳқиқоти вижа собит намудаанд, ки аз шумораи умумии истифодабарандагони интернет ҳамагӣ 36% ба «вобастагии интернетӣ» гирифтор нестанд. Теъдоди гирифторони ин «беморӣ» 12% -ро ташкил дода, 52% -и дигар дар вазъияти ба вобастагӣ моил қарор доранд [5, 1].

Вобастагӣ ба интернет як иллати рӯҳӣ мебошад, ки боиси як қатор мушкилоти рафторӣ низ мегардад. Истифодаи аз меъёр зиёди интернет тағйироти шуурро ба вуҷуд оварда, ба фаъолияти майна таъсир мерасонад. Ин ҳолат сабаб мешавад, ки шахс қобилияти тафаккури таҳлилии мағзи сарро аз даст диҳад.

Интернет, ки шуруъ аз кӯдаки хурдсол то аъзои калонсоли оила қобилияти таъсир дорад, ҷиҳати ноустувории оилаҳо низ замина мегузорад. Аз ҳад зиёд вақтгузаронӣ дар шабакаҳои иҷтимоӣ асосан барои кӯдакону наврасон хатари бештар дорад. Ин ҳолат агар аз як тараф ба психикаи кӯдакону наврасон таъсири манфӣ расонад, аз ҷониби дигар ба рушди ҷисмонии онҳо низ зарари ҷиддӣ мерасонад.

Мутахассисони соҳаи тиб ва равоншиносӣ ба хулоса расидаанд, ки рӯзона давоми 1 соат истифода намудани шабакаҳои иҷтимоӣ то 14% хушҳолии кӯдаконро коҳиш дода, аз 3 соат зиёд сарф намудани вақт дар фазои маҷозӣ инкишофи ақли онҳоро ду маротиба коста мегардонад.

Тазаккур бояд дод, ки шабакаҳои иҷтимоӣ аз як тараф кӯдакону наврасонро аз омӯзиш дур кунад, аз ҷониби дигар дараҷаи дарку фаҳмиши онҳоро коста мегардонад. Зимни таҳлилҳо низ ҳамакнун сатҳи дарку фаҳмиши ашёву предмет аз ҷониби наврасон назар ба солҳои пеш паст шудааст. Аз сабаби он ки дар шабакаҳои иҷтимоӣ ифодаи фикр тариқи ҳар гуна рамзакҳо (смайлик ва стикер) сурат мегирад, имрӯз наврасон барои шифоҳӣ иброз намудани андешаи худ душворӣ мекашанд. Яъне костагӣ дар равонии нутқ ба миён меояд.

Бо назардошти он ки зимни муошират дар шабакаҳои иҷтимоӣ маъмулан қоидаҳои имло риоя намешавад, дар ин замина, косташавии саводи толибилмон низ эҳсос мегардад.

Аз ин рӯ, бартараф намудани ин муаммо аз аъзои ҳар оила, хусусан, волидайн масъулият ва муносибати самимиро талаб менамояд то ки онҳо баробари азхудкунӣ ва ҳамқадам будан бо техникаю технологияҳои муосир фарзандонро аз фазои маҷозӣ берун бароварда, ба ҳаёти ҳақиқӣ ворид созанд. Зеро имрӯз таъсири нохуш ва пайомадҳои ташвишовари истифодаи зиёди интернет ҷомеаи ҷаҳонро нигарон ва ба ташвиш овардааст.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳанӯз соли 2014 зимни суханронӣ ба муносибати Рӯзи дониш падару модарон ва масъулини муассисаҳои таълимиро вазифадор намуда буданд, ки истифодаи шабакаҳои иҷтимоии ба руҳияи ҷавонон зарароварро дар хона ва мактаб маҳдуд намоянд ва истифодаи телефонҳои мобилиро зери назорати ҷиддӣ қарор диҳанд [6,1].

Мутаззакир бояд гардид, ки ҷиҳати пешгирӣ аз таъсири манфии интернет ва шабакаҳои иҷтимоӣ аз ҷониби тамоми давлатҳо иқдому ташаббус ба роҳ монда мешавад.

Ҳанӯз моҳи апрели соли 2017 дар Думаи давлатии Русия Виталий Милонов ба парлумони ин кишвар лоиҳаи қонунро дар бораи истифодабарии шабакаҳои иҷтимоӣ, аз ҷумла ҷорӣ намудани манъи истифодабарии шабакаҳои иҷтимоӣ барои кӯдакони то 14 сола, пешниҳод намуда буд [7,1]. Ин таҷрибаро дар дигар давлатҳои дуру наздик низ метавон шоҳид шуд.

Пайомади дигари нохуши истифодаи шабакаҳои иҷтимоӣ аз ҷониби наврасону ноболиғон ин ба бемеҳрӣ ва беаҳамиятӣ дучор шудани онҳо мебошад.

Дар ҷомеаи иттилоотии муосир интернет ба оила ҳамчун ячейкаи асосии давлат иқтидори бузурги таъсирро соҳиб шудааст. Зеро мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки кӯдакону наврасоне, ки дар сомонаҳои иҷтимоӣ зиёд вақт мегузаронанд, назар ба ҳамсолони худ ба волидону наздикони хеш бемеҳртар мешаванд. Яъне ба ибораи дигар, дар чунин ҳолат хонавода ва оила нерӯю аҳамияти худро аз даст медиҳад, ки оқибат ба суст шудани муносибат бо аъзоёни оила оварда мерасонад. Ба таъбири дигар, интернет ҷудоии байни наслҳо ва волидону фарзандонро афзун мегардонад. Зеро дар шароити кунунӣ машғулияти доимии аксар наврасону ҷавонон бо компютер, интернет, шабакаҳои иҷтимоӣ, телефони мобилӣ боис шуда истодааст, ки одамон, хоса ҷавонон барои оила ва дӯстон кам вақт ҷудо менамоянд. Зеро дар шароити имрӯз ҷавонон дар муҳити интернет дар канори одамони ношинос ва бегона дар олами маҷозӣ зиндагӣ мекунанд.

Таъкид кардан зарур аст, ки таъсири манфии интернет ба вазъи рӯҳӣ ва ҷисмонӣ маҳдуд намешавад. Дар раванди муосир дар рӯйхати омилҳои ҷудошавии оилаҳо акнун интернет низ мавқеи назаррасро касб намудааст.

Аз чор як ҳиссаи иштирокчиён (зану шавахар) -и таҳқиқоти ширкати ҳуқуқшиносии Британия – Slater and Gordon иқрор шудаанд, ки давоми ҳафта ҳадди ақал як маротиба бо далели Фейсбук ҷанҷол мекунанд.

Дар Амрико аз 5 ҳолат 1 ва дар Русия аз 3 ҳолат 1 оилаҳо аз ҳисоби шабакаҳои иҷтимоӣ ҷудо мешаванд.

Ин ҳолат ҳарчанд дар Аврупо дер боз «маъмулӣ» аст, барои ҷомеаи мо низ дигар бегона нест. Оилаҳое, ки дар заминаи масъалаҳои марбут ба интернет ва шабакаҳои иҷтимоӣ пош мехӯранд, аз таҳлилҳои ниҳодҳои марбут ба оила низ маълум аст. Аксар муноқишаҳои оилавӣ, ки бо пошхӯрии оилавӣ анҷом меёбад, дар раванди ҷаҳонишавии муосир ба интернет ва шабакаҳои иҷтимоӣ рабти муассир дорад.

Дар ҷомеаи имрӯзаи Тоҷикистон гарчанде барои пешгирии ин мушкилот аз тарафи мақомоти давлатӣ ва ҳамчунин ниҳодҳои гуногуни сиёсӣ ва ташкилотҳои иҷтимоӣ саъю кӯшиш ба харҷ дода шавад ҳам, шумораи вайрон шудани оилаҳо, махсусан дар миёни навхонадорон, сол ба сол зиёд мегардад, ки ин хеле ташвишовар мебошад.

Давоми соли 2020-ум дар вилояти Суғд 18 469 адад сабти ақди никоҳ ба қайд гирифта шудааст. Аз ин шумора 3 577 адад бекор кардани ақди никоҳ сабт гардидааст [8, 1].

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид намудаанд, ки оила дар фарҳанги мардуми куҳанбунёди тоҷик ҳамчун ниҳоди муқаддас эътироф гардидааст, зеро беҳтарин арзишҳои инсонӣ, аз қабили муҳаббату садоқат, самимияту вафодорӣ ва ҳамдигарфаҳмиву таҳаммулгароӣ маҳз дар оила ташаккул меёбанд.

Мувофиқ ба таҳлилҳо интернет то ҷое ба фарҳанги оиладорӣ таъсир гузошта, ҷиҳати ба миён омадани нофаҳмӣ ва муноқишаҳои оилавӣ замина мегузорад.

Аз назари ислом талоқ василаест, вақте ҳеҷ роҳи ҳал ва имкони созиш боқӣ намонд. Ислом бо вуҷуди нафрат ба талоқ доштанаш иҷозат додааст, ки он воқеъ гардад. Талоқ амрест макрӯҳ (нописанд) ва мустаҳаб (писандида), на матлуб, балки василаест ногузир. Расули акрам (с) низ дар ин маврид мефармояд: «Абғазу ҳалолин ъиндаллоҳи талоқун» (Зиштарин кори ҳалол дар назди Худованд, талоқ аст). Пайғамбари Худо (с) низ дар ин боб фармудаанд: «Издивоҷ кунед ва талоқ надиҳед, пас ҳар оина арши Худои Раҳмон аз талоқ ба ларза ояд» (ҳадиси шариф) [9, 1].

Дар ҷомаеи мо, ки наздик 97% мусалмон ҳастанд, торафт афзоиш ёфтани сафи ҷудошавии оилаҳо ва он ҳам зери таъсири интернет омили нигаронкунанда мебошад.

Таҳлилҳо нишон медиҳад, ки асри 21 ҳамчун асри иттилоот дар баробари таъсир ба устувории оила, ба амнияти миллат низ таъсир дорад. Ҳанӯз дар асри 17 Натан Ротшильд таъкид намуда буд, ки «Оне, ки дар даст иттилоъ дорад, ҷаҳонро идора мекунад».

Воқеан дар шароити муосир иттилоъ аҳамияти муҳим ва хеле баландро соҳиб шудааст. Бо рушди технология суръати паҳншавии иттилоъ низ торафт баланд мешавад. Давоми як дақиқа дар интернет миқдори хеле зиёди маълумот нашр ва паҳн мегардад:




Аз инфографикаи мазкур маълум аст, ки дар шароити кунунӣ истифодабаранда ва истеъмолкунандаи иттилоъ дар ҳар дақиқа афзоиш меёбад. Лиҳозо, интернет, хоса шабакаҳои иҷтимоӣ барои расидан ба ҳадаф ва татбиқи ғояҳои мухталиф майдони озоду фарохи дастрасро мемонад.

Иттилоот силоҳи муқтадири муборизаро мемонад, ки ба афкори ҷомеа таъсири бузург мерасонад. Ин аст, ки дар шароити кунунӣ масоили амнияти иттилоот аз мубрамтарин паҳлӯҳои амнияти миллии кишварҳо маҳсуб меёбад. Ҳамакнун, ҷаҳони муосирро таҳдидҳое пеш омадааст, ки ба амнияти шаҳрвандон хатарҳо эҷод мекунанд.

Маълум аст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон низ аз ин хатарҳо эмин нест. Мо ин ҷо зери мафҳуми «хатар» таҳдидҳои мафкуравӣ ва ё худ идеологиро дар назар дорем. Ин ки дар шароити кунунӣ омезиши дину мазҳабҳо ба василаи муҳими мубориза мубаддал гаштааст, яке аз паҳлӯҳои асосии хатари амнияти миллӣ унвон мешавад. Равшан аст, ки гурӯҳҳои муайян тавассути фазои динӣ барои мавқеъ пайдо намудан дар муҳити иҷтимоӣ ва фарҳангии кишвари мо низ талош доранд. Дар шароити кунунии бадалшавии идеологияҳо нерӯҳои мухолифи давлат аз воситаҳои иттилоотию иртиботӣ фаровон истифода мекунанд. Торафт рушд намудани технологияи иттилоотиву иртиботӣ ва дастрасии бештари мардум ба интернет дар ташаккули фазои иттилоот ва афкори умум таъсири зиёд дорад. Мушоҳида мешавад, ки дар расонаҳои гуногуни хориҷӣ ва интернетӣ аъзои ташкилотҳои экстремистию террористӣ бо истифода аз дину мазҳаб кӯшиш мекунанд, то мардумро гумроҳ созанд. Чунин маъракаи муғризона, ки ба амнияти миллӣ таҳдид пеш меорад, асосан дар шабакаҳои иҷтимоии Фейсбук» ва «Одноклассники» вусъати бесобиқа касб кардааст. Ин аст, ки ҷалби аксари аъзои созмонҳои террористиву экстремистӣ, аз ҷумла «Давлати исломӣ» низ тавассути ҳамин шабакаҳои иҷтимоӣ сурат мегирад. Истифодабарандагони асосии шабакаҳои иҷтимоиро бештар намояндагони насли ҷавон ташкил медиҳанд, қувваҳои бегонапарасти иртиҷоӣ низ одатан барои гумроҳ намудан ин қишри ҷомеаро мувофиқ медонанд ва талош меварзанд.

Дигар аз масоили доғи рӯз дар ҷомеаи муосир ин тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ шомилшавии шаҳрвандон ба созмонҳои террористӣ ва экстремистӣ маҳсуб меёбад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид намудаанд, ки вақтҳои охир аз бемасъулиятии як қисми волидон ва масъулини баъзе муассисаҳои таълимӣ ҷавонон ва махсусан хонандагон бо сабаби ғайримақсаднок истифода бурдани шабакаҳои интернет ба гуруҳҳои ифротӣ шомил шуда, даст ба ҷиноят мезананд.

Воқеан имрӯз шабакаҳои иҷтимоӣ ба воситаи ифротишавии сокинони мамолики мухталифи ҷаҳон мубаддал шудааст. Ба воситаи интернет маводи зиёди дорои хусусияти ифротӣ ва таблиғкунандаи терроризму экстремизм дар шабакаҳои иҷтимоӣ зиёд паҳн мешаванд.

Аъзои ҳизбу ҳаракатҳои мамнӯъшуда пинҳонӣ ё ошкоро ба воситаи шабакаҳои иҷтимоии «Фейсбук», «Вайбер», «Одноклассники», «Твиттер» ё дигар сомонаҳои ғайрирасмӣ ҷавонони

камсавод, бекор, муҳоҷирони меҳнатӣ, заифирода ва дорои маърифати пасти диниву дунявиро бо роҳи фиреб даъват намуда, ба гумроҳӣ ва хиёнаткорӣ мебаранд. Аз ин лиҳоз, дар ин самт шаклу усулҳои нави корбарии мубориза бо гурӯҳҳои тундравро дарёфт намуда, ба суханҳои иғвоангези онҳо ҷавоби сазовор бояд дод. Пешвои муаззами миллат таъкид сохта буданд, ки «яке аз омилҳои торафт густариш пайдо кардани зуҳуроти терроризм ва ифротгароӣ васеъ истифода гардидани технологияҳои муосири иттилоотӣ мебошад».

Маъмулан надоштани саводи кифояи динӣ ва паст будани дониши сиёсӣ сабаб мешавад, ки ҷавонон фирефтаи ақидаҳои экстремистӣ шуда, ба сафи гурӯҳҳои ифротӣ пайванданд. Омили дигари гароиши ҷавонон ба ақидаҳои экстремистӣ паст будани саводи расонаӣ (медиаграмотность) унвон мешавад.

Надоштани саводи баланди расонаӣ, огоҳ набудан аз фарҳанги истифодаи интернет ва воситаҳои иттилоотию иртиботӣ сабаб мешавад, ки мардум, бахусус ҷавонон гумроҳ шуда, ба гурӯҳҳои ифротӣ шомил шаванд. Дар шароити кунунӣ, ки журналистикаи шаҳрвандӣ тараққӣ намудааст, надоштани саводи расонаӣ ба он оварда мерасонад, ки истифодабарандаи иттилоот қарорҳои нодуруст қабул намояд. Раванди ҷаҳонишавии муосир зарурият пеш овардааст, ки таваҷҷӯҳ ба мафҳуми «саводи расонаӣ» бештар гардад ва мардум бо тафаккури интиқодӣ ба иттилоот муносибат намоянд.

Дар шароити имрӯза давлатҳо, ҳизбу созмонҳо ва гурӯҳҳои алоҳида барои пешбурди манфиатҳои худ муборизаи иттилоотиро ба муқобили ҳамдигар беш аз пеш вусъат медиҳанд. Ҷаҳонишавӣ ва муборизаву бархӯрди тамаддунҳо амнияти миллии кишварҳоро зери суол мебарад.

Маврид ба зикр аст, ки амнияти иттилоотӣ падидаи нав набуда, ҳанӯз аз замони пайдоиши давлат дар шаклҳои гуногун вуҷуд дошт. Раванди босуръати ҷаҳонишавӣ ва муборизаву бархӯрдҳои нерӯҳои гуногун барои манфиатҳои мухталиф имрӯз масъалаи амнияти иттилоотро беш аз пештара мубрам намудааст. Амнияти иттилоот ҷараёни таъмини махфият, мукаммалӣ ва дастрасии иттилоот мебошад, ки омили муҳимтарини таъмини амнияти миллӣ маҳсуб меёбад. Дар шароити пуртазоду зудтағйирёбандаи ҷомеаи муосир рушди шабакаҳои коммуникатсионӣ ва авҷ гирифтани ҷанги иттилоотӣ воситаҳои ахбори оммаи кишварро зарур аст, ки нисбат ба ин раванд зиракии сиёсиро аз даст надода, дар муқобили ҳуҷумҳои иттилоотӣ, ки аз хориҷи кишвар тарҳрезӣ ва таҳвил мегарданд, сипарвор истодагарӣ намоянд. Зеро дар ҳифзи фазои ягонаи иттилоотӣ ва фарҳангӣ, ки омили асосии амнияти иттилоотист, нақши ВАО муассир унвон мешавад.

Маълум аст, ки дар шароити кунунӣ фазои иттилоотии кишвар осебпазир буда, таъсири шабакаҳои иртиҷоии хориҷӣ ба афкори мардум баланд мебошад. Чунин вазъият тақозои онро дорад, ки равандҳои сиёсиву иҷтимоии ҷомеа, воқеияти зиндагиро амиқу возеҳ таҳлилу баррасӣ ва ба самъи мардум расонда шаванд.

Дар шароити кунунӣ танҳо маҳдуд шудан ба нишон додани вокуниш ба маводи ғаразнок роҳи ҳал набуда, зарур аст, ки пеш аз ҳама ҷойгоҳи чунин афкори носолим танг карда шавад.

Бо мақсади таъмини амнияти иттилооти кишвар ва истодагарӣ дар муқобили хатарҳое, ки ба амнияти иттилоот таҳдид мекунад, инфрасохтори техникии ВАО - и Тоҷикистон ниёз ба такмил дорад. Инчунин омода намудани мутахассисони ҳирфаии технологияҳои муосири иттилоотию коммуникатсионӣ, донандагони забонҳои хориҷӣ ва дорои донишҳои сиёсӣ ҷиҳати таъмини амнияти иттилоот зарур аст, зеро маҳз тавассути ВАО ва дигар шабакаҳои иҷтимоӣ бо маводи ҷолиб, ки воқеияти кишвари мо ба ҷаҳониён инъикос карда шавад, холигии фазои иттилоотиро пур сохтан мумкин аст.

Хулоса, раванди ҷаҳонишавии муосир, рушди босуръати илму технология, дастрасӣ ба интернет, афзоиши сафи корбарони шабакаҳои иҷтимоӣ ва фарқ гузошта натавонистан ба иттилои дурӯғ ва ғаразанок замина мегузорад, ки зери таъсири ин раванд як қатор зуҳуроти номатлуб ҷомеаи ҷаҳонро нигарон намояд.

Бемориҳои равонӣ ва ҷисмонӣ, ки одамон дар пайи истифодаи нодуруст ва ғайримақсадноки интернет гирифтор мешаванд, муноқишаҳои оилавӣ ва дар ин замина ҷудошавии оилаҳо, фирефташавии шаҳрвандон тариқи шабакаҳои иҷтимоӣ ва шомилшавии онҳо ба созмонҳои террористиву экстремистӣ аз зуҳуроти номатлуби ҷомаеи муосир маҳсуб меёбад, ки аз надонистани фарҳанги кор бо интернет ва технологияҳои иттилоотӣ авҷ мегиранд.

Ин вазъият тақозо мекунад, ки ҷиҳати баланд бардоштани фарҳанги истифодабарии интернет иқдом ва тадбирҳои судманду самарабахш ба роҳ монда шуда, саводи расонавии шаҳрвандон бо истифода аз роҳҳои муосир ва ҷалби намояндагони қишрҳои гуногун баланд бардошта шавад.

## АДАБИЁТ


1. https://wearesocial.com/blog/2020/01/digital-2020-3-8-billion-people-use social-media
2. Винер Н. Кибернетика и общество / Под ред. Э.Я. Кольмана. - М.: ИнЛит, 1958. - С. 200; О книге Дона Тапскотта «Электронно-цифровое общество». // Степанов В.К. Век сетевого интеллекта URL: //http:emag.iis.ru/arc/infosoc/emag.nsf/BPA/bef8b90eb6894281c3256c4e0027b866 (дата обращения 10.06.2014); Hiltz S.R.

Online communities: A case study of the office of the future. -Norwood, NJ: Ablex, 1983; Hiltz S.R., Turoff M. The Network Nation. Human Communication via Computer. - Reading, Mass., et al.: Addison-Wesley, 1978; Горошко Е. Информационно-коммуникативное общество и гендер. -Харьков, 2009; Kraut R., Lundmark V., Patterson M., Kiesler S., Mukopadhyay T., Scherlis W. Internet paradox: A social technology that reduces social involvement and psychological well-being? // American Psychologist, 1998, vol. 53(9), pp. 1017-1031; Lea M. (Ed.). Contexts of computer-mediated communication. - Hemel

3. http://mediasavod.tj/darsi_10_matn
4. Безбогова, М..С. Социальные сети как фактор формирования социальных установок современной молодежи: автореф. дис. … канд. психол. наук:
5. Ирина Ивойлова**.** Ученые объяснили, что происходит с интернет-зависимым человеком. https://rg.ru/2019/10/09/uchenye-obiasnili-chto-proishodit-s-internet-zavisimym-chelovekom.html
6. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бахшида ба Рӯзи дониш. 01.09.2014. http://president.tj/node/7366
7. https://www.vedomosti.ru/politics/articles/2017/04/10/684932-milonov
8. Ҳомидова Ш. Оилаи солим-асоси ҷомеаи солим. «Ҳақиқати Суғд»// Нашрияи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд. 22.01.2021. http://hakikati-sugd.tj/index.php/social/13059-oilai-solim-asosi-omeai-solim
9. Н.Салимов, Ф.Эсоева. Оилаи солим – асоси ҷомеаи шаҳрвандии намунавӣ. –сомонаи Дин ва ҷомеа. 7.11.2019. http://jomea.tj/tj/node/223

## ОМИЛҲОИ ТАЪСИРРАСОНИИ ШАБАКАИ ИҶТИМОӢ БА ҶАВОНОН ВА ОИЛАҲОИ ҶАВОН, РОҲҲОИ ПЕШГИРИИ ХАТАРҲОИ ОН

*Дар замони муосир интернет ҳамчун платформаи онлайнӣ майдони васеъ ва фарохеро мемонад, ки дар он барои ҳар нафар чизи ҷолиб мавҷуд аст: шуруъ аз воситаҳои иртиботу муошират то усулҳои гуногуни фароғат. Аз ин ҷост, ки сол то сол анвои гуногун ва ҷадиди шабакаҳои иҷтимоӣ коркард гардида, шумораи корбарони он дар ҳоли афзоиш аст. Ин нуктаро маълумотҳои оморӣ низ собит месозанд. Дар шароити кунунӣ аудиторияи шабакаҳои иҷтимоӣ дар ҷаҳон аз марзи 3,8 миллиард гузаштааст.*

*Мувофиқ ба маълумоти We are Social соли 2020 нисбат ба соли 2019 шумораи корбарони шабакаҳои иҷтимоӣ 321 миллион нафар зиёд шудааст.*

*Аммо аз ҷониби дигар, мувофиқ ба таҳлилҳо интернет ва истифодаи нодурусту ғайримақсадноки он то ҷое ба фарҳанги оиладорӣ таъсир гузошта, ҷиҳати ба миён омадани нофаҳмӣ ва мунокишаҳои оилавӣ низ замина мегузорад, ки он омили нигаронкунанда мебошад.*

*Дар мақолаи мазкур таъсири мусбату манфии истифодаи интернет, шабакаи иҷтимоӣ ва пешгирии омилҳои манфии он дар оила ва ҷомеа бо таҳлилу арқоми мушаххас ба риштаи таҳлили илмӣ кашида шуда, роҳҳои бартараф намудани муаммоҳои ҷойдошта манзур гардидааст.*

***Калидвожаҳо**: оила, ҷавонон, интернет, шабакаи иҷтимоӣ, саводи расонаӣ, иттилоот, таъсири мусбат ва манфии шабакаҳои иҷтимоӣ*

## ФАКТОРЫ ВЛИЯНИЯ СОЦИАЛЬНЫХ СЕТЕЙ НА МОЛОДЕЖЬ И МОЛОДЫЕ СЕМЬИ, СПОСОБЫ ПРЕДОТВРАЩЕНИЯ РИСКОВ

*В современном мире Интернет как онлайн-платформа является просторной сферой, где можно найти что-то интересное для всех: от средств общения до различных способов развлечения. Таким образом, из года в год развиваются разные и новые типы социальных сетей, и число их пользователей растет. Это подтверждают и статистические данные. В настоящее время аудитория социальных сетей в мире превышает 3,8 миллиарда.*

*По данным We are Social, в 2020 году по сравнению с 2019 годом количество пользователей социальных сетей увеличилось на 321 миллион.*

*Но с другой стороны, согласно анализу, Интернет и его неправильное и нецелевое использование в некоторой степени повлияли на семейную культуру, а также привели к недопониманию и семейным конфликтам, что является тревожным фактором.*

*В этой статье с научной точки зрения анализируются положительное и отрицательное влияние использования Интернета, социальных сетей и предотвращение его негативных факторов в семье и обществе и способы преодоления существующих проблем.*

***Ключевые слова**: семья, молодежь, интернет, социальные сети, медиаграмотность, ин формация, положительное и отрицательное влияние социальных сетей*

## NETWORK INFLUENCE FACTORS SOCIAL FOR YOUNG PEOPLE AND YOUNG FAMILIES, WAYS TO PREVENT ITS RISKS

*In modern times, the Internet as an online platform remains a wide and outspread, where there is something interesting for everyone: from the means of communication to various methods of entertainment. Hence, from year to year different and new types of social networks are being developed and the number of*

*its users is growing. This point is also confirmed by the statistical data. Currently, the audience of social networks in the world exceeds 3.8 billion.*

*According to We are Social, in 2020 compared to 2019, the number of users of social networks increased by 321 million.*

*But on the other hand, according to the analysis, the Internet and its misuse and misapply have to some extent affected the culture of the family and also lead to misunderstandings and family conflicts, which is a worrying factor.*

*This article discusses the positive and negative effects of the use of the Internet, social networks and the prevention of its negative factors in the family and society with specific analysis and figures in the field of scientific analysis and ways to overcome the existing problems.*

***Keywords:*** *family, youth, internet, social network, media literacy, information, positive and negative impact of social networks*

***Маълумот дар бораи муаллиф:***

***Ҳодибоев Фаридун Абдуалиевич-*** *сардори маркази иттилоот ва таҳлили МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров», номзади илмҳои фалсафа, дотсенти кафедраи умумидонишгоҳии сиёсатшиносӣ (Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Хуҷанд), E-mail: Faridun84.84@mail.ru, тел: 92-888-46-05*

***Сведения об авторе:***

***Ходибоев Фаридун Абдуалиевич****-начальник информационного и аналитического центра Государственного образовательного учреждения «Худжандский государственный университет имени академика Бободжона Гафурова», кандидат философских наук, дотсент кафедры политологии. (Республика Таджикистан, город Худжанд), E-mail: Faridun84.84@mail.ru, тел: 92-888-46-05*

***About the author:***

***Hodiboev Faridun Abdualievich****- the Head of information and analytic Center of Khudjand State University named after academician B.Gafurov, candidate of philosophy sciences, lecturer at the Department of Political Science (Republic of Tajikistan, Khujand), E-mail: Faridun84.84@mail.ru, тел: 92-888-46-05*

## ТАҲЛИЛИ МАФҲУМ ВА ТАЪРИФҲОИ «ҲАМБАСТАГИИ ИҶТИМОӢ

***Файзуллаев Х. Ҳ.***

*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ*

Таърих гувоҳ аст, ки яке аз аслитарин ҳадафи низомҳои иҷтимоию сиёсӣ саъю кӯшиш барои ҳамбаста ва муттаҳид гардонидани мардум ва гурӯҳҳо будааст. Умуман ҳар як ҷомеа барои мавҷудияти хеш ҳамчун низоми том ниёз ба риштаҳои иртиботие дорад, ки аъзоёни онро ба ҳамдигар муттаҳид мекунанд. Ин торҳои равобитро дар давраҳои гуногун, дар сохтаҳои мухталифи зеҳнӣ ҳар хел номгузорӣ мекунанд. Яке аз номгузориҳои ин падида дар байни ҷомеашиносон ин «ҳамбастагии иҷтимоӣ» аст. [9, с. 12-13]

Истилоҳи «ҳамбастагии иҷтимоӣ» аз назари маъно бо бисёре аз мафҳумҳои дигар робитаи зич дорад, масалан бо: ваҳдати иҷтимоӣ, инсиҷоми иҷтимоӣ, назми иҷтимоӣ, вифоқи иҷтимоӣ, якпорчагии иҷтимоӣ, ҳамзистии иҷтимоӣ ва ғайра. Ин гуна мафҳумҳоро метавон мафҳумҳои ҳамхонавода номид, аммо дар айни ҳол аз назари доираи маъноӣ баъзеашон васеъ ва баъзеи дигарашон маҳдуд мебошанд.

Дар ин мақола саъй шудааст таърифҳои ҷомеашиносонаи донишмандон перомуни ҳамбастагии иҷтимоӣ ироа гардад. Зеро фаҳму дарки дурусти ҳар мавзӯе ва қудрати таҳлили он вобаста ба дидгоҳҳо ва назариёте дорад, ки дар бораи он баён шудаанд.

Истилоҳи «ҳамбастагии иҷтимоӣ» ё худ social solidarity дар илми ҷомеашиносӣ як истилоҳи нисбатан шинохташудае аст, аммо бо ин ҳол таърифи дақиқе аз он ироа нашудаст.[7, с. 904] Муҳимтарин сабаби ин муаммо он аст, ки доираи маъноии «ҳамбастагии иҷтимоӣ» бисёр васеъ буда ва ҷанбаҳои мутааддидеро фаро мегирад. Баъзеҳо назарашон ин аст, ки истилоҳи мазкур дар кишварҳо ва манотиқи мухталиф, аз маънои мутафовите бархурдор аст. Дар кишварҳои пешрафта, баҳсҳои марбут ба «ҳамбастагии иҷтимоӣ» барои давомнок гардондани коркардҳои ҷомеа бо мақсади муқовимат дар баробари хатарҳои хориҷӣ ва таъсирҳои манфии иқтисод, матраҳ мешавад ва ҳол он, ки дар кишварҳои дар ҳоли пешрафт, мафҳуми «ҳамбастагии иҷтимоӣ» бештар дар қолаби таҷдиду таҳаввули сохтори ниҳодӣ-иҷтимоӣ ба кор меравад.[10, с. 94] Яъне таъйин кардани дараҷаи матлуби ҳамбастагии иҷтимоӣ вобаста ба шароити фарҳангӣ ва иҷтимоии ҳар ҷомеа дорад.

Сифату вижагиҳои иҷтимоии ваҳдату ҳамбастагӣ дар ҳама давру замон ва дар ҳар як ҷомеаи алоҳида якхела буда наметавонад.[9, с. 30]

Дар идома, ба якчанд таърифи истилоҳии «ҳамбастагии иҷтимоӣ» таваҷҷуҳ кунед:

- Ҳамбастагӣ, эҳсоси масъулияти огоҳонаи байниҳамдигарӣ ё байнигурӯҳӣ аст. Ҳасмбастагӣ метавонад шомили пайвандҳои инсонӣ-бародарӣ ва ё вобастагии дутурафаю чандтарафаи инсонҳо бар мабнои ҳаёти муштарак ва манфиатҳои онон бошад.
- Ҳамбастагӣ, дорои маънои ахлоқӣ ва мусбӣ буда, дар худаш андешаи як вазифа ва ё илзоми байниҳамдигарӣ ва ё вобастагии чандтарафаи коркардҳо, аҷзоъ ва аъзоро дар бар дорад.[1, с. 400]
- Ҳамбастагии иҷтимоӣ падидаест, ки бар пояи он, аъзои як гурӯҳ ё як ҷомеа ба якдигар вобастаанд ва ба таври мутақобил ниёзманди якдигаранд.[1, с. 400]
- Ҳамбастагӣ бо баҳампайвастагии дарунии ҷомеа ё гурӯҳ дар иртибот аст ва ба маънои он аст, ки гурӯҳ, ваҳдати худро ҳифз кунад ва бо унсурҳои ваҳдатбахш худашро мутобиқат гардонад.[1, с. 400-401]
- Ҳамбастагӣ ё баҳампайвастагии ҳар воҳиди иҷтимоӣ, яъне гурӯҳӣ ё шибҳи гурӯҳӣ ё ҷамъиятӣ, иборат аст аз муқовимат кардан дар баробари тақсим шудану ҷудо гардидан. Омилҳои он иборатанд аз: иттиҳод бо воҳиди бузургтар, ҳамоҳангии ҷомеъ, манофеи дуҷониба, вобастагии мутақобил ва равобити байниҳамдигарӣ.[5, с. 184]
- Ҳамбастагии иҷтимоӣ иборат аст аз пайванд миёни афроди ҷомеа бар мабнои фарҳанги муштарак ва эҳсосоти нашъатгирифта аз он фарҳанг.
- Ҳамбастагии иҷтимоӣ иборат аст аз шаклгирии як навъ идеология, ё қоидаҳои рафтор, ё эҳсосу отифаҳои ғолибомада - монанди вафодорӣ ба раҳбар, ғурури миллӣ, шӯру ҳарорати динӣ – ё таркибе аз ҳамаи инҳо дар ҷомеа, ба шарте, ки афроди ҷомеа ин авомилро ҳақиқатан ва амиқан эҳсос кунанд ва дар миёни аксарияти аҳолии ҷомеа, аз ҷумла дар миёни зиёйёну афроди муҳим, ки пешрафти ҷомеа ба кори онҳо бастагӣ дорад, ба сурати худҷӯш ва асил дарояд.[2 с. 193-194]
- Ҳамбастагии иҷтимоӣ он ҳамон як замонати эҷоди фазои дарку тасаввури бо ҳамдигар наздики аъзои умумиятҳои иҷтимоӣ аст, ки ҷомеаҳоро дар мавриди доштани умумиятҳои муштаракашон бо якдигар, ба душ дорад.[9, с. 30]
- Ҳамбастагии иҷтимоӣ ду навъ аст: механикӣ ва органикӣ. Ҳамбастагии механикӣ дар ҷомеаҳое ёфт мешавад, ки афроди он эҳсос мекунанд ба таври механикӣ ба якдигар вобастаанд. Ин гуна ҳамбастагӣ бештар дар ҷомеаҳои пеш аз санъатӣ ё ақибмонда вуҷуд дорад, ки дар он аъзою аҷзои ҷомеа ва коркарди онҳо ба ҳамдигар шабоҳат доранд ва ноҳамонандӣ (тамоюз) байни онҳо хеле кам аст. Аслу асоси ин навъ ҳамбастагӣ бар рӯи эҳсосоти ахлоқии муштарак ё худ виҷдони ҷамъӣ устувор аст, ки аъзои ҷомеаро ба якдигар пайванд мезанад.

Ҳамбастагии органикӣ бошад хосси ҷомеаҳои муосир аст, ки дорои тақсими кори пешрафта ҳастанд, ва афроди он ба хотири доштани тахассусҳои гуногун дар заминаҳои мухталиф, ҳар кадом кору фаъолияти ҷудогонае доранд ва ҳамин чиз сабаб мешавад, ки барои бартараф кардани ниёзҳои зиндагӣ, ба якдигар ҳам сахт вобаста бошанд ва ҳам ҳамбаста. Ҳамбастагии органикӣ ба ҷомеаҳои пешрафта ва саноатишуда марбут аст.[8, с. 77 ва 117-119]

Ба таври куллӣ, мафҳуми муштараке, ки метавон аз таърифҳои дар боло зикршуда ба даст овард, ин аст:

Ҳамбастагии иҷтимоӣ, ишора ба он навъ робитаҳои иҷтимоӣ дорад, ки афроди гуногуни як ҷомеаро ба сурати мунсаҷиме дар зери як чатри ягона гирдиҳам меоварад.

Бо ин ҳол, ҳар таърифе бозгӯкунандаи ҷанбаҳои хоссе аз ҳамбастагии иҷтимоӣ аст ва баъзе аз унсурҳои онро бештар мавриди таъкид қарор додааст. Масалан:

**А)** Дар таърифҳои рақами 1, 2, 3, 5 ва 9 рӯи «вобастагии дутурафаю чандтарафаи аъзои ҷомеа» таъкид шудааст. Бе шубҳа, вобастагии байниҳамдигарии аъзои ҷомеа, дар зиндагӣ нақши асосию меҳвариро бар ӯҳда дорад. Ҳар як инсон барои таъмин кардани ниёзҳои зиндагиаш ночор аст, ки бо дигарон таомулу табодулу таовун кунад, зеро ӯ мавҷуди иҷтимоӣ аст ва дар айни ҳол, дорои ниёзҳои гуногуне аст, ки бо кӯмаки иҷтимоъ ба онҳо мерасад. Аз назари равоншиносии иҷтимоӣ, робитаҳои асосёфта бар вобастагии дутурафаю чандтарафаи аъзои ҷомеа, ҳамбастагию якпорчагии иҷтимоиро тазмин мекунад.[3, с. 190]

Робитаҳои асосёфта бар вобастагии байниҳамдигарии аъзои ҷомеа, ҳам бисёранд ҳам гуногун; аз робитаи дутурафаи зану шавҳар, фарзандону волидайн, омӯзгору донишомӯз, пизишку бемор, харидору фурӯшанда, коргару корфармо гирифта то робитаҳои чандтарафаю печидатари донишгоҳҳо, ширкатҳо, корхонаҳо, созмонҳо, ниҳодҳо ва давлатҳоро дарбар мегирад. Бинобар ин, «вобастагии байниҳамдигарӣ» дорои қисмҳои гуногунест, монанди вобастагии байниҳамдигарии хонаводагӣ, вобастагии байниҳамдигарии илмӣ-маърифатӣ, вобастагии байниҳамдигарии фарҳангӣ-миллӣ, вобастагии байниҳамдигарии сиёсӣ, иҷтисодӣ, низомӣ ва ғайра.

**Б)** Дар таърифҳои рақами 1 ва 2 рӯи унсури «эҳсоси вазифаю масъулияти баёниҳамдигарӣ» таъкид шудааст. Ин унсур дар бақияи таърифҳо ё зикр нашудааст ва ё бо ин сароҳат баён

нагардидааст. Ин ҷо ёдовар мешавем, ки унсури мазкур, дар навиштори ҳозир ҳамчун яке аз омилҳои аслӣ ва бевосита барои тақвият додан ва давомнок гардондани ҳамбастагии иҷтимоӣ матраҳ шудааст.

**В)** Дар таърифҳои рақами 4 ва 5 бар рӯи «мутобиқат гардидан бо унсурҳои ваҳдатбахш» ва «иттиҳод бо воҳиди бузургтар ё ҳамоҳангии ҷомеъ» таъкид шудааст. «Мутобиқат гардидан бо ҷамъ» ё бо ибораи дигар: «ҳамнавоӣ бо гурӯҳ ё ҷомеа» яке аз ҷанбаҳои рафтори иҷтимоӣ аст. Инсонҳо хоста ё нохоста аз гурӯҳҳои мухталиф пайравӣ мекунанд ва арзишҳои онҳоро қабул менамоянд. Ин гурӯҳҳо метавонанд шомили гурӯҳи хонавода, ҳамсолон, варзишкорон, ҳунарпешаҳо ва ё ҳатто дастаи авбошҳо бошанд. Аз сӯи дигар, гурӯҳҳо низ саъй мекунанд афродро ҳамранги худ кунанд. Афроди даруни гурӯҳ, ба муқаррароту арзишҳои он гурӯҳ розӣ мешаванд ва ба расму одобу он тан медиҳанд. Бино бар ин, «ҳамнавоӣ бо гурӯҳ ё ҷомеа» фароянде аст, ки дар раванди он, шахс эҳсоси фишори хиёлӣ ё воқеӣ аз сӯи гурӯҳ ё ҷомеа нисбати худаш мекунад ва дар натиҷа, рафтори хешро тағйир медиҳад.[1, с. 62]

**Г)** Дар миёни таърифҳои мазкур, таърифҳои рақами 1, 2, 6, 7 ва 8 қобили таваҷҷуҳанд, зеро бо қайд кардани унсурҳои огоҳӣ, андеша, дарк, тасаввур, ирода ва ҳиссу эҳсос, мавзӯи баҳсро ба ҷиҳати хоссе мекашанд. Махсусан дар таърифи Бертран Рассел (рақами 7) ҷумлаи «... афроди ҷомеа ин авомилро (авомили ҳамбастагиро) ҳақиқатан ва амиқан эҳсос кунанд ва дар миёни аксарияти аҳолии ҷомеа, ба сурати худҷӯш ва асил дароянд» дорои таъкиду сароҳати бештаре аст. Аҳамияти масъалаи огоҳӣ, андеша, дарк, ирода ва эҳсос ба ин хотир аст, ки:

Дар шароити кунунии ҷомеаҳои инсонӣ, муассиртарин ва инсонитарин василаи ба вуҷуд овардани ваҳдату ҳамбастагӣ, боло бурдани сатҳи огоҳии мардум аст, то ин ки аз тариқи он, худ ба арзишҳои воқеӣ пай бибаранд ва лозиму зарурӣ будани ваҳдатро ташхис диҳанд. Ҳатто агар як кишвар аз чандин қавму қабилаю гурӯҳ ташкил шуда бошад, метавон бо боло бурдани сатҳи огоҳӣ ва дарку шуури мардум, дар байни онҳо ҳамбастагӣ ва инсиҷом ба вуҷуд овард.[6, с. 154-155]

Албатта Рассел ин қайдро ҳам изофа карда аст, ки ин дарку огоҳӣ дар миёни аксарияти аҳолии ҷомеа, аз ҷумла дар миёни зиёйёну афроди муҳим, ки пешрафти ҷомеа ба кори онҳо бастагӣ дорад бояд вуҷуд дошта бошад. Яъне пеш аз ҳама нухбаҳо, масъулон ва раҳбарони ҷомеа бояд ба омилҳои шаклдиҳандаи ҳамбастагӣ дарку эҳсоси ҳақиқӣ ва амиқтар дошта бошанд. Дар воқеъ, падидаи ҳамбастагии иҷтимоӣ комилан таҳаққуқ намеёбад магар ин ки ақалияти таъсиргузори ҷомеа ба аҳамияти он ҳақиқатан пай бурда бошанд ва барои ба самар расидани он, саъю кӯшиш намоянд.

**Д)** Дар таърифи рақами 2 ҳамбастагии иҷтимоӣ бо қайди «дорои маънои ахлоқӣ ва мусбӣ» тавзеҳ дода шудааст ва дар таърифи рақами 9 бошад бо қайди «эҳсосоти ахлоқии муштарак ё худ виҷдони ҷамъӣ». Таърифи рақами 9 аз они Эмил Дюркгейм мебошад, ки ӯро дар ҳавзаи ҷомеашиносӣ ҳамчун касе мешиносанд, ки ба масъалаи ахлоқ беш аз дигарон таваҷҷуҳу таъкид кардааст. Аз назари Дюркгейм:

Ахлоқ, заруритарин ва лозимтарин чиз барои зиндагии инсонҳо аст ва нони рӯзонае аст, ки ҷомеаҳо наметавонанд бидуни он ба ҳаёти худ идома диҳанд.[8 с. 53]

Нуктаи асосӣ дар робита бо аҳамияти ахлоқ ин аст, ки дар ҳақиқат замоне инсон шоистаи номи инсон аст, ки ахлоқи инсонӣ дошта бошад, вагарна ҳайвони хатарноке аст, ки бо истифода аз ҳушу заковати инсонӣ, ба вайронии ҷомеаи худ даст мезанад ва барои расидан ба хоҳишҳои нафсонии худ ҷангу хунрезӣ барпо мекунад. Бе тардид, ҷомеаи инсонӣ агар холӣ аз қонунҳою арзишҳои ахлоқӣ бошад, ба боғи ҳайвоноти ваҳшӣ табдил хоҳад шуд, ки фақат қафасҳои оҳанин метавонанд монеъи фаъолияти вайронгаронаи сокинони он шаванд.

**Е)** Унсури дигаре, ки дар баъзе таърифҳо зикр шудааст вуҷуди шабоҳатҳо ва виҷдони ҷамъӣ (таърифи 9) ва муштаракот (таърифи 6, 7, 8 ва 9) ва шаклгирии як навъ идеологияи ғолибомада (таърифи 9) мебошад.

Ин матлаб равшан аст, ки ҳеҷ ҷомеае бар шабоҳату монандии комил ё тафовути мутлақ устувор нест, аммо вуҷуди ҳадди ақалли шабоҳатҳою монандиҳо ва вуҷуди падидаҳои муштарак барои барҳамнахӯрдани ҷомеа зарурӣ аст. Ҳар чи қадар шабоҳатҳою муштаракот дар миёни аъзои як ҷомеа ҳам аз назари теъдод ва ҳам аз назари сифат густариш ёбад, ҳамон қадар кафолати бештаре барои ҳифзу давомнокии ҳамбастагии иҷтимоӣ падид хоҳад омад:

«Дар ҳар ҷомеае, ки аъзои он аз назари фарҳангӣ дорои муштаракоти бисёре бошанд - масалан аз назари дину мазҳаб, забон, арзишҳои ахлоқӣ, расму одоб, урфу одат ва ғ. - ба эҳтимоли зиёд иттиҳоди умумиро ба расмият хоҳанд шинохт. Барои ин ки фарҳанги умумию муштарак вуҷуд дошта бошад, бояд муомилаю муошировати байниҳамдигарӣ (ё худ куниши мутақобил) ба таври пайваста ва дар муддати тӯлонӣ вуҷуд дошта бошад ва ин гуна аст, ки ҳамбастагӣ ҳифз мешавад».[5, с. 184]

Мутобиқи матлаби боло, ҳамбастагии иҷтимоӣ бар асоси шиддати муомилаю муошировати байниҳамдигарӣ таъриф мешавад, бо ин тавзеҳ, ки:

Таҷаммуъҳои инсонӣ шохаҳои равобити байни афродро ба вуҷуд меоваранд, ки ин равобит, афродро дар воҳидҳои иҷтимоии мунсаҷим, муттаҳид мекунад. Рӯбарӯшуданҳои ҳаррӯза ва рӯзмарраи афроди гурӯҳ, сабаб мегардад, ки аъзои ҷадид ҷомеапазир шаванд ва ҳимояи иҷтимоии давомнокро фароҳам намоянд. Аз тариқи мубодилаи иҷтимоӣ, вобастагии байниҳамдигарӣ эҷод мешавад ва ба ин сурат, афрод узви ҳамбастаи гурӯҳҳо мешаванд.[4, с. 527]

Пас, мутобиқи баъзе таърифҳо, ҳамбастагии иҷтимоӣ бар асоси шабоҳатҳо, фарҳанги умумӣ ва арзишҳои муштарак таъриф мешавад. Албатта бояд қайд намуд, ки ҳамаи инҳо дар қолаби муомилаю муоширати байниҳамдигарӣ шакл мегирад ва «муомилаю муоширати байниҳамдигарӣ» низ дар навбати худ ниҳоятан ба падидаи «вобастагию ниёзмандии мардум ба якдигар барои бароварда кардани ниёзҳои хеш» бармегардад.

Пеш аз ироаи таърифи пешниҳодӣ лозим аст ба ин нукта ишора шавад, ки мафҳуми «ҳамбастагии иҷтимоӣ» як мафҳуми мураккаб аст на сода, мафҳуми мураккабе, ки ба илмҳои иҷтимоӣ марбут мешавад, илмҳое, ки дорои макотиби гуногун ва назарияҳои мутааддиду мутазодд ҳастанд ва ҳар лаҳза тахти таъсири тағйироти ҷомеа қарор доранд. Бинобар ин, хеле сахт аст ва ё ин ки аслан имкон надорад «ҳамбастагии иҷтимоӣ»-ро чунон таърифи ҷомеъу монеъ кард, ки мавриди қабули ҳамагон бошад. Зеро таъриф кардани як мафҳум, ба маънои ҷудо кардани он аз дигар мафоҳим аст ва ин кор, замоне мумкин аст, ки он мафҳум, марзи мушаххасе бо дигар мафоҳим дошта бошад. Агар як мафҳуми мураккаб, мисдоқҳои мушаххасе надошта бошад, наметавон барои он, марзи мушаххасе бо дигар мафоҳим таъйин кард ва дар натиҷа, намешавад таъриферо, ки мавриди қабули ҳамагон бошад, ироа дод. Хулоса ин ки агар як мафҳум дорои масодиқи мушаххасу мавриди қабули ҳамагон набуд ва масалан мисдоқҳои он бо мисдоқҳои дигар мафоҳим тадохул дошт, мафҳуми он низ марзи мушаххасе бо соири мафоҳим наметавонад дошта бошад ва намешавад барои он, таърифи ҷомеъ ва монеъ ироа дод.

Таърифи пешниҳодие, ки дар ин ҷо барои «ҳамбастагии иҷтимоӣ» зикр мешавад бегумон чунин камбудиҳоро дорад, вале дар айни ҳол барои ҷамъбандии баҳси таърифҳо ин кор зарурӣ аст.

Бо таваҷҷуҳ ба таҳлилу баррасиҳои анҷомшуда аз унсурҳои ташкилдиҳандаи таърифҳои «ҳамбастагии иҷтимоӣ», метавон барои ин мафҳум, таърифи зеринро, ки то ҳадде дарбардорандаи унсурҳои дигар таърифҳо аст, ироа дод:

Ҳамбастагии иҷтимоӣ иборат аст аз падидае, ки дарбардорандаи маънои ахлоқӣ ва мусбӣ аст, ки бар пояи он, дар сатҳи як гурӯҳ ё як ҷомеа хоҳ бо шабоҳатҳои аҷзои ҳамгун ва хоҳ бо тафовутҳои тамоюзёфта бар асари тақсими кори пешрафта, аъзои он байни якдигар равобите доранд, ки бар пояи вобастагии байниҳамдигарӣ, ҳамроҳ бо эҳсоси масъулият ва вазифаи байниҳамдигарии ҳақиқатан огоҳона ва иродаманд устувор шудааст ва бо пазириши унсурҳои ваҳдатбахш монанди забон, сарзамин, миллат, фарҳанг, дину мазҳаб, манофеъи муштарак, аҳдофи муштарак ва ғ. ба якдигар пайванд хӯрда ва ҳамбаста гаштаанд.

Ҳар як ҷомеа барои мавҷудияти хеш ниёз ба риштаҳои иртиботие дорад, ки аъзоёни онҳоро ба ҳамдигар муттаҳид кунанд. Яке аз номгузориҳои ин падида дар байни ҷомеашиносон «ҳамбастагии иҷтимоӣ» аст. Ин истилоҳ дар илми ҷомеашиносӣ як истилоҳи нисбатан шинохташудае аст, аммо бо ин ҳол таърифи дақиқе аз он ироа нашудааст, зеро таъйин кардани дараҷаи матлуби ҳамбастагии иҷтимоӣ вобаста ба шароити фарҳангӣ ва иҷтимоии ҳар ҷомеае ба таври алоҳида мебошад. Ҳар як таъриф ба гушае аз падидаи мазкур таъкид намудааст. Дар таърифҳо мо бо ин мақулаҳо рӯбарӯ мешавем: эҳсоси масъулияти огоҳонаи байниҳамдигарӣ, вобастагии инсонҳо бар мабнои ҳаёту фарҳангу умумиятҳои муштарак ва манфиатҳо, вуҷуди эҳсосоти ахлоқии муштарак ё худ виҷдони ҷамъӣ, вазифа ва ё илзоми байниҳамдигарӣ, ниёзмандии мутақобил, муқовимат кардан дар баробари тақсим шудану ҷудо гардидан, мутобиқат бо унсурҳои ваҳдатбахш монанди вафодорӣ ба раҳбар, ғурури миллӣ, шӯру ҳарорати динӣ ва ғ., вобастагӣ ба якдигар бар асари тақсими кори пешрафта.

## АДАБИЁТ


1. Ален Бироу, Фарҳанги улуми иҷтимоӣ, тарҷумаи Боқири Сорухонӣ, чопи чаҳорум, Теҳрон, интишороти Кайҳон, 1380 ҳ.ш.
2. Бертран Рассел, Қудрат, тарҷумаи Наҷаф Дарёбандӣ, чопи панҷум, Теҳрон, интишороти Хоразмӣ, 1390 ҳ.ш.
3. Лок Бэдор ва дигарон, Равоншиносии иҷтимоӣ, тарҷумаи Ҳамзаи Ганҷӣ, чопи ҳафтум, Теҳрон, интишороти Соволон, 1389 ҳ.ш.
4. Люис Козер ва Бернард Рузенбэрг, Назарияҳои бунёдии ҷомеашинохтӣ, тарҷумаи Фарҳанги Иршод, чопи чаҳорум, Теҳрон, интишороти Най, 1393 ҳ.ш.
5. Перси Саул Коэн, Назарияи иҷтимоии навин, тарҷумаи Юсуфи Нароқӣ, чопи дуюм, Теҳрон, интишороти Ширкати саҳомии интишор, 1392 ҳ.ш.
6. Фаромарзи Рафиъпур, Анатоамияи ҷомеа, чопи нуҳум, Теҳрон, интишороти Ширкати саҳомии интишор, 1395 ҳ.ш.
7. Ҷулиус Голд ва Вилиам Л. Колб, Фарҳанги улуми иҷтимоӣ, тарҷумаи Боқири Парҳом, чопи чаҳорум, Теҳрон, интишороти Мозиёр, 1376 ҳ.ш.

8. Эмил Дюркгейм, Дар бораи тақсими кори иҷтимоӣ, тарҷумаи Боқири Парҳом, чопи аввал, вироиши дуюм, Теҳрон, интишороти Нашри марказ, 1381 ҳ.ш.
9. Эмомалӣ Раҳмон ва ҳайати муаллифон, Раванди ваҳдат ва назарияи он, , Душанбе, «Илм», 2013, ҷилди 19.
10. Easterly, W. (2006). Social Cohesion, Institution and Growth. Center of Global Development Working.

## ТАҲЛИЛИ МАФҲУМ ВА ТАЪРИФҲОИ «ҲАМБАСТАГИИ ИҶТИМОӢ

*Ҳар як ҷомеа барои мавҷудият ва иттиҳоди аъзоёни худ як қатор унсурҳои пайванддиҳандаро тақозо мекунад. Яке аз ин унсурҳо «ҳамбастагии иҷтимоӣ» аст. Ин истилоҳ дар ҷомеашиносӣ истилоҳи маъруф аст, вале бо вуҷуди ин, таърифи возеҳ ва ниҳоии он вуҷуд надорад, зеро таърифи дараҷаи матлуби ҳамбастагии иҷтимоӣ ба шароити фарҳангӣ ва иҷтимоии ҳар як ҷамъият алоҳида вобаста аст. Ҳар як таъриф танҳо ба баъзе паҳлуҳои ин падида таъкид мекунад. Дар таърифҳо мо ба чунин истилоҳот дучор мешавем: ҳисси масъулиятшиносии тарафайн, вобастагии шахс ба зиндагии умумӣ, фарҳанг ва манфиатҳои умумӣ, мавҷудияти эҳсосоти ахлоқӣ ё виҷдони дастаҷамъӣ, ӯҳдадорӣ ва масъулият, муқовимат ба тақсимот, мутобиқшавӣ бо унсурҳои иттиҳодкунонӣ аз қабили садоқат ба пешво, ифтихори миллӣ, имони динӣ ва амсоли ин. Дар мақола саъй шудааст машҳуртарин таърифҳо баррасӣ шаванд ва таърифи пешниҳодӣ ва ҷомеъ (универсалӣ) ироа гардад.*

***Калидвожаҳо:*** *Ҳамбастагӣ, иҷтимоиёт, таъриф, ҷомеа, равобити байниҳамдигарӣ, манофеъи муштарак, тақсими кор, эҳсоси масъулият ва вазифа, унсурҳои ваҳдатбахш.*

## ОПРЕДЕЛЕНИЕ СОЦИАЛЬНОЙ СОЛИДАРНОСТИ

*Каждое общество требует для своего существования и объединение своих членов серии коммуникационных дисциплин. Одним из названий этого феномена среди социологов является «социальная солидарность». Этот термин в социологии является известным термином но тем не менее, нет для него четкого и окончательного определения потому что определение желаемой степени социальной солидарности зависит от культурных и социальных условий каждой общины в отдельности. Каждое описание подчеркивает только часть особенность этого феномена. В определениях мы сталкиваемся с этими терминами: чувство взаимной ответственности, зависимость человека от общей жизни, культуры и интересов, существование общих морально-этических чувств или коллективная совесть, взаимное обязанность и требование, сопротивление против разделения и устойчивость к распределении, адаптация с элементами объединения и единства такие как верность лидеру, национальная гордость, религиозная страсть и так далее, взаимозависимость из-за распространения продвинутой работы.*

***Ключевие слова:*** *Социальная солидарность, определение, общество, взаимозависимость, общие интересы, разделение труда, чувство ответственности, элементы объединения и единства.*

## DEFINITION OF SOCIAL SOLIDARITY

*Each society requires for its existence and unification of its members a series of communication disciplines. One of the names of this phenomenon among sociologists is «social solidarity». This term is a well-known term in sociology, but nevertheless there is no clear and definitive definition for it because the definition of the desired degree of social solidarity depends on the cultural and social conditions of each community individually. Each description emphasizes only part of the feature of this phenomenon. In the definitions we are confronted with these terms: sense of mutual responsibility, man's dependence on common life, culture and interests, existence common moral or ethical feelings or collective conscience, mutual duty and requirement, resistance against separation and resistance to distribution, adaptation with elements of unity and unity such as loyalty to the leader, national pride, religious passion and so on, interdependence due to the spread of advanced work.*

***Keywords:*** *Social solidarity, definition, society, interdependence, common interests, division of labor, sense of responsibility, elements of unity and convergence.*

***Маълумот дар бораи муаллиф:***

***Файзуллаев Хайрулло Ҳадятуллоевич***- *докторант, Доктор PHd-и кафедраи фалсафаи ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ. Тел: 985863208.*

***Свидения об авторе:***

***Файзуллаев Хайрулло Хадятуллоевич*** - *докторант, Доктор PHd, кафедра философии, Таджикский государственный университет имени Садриддина Айни. Тел: 985863208.*

***About the author:***

***Faizullaev Khairullo Hadyatulloevich*** – *PhD of the Department of Philosophy of Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni, Tel:+992 985863208.*

# ТАЪСИРИ ЗИДДИЯТҲОИ ИҶТИМОӢ БА ОИЛАҲОИ ҶАВОНИ ТОҶИКИСТОН ДАР СОЛҲОИ 90 УМ

***Мамадҷонова М.Д.***
*Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров*

Замони муосир на танҳо бо рушди ҳамаҷонибаи муносибатҳо, ҳамкориҳои байналмилалӣ ва равандҳои глобализатсионӣ, балки мутаассифона, бо авҷгирии задухӯрдҳо, муқовимат, тезутундшавии муносибатҳо ва зиддиятҳои иҷтимоию иқтисодӣ фарқ мекунад. Он бо бархӯрдҳои мушкилҳалшавандаи тамаддунӣ, аз ҷониби абарқудратҳо бештар хусусияти таҳмил намудани ғарбикунонии тафаккуру фарҳанги давлатҳои шарқӣ ба назар мерасад, ки нигоҳдории истиқлолияту анъанаҳои давлатҳои ҷудогонаро дар вазъияти геополитикӣ мушкил менамояд. Бархӯрди тамаддуние, ки дар ҷомеаи муосир мавҷуданд, дар пайвастагӣ бо манфиатҳои геополитикӣ, роҳҳои ҳалли худро доранд. Дар чунин вазъият барои кишварҳои ҷудогона, хосатан мамолики шарқии рӯ ба тараққӣ масъалаи нигоҳ доштани истиқлолияти давлатӣ, ҳайсияти миллӣ, анъана ва фарҳанги миллӣ аз масъалаҳои муҳим маҳсуб меёбанд. Олимону сиёсатмадорон ҳодисаҳои солҳои охирро мушоҳида намуда, дар бораи ҳастии инсонҳо фикр мекунанд. Ҳоло дар раванди бозиҳои сиёсӣ татбиқи демократия ҳамчун силоҳи бесуботи зиндагии халқиятҳо ва ҳаракати аз байн бурдани баъзе аз кишварҳои дорои боигарии табиӣ шудааст. Аз мафҳуми демократия – ҳокимият ва волоияти иродаи халқ фаҳмида шуда, ҳоло ба андешаи коршиносони соҳа, аз ҷониби абарқудратҳо василаи таҳмил кардани манфиати геостратегии онҳо гардидааст.

Дар шароити муосир Ҳукумати мамлакат ҷиҳати мушарраф гардидан ба ҳадафҳои Стратегияи миллии рушд пешбинигардида фаъолияти худро ба ин самти муҳиму афзалиятнок нигаронида, баланд бардоштани сатҳи сифати зиндагии мардумро тариқи баррасии масоили рушди устувори иқтисодиву имкониятҳои мавҷудаи содиротии кишвар, инкишофи бахши хусусӣ, сифатан рӯ ба беҳбудӣ бахшидан ба фазои сармоягузорӣ ва вазъияти бозори меҳнатро ҳадафи олии хеш эълон доштааст.

Аз ин лиҳоз, баррасӣ ва ҳалли масоили иқтисоду иҷтимоиёт, махсусан, баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии сокинони мамлакат ва бо ҷойи корӣ таъмин намудани онҳо аз ҷониби роҳбарияти давлату ҳукумат аз масъалаҳои муҳиму афзалиятнок ба шумор меравад. «Ҳадафи асосии давлат ва Ҳукумати мамлакат таъмин намудани рушди устувори иқтисодии кишвар тавассути баланд бардоштани самаранокии истифодаи захираву имкониятҳои мавҷуда, дарёфти манбаъҳои нави рушд, тараққӣ додани соҳаҳои илму маориф, тандурустӣ, инкишофи нерӯи инсонӣ ва бо ҳамин роҳ мунтазам беҳтар кардани сатҳу сифати зиндагии мардуми шарифи Тоҷикистон мебошад». Аммо ҷиҳати расидан ба ин мақсадҳо зиддият ё низоъҳо метавонанд ҷараёнро суст ё заиф гардонанд. Аз ҷониби дигар, онҳо ба рушди ташаккули шахсият, оила, ҷомеа ва давлату миллат халал ворид месозанд. Аз ин рӯ, шарҳу тавзеҳи низои иҷтимоӣ ва зиддият мувофиқи мақсад аст.

Дар зери мафҳуми низоъи иҷтимоӣ бархӯрди мақсадҳо, мавқеъҳо, ақидаҳо, манфиатҳо ва кӯшишҳои ба ҳам мухолифи субъектҳои таъсири мутақобила дар назар дошта мешавад. Муаммои низоъ яке аз омилҳои мураккаб ва муҳими ҷомеа ба шумор меравад. Барои дарки пурраи моҳияти ин ҳодисаи ҷамъиятӣ сабабҳои пайдоиш, типология ва таснифоти низоъҳо, роҳҳо ва имкониятҳои ҳал намудани онҳо, мақоми низоъҳо дар ҳаёти ҷомеа ва амсоли инҳоро мавриди таҳқиқ қарор додан аз манфиат холӣ нест.

Низоъ зинаи олии инкишофи зиддиятҳо дар системаи муносибатҳои байни одамон, гурӯҳҳои иҷтимоӣ, институтҳои иҷтимоӣ ва ҷамъият мебошад. Гуногунтаркибии иҷтимоии ҷамъият, фарқияти дараҷаи даромадҳо, ҳокимият, нуфуз ва ғайра бисёр вақт ба низоъҳо оварда мерасонанд. Низоъҳои иҷтимоӣ қисми ҷудонашавандаи ҳаёти ҷамъиятӣ маҳсуб ёфта, ҷомеашиносон ба ин масъала таваҷҷуҳи хос зоҳир менамоянд. Ҳоло дар илми муосир соҳаи махсуси дониши сотсиологӣ - низоъшиносӣ ба вуҷуд омадааст.

Зиддияти иҷтимоиро баъзе аз муҳаққиқон ҳамчун падидаи хислати субъективӣ-объективидошта ба риштаи таҳқиқ мекашанд. Аз ин рӯ, ақидаҳои тасдиқшудае, ки зиддиятҳои иҷтимоиро чун асоси объективӣ-субъективӣ дида мебарояд, дуруст ба мушоҳида мерасад. Зеро баназаррасии қонун ва қонуниятҳои объективӣ ба он ифода меёбад, ки қувваи ҳаракатдиҳандаи дохилӣ дар ҷамъият ин зиддиятҳои иҷтимоии хислати объективидошта мебошанд. Дар натиҷа, қонунҳои ҷамъиятӣ зоҳир гардида, раванди ҳаракати иҷтимоӣ ва инкишоф ба вуҷуд меояд.

Метавон сарчашмаҳои объективию субъективии ба пайдоиши зиддияти иҷтимоӣ алоқамандро чунин шарҳ дод:

А) оғози эҷод гардидани низоъҳои иҷтимоӣ ва зиддиятҳо ҳамчун манфиатҳои гуногуни қувваҳои ҳаракатдиҳандаи инкишофи ҷомеа;

Б) бо гуноҳи одамон пайдо гардидани зиддиятҳои иҷтимоӣ дар раванди амалишавии қонунҳои объективии инкишофи ҷомеа;

В) ба вуҷуд омадани зиддиятҳои иҷтимоӣ дар натиҷаи аз ҷониби аппарати идоракунӣ саривақт муайян кардан ва ҳал нашудани он.

Ҳаёти ҷамъиятӣ аз низоми муносибатҳои мураккаби иқтисодиву иҷтимоӣ ва сиёсиву фарҳангӣ иборат мебошад, ки тибқи ин муносибатҳо манфиат ва талаботҳои одамон меистад. Дар ҳолати муқаррарӣ манфиатҳои гуруҳҳои мухталифро мақомоти намояндагӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва аҳзоби сиёсӣ ифода мекунанд. Аммо, агар тартиби иҷтимоӣ, ки баробарии мутаносибро кафолат медиҳад, дар роҳи қаноатмандии манфиат ва амалишавии ҳадаф, арзиш, умедвории гуруҳҳои алоҳида вайрон гардад, зиддияти байни онҳо тезутунд мешавад.

Муҳаққиқи немис Р.Дарендорф «низоъи иҷтимоӣ»-ро ҳамчун «муносибати дилхоҳ байни элементҳое, ки ба воситаи мухолифати объективӣ ва субъективӣ тафсир намудан мумкин аст» тавзеҳ медиҳад. Ба ақидаи ӯ низоъи иҷтимоӣ ҳамчун таъсири мутақобил ҳудудҳои васеъро доро ва дар шакли ҷамъиятӣ, мубоҳисаи парламентӣ ё гуфтушуниди осоишта амалӣ мешавад. Бино ба муқаррароти ӯ низоъ – ҷузъе аз тағйиротҳои иҷтимоии бефосила аст. Омилҳои асосии низоъи иҷтимоиро дар диалектикаи ҳокимият ва муқобилияти ин ҳокимият мебинад. Муҳаққиқ нобаробариро шарти озодӣ меҳисобад. Р.Дарендорф диққати махсусро ба ҷиҳатҳои ҷамъиятӣ-сиёсии инкишофи низоъ медиҳад.

Дар байни муҳаққиқони Ғарбӣ Кеннет Боулдинг ҷои намоёнро ишғол мекунад. Бинобар сабаби ба инсон хос будани зӯровариву таҷовуз низоъ наметавонад ба пуррагӣ аз байн равад ва ё ҳалли худро ёбад. Зеро аз байн бурдани муносибати одамон ва гуруҳҳои давлатҳо имконнопазир аст. Ба ин хотир, К.Боулдинг зикр медорад, ки ба таҳқиқчиён зарур аст, ки омилҳои пешгирикунандаи ба миён омадани низоъ, чораҳои ҳалли он, гузаронидани он ба дараҷаи нав ва итмоми низоъро кор карда бароянд. Вай таваҷҷуҳи бештарро ба масъалаи пешбинӣ ва пешгирии низоъҳои мусаллаҳ равона сохта, шаклҳои зӯроварии муқовиматро ҷудо менамояд.

Зиддиятҳо дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёт: иҷтимоӣ-иқтисодӣ, сиёсӣ, маънавӣ мавҷуданд. Баробари пуршиддат гардидани ҳамаи ин навъҳои зиддиятҳо бӯҳрони ҷамъият ба вуҷуд меояд.

Бӯҳрони ҷамъият - ин натиҷаи тағйиротҳои басо амиқ дар мазмун ва шаклҳои ҳаёти гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоӣ, ба таври хеле ҷиддӣ вайрон гардидани механизми назорат дар иқтисодиёт, сиёсат ва фарҳанг мебошад. Якбора афзудани шиддатнокии иҷтимоиро зуҳуроти бӯҳрони ҷамъият ҳисобидан мумкин аст, ки он метавонад ба низоъ табдил ёбад.

Риоя нашудани қонунҳои амалкунанда низ боиси фалаҷ гаштани мақомоти ҳокимият мешавад. Зеро татбиқ нагардидани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ байни мардум бесарусомонӣ, ноадолатӣ ва ноэҳтиромиро ба миён оварда, обрӯи давлат коста мегардад. Масалан, ҷанги шаҳрвандии солҳои 90-уми таърихи навини тоҷикон, ки боиси вайрон гардидани сохти конститутсионӣ ва парокандагии миллат гардида буд, дарси ибрат буда метавонад. Ин саҳифаҳои таърихии ибратпазир то ҳол низ моро водор менамояд, ки дар бораи Истиқлолият, Ваҳдати миллӣ ва тарбияи худшиносиву худогоҳии миллӣ васеъ таҳқиқ намоем.

Ваҳдат, Истиқлолият ва Президент – ин нерӯи қавӣ ва кафили рушди устувори Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Маҳз бо кӯшишу талошҳои пайвастаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, миллати тоҷик ба сулҳи сартосарӣ дастёб гардид. Истиқлол амри тасодуф ва танҳо натиҷаи пош хӯрдани давлати абарқудрати Иттиҳоди Шӯравӣ набуда, балки натиҷаи саъю талошҳои миллати тоҷик ва Роҳбари он мебошад.

Давлат дар раванди тараққиёти худ бе такя ба сарвари оқилу дурандеш наметавонад механизмҳои самараноки давлатдориро дошта бошад. Хушбахтона, халқи тоҷик сарвари худро дуруст интихоб карда, тавонист мамлакатро тадриҷан аз бӯҳрони сиёсиву иҷтимоӣ ва иқтисодӣ раҳоӣ бахшад. Сарвари кишвар ба ваъдаи хеш дар Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон вафо карда, исбот намуданд, ки дар Тоҷикистон қувваи солим, қувваи тавоное мавҷуд аст, ки пеши роҳи ҳамагуна низоъро гирифта метавонад. Дар душвортарин лаҳза Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, новобаста ба хатари ҷони худ, дар канори миллати хеш буданд ва вохӯриҳои худро давом медоданд. Мардумро ба муттаҳидӣ пайваста даъват намуда, зикр медоштанд, ки «...зиндагӣ аз рӯзи таваллуд то дами вопасини умри инсон мубориза аст». Аз лиҳоз, дар ин муборизаҳо ашхосе муваффақ мешавад, ки иродаи мустаҳкам ва назари нек ба оянда дошта, донишн, малакаи қавӣ ва таҷрибаву маҳорати хешро истифода мебарад.

Ҳамагуна ҷангу мухолифатҳо бо барқарор гардидани сулҳ ва хотимаи низои шаҳрвандӣ ҷамъбаст меёбад. Рушди баъди низоъ раванди қонунии бебозгашт буда, барои тағйирёбии сифатии ҷомеа ва пешравӣ ё таназзули босуръати сиёсӣ, иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангӣ равона гардидааст. Бинобар ин, дар назар бояд дошт, ки бо ба имзо расидани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон ҳанӯз маънои комилан бартараф шудани низоъро надошт. Мураккабии равандҳое, ки хоси кишвари баъдиҷангианд, на камтар аз мушкилиҳои давраи

мебошанд. Ҳар чӣ қадар низоъ тӯлонӣ бошад, ҳамон андоза барқарор кардани иқтисоди харобгардида, адолати иҷтимоӣ, давлатдории нав ва ғайра душвор аст. Мушкилоти иҷтимоию иқтисодии давраи баъди низоъ имкони дубора сар задани ихтилофотро замина мегузоранд, яъне ин марҳилаест, ки сулҳ хеле ноустувор аст. Дар ин давра, ҷонибҳои даргир бояд тамоми шартҳои созишномаи сулҳро риоя кунанд ва баҳри татбиқи онҳо талош варзанд. Ҳамзамон ҳукумат бояд манфиатҳои тамоми қишрҳои ҷомеаро ба назар гирад. Дигаргуниҳое, ки дар ҷомеа ҷорӣ карда мешаванд, набояд сабабгори эътирозҳои нави оммавӣ гарданд.

Вазъи Тоҷикистони нави ба истиқлол расида аз ҷиҳати сиёсӣ ва иқтисодӣ хеле вазнин буд. Беқарории сиёсӣ ва парокандагии миллатро дар он рӯзҳо баҳо дода, Пешвои миллат натиҷагирӣ кардаанд, ки «фурӯпошии низоми шӯравӣ ва сохторҳои сиёсиву иқтисодии он, шикасти идеологияи ҳоким, набудани аҳзоби сиёсии корозмуда ва шинохта дар кишвар, тасаввуроти ғалат дар бораи сарватҳои моддӣ ва имконоти иқтисодии кишвар, дарки мафҳумҳои истиқлол ба маънои озодии мутлақ ва ҳатто анархизм, ҳайронӣ ва саргумӣ аз озодиҳои ба даст омада, набудани таҷрибаи давлатсозӣ ва кишвардорӣ, зуҳури маҳалгароӣ-ғаризаи инсони ибтидоӣ ва бозмондаи ҷомеаи идеологӣ, умед бастан ба ину он давлати бегона, бемасъулиятӣ ва саҳлангории гурӯҳҳои сиёсии ҷавонон дар масъалаҳои ҳаётии мамлакат, набудани роҳбару пешвои эътирофшудаи миллӣ ва даҳҳо омилу ангезаҳои ошкору ниҳони хориҷӣ кишварро ба ҷанги дохилӣ кашиданд».

Дар таърихи халқи тоҷик – давраи мудҳиштарин, бародаркушӣ, хунрезӣ ва кушторҳои бераҳмонаву беасос оғоз шуд. Оқибатҳои ин амалҳои даҳшатноку ҳузнангез ба худкушӣ, қасосгирӣ ва то парокандашавии оилаҳо сабабгор гардид. Кӯдакон ятим, аз падар ё модар маҳрум гардиданд, ҷавонон бенаво, беватан, ночору бечора мешуданд... «Мардуми Тоҷикистон чунин бадбахтӣ, яъне дахолати хориҷиро, ки боиси сар задани ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ гардид, ибтидои солҳои 90-уми асри гузашта аз сар гузарониданд ва оқибатҳои вазнини онро то ба ҳол бартараф карда истодаанд. Дар натиҷаи ҷанг беш аз 150 ҳазор шаҳрвандони мо ба ҳалокат расида, 50 ҳазор нафар кӯдакон ятим шуданд. Бо дарназардошти чунин таҷрибаи талхи таърихӣ, мо ҳеҷ гоҳ ба масоили дохилии ҳамсояҳои худ дахолат намекунем.

Ҳамчунин, қотеона иброз медорем, ки мо Қувваҳои Мусаллаҳи худро ҳаргиз бар зидди кишварҳои ҳамсоя истифода намебарем.

Баръакс, мо ҳамеша ҷонибдори он ҳастем, ки дар кишварҳои ҳамҷаворамон сулҳу субот ҳукмфармо бошад ва мо бо онҳо дар фазои оромиву субот ва дӯстиву ҳамкорӣ зиндагӣ кунем».

Тоҷикистони соҳибистиқлол бо он тавоноӣ ва мероси моддию маънавии аз даврони шӯравӣ монда, барои бунёди ҷомеаи навин бояд кӯшиш ба харҷ медод, заминаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии ҷомеаро, ки дар асоси муносибатҳои бозоргонӣ ва пулию молӣ барпо мешуд, бино мекард. Ҳукумати расмии Тоҷикистон таҳти роҳбарии Пешвои ташаббускор ба кор шуруъ карда дарк намуда буд, ки сарнавишти ватану миллат ва бақову давоми умри он ба фаъолияти он вобаста аст. Пеш аз ҳама ҷанги хонумонсӯзи шаҳрвандиро хотима додан, муҳоҷиронро ба ватан баргардонидан, таъмини адолати иҷтимоӣ ва волоияти қонун аз амалҳои зарурӣ ва саривақтӣ маҳсуб мешуданд.

Дар ҳақиқат зиддиятҳои солҳои 90-уми ҷомеаи Тоҷикистон ба ҳаёти ҷавонон, хоса, оилаҳои ҷавон таъсири ҷиддӣ расонид, ки зарари онро метавон чунин маънидод намуд:

1.Қариб як миллион гуреза ҳамчун муҳоҷир дар якчанд давлатҳо зиндагӣ мекарданд, ки барпо кардани оила хеле мушкилиро ба миён овард;

2. Таварруми шиддатнок (гиперинфлятсия) ба чунин оқибатҳо оварда расонид: шикасти низоми молиявӣ (пулҳо аҳамияти худро гум кард, чунки қобилияти харидории онҳо бо суръати баланд паст шуда, пул вазифаи ченаки арзиши молро аз даст дод, бинобар ҳамин гузариш ба иқтисодиёти бартерӣ ба вуҷуд овард, ки дар он молҳо ба пул не, балки ба молҳои дигар мубодила карда шуд); пастравии некуаҳволӣ ва камшавии барпо кардани оила (даромадҳои ҳақиқии аксарияти аҳолӣ ба таври фоҷиавӣ кам шуд);

3.Дар натиҷаи ҷанги бародаркушӣ ҳазорҳо шаҳрвандон, хусусан ҷавонон кушта шуданд ва дар натиҷа, ҳаётгузаронӣ душвор шуда, ба дастгирии оилаву кӯдак аз ҷониби давлат умед канда шуд ва оиладоршавии ҷавонон дар ин солҳо хеле кам шуд. Ниг. ба: Ҷадвали 1, 2.

4. Ба муҳоҷирати меҳнатӣ рӯ овардани ҷавонон ва оилаҳои ҷавон, аз таълиму тарбия дур мондани насли ҷавон, дараҷаи нокифояи маърифати ҳуқуқии зану шавҳар, ба таври қонеъкунанда мавҷуд набудани адабиёт ва курсҳои омӯзишӣ дар бораи маърифати оиладорӣ барои навхонадорон ва оилаҳои ҷавон аз ҷумлаи омилҳое мебошанд, ки пойдорӣ ва мустаҳкамии оилаҳоро таҳдид мекунанд.

Ҳоло дар ҷомеаи муосир ҷомеашиносон сабаби зиёд ҷудо шудани оилаҳоро дар муҳоҷирати мардони тоҷик медонанд. Аммо иддае аз коршиносон бар он ақидаанд, ки омилии асосии зиёд гардидани бекоршавии ақди никоҳ ва ҷудошавии оилаҳои ҷавон вазъи номусоиди иқтисодӣ ва шароити зиндагӣ мебошад.

**Ҷадвали 1.**

## ТАВАЛЛУД, ФАВТ ВА АФЗОИШИ ТАБИИИ АҲОЛӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН (1991-2010)

| Сол Ҳо | Нафар | | | Ба 1000 нафар | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | Шумораи таваллуд-шудагон | Шумораи фавтидагон | Афзоиши табиӣ | Таваллуд-Шудагон | Фавтидагон | Афзоиши табиӣ |
| 1991 | 212598 | 33067 | 179531 | 39,1 | 6,1 | 33,0 |
| 1992 | 179534 | 36718 | 142816 | 32,4 | 6,6 | 25,8 |
| 1993 | 186504 | 49326 | 137178 | 33,5 | 8,9 | 24,6 |
| 1994 | 191596 | 39943 | 151653 | 34,2 | 7,1 | 27,0 |
| 1995 | 193182 | 34274 | 158908 | 34,1 | 6,0 | 28,0 |
| 1996 | 172341 | 31792 | 140549 | 30,0 | 5,5 | 24,5 |
| 1997 | 178127 | 28710 | 149417 | 30,6 | 4,9 | 25,7 |
| 1998 | 185733 | 27397 | 158336 | 31,3 | 4,6 | 26,7 |
| 1999 | 180888 | 25495 | 155393 | 29,8 | 4,2 | 25,6 |
| 2000 | 167246 | 29387 | 137859 | 27,0 | 4,7 | 22,3 |
| 2001 | 171623 | 32015 | 139608 | 27,2 | 5,1 | 22,1 |
| 2002 | 175599 | 31142 | 144457 | 27,3 | 4,8 | 22,4 |
| 2003 | 177938 | 33185 | 144753 | 27,1 | 5,0 | 22,0 |
| 2004 | 179563 | 29741 | 149822 | 26,8 | 4,4 | 22,3 |
| 2005 | 180790 | 31520 | 149270 | 26,4 | 4,6 | 21,8 |
| 2006 | 186463 | 31990 | 154473 | 26,7 | 4,6 | 22,1 |
| 2007 | 200010 | 33686 | 166324 | 28,1 | 4,7 | 23,3 |
| 2008 | 203332 | 31996 | 171336 | 27,9 | 4,4 | 23,5 |
| 2009 | 199826 | 32322 | 167504 | 26,8 | 4,3 | 22,5 |
| 2010 | 239805 | 33343 | 206462 | 31,7 | 4,4 | 27,3 |

**Ҷадвали 2.**

## ШУМОРАИ НИКОҲ ВА ТАЛОҚИ БАҚАЙДГИРИФТА, ДАР МАҚОМОТИ САБТИ АСНОДИ ҲОЛАТИ ШАҲРВАНДӢ, ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН (солҳои 1991-2014)

| Сол ҳо | Миқдори никоҳ | | | Миқдории талоқ | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | Ҳамагӣ | Аҳолии шаҳр | Аҳолии деҳот | Ҳамагӣ | Аҳолии шаҳр | Аҳолии деҳот |
| 1991 | 56505 | 16818 | 39687 | 7562 | 5038 | 2524 |
| 1992 | 46672 | 14179 | 32493 | 6482 | 4504 | 1978 |
| 1993 | 53946 | 15033 | 38913 | 5293 | 3681 | 1612 |
| 1994 | 38820 | 11831 | 26989 | 4372 | 3103 | 1269 |
| 1995 | 32078 | 10526 | 21552 | 4342 | 3079 | 1263 |
| 1996 | 28021 | 8599 | 19422 | 4353 | 2938 | 1415 |
| 1997 | 25304 | 7968 | 17336 | 3218 | 2570 | 648 |
| 1998 | 21872 | 7399 | 14473 | 2578 | 2067 | 511 |
| 1999 | 22736 | 6938 | 15798 | 2285 | 1789 | 496 |
| 2000 | 26597 | 8510 | 18087 | 2373 | 1789 | 584 |
| 2001 | 28950 | 9082 | 19868 | 2239 | 1728 | 511 |
| 2002 | 32299 | 10216 | 22083 | 2257 | 2033 | 224 |
| 2003 | 39102 | 13059 | 26043 | 2383 | 2112 | 271 |
| 2004 | 47320 | 14043 | 33277 | 2587 | 2202 | 385 |
| 2005 | 52352 | 14747 | 37605 | 2885 | 2135 | 750 |
| 2006 | 57278 | 15952 | 41326 | 3018 | 1664 | 1354 |
| 2007 | 97713 | 25893 | 71820 | 4752 | 2514 | 2238 |
| 2008 | 106388 | 25718 | 80670 | 5178 | 2764 | 2414 |
| 2009 | 100678 | 25332 | 75356 | 5593 | 2647 | 2946 |
| 2010 | 100759 | 25624 | 75135 | 6019 | 3181 | 2838 |
| 2011 | 94730 | 25068 | 69662 | 6762 | 2811 | 3951 |
| 2012 | 97653 | 25115 | 72538 | 7417 | 2973 | 4444 |
| 2013 | 96989 | 25306 | 71683 | 7920 | 3264 | 4656 |
| 2014 | 95537 | 25757 | 69780 | 9037 | 3279 | 5758 |

Бояд тазаккур дод, ки дар ҳама давру замон яке аз мушкилоти асосӣ оила ва оиладорӣ маҳсуб ёфта, феълан низ пойдории оилаҳо аз мушкилиҳои мубрами замон маҳсуб мебошад. Чунончи аз ҷадвалҳо бармеояд дар натиҷаи ҷанги шаҳрвандии солҳои 90-уми қарни гузашта нафақат таваллудшудагон, балки шумораи фавтидагон низ хеле афзудааст (Ҷадвали 1). Омилҳои он пеш аз ҳама зиддиятҳои ҷамъиятии солҳои ноором̣ӣ дар Тоҷикистон мебошад. Аз ҷадвал аён мегардад, ки таъсири ин ҳодисаҳо бо гузашти як даҳсола низ мушоҳида мешавад.

Низоъ саодатро аз байн мебарад ва саодат хоси зиндагии инсон аст. Инсон дар зиндагӣ бояд дорои саодати иҷтимоӣ ва шахсӣ бошад. Низоъҳои солҳои 90-ум саодатҳои дар боло зикршударо аз байн бурда буд. Ин омилҳо боис гардид, ки дар ҷомеаи мо солҳои 90-уми қарни гузашта таваллуд ва никоҳ миёни ҷавонон коҳиш ёфт. (Ҷадвали 2).

Дар солҳои 1994-1999 миқдори никоҳ характери камшавӣ пайдо кардааст, ки дар ин рақам таъсири бевоситаи ҳодисаҳои зиддиятҳои иҷтимоӣ ба назар мерасад.

Низоъ дар ҷомеа боиси сар задани бесаводӣ, фавт, сатҳи бекорӣ, паст шудани сатҳи зиндагӣ, муҳоҷират ва ҷинояткорӣ оварда мерасонад. **Низоъ падидаи ниҳоят мураккаби табиӣ ва иҷтимоист.** Маркази диққат дар низоъ зиндагӣ ва фаъолияти аъзои ҷамъият, оила ва инсон мебошад.

Дастоварду комёбиҳои давлату миллатро метавон ба муттаҳидӣ ва ягонагии он сахт алоқаманд донист. Зеро баръакси он ба унсурҳои таъминкунандаи ваҳдат халал ворид месозад ва боиси аз байн рафтани давлату халқиятҳо мешавад.

Барои миллати тоҷик хавфи парокандагӣ борҳо таҳдид карда, давлатҳои эҷодкардааш ба завол рӯ ба рӯ шуданд ва дар тӯли ҳазорсолаҳо ҳувияти хешро маҳфуз дошта, то ба истиқлоли миллӣ ва давлатӣ расидааст.

Доман паҳн кардани ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон ҳам барои аз байн рабудани миллати соҳибфарҳанги Осиёи Марказӣ тарҳрезӣ гардида буд. Вале ҳадафи сулҳҷӯёна ва хислати миллии тоҷикон, ки ба ҳамешагӣ ба созишу гузашт моил аст, барои дарки манфиатҳои умумимиллӣ мусоидат кард. Дар ин лаҳзаҳои барои мардум бениҳоят ҳассосу тақдирсоз Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро ба интихоби тарзу усули корҳои ғайримуқаррарӣ ва ҷасурона водор кард. Бо талошу заҳматҳои Сарвари мамлакат Тоҷикистон ба Ваҳдати комил расида, 27-уми июни соли 1997 дар шаҳри Москва Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризояти миллӣ дар Тоҷикистон ба имзо расид, ки то ҳанӯз ин сана ҳамчун Рӯзи Ваҳдати миллӣ ҷашн гирифта мешавад.

Имзои ин Созишномаи мазкур дар ҳаёти сиёсии мамлакат, иҷтимоиёту маънавияти халқи тоҷик сароғози гардиши куллӣ гардид.

Сулҳ эътимоди ҳазорҳо ҳамватанони бегуноҳ, кӯдакон, ҷавонон, занон, пиронсолон, ки тарки Ватан карда буданд, ба зиндагӣ эҳё сохт. Сулҳи бадастомада, маҳсули заҳмати шабонарӯзии миллати тоҷик ва иродаи мустаҳками Пешвои муаззами миллат буд.

Ташкилоту созмонҳои сатҳи баланди байналмилалӣ, махсусан, Созмони Милали Мутаҳид, Созмони амният ва ҳамкории Аврупо, кишварҳои дӯст ва кафили сулҳ барои истиқрори сулҳ тадбирҳои муҳиму самарабахшро анҷом доданд. Афроди муътабару шинохта ва дӯстдорони Ватан дар рафти гуфтушуниди ҷонибҳо ширкат ва мавқеъҳоро ба якдигар наздик сохта, рисолати таърихии хешро дар назди Ватан ба субот расониданд.

Бо дарки муҳимияти ин масоил ва аҳамияти ин санади тақдирсози сулҳ Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо ифтихори баланди ватандӯстиву ватандорӣ зикр менамоянд: «Созишномаи умумӣ аз лиҳози аҳамияти фавқулоддаи худ бо Эъломияи истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар як радиф меистад. Агар Эъломия ба Тоҷикистон ба таври расмӣ истиқлол ва соҳибистихтиёрӣ ато карда бошад, пас Созишнома сулҳу суботро дар сарзамини мо таъмин сохт».

Ҳоло, созмонҳои байналмилалӣ, илмӣ ва сиёсии мамолики хориҷӣ таҷрибаи сулҳи тоҷиконро бо ифтихор меомӯзанд ва онро ҳамчун падидаи нодиртарин ва арзишманд маҳсуб донистаанд. Дар шароити имрӯза, дар давраи ҷаҳонишавӣ байни ҷомеаи ҷаҳонӣ раванди хатарноки муқобилгузории тамаддунҳо авҷ гирифта истодааст, ки инсониятро ба гирдоби фоҷиа ғарқ месозад. Олимону донишмандон, равшанфикрон ва сиёсатмадорони дурандеш аз ин раванд дар ташвишанд. Ҳифзи музаффариятҳои арзишманди таърихӣ боиси ифтихор ва вазифаи бошарафи ҳар як фарди ватанпарасти кишвар буда, ғамхории бомасъулият барои наслҳоиояндаи миллат ва бақои истиқлолияти давлат хоҳад буд. Пешвои миллат таъкид менамоянд: «Ҳарчанд ки роҳи тайнамудаи Тоҷикистон дар ҷодаи ваҳдату якпорчагӣ таҳкими ҳамвору яксон набуд, вале мардуми шарафманди мо ба хотири пояҳои давлатдории миллӣ, ҳифзи марзу буми аҷдодӣ, сарҷамъии миллат, густариши фазои сулҳу оромӣ ва тақвияти худшиносии миллӣ саъю талошҳои бесобиқа анҷом доданд ва итминони комил дорам, ки наслҳои оянда аз онҳо ҳамчун намунаи ватандориву ватандӯстӣ ёд хоҳанд кард».

Дар идома Пешвои миллат таъкид медоранд: «Бо мақсади таҳкими боз ҳам бештари ин дастовард зарур аст, ки мафҳумҳои истиқлолияту озодӣ ва ваҳдати миллӣ ба ғояи ҳамешагии созанда ва муттаҳидкунандаи ҷомеаи Тоҷикистони демократӣ ва ҳуқуқбунёду дунявӣ табдил дода шаванд. Зеро ин мафҳумҳо дар қалбу шуури шаҳрвандони кишвар ҳисси эҳтиром ба Тоҷикистони азиз ва муқаддасоти Ватанро устувор сохтанд ва ба онҳо эътимод бахшиданд, ки миллати куҳанбунёди тоҷик метавонад танҳо бо ҳамин ғояҳои наҷотбахш корҳои бузурги ободкориву созандагиро ба анҷом расонад ва барои наслҳои оянда як кишвари ободу зеборо ба мерос гузорад. Марҳалаи начандон тӯлонии таърих собит сохт, ки тоҷикон, дар ҳақиқат, миллати соҳибмаърифату тамаддунсоз, ватандӯсту ватанпарвар ва сулҳпарвару таҳаммулгаро буда, метавонанд бо ваҳдату сарҷамъии худ ҷомеаи пешрафтаи демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявиро бунёд намоянд».[9]

Дар воқеъ таҷриба ва амалияи сулҳи тоҷикон на танҳо аҳамияти миллӣ, балки арзиши ҷаҳонӣ низ дорад. Зеро он роҳ ва намунаи хуби ҳаллу фасли низоъҳои дохилӣ дар мамлакатҳои минтақаҳои гуногун ва ҷаҳон шуда метавонад. Таҷрибаи сулҳофарии тоҷикон дар роҳи таъмини сулҳ ва ташкили ҳамгироии иҷтимоӣ аз тарафи созмонҳои бонуфуз, аз ҷумла Созмони Милали Мутаҳид, Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо воқеъбинона арзёбӣ шуд ва ҳамчун намуна ё модели нодири сулҳофарӣ эътироф гардидааст.

Омӯзиши ҳамаҷонибаи ин таҷрибаи нодир имконият медиҳад, ки пеши роҳи сар задани чунин низоъҳо ва нофаҳмиҳо дар оянда гирифта шавад ва дар сурати ба амал омадани ҳар гуна низоъҳо роҳи ҳалли онҳо ҳарчи зудтар пайдо карда шавад.

Дар идома Пешвои миллат таъкид медоранд: «...Итминон дорам, ки муттаҳидиву ягонагӣ ҳамчун сарчашмаи бахту иқболи миллати тоҷик, пешрафти давлати демократӣ ва ҳуқуқбунёду дунявии Тоҷикистон ҳамеша муқаддасу бегазанд ва пойдору устувор мемонад ва роҳи моро ба сӯи татбиқи нақшаву ҳадафҳои тақдирсоз равшан месозад».

Мардуми ин сарзамин ин тадбирҳоро барои мустаҳкамии пояҳои истиқлоли давлат анҷом дода истодаанд. Зеро озодиву истиқлолият дастоварди бузург ва ғояи муқаддаси миллӣ мебошад.

Дар натиҷаи омӯзиш ва баррасии мавзӯи мавриди назар метавон ба чунин натиҷаҳо расид:

- Низоъ як қисми ҷудонашавандаи ҳаёти инсон ба шумор рафта, омӯзиш ва таҳқиқу баррасии амиқи он ба ҳаллу пешгирии низоъҳо мусоидат мекунад;
- Низоъҳо дар баробари оқибатҳои манфӣ оқибатҳои мусбиро низ доро мебошад ва ба таъкиди муҳаққиқони ин соҳа ҷомеа бидуни низоъ ҷомеаи мурда аст ;
- Низоъ дар ҳолате сар мезанад, ки одамон кӯшиш мекунанд, то қаноати худро ҳосил намоянд, таъсири худро бештар кунанд, асолаташонро ҳифз намоянд, дастрасии комил ба захираҳо дошта бошанд, нобаробариву ноадолатиро коҳиш диҳанд;
- Низоъ ин воқеияти зиндагист, ки пеш омаданаш ногузир буда, аммо дар умум созанда аст. Низоъро бояд яктарафа баҳогузорӣ накунем, зеро ҳадафи низоъ дар ниҳоят созандааст;
- Ихтилофҳо одатан бо роҳи мусолиҳатомез ҳал шуда, ба беҳтар шудани вазъ ҳамаи тарафҳои ҷалбшуда мусоидат менамоянд;
- Риояи шартҳои зерин барои ҳалли низоъ ба рафъи шиддат ва ёфтани роҳи ҳалли оптималӣ мусоидат мекунад: то ҳадди ақал танг кардани «платформа» -и баҳс, идора кардани эҳсосоти манфӣ, хоҳиш ва қобилияти фаҳмидани якдигар ва монанди инҳо.
- Волидайн бояд сари вақт худро дошта тавонанд. Кӯдакон бештар аз низоъҳои оилавӣ азият мекашанд. Агар низоъ дар ҳузури кӯдакон ба вуҷуд ояд, бояд бо роҳи мусолиҳа хотима ёбад. Кӯдакон бояд бубинанд, ки волидайн оштӣ шудаанд ва ягонагӣ барқарор шудааст. Вобаста аз анъанаҳои оилавӣ ва табъ, оштӣ бояд сирф зоҳирӣ ифода ёбад, масалан, дастфишорӣ ё ишораи дигаре, ки розигии тарафайнро ифода мекунад.

**АДАБИЁТ**


1.Агентии омори назди Президенти Ҷумҷурии Тоҷикистон. Демографияи солонаи Ҷумҷурии Тоҷикистон 25 соли истиқлолияти давлатӣ. – Душанбе, 336 с.

2.Дарендорф Р. Элементы теории соииального конфликта. // Соииологические исследования.1999.-№2.

3.Денкен Ч.М. Политическая наука. – М. 1993.

4.Дмитриев А.В., Кудрявиев В.Н. Введение в общую теоирию конфликтов. – М. 1993.

5.Муқаддимаи низоъшиносӣ. Душанбе: Эр-граф, 2006, с. 270.

6.Основы конфликтологии. – М. 1997.

7.Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон». – Душанбе, 26 декабри соли 2018.

8.Пешвои миллат ва эҳёи фарҳанги миллӣ. Панҷакент. 2018. 244 с

9.Политический словарь. В 2-х ч. – М. 1994. – ч. 2.

10.Пулотов Х.Р. К вопросу социально-политические противоречий и конфликтов. //Материалҳои семинари назариявии олимони донишгоҳ. –Хуҷанд. 2003.

11.Раҳмон Эмомалӣ. Забони миллат-ҳастии миллат. –Душанбе: Эр-граф, 2016, с. 8.
12.Степанов Е.И. Соииальние конфликты и политический режим. – М. РАН. Центр конфликтологии. Институт социологии. – М. 1996.
13.Суханронии Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо роҳбарону кормандони соҳаи тандурустӣ. Душанбе, 20.05.2020.
14.Суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар назди хизматчиёни ҳарбии Қувваҳои Мусаллаҳ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ. 22.07.2021 07:20, шаҳри Душанбе.
15.Суханронии Эмомалӣ Раҳмон, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар Ҷашни Ваҳдати миллӣ дар варзишгоҳи навбунёди шаҳри Ваҳдат, 27 июни соли 2017.
16. Идиев Х.У. Фалсафаи иҷтимоӣ. – Душанбе. 2013. 380 с.

## ТАЪСИРИ ЗИДДИЯТҲОИ ИҶТИМОӢ БА ОИЛАҲОИ ҶАВОНИ ТОҶИКИСТОН ДАР СОЛҲОИ 90 УМ

*Зиддиятҳои солҳои 90-уми ҷомеаи Тоҷикистон ба ҳаёти ҷавонон таъсири ҷиддӣ расонидааст, ки он бешубҳа, дар оилаҳои ҷавон намоён буд. Дар мақолаи мазкур таъсири манфии ин давр ба оилаҳои ҷавон аз якчанд ҷиҳат мавриди таҳлилу баррасӣ ва бо истифода аз маълумотҳои омориву адабиёти илмӣ ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст.*

*Таҳлили мавзуъ ва арқоми мавҷуда далолат аз он медиҳад, ки дар натиҷаи ҷанги шаҳрвандии солҳои 90-уми асри гузашта нафақат таваллудшудагон, балки фавтидагон ҳам хеле зиёд гаштааст, ки сабаби ин натиҷаҳо зиддиятҳои ҷамъият дар Тоҷикистон мебошад. Таъсири ин ҳодисаҳо пас аз даҳ соли он низ мушоҳида гардидааст, ки онро метавон аз натиҷаи миқдори ками таваллудшудагон, коҳиш ёфтани никоҳ байни ҷавонони солҳои 90-ум ва хулоса, таъсири манфии ҳодисаҳои солҳои аввали Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба оилаҳои ҷавононро метавон мушоҳида намуд.*

*Ҳамчунин дар мақола сарчашмаи объективӣ ва субъективии пайдоиши зиддияти иҷтимоӣ шарҳу тавеҳ ёфта, бо таври мушаххас номбар шудааст.*

***Калидвожаҳо:*** *ҷавонон, оилаҳои ҷавон, зиддиятҳои иҷтимоӣ, никоҳ, таваллуд, низоъҳои иҷтимоӣ ва ғайра.*

## ВЛИЯНИЕ СОЦИАЛЬНЫХ КОНФЛИКТОВ НА МОЛОДЫЕ СЕМЬИ ТАДЖИКИСТАНА В 90-Е ГГ.

*Противоречия таджикского общества 1990-х годов оказали глубокое влияние на жизнь молодежи, что, несомненно, проявилось в молодых семьях. В статье анализируется негативное влияние этого периода на молодые семьи по нескольким направлениям, используются статистические данные и научная литература.*

*Анализ темы и имеющихся фактов показывают, что в результате гражданской войны 90-х годов прошлого века увеличилось не только количество рождений, но и количество смертей, что связано с социальной напряженностью в Таджикистане. Влияние этих событий наблюдается и десятью годами позже в низкой рождаемости, сокращении браков среди молодежи в 1990-х годах и, то есть услеживается негативное влияние событий первых лет Независимости Таджикистана на молодые семьи.*

*В статье также объясняются и уточняются объективные и субъективные источники социального конфликта.*

***Ключевые слова:*** *молодежь, молодые семьи, социальные конфликты, брак, рождение,социальные раздоры и др.*

## IMPACT OF SOCIAL CONFLICTS ON YOUNG FAMILIES OF TAJIKISTAN IN THE 90S

*The contradictions of the 90s in Tajik society had a profound effect on the lives of youth, which was definitely noticeable in young families. The article analyzes the negative impact of this period on young families in several ways and conducts research using statistical data and scientific literature.*

*The analysis of the subject and available figures shows an increase not only in the number of births, but also in the number of deaths as a result of the civil war of the 90s of the last century, which can be attributed to social tension in Tajikistan. The impact of these events can also be seen ten years later in the low birth rate, the reduction of marriages among young people in the 90s and, in general, in the negative impact of the events of the first years of Tajikistan's independence on young families.*

*The article also explains and defines the objective and subjective sources of social conflict.*

***Keywords:*** *youth, young families, social conflicts, marriage, birth, social disputes*

***Маълумот дар бораи муаллиф:***

*Мамадҷонова Муҳаббат Дадоҷоновна –унвонҷӯи Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» (Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Хуҷанд) E-mail: m.mamadzhanova1988@mail.ru, тел: (+992) 92-706-77-11*

***Сведения об авторе:***

*Мамаджанова Мухаббат Дададжановна, соискатель Худжандский государственный университет имени академика Бободжона Гафурова, (Республика Таджикистан, город Худжанд), E-mail: m.mamadzhanova1988@mail.ru, тел: (+992) 92-706-77-11*

***About the author:***

*Mamadjonova Muhabbat Dodojonovna, applicant of the SEI «Khujand State University named after acad. B. Gafurov, (Republic of Tajikistan, Khujand), Email: m.mamadzhanova1988@mail.ru, Tel.: (+992) 92-706-77-11*

## ВИЖАГИҲОИ РАВАНДИ ҶАҲОНИШАВӢ ДАР ТОҶИКИСТОН

***Абдуллоҳ М.С.***

*Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи академик А. Баҳоваддинови АМИТ*

Дидгоҳҳои мухталифи ҷаҳонишавӣ мавҷуданд. Тибқи яке аз онҳо, ҷаҳонишавӣ умумияти объективии рушди иҷтимоию иқтисодӣ, сиёсӣ ва маънавии тамаддунҳо ва фарҳангҳо, кишварҳо ва халқҳои гуногунро (ва дар муддати кӯтоҳ - ҳама) инъикос мекунад, ки табиатан дар марҳилаи кунунии таърихи ҷаҳон ташаккул ёфтааст. Тибқи нигоҳи дигар, ҷаҳонишавӣ натиҷаи субъективии тавсеаи фарҳангии ИМА мебошад, ки маҷбуран дар тамоми ҷаҳон паҳн шудааст, меваи таассуфовар ва ибтидоии сиёсати таҷовузкори империализми ҷаҳонист. Агар мо бо дурустии назари аввал розӣ шавем, ҷаҳонишавӣ сарнавишти ногузири башарият ва фарҳанги ҷаҳонӣ дарояндаи дур аст; агар мо нуқтаи назари дигарро қабул кунем, ҷаҳонишавӣ васвасаи заҳролуд аст, ки аз он ҳарчӣ бояд худро раҳо карда, онро аз дохили ҳар фарҳанги асил раҳо бояд кард. Дар як ҳолат, ҷаҳонишавӣ тақдири тамоми ҷомеаи ҷаҳонӣ ба назар мерасад; дар дигараш, ин майдони мубориза шадидтарини фарҳангҳои маҳаллӣ барои зинда мондан, ҳифзи асолати рӯҳӣ ва арзишӣ мебошад. Мавқеи махсусро дар ин самт дин мебозад. Баъзеҳо бар ин назаранд, ки дин дар эҷоди тамаддунҳо нақши муҳиме дорад. Масалан, машҳууртарин муҳаққиқи мавзӯи мазкур олими шинохтаи амрикоӣ Самюэл Ҳантингтон дар китоби «Бархурди тамаддунҳо» 7 ё худ 8 тамаддунро рақобатпазир медонад, аммо аз ин 8 тамаддун яке исломӣ, дигарӣ исломӣ-андалузӣ ва савумӣ арабист. Ба гуфтаи Самюэл Ҳантингтон, тамаддуни Ғарб дар баробари ҳуҷумҳои худ қудрати хешро аз даст медиҳад. Тибқи пешбиниҳо, то соли 2025 савумин қисми ҷамъияти ҷаҳон мумкин аст дар ҳавзаи нуфузи ҷаҳони ислом бошанд. Бинобар ин, Ҳантингтонояндаи ҷаҳонро мушкиле аз «бархурди тамаддунҳо» медонад, ки дар миёни дигар мушкилоти ҷаҳонии башар аҳамияти ғолиб пайдо хоҳад кард. Муҳаққиқи дигар фарҳангшиноси амрикоӣ Арнолд Ҷозеф Тойнби мебошад, ки теъдоди тамаддунҳоро ба 21 адад бурдааст. Мавсуф дар рисолаи «Дарки таърих» чунин менигорад: «Теъдоди тамаддунҳои шинохташуда андак аст. Мо фақат тавонистем 21 тамаддунро барҷаста эълон кунем, аммо метавон фарз кард, ки таҷриба ва таҳлили дақиқтар тамаддунҳои мустақили камтар аз 10 ададро ошкор кунад» [12. 87]. Гузашта аз ин, Тойнби мутаъқид аст, ки тамаддунҳоро шахсиятҳои эҷодкор офарида, рушди онҳоро тавассути омма таъмин менамоянд: «Ман ҳаргиз худамро намешинохтам ва мутаваҷҷеҳ намешудам, агар аз фурсати тамос бо дигарон маҳрум мешудам, чунки барои дарки худ шинохти дигарон лозим аст... Ҷомеа чизе нест ва наметавонад бошад ҷуз воситае, ки афрод аз тариқи он иртибот барқарор мекунанд. На ҷомеаҳо, балки шахсиятҳо таърихи башарро месозанд. Ин воқеият, ки рушди тамаддунҳо кори аққалиятҳои худогоҳ аст, ки аксарияти маҳрум аз эҷодкорӣ дар ҳамон марҳилае, ки буданд, қарор мегиранд, ҳақиқат аст» [12. 285]. Дигар омили рушди тамаддунҳо аз дидгоҳи Тойнби марҳилае таҳти унвони «муроқибат ва бозгашт» аст ва барои исботи ин фикр муаллиф номҳои бисёреро аз зумраи Буддо, Конфутсий, Муҳаммад, Ибни Халдун, Макиавелли ва дигарон мутазаккир мешавад, ки тибқи ин марҳила қарор дошта, оқибат номовар шудаанд: «Рушди тамаддун ин гомгузории марҳилавист, на пешрафти иҷтимоиву қадаме ба пеш ниҳодан, балки гурез аст ва лаҳзаҳое ба вуқӯъ мепайвандад, ки ҳамзамон бо ду по аз замин баланд мешавед. Таърих намунаеро медонад, ки аққалияти эҷодкор дар посух вориди марҳилаи ҷадиде аз муроқибату бозгашт мешавад ба чолиши ҷадид қабл аз ин ки системи иҷтимоӣ вақт дошта бошад» [12. 316]. Дар воқеъ, ҳиҷрат ва низоми муроқибату бозгашт аз омилҳои рушди маънавии инсон пазируфта мешаванд ва дар миёни тамадунҳову фарҳангҳо фақат ҳамоне ғолиб аст, ки ин системро аз сар гузаронидааст. Ҳантингтон низ фарҳанги амрикоиро бо хислатҳои муҳоҷиратии он тавсиф карда ба худ суол медиҳад, ки чаро амрикоиҳо зуд – зуд аз як мавзеъ ба

мавзеи дигар ҳиҷрат менамоянд? Ба ибораи дигар муҳаққиқини амрикоӣ бо истифода аз дин мехоҳанд дар кишварҳои ҷаҳони савум манфиатҳои хешро роҳандозӣ кунанд ва барои расидан ба ин ҳадаф онҳо бо ҳар роҳу восита ба таблиғи ҷаҳонбинии динӣ мепардозанд, чунки аз таҷрибаи Ғарб хеле хуб медонанд, ки омили пасрафти миллате ё давлате барпо кардани ҳукумати афродест, ки дар дини хеш басе мутаассиб ҷилвагар ҳастанд. Ҷоиз ба тазаккур аст, ки айни ҳол дар сароғози садаи нави масеҳӣ ҷангҳои салибӣ таҳти ихтилофоти мазоҳиби исломӣ ҷараён гирифта, дар ҳудуди кишварҳое, ки шаҳрвандонашон ғолибан мусалмонон маҳсуб мешаванд, андешаҳои таҳмилӣ бо ниқоби ислом таҳмил мегарданд. Бинобар ин, дар ҳамаи кишварҳое, ки аҳолии онҳоро мусалмонон ташкил мекунанд, бенизомӣ ва бетартибиҳо ҳукумат карда, ҷомеаи шаҳрвандӣ дар пояи низоъ гӯё рушд мекунад. Чунончи, марзи Афғонистон бо дарназардошти ғасб гардидани он аз ҷониби террористон мавсум ба Толибон аз зумраи дахлварзиҳоест, ки қудратҳои ҷаҳонӣ баҳри манофеи геополитикии худ ин саҳнаи сиёсиро эҷод менамоянд. Сиёсисозии дин дар замони муосир идомаи ҳамон ҷанги сардест, ки феълан ба набарди иттилоотӣ ва ё ин ки таҳоҷуми хабарӣ табдил ёфтааст. Аммо таҳоҷуми хабарӣ ҷиҳати дигаргун сохтани низоми сиёсӣ ниёз ба тафаккуре дорад, ки дар як давлат не, балки дар ҳамаи давлатҳо амалан татбиқ шавад. Дидгоҳи Освалд Шпенглер ба масоили ҷаҳонишавӣ аҷиб аст, чунки номбурда назар ба тамаддун, бештар ба фарҳанг эътимод дорад. Дар рисолае бо номи «Ғуруби Аврупо» тазаккур медиҳад, ки Ғарб барои ҳамаи фарҳангҳо чун марказ пазируфта шудааст: «Камина ин тарҳро барои урупоиён номуворӣ хоҳам кард, ки бар асоси он ҳамаи фарҳангҳои олӣ роҳи худро дар атрофи мо ба унвони маркази кулли ҷаҳон қарор медиҳанд» [15. 35].

Самюэл Ҳантингтон дар соли 1993 мақолае бо унвонии мутазаккир дар маҷаллаи «Foreigh Affairs» мунташир сохта, онҷо мушкилиҳои глобалии ҷаҳониёнро ифшо мекунад. Пас аз се сол Ҳантингтон асарро дар шакли китоб нашр намуда, дар илми ҷомеашиносӣ инқилоб менамояд. Мавсуф бо истифода аз ҳақиқати парчамдории бархе аз кишварҳои славянӣ ҷиҳати тағйирёбии ҳувиятҳои фарҳангӣ иктифо намуда, дар оғози рисола ба матраҳсозии шаклгирии намодҳои фарҳангӣ мепардозад: «Дар ҷаҳони пас аз ҷанги сард парчамҳо монанди соири намодҳои фарҳангӣ чун ҳувиятҳо, ҳатто салибдориву кулаҳгузорӣ дорои муҳтавое ҳастанд, зеро фарҳанг аҳамияте ногуфтанист ва барои ағлаб инсонҳо ҳувияти фарҳангӣ аз зумраи муҳимтарини аносир маҳсуб мешавад» [15. 10].

Ҷомеашиноси амрикоӣ беш аз пеш ба таҳқиқи тамаддунҳо пардохта, ихтилоф ҳасосияти бадбиниро дар миёни милали соҳибтамаддун аз авомили низоъҳо ва даргириҳои асосии ҳазорсолаи савум баррасӣ мекунад: «Дар ин дунёи ҷадид бузургтарин, муҳимтарин ва хатарноктарин даргириҳо байни табақоти иҷтимоӣ, фақиру ғанӣ ва байни мардуми бо ҳувиятҳои фарҳангии мутафовит рух нахоҳад дод. Ҷангҳои қабилавиву қавмӣ, даргириҳо ва бурузи хушунат байни кишварҳои дорои тамаддунҳои мухталиф ба вуқуъ мепайванданд» [15. 14]. Муаллиф тамаддунҳоро воҳиди аслии таҳлили равобити байналмилалӣ арзёбӣ мегарданд. Мақсуд аз тамаддун низ як мавҷудоти фарҳангист, аммо тамаддун ҳам бо таваҷҷуҳ ба аносири айнии муштарак таъриф мешавад ва ҳам бо таваҷҷуҳ бо вобастагиҳо ва қаробатҳои зеҳнию дарунии инсонҳо. Ҳантингтон пас аз таърифи тамаддун ишора мекунад, ки бо афзоиши рӯзафзуни ҳувияти тамаддунҳо симои ояндаи ҷаҳон бар асоси куниш ва вокуниш байни тамаддунҳои аслӣ шакл хоҳад гирифт. Баррасии ин тамаддунҳо, ки донишманд дар пояи амрикогироӣ анҷом додааст, бештар шабеҳи муқовимат байни қудратҳост, аммо суоли матраҳ ин аст, ки чаро тибқи андешарониҳои Ҳантингтон тамаддунҳо бо якдигар бархурд хоҳанд кард? Ӯ мегӯяд: «Дар оянда қобили пешбинӣ ҳеҷ тамаддуни ҷаҳонгире вуҷуд нахоҳад дошт, балки дунё бо тамаддунҳои гуногуне хоҳад буд, ки ҳар як ногузир аст ҳамзистӣ бо дигаронро биомӯзад» [15. 7].

Аз дидгоҳи Ҳантингтон ғарбиён қавитарин тамаддунро офариданд ва ин тамаддун боз солҳои минбаъда низ мавқеи бартариро аз соири тамадунҳо нигаҳ медорад. Бинобар пайдо шудани рақобат ва дар ин замина татбиқ ёфтани бархурди онҳо муҳаққиқи амрикоиро ба хулосае меорад, ки агар ағлаб тамаддунҳо бо Ғарб ҳамоҳангӣ дошта, нусхабардори он бошанд, аммо бо ду тамаддуне низ ҳастанд, ки бо Ғарб муқовимат хоҳанд кард: «Ғарб солҳост, ки қавитарин тамаддун аст ва солиёни дароз ҳамонҷурӣ хоҳад монд. Бо ин аҳвол қудрати он дар робита бо тамаддунҳои дигар дар ҳоли коҳиш қарор дорад, дар ҳоле ки чигуна Ғарб сайъ мекунад арзишҳои худро тайъид кунад ва манофеи хешро дар ҷомеаҳои ғайриғарбӣ дифоъ бинмояд, ки бархе аз онҳо дар рӯбарӯи интихоб ва бархеи дигар дар ҳоли тақлид аз Ғарб ҷиҳати пайвастан ба он ва гурӯҳи дигар дар ҳоли идғом бо ин тамаддун ҳастанд. Ҷавомеъи дигар, ки конфутсиёӣ ва исломӣ мебошанд, ҷиҳати тақвияти қудрати иқтисодӣ ва низомии худ барои муқобила бо Ғарб ба дунболи он ҳастанд. Бинобар ин, меҳвари аслии сиёсат дар замони муосир пас аз итмоми ҷанги сард тавозуни қудрат ва таъомули сиёсии тамаддунҳои ғарбӣ ва ғайриғарбӣ маҳсуб мешаванд» [15. 15].

Самюэл Ҳантингтон дар китоби худ вожаи «тамаддун» -ро чунин шарҳ медиҳад: «Тамаддун васеътарин ҷомеаи фарҳангист. Тамаддун гурӯҳбандии васеи фарҳангии одамон ва доираи васеи

ҳувияти фарҳангии онҳоро ифода мекунад - ба истиснои он, ки одамонро аз мавҷудоти зинда фарқ мекунад. Тамаддун инчунин бо чунин унсурҳои умумии объективӣ, ба монанди забон, таърих, дин, анъанаҳо, институтҳо ва худшиносии субъективии одамон муайян карда мешавад. ... Тамаддунҳо ин ҳамон бештарини «мо» мебошанд, ки инсон худро дар хона фарҳангӣ эҳсос мекунад ва ҳамзамон моро аз ҳамаи «онҳо» - онҳое, ки дар берунанд, ҷудо мекунад» [15. 25].

Раванди ҷаҳонӣ шудан нобаробариро дар ҷаҳон такмил дода, бартарии якеро бар дигариҳо исбот намуд. Махсусан, муҳаққиқини Ғарб ба бартарии ҳувияти фарҳангии амрикоӣ аз соири ҳувиятҳо иқрор ҳастанд ва ин андеша тавассути бознигариҳои ихтисосӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Муҳаққиқони ҷаҳонишавӣ авомили бартарӣ пайдо кардани амрикоиро аз дигар милали дунё дар фарҳанги хос ба протестантизми бритонӣ марбут донистаанд. Чунончи, Тойнби дар рисолаи «Ҷолишҳо ва посухҳо. Тамаддунҳо чӣ гуна мемиранд?», дидгоҳи мазкурро пешниҳод менамояд: «Дар таърихи Ғарб протестантизм билофосила қабл аз ғасбкории он сӯйи уқёнус ва эҷоди иқоматгоҳҳои наздибаҳрӣ пайдо гардид, аммо дар садаи XVIII муқовимати мардуми Аврупо барои бартарӣ дар ҷаҳони моварои уқёнусӣ бо пирӯзии комили протестантҳои англисзабон анҷом ёфт. Натиҷаи ҷанги ҳафтсола ояндаи ҳамаи Амрикои Шимолро аз доираи қутби Шимол то Рио - Гранд ҳаллу фасл намуд. Ин сарзамин иқоматгоҳи намояндагони милали ҷадиди мансуб ба ғарби Аврупо гардид, ки пояҳои фарҳангии онҳо дар нусхаи тамаддуни ғарбии англо – протестантӣ реша дошт» [12. 9]. Вале М. Вебер ҳангоми таҳқиқи решаи протестантизм, ки католитсизм маҳсуб мешавад, инкори сарватҳои зеризаминиро аз омилҳои пасравии онҳо пиндоштааст: «Бегонагии бузург аз ҷаҳон, ки мушаххасоти сармоядорист, вижагиҳои зоҳидона ва дар тарафдорони худ бетафовутии хоссеро нисбат ба сарватҳои заминӣ парваридан ормонҳои дар худ нуҳуфтаро инкор мекунад» [3. 10].

Тойнби зимни барасии омезиши тамаддунҳо дар шароити мубҳами иқлимиву ҷуғрофӣ фикри С. Ҳантингтонро натиҷагирӣ карда, бархе аз падидаҳои муосирро бо тамаддунҳо номусоид медонад: «Ба қавли Ҳантингтон, бинобар туфонҳои тулонӣ дар манотиқи роиҷбуда тамаддунҳо дар гузашта ва дар ҳоли ҳозир ба сатҳи болоие расидаанд. Инчунин нома дар мавриди иттисоли тамаддунҳо тавассути «камарбанди иқлимӣ» баръакси ин баёния аст, ки бар асоси он моҳияти чархаи падидаҳои иқлимӣ барои тавсеаи тамаддунҳо мусоид нест» [11. 16].

Тибқи андешаи Ҳантингтон тамаддун дар муқобили барбарият истифода шуда, бо фарҳанг алоқаманд мебошад. Ҳар касе аз зумраи ҷомеашиносон теъдоди муайяни тамаддунҳоро зикр намудаанд. Дар ин маврид метавон гуфт, ки тамаддунҳо низ замони рушду инҳитот дошта, бархе аз онҳо бинобар ҳаводиси таърихӣ мемиранд. Аммо инҷо ҳадаф аз баррасии тамаддунҳо ҳувиятҳои фарҳангӣ маҳсуб мешавад, чунки барои баррасии вижагиҳои ҳувияти фарҳангии марбут ба ҷомеаҳои муосир таҳқиқи тамаддунҳо низ аз мақсадҳои асосӣ мебошад.

Ҷаҳонӣ шудан иқдоми амалии назарияи ҷанги тамаддунҳои Сэмюэл Ҳантингтон аст, ки ӯ тамаддуну фарҳанги Ғарбро ягона тамаддуни ҳақиқӣ меҳисобад ва хоҳони пирӯзии бечунучарои он бар дигар тамаддунҳост. Ҳантингтон вижагиҳои тамаддуни Ғарбро дар таҳаммулгароӣ, озодбаёнӣ, инсонӣ будан мебинад ва дигар тамаддунҳоро дар ҳалли мушкилоти башарият баставу ноком ва худраъю худсар муаррифӣ мекунад. Ин ҷомеашинос, ки тамаддуни Ғарбро мероси Юнон, протестантизм, Ренессанс ва забонҳои аврупоӣ медонад, натиҷа мегирад, ки ин тамаддун арзишҳоеро, аз ҷумлаи ҳокимияти қонун, озодибаёнии иҷтимоӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ҳуқуқи башар доро мебошад, ки дар дигар тамаддунҳо аз ин арзишҳо хабаре нест. Мушкилоти ҳувияти миллӣ бори аввал дар Юнони Қадим ба миён омад. Маҳз дар он ҷо принсипи лингвистӣ ва фарҳангии худшиносӣ таҳия шудааст: ҳар касе, ки забони юнониро медонад, эллинӣ аст ва касе, ки бо забони дигар гап мезанад ва урфу одатҳои гуногунро риоя мекунад, ваҳшӣ аст. Ва пас аз понздаҳ садсола дар асри XIX файласуфони аврупоӣ як консепсияи гуногуни худшиносӣ пешкаш карданд. Он ба ду ғоя асос ёфта буд. Аввалин аз ҷониби Руссо: ҳуқуқи мардум ба мавзӯи асосии сиёсат. Дуввумро назариётчиёни миллатгароии олмонӣ ва англисӣ - Г.Гегел, Ф.Гизот, Г.Бокл ва дигарон таҳия кардаанд: табиати миллатҳо ғайримантиқӣ аст, онро бо ягонагии забон, хун ва анъанаҳои фарҳангӣ муайян мекунанд.

Дидгоҳи махсусро Бринк Линдси изҳор доштааст. Мавсуф алорағми ҷонибдорону мухолифини ҷаҳонишавӣ ба хулосае меояд, ки як садсола пеш дастовардҳои ин раванд истиқбол мешуданд. Ӯ дар китоби «Ҷаҳонишавӣ: такрори гузашта. Номушаххасии ояндаи сармоядории ҷаҳонӣ» чунин менависад: «Истилоҳи «ҷаҳонишавӣ» алҳол муд шудааст, аммо мафҳуми мутазаккир қадимист. Воқеият ин аст, ки ҷаҳонишавӣ ҳарчанд бо номҳои мухталиф як садсола пеш мустаъмал будааст. Ҳатто дастовардҳои ӯ дар робита бо андозаҳои имрӯз қобили таваҷҷуҳ буд» [4. 57]. Ба қавли Ясперс, ваҳдати ҷаҳонӣ бидуни қудрати воҳид хоҳад буд, вагарна бозгашти башар ба ғуломдорӣ аз эътимод дур нест: «Импературии ҷаҳонӣ сулҳро бар рӯйи Замин аз тариқи як қудрати воҳид эҷод мекунад, ки ҳамаро аз ҳар марказ тахти султаи худ дармеоварад. Ин қудрат бар хушунат устувор хоҳад монд. Назми ҷаҳонӣ як ваҳдат бидуни як қудрати воҳид аст» [17. 316].

Улрих Бек дар рисолае бо номи «Чи чизест ҷаҳонишавӣ? Иштибоҳоти ҷаҳонӣ шудан – посух ба ҷаҳонишавӣ» раванди ҷаҳони шуданро идеологияи қудратҳои ҷаҳонӣ меномад: «Ман ҷаҳонишавиро дар мафҳуме дарк мекунам, ки бозори ҷаҳонӣ фаъолияти сиёсиро ҷобаҷо карда, онро ҷойгузин месозад. Барои ман ин идеолужӣ тасаллут бар бозори ҷаҳонист. Ин барнома бар асоси як асли ғайри иқтисодӣ амал мекунад. Чандбуъдӣ шудани ҷаҳонишавиро танҳо ба як буъди иқтисодӣ коҳиш дода, ба сурати хатте аз қабили экологӣ, фарҳангӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ, ҷомеавӣ-тамаддунӣ фақат мавриди таваҷҷуҳ қарор додани онҳо дар зери абъоди ғолиби бозори ҷаҳонӣ маҳсуб мешавад» [2. 23]. Гузашта аз ин, номбурда ибораи «сармоядорӣ бидуни кор» – ро истифода карда, раҳбарони ширкатҳои фаромиллиро намуна меорад, ки бинобар дар вазъи нобаҳангом қарор гирифтани ширкатҳо фарзандони худро ҷиҳати таҳсил ба беҳтарин Донишгоҳҳои аврупоӣ интиқол медиҳанд. Ҳамаи ин тибқи андешаронии Бек талаботи ҷаҳонишавист [2. 18].

Ҷаҳонишавӣ бинобар андешаи Улрих Бек диалектикии ғайримутамарказ аст ва раванде, ки дар он глобалӣ ва маҳаллӣ ҳамчун зиддияти фарҳангӣ вуҷуд надоранд, балки ҳамчун принсипҳои ба ҳам алоқаманд, ки ҳамдигарро дар назар доранд. Инҳо равандҳо на танҳо алоқаи байниҳамдигариро дар бар мегиранд, ки сарҳадҳоро убур мекунанд, балки мундариҷаи ботинии иҷтимоӣ ва сиёсиро низ тағйир медиҳад. Аммо ҳазор сол муқаддам ниёгони мо ҷиҳати пажӯҳиши улуми дақиқ чун ҳандаса, ҳисоб, тиб, риёсиёт, кимиё, ҳайъат ва амсолашон камари ҳиммат барбаста, осори гаронбаҳое боқӣ гузоштаанд, ки фақат номҳои Хоразмӣ, Берунӣ, Тусӣ, Розӣ ва Бӯалии Синоро ин ҷо ёдрас намудан кифоя аст. Лек бобати нақши онҳо дар улуми дақиқ иқтибосе аз Иқболи Лоҳурӣ меорем, ки номбурда фориғуттаҳсили Донишгоҳҳои Ғарб буду ҳадалимкон аз ҷараёни таҳмилии понисломизм пайравӣ мекард ва бешубҳа яке аз мубаллиғини илму дини муосир дониста шудааст. Инак он иқтибос: «Бояд ба хотир дошт, ки дар риёзиёт аз замони Батлимиюс (165-87) то замони Хоҷа Насируддини Тусӣ ҳеҷ кас ба ҷидд дар душвориҳои исботи қатъияти асли мавзӯи ду хатти мутавозии Уқлидус (Эвклид) бар макони махсус наяндешида буд. Тусӣ пас аз ҳазор сол оромишу итминони хотиреро, ки бар риёзиёт ҳукмфармоӣ дошт, мунағғас кард ва дар зимни кӯшише, ки барои беҳтар кардани сурати баёнии ин асли мавзӯъ ба кор бурд, ба зарурати тарк кардани макони маҳсус мутаваҷҷеҳ шуд. Ба ин тартиб шолудае, ки албатта норасо барои наҳзати фазои ғайриуқлидусӣ ё фавқи фазои асри ҳозир фароҳам сохт. Берунӣ дар таваҷҷуҳ ба чизе, ки дар риёзиёти ҷадид исми «тобеъ» бо он медиҳанд, аз лиҳози илмии маҳз ба адами кифояти назари истон дар бораи ҷаҳон доштан таваҷҷуҳ пайдо кард. Ин низ инҳирофе аз андешаи юнонӣ буд. Мафҳуми «тобеъ» унсури замонро дар тасвире, ки аз ҷаҳон месозем, ворид мекунад. Чунин назаре «собит"-ро ба сурати мутағайир дар меоварад ва ҷаҳонро на ҳамчун ҳастӣ, балки ҳамчун ҳудус ва таквин менигарад. Шпенглер чунин мепиндорад, ки андешаи риёзии тобеъ аломати мушаххаси Мағрибзамин аст ва ҳеҷ фарҳанги дигар ҳатто ишорае ҳам ба он накардааст. Иддаои Шпенглер дар мавриди таъмими Берунӣ аз формули дарунёбии Нютон аз тавобеи мусаласотӣ ва татбиқи он ба ҳар навъи тобеи дигар албатта дуруст нест. Табдили мафҳуми адад аз камияти маҳз ба нисбати маҳз дар воқеъ бо таваҷҷӯҳи Хоразмӣ аз илми ҳисоб ба илми ҷабр оғоз шудааст. Берунӣ гоми асосӣ ба тарафи амре бардошт, ки Шпенглер онро ба унвони афроди замонӣ васф карда, ва дар воқеъ интиқоли зеҳнро аз вуҷуд ба ҳудус ва таквин намоиш медиҳад. Пешрафти ҷадиди риёзиёти урупоӣ бештар дар ин ҷиҳат аст, ки хусусияти таърихии зиндаи замонро аз он ҳазф кунад ва онро ба сурати намоиши маҳзе аз фазо нишон диҳад. Ба ҳамин ҷиҳат аст, ки назари Уайтхед дар бораи нисбият беш аз назарияи нисбияти Эйнштейн муҳаққиқони исломиро ба худ ҷалб намудаанд. Чи дар назарияи Эйнштейн замон хусусияти гузаро буданро аз даст медиҳад ва ба сурати асроромез ба фазои комил интиқол пайдо мекунад» [5. 177].

Илми муосир ин ки мегӯем: фалон ихтироотро мусалмон ё худ масеҳӣ анҷом додааст, қабул надорад, чунки илм маводе нест, ки танҳо ба як гурӯҳи одамон тааллуқ дошта, аксари онҳо ба илм дастнорас бошанд. Илм барои инсон ва аз хотири беҳтар зистани ӯст ва ҷаҳонбинии илмӣ инсонро аз доми таассуб мераҳонад. Рушди тафаккури техникӣ бошад, таъмин намудани амнияти инфиродист, чунки агар инсони муосир донишҳои техникии заиф дошта бошад, ӯро суиистифода кардан осонтар аст ва тавассути иғвогарӣ метавон ӯро пойбанд сохт. Албатта ҳама чиз суду зиёни худро дорад. Аз ҷумла илм низ ва мо бисёр мушоҳида ҳам кардаем, ки маълумоти дастрасшуда аз ду паҳлӯ иборат буда, ҳар ду ҷониб истифода мешаванд, ки муҳтавои инро дар бархурди илму дин дидан қобили қабул мебошад. Аммо ихтирои таҷҳизоти барқӣ ва ғайраҳо тибқи андешаронии муқаррарии бо таассуби ғайриэътимоднок мусаллаҳгардида шиддати майдони магнитиро афзоиш дода, ба инсон дарди сар меоваранд, ё худ таъсири манфии онҳо дар тандурустии одамон мушоҳида карда мешавад. Гузашта аз ин, тавозуни меҳнати фикрӣ ва меҳнати ҷисмонӣ дар асоси пешрафти илму техника аз меъёри муқаррарӣ убур карда, афзалияти меҳнати фикрӣ тавассути интернет, компутер ва амсолашон инсонҳоро танбалу бераҳм месозанд. Ва чунин андешарониро метавон идома дод, чунки дар муҳити шаҳру русто бархурди ақидавӣ вуҷуд дорад ва маҳз ҳамин бархурд сабаби рушд маҳсуб мешавад. Аз ҳамин хотир, набояд ин тасодуми фикриро аз байн бурд, чунонки

болшевикҳо карданд ва бузургтарин иштибоҳи онҳо низ иборат аз ин буд, ки тасодумро дар фикрронӣ нест карданд. Аз ин иқтибос чунин бармеояд, ки табиат бо дарназардошти таззод тавлидкор аст ва рушди ҷаҳонбинӣ пазируфтани тафовутест, ки аз табиат ба ҷамъият мегузарад, вагарна ҳеҷ махлуқе ба худии худ мавҷуд нест, агар ин нобаробариҳо барои ӯ мутафовит бошад. Гузашта аз ин, қонуни кашиш новобаста аз хоҳишҳои мо вуҷуд дорад ва тибқи онҳо эҳсосҳои ҳамаи махлуқот муштарак мебошанд. Пас инсон бинобар талаботи биолужии хеш дорои ҳувиятест, ки қабл аз ҳама ба ирс ва абнои ҷинси ӯ, тафаккур, фарҳанг ва тамаддун тааллуқ дошта, ормонҳоеро тавлид менамояд, ки хоси ҷаҳонбинии ӯст. Аз ҳамин лиҳоз, яке аз авомили инҳитоти маънавии тоҷикон дар гузашта ва имрӯз инкори ҷаҳонбинии илмист, ки ин тамоил заминаҳои таассуби динӣ доранд. Маҳрумият аз давлатдории миллӣ низ таассуб аст, ки нобудкунандаи ҳувият шинохта мешавад. Бармегардем ба баҳсҳои физикӣ, ки омӯзиши он имрӯз ҷолиб баррасӣ мегарданд. Масалан, ҳар модда тибқи назарияи муосири сохти атом ва молекулаҳо хосияти магнитӣ дорад ва ҳаргуна ҳаракат хусусияти сарбастаро инъикос менамояд. Ба ибораи машҳур, табиат аз магнетикҳо иборат мебошад ва мусоидсозӣ дар он пайваста рух хоҳад дод, чунки ҳар гуна майдони магнитӣ ва электрӣ бо мусоидсозии ҳамаҷониб эҳёро тавлид мекунад. Вале дар раванди ҷаҳонишавӣ авзои кишварҳо тағйир ёфта, анъанаҳои нек аз байн мераванд ва навовариҳои камарзиш дар ҷомсеаи шаҳрвандӣ нуфуз пайдо мекунанд.

Таъсири раванди ҷаҳонишавӣ омили асосии пайдоиши хислатҳои номатлуб дар кишварҳои рӯ ба тараққӣ маҳсуб мешавад: «Пайравӣ аз чунин роҳи ба мақсади қонеъсозии талаботи ба дастовардҳои тамаддуни муосир ноил шудан ҳавасмандии аксари насли ҷавонро аз таҳсили мудавому бетанаффус, заҳмати ҳамешагӣ ва ғайра коста месозад ва ба афзоиши зуҳури амалҳои номашрӯъ, ғайримеъёрӣ ва каҷрафториҳои иҷтимоӣ мусоидат мекунад. Дар ин ҳолат майли татбиқи ба оянда нигаронидашудаи талаботҳо камтар мешавад ва одамон саъй менамоянд дар фосилаи наздиктарини замони ҳозира онро ба даст оранд. Маҳз бо чунин гароиш арзишҳои насли муосир аз наслҳои гузашта, ки барояшон пешбинии ташвишҳои наслҳои минбаъда низ бегона набуд, аз ҳамдигар фарқ мекунад» [13. 125].

**АДАБИЁТ**


1. Баҳоваддинов А. Очеркҳо оид ба таърихи фалсафаи тоҷик, Душанбе, -1961.
2. Бек Ульрих. Что такое глобализация? Ошибки глобализма – ответы на глобализацию, Прогресс-Традиция, М., - 2001, 304 с.
3. Вебер М. Протестантская этика и дух капитализма, М., АСТ, - 2020,
4. Линдси Б. Глобализация: повторение пройденного. Неопределенное будущее глобального капитализма, М., Интермедиатор, - 2005, 415 с.
5. Лоҳурӣ И. Эҳёи фикри динӣ дар ислом, Душанбе, - 2010, 270 с.
6. Муҳаммад Абдураҳмон. Инсон, сиёсат ва ҷомеа, Империал-Групп, Душанбе, - 2018, 240 с.
7. Муҳаммад Абдураҳмон. Истиқлол ва ҳифзи манфиатҳои миллӣ, Душанбе, - 2021.
8. Муҳаммад Абдураҳмон. Муқаддимаи идеяи миллӣ, Душанбе, «Эр-граф», - 2013.
9. Олимов К. Истиқлолияти давлатӣ ва худшиносии миллӣ, Душанбе, - 2013.
10. Олимов К. Андешаҳо доир ба фалсафа, ирфон ва худшиносии миллӣ, Душанбе, -2014.
11. Тойнби А., Хантингтон С. Вызовы и ответы. Как гибнут цивилизации, М., Алгоритм, - 2016, 288 с.
12. Тойнби А. Постижение истории (сборник), М., Рольф, - 2001, 640 с.
13. Усмонзода Х.У. Амалияи ҷомеасозӣ ва муосирият, Душанбе, Дониш, - 2020, 212 с.
14. Усмонзода Х.У. Тоҷикистон дар масири тағйирёбии иҷтимоӣ, Душанбе, - 2016, 120 с.
15. Хангтингтон С. Столкновение цивилизаций, М., АСТ, - 2016, 640 с.
16. Шпенглер О. Закат Европы. Очерки морфологии мировой истории, М., - 1993, 165 с.
17. Ясперс К. Смысл и назначение истории, М., Политиздат, - 1991, 527 с.


## ВИЖАГИҲОИ РАВАНДИ ҶАҲОНИШАВӢ ДАР ТОҶИКИСТОН


*Ҷаҳонишавӣ пас аз ҷанги сард аз равандҳоест, ки кишварҳоро тибқи фарҳангҳову тамаддунҳо баррасӣ карда, бартарӣ доштани тамаддуни Ғарбро бар соири тамаддунҳо иқрор менамояд. Ҷомеашиноси амрикоӣ Самюэл Ҳантингтон дар рисолае таҳти унвони «Бархурди тамаддунҳо» ин андешаро пайгирӣ намуда, тақрибан 7 ва ё 8 тамаддунро қобили қабул медонад, аммо бархе аз ақоиди ӯ аз ҷониби ҷомеашиносони дигар кишварҳо мавриди интиқод қарор гирифтаанд.*



***Калидвожаҳо**: ҷаҳонишавӣ, тамаддунҳо, даргириҳо, инқилобҳо, ҷанги сард, барбарият, ҳувият, муосирият, глобализатсияи фарҳанг.*


## ОСОБЕННОСТИ ПРОЦЕССА ГЛОБАЛИЗАЦИИ В ТАДЖИКИСТАНЕ


*Глобализация после холодной войны - это процесс, в рамках которого страны рассматриваются в соответствии с их культурами и цивилизациями и признается превосходство западной цивилизации над другими цивилизациями. Американский социолог Самюэл Хантингтон*

*повторил эту точку зрения в своем трактате «Столкновение цивилизаций» и считал приемлемыми около семи или восьми цивилизаций, но некоторые из его взглядов подвергались критике со стороны социологов в других странах.*
***Ключевые слова**: глобализация, цивилизации, конфликты, революции, холодная война, варварство, идентичность, современность, глобализация культуры.*

**FEATURES OF THE PROCESS OF GLOBALIZATION IN TAJIKISTAN**

*Post-Cold War globalization is a process by which countries are viewed according to their cultures and civilizations and the superiority of Western civilization over other civilizations is recognized. American sociologist Samuel Huntington echoed this point of view in his treatise «The Clash of Civilizations» and considered about seven or eight civilizations acceptable, but some of his views were criticized by sociologists in other countries.*
***Keywords**: globalization, civilizations, conflicts, revolutions, cold war, barbarism, identity, modernity, globalization of culture.*

***Маълумот дар бораи муаллиф:***
***Абдуллоҳ Машраб Сайфуллоҳ-** унвонҷӯи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи академик А. Баҳоваддинови АМИТ.*
***Сведение об авторе:***
***Абдулла Машраб Сайфуллох** – соискатель Института философии, политологии и права имени академика А. Баховаддинов НАНТ.*
***About the author:***
***Abdulla Mashrab Sayfullokh** - applicant of the Institute of Philosophy, Political Science and Law named after Academician A. Bahovaddinov of NAST.*

## НАҚШИ МУКОЛАМАИ ФАРҲАНГҲО ДАР ЭҶОД ВА ҲИФЗИ СУЛҲ ДАР ТОҶИКИСТОН

***Бердиёрова Г.И.***
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ*

Дар даҳсолаи охири асри XX тавассути пош хӯрдани давлати абарқудрати шӯравӣ саҳифаи наве дар таърихи мавҷудияти миллати тоҷик боз гардид. Ин рӯйдоди нодир - соҳиб гардидани Тоҷикистон ба истиқлолияти давлатӣ мебошад. Истиқлолият барои тоҷикон неъмати бебаҳо, падидаи муттаҳидкунанда, нигоҳдорандаи ягонагии марзии давлатдории миллӣ гашт. Дар баробари ин аҳли ҷомеаро барои арҷ гузоштан ба мероси ниёгон, бахусус, эҳёи анъанаву расму русуми аҷдодӣ, суннатҳои решагӣ ҳидоят кард. Маншаи ташаккулёбии ҳувияти миллӣ, эҳсоси ватандорӣ гардида, барои дастёб шудан ба мустақилияти иҷтимоӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ ва иқтисодии кишвар мусоидат кард. Мутаасифона, ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ, ки дар кишвар оташи худро фурӯзон кард ва дар натиҷаи татбиқи барномаҳои сиёсии хоҷагони хориҷӣ мардуми кишварро ба гурӯҳҳои мухолифи ҳам ҷудо намуд, ба истиқлолияти давлатӣ ва рушд додани давлатдории миллӣ монеъаҳо эҷод намуд.

Оид ба сабабҳои рух додани ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ, оқибатҳои он, муваффақияту дастовардҳои Тоҷикистон дар даврони истиқлолият таҳқиқотҳои зиёде ба анҷом расонида шуда, маводи зиёди илмию оммавӣ ба нашр расиданд. Бинобар ин, дар мақолаи мазкур ба таҳқиқи ҷанбаҳои таърихӣ ва сиёсии масъалаи мазкур, ба такрори нуктаи назарҳо таваҷҷуҳ надода, дар доираи мақолаи мазкур кӯшиш мекунем, ки ба таҳқиқи ҷанбаҳои характери иҷтимоӣ ва фарҳангидоштаи муколамаи фарҳангҳо дар эҷод ва ҳифзи сулҳи тоҷикон таваҷҷуҳи хосса диҳем.

Бояд ба эътибор гирифт, ки дар ин марҳилаи сарнавиштсоз пеш аз ҳама таъкидҳои Президенти кишвар - бедориву ҳувияти миллӣ ва зиракии сиёсиву таҳаммулпазирии мардум Тоҷикистонро аз нестӣ раҳоӣ мебахшад, самара дод ва гурӯҳҳои даргир ва низоъангезро ба созиш, якдигарфаҳмӣ расидан ба ваҳдат ва сулҳи саросарӣ талқин намуд. То тоҷикон аз имтиҳони бисёр сахту сангини таърих гузашта, ба шарофати хиради азалии худ ба мухолифати мусаллаҳона ва ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ хотима бахшанд. Ба аҳли башар исбот намоянд, ки миллати тоҷик метавонад таҳти парчами ваҳдату ҳамдигарфаҳмӣ сарҷамъ гардида, дар фазои сулҳу субот умр ба сар бурда, сарзамини аҷдодии хешро бо азму талоши ватандӯстона рушду тараққӣ диҳад.

Дар робита бо ин, Иҷлосияи XVI-уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин самт нақши тақдирсоз, созандагию бунёдкорона бозид. Зеро ҳимоя ва нигоҳдошти якпорчагии Тоҷикистон, ба даст овардани ваҳдати миллӣ ва таҳкими сулҳ аз он сарчашма мегирад. Аз ин рӯ, аҳамияти таърихии ин иҷлосия барои дарки худшиносӣ ва ҳувияти миллии ҳар як фарди Тоҷикистон ва тоҷикистониён

арзиши бузурги таърихие дорад, ки имрӯз мояи ифтихор аст. Чунин санаи таърихӣ дар ҳошияи равандҳои сиёсӣ оғози давраи нави ба ҳам омадани миллати тоҷикро муаррифӣ менамояд.[8. - с.250]

Табиист, ки боэътибортарин санади фарҳанги сулҳ бахшидани гуноҳҳои рақиб ва пазируфтани узри ӯст. Дар раванди расидан ба Созишномаи истиқрори сулҳи тоҷикон низ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ҳамин рукни ахлоқи ҳамидаро ба кор бурда, ба хотири сулҳу салоҳ барои мухолифин гузаштҳои зиёде кард. Тамоми шарту пешниҳодҳои онҳоро ба инобат гирифт. Ба туфайли ҳамин азму иродаи Президенти кишвар истиқрори сулҳи тоҷикон сурат гирифт.[9.-с.136

Пас, сулҳ чист? Андешаҳо оид ба шарҳу тавзеҳи ин мафҳум зиёданд. Ба фаҳмиши муқаррарӣ маънои сулҳ оштиву фарзонагӣ, якдигарфаҳмӣ ва талабгори осоиштагию дар амн будани мардум, созиши байни ду тараф зимни ҳалли ҳама гуна низоъу нофаҳмиҳо мебошад. Сулҳ - ифодакунандаи амният, осоиштагӣ, озодӣ, истиқлолият ва нишони ободии давлату миллат аст. Сулҳ таҷассумгари шодиву нишот, ҳамдигарфаҳмӣ, озодихоҳиву ватандӯстист. Аз ин рӯ, сулҳу амонӣ асоси зиндагӣ, хушбахтиву шодкомиҳо буда, ба туфайли он одамон бо хотири ҷамъ, баҳри ояндаи дурахшон, баҳри ободии диёру хонадони худ фаъолият мекунанд.

Дар маҷмӯъ, сулҳ - оштӣ, осоиштагӣ, амонӣ. Сулҳхоҳӣ амалест муқобили ҷанг. Ин фаҳмиш ҳанӯз аз аҳди қадим дар тасаввуроти файласуфону донишмандон вуҷуд дошт. Онҳо алайҳи ҷанг мафҳуми сулҳро қабул доштанд, ки низоъу нофаҳмиҳо ва бархӯрдҳоро дар байни одамон, қавму миллатҳо бо роҳи мусолиматомез ҳал карда, ҳамзистӣ, якдигарфаҳмӣ, гузашт кардан, ҳамкорӣ ва ғайраро таъмин намоянд. Масалан, муҳаққиқи эронӣ Тақии Озодармакӣ андешаҳои иҷтимоии файласуфони мусулмонро то Ибни Халдун таҳқиқ карда, нисбати Абӯнасри Форобӣ чунин иттилоъ медиҳад, ки ба андешаи файласуф афрод бар асари вуҷуди низоми муносиби «ҷомеаи фозила» ислоҳпазиранд. Асли табиӣ ва одӣ дар ҷомеа бар ин аст, ки афроди инсонӣ бо якдигар бо сулҳ ва сафо зиндагӣ кунанд ва ба саломат ва хубӣ дар паи рафъи ниёзҳои хеш бошанд.[12. – с., 234-235]

Ё худ чӣ тавре файласуфи тоҷик Н.Одилов қайд кардааст Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ ҳангоми ҷангҳои салибӣ ва авҷ гирифтани таассуб дар олами ислом, задухӯрдҳои мазҳабӣ, таассуби динию нажодӣ назарияи сулҳи куллро кор кард, ки он ба муттаҳид кардани башар ва аз байн бурдани ҳама гуна таассуб нигаронида шудааст.[9.-с. 137]

Мазмуни мафҳуми сулҳ тибқи Эъломияе, ки Созмони Миллали Муттаҳид соли 1998 дар 53-юмин Ассамблеяи худ бахшида ба эълон намудани соли 2000-ум соли «Фарҳанги сулҳ» қабул кард, бармеояд эҳтиром ба ҳаёт ва ҳама гуна ҳуқуқҳои инсон аст, ки барои ӯ фароҳу шодӣ ва хушнудиро таъмин менамояд.

Ташаккули фарҳанги сулҳ ба ташаккули фарҳанги сиёсӣ вобастагии зич дорад. Дар ин маврид чӣ тавре файласуфи тоҷик Ш.Абдуллоев барҳақ менависад «Асли фарҳанги сиёсиро дар муносибатҳои байнидавлатӣ ва байналмилалӣ бояд усули барқарории муносибатҳои байни давлатҳо бар асоси сиёсати ғайризӯрӣ: даст кашидан аз ҷанг ҳамчун воситаи ҳалли масъалаҳои мунокишавӣ, баррасии онҳо бо роҳи гуфтушунид; баробарҳуқуқӣ, якдигарфаҳмӣ, боварӣ байни давлатҳо, ба назар гирифтани манфиати тарафҳо, дахолат накардан ба умури дохилии якдигар, эътироф кардани ҳуқуқи ҳар миллат дар интихоби сохти иҷтимоию иқтисодӣ ва низоми сиёсӣ; эҳтиром гузоштан ба озодӣ ва истиқлолияти миллатҳо; даст кашидан аз ташкили блокҳои низомию сиёсӣ ва ғайра ташкил кунад.[1.-с.110]

Яъне, фарҳанги сулҳ он гоҳ пойдор ва устувор мемонад, ки агар инсонҳо барои қонеъ кардани талаботи моддию маънавӣ, ҳифзи ҳуқуқҳои худ ва давлатҳо барои ҳимояи манфиатҳои миллӣ ва умумиинсонӣ аз зӯриву хушунат, якдигарбадбинӣ, зиддияту низоъҳо даст кашида, масъаларо бо роҳи мусолиматомез, машварат ва гуфтугӯ ҳаллу фасл намоянд. Адолат ва баробарии иҷтимоӣ байни тамоми қишрҳои аҳолӣ новобаста аз миллату мазҳаб, дину ойин, ҷинсият, нажод ва ғайра таъмин карда шаванд. Яъне «Тақозои фалсафаи фарҳанги сулҳ пеш аз ҳама он аст, ки то мардум дар фикри ҷанг наафтанд, бояд адолати иҷтимоӣ пойдор, шоҳсутунҳои сулҳ, ки илму таълим, иқтисоду фарҳанганд, устувор бошанд. Баръакс, чуноне Аҳмади Дониш дар мавриди ҳукумати худкомаи манғития фармудааст «рехтани моҳу ситорагон дар ҳаққи инҳо чист? Бояд ки осмон ба сари ин гуна режими худкоми беадолат фуруд ояд».[1.-с. 111]

Аммо калиди фарҳанги сулҳ чӣ тавре Ҳофизи Шерозӣ ба таври бисёр дақиқ ва возеҳ тасвир мекунад муруват кардан бо дӯстон ва мудоро намудан бо душманон аст. Аз лиҳози маъно бошад, мудоро бо нармӣ ва ҳусни хулқ ба касе рафтор кардан, муомилаи нек, ё худ созиш, муросо, илтифот, оштӣ ва сулҳу салоҳро ифода медорад.[13.-с.827]

Дар «Ғиёс-ул-луғот» низ мудоро ба маънои сулҳу оштӣ тавзеҳ дода мешавад. Бинобар ин, барои дастёбӣ ба сулҳу осоиштагӣ дар ҳолати сар задани низоъу мунокишаҳо пеш аз ҳама мудоро нақши хосса дорад, ки аз тариқи муколама, гузашту таҳаммул сурат гирифта, мардумро ба ваҳдат меорад.

Ваҳдат бо тавзеҳи файласуфи тоҷик Х.Идиев «яке аз омилҳои устувории низоми ҷамъиятӣ ва сафарбарнамоии мақсадноки аъзои ҷомеа барои ноил омадан ба ҳадафҳои умумии инкишоф маҳсуб мешавад. Бинобар ҳамин ҳам ҳузури ин падидаро дар сатҳҳои мухталиф қаблан низ (оила, гурӯҳҳо,

умумиятҳои иҷтимоӣ ва ғайра) пайваста дучор омадан мумкин аст. Яъне, ҳар як умумияти иҷтимоӣ, аз ҷумла ҷомеа дар маҷмӯъ, пайваста эҳтиёҷ ба нигоҳдорию инкишофи чунин ваҳдату ҳамбастагиро ҳис мекунад».[6.-с.19]

Аз ин гуфта бармеояд, ки ҳамзистӣ, ҳамбастагӣ, ваҳдат, ҳамкории тарафайн ва муносибатҳои мусолиматомези байни гурӯҳҳо ва табақаҳои иҷтимоӣ асоси рушди ҷомеа ва баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии мардум мебошад. Зеро афрод доимо ба муоширати эҳтиёҷ доранд ва мушкилоти пайдошудаи худро метавонанд тавассути муколамаи тарафайн ҳаллу фасл намоянд. Дар ин маврид ваҳдат ба сифати як занҷирае хизмат мекунад, ки тавонад фард ва ҷомеаро ба ҳам пайванд намояд.

Ин андешаро ҷомеашиноси тоҷик Қ.Гиёев пайгирӣ карда, ба тарзи дигар чунин ифода медорад, ки «ҳарчанд Ваҳдат дар сатҳи ибтидоии иттиҳоди одамон (оила, авлод, қабила, маҳалла ва ғайра) низ ҷой дорад, вале мубрамияти он дар заминаи умумияти иҷтимоӣ, аз ҷумла миллат равшантар ба назар мерасад. Дар ин сатҳ фишанги таъмини Ваҳдат танҳо бо истифода аз меъёрҳои ахлоқӣ маҳдуд нашуда, аз зарурияти ба вуҷуд овардани иродаи ягонаи сиёсӣ дар байни тамоми аъзоён пайравӣ мекунад».[5.-с.30]

Файласуфи немис И.Кант дар асоси назарияи пешниҳодкардаи худ бо номи «сулҳи абадӣ» як нуктаи муҳимро ба эътибор мегирад, ки «Ҳеҷ ягон навъ шартномаи сулҳ набояд дар хулосаи худ ҷангро пинҳон дошта бошад. Зеро, вай дар чунин ҳолат метавонад танҳо ба созиши муваққатӣ дастёб гардонад, ки инро метавон муваққатан қатъ намудани амалҳои ҳарбӣ номид, на сулҳ, ки маънои қатъ ёфтани ҳар гуна душманиро дорад. Шартномаи сулҳ тамоми сабабҳои ҷанги ояндаро нест месозад…».[7.-с.6]

Аз ин андеша низ маълум мешавад, ки ташкилкунандаи равандҳо ва таъминкунандаи сулҳ дар ҷомеа давлат аст ва давлат бояд тамоми шароитро барои барпо кардани сулҳ муҳайё созад.

Ба андешаи файласуфи тоҷик А.Самиев «эҳёи андешаи миллӣ, эҳёи фарҳанги ориёӣ ва дар ин замина эҳёи фарҳанги муосири миллати тоҷик василаи муассири худшиносӣ худогоҳӣ ва ташаккули тафаккури нави миллӣ буда, миллатро ба Ваҳдат ва шукуфоӣ мерасонад».[11.-с.36]

Дар тақвияти ин нуктаи назар ва маводи мӯътамади фаровон месазад қайд кард, ки таърихан андешаи миллии тоҷикон аз фарҳанги бузурги ориёӣ маншаъ гирифта, тавассути он ба фарҳанги ҷаҳонӣ ворид шудааст. Бинобар ин, нақши он дар ташаккул ва тавсеаи фарҳангу тамаддуни халқҳои мухталифи ҷаҳон бесобиқа аст.

Дар даврони истиқлолият низ ин андеша барои расидан ба сулҳи тоҷикон нақши мондагор гузошт. Яъне эҳёи фарҳанг таҳкимбахши Ваҳдат ва рушди маънавиёти ҷомеа гашт ва низоми фаъолияти тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеаро ба танзим даровард. Яъне, «фарҳанг василаи пайвандгари андешаи дирӯзу имрӯз ва фардои миллат буда, воситаи муҳими ҳастии он дар таърихи башарӣ қарор мегирад».[11.-с.36]

Ҳамзамон, ин ҷо як нуктаро бояд ба эътибор гирифт, ки дар давраи истиқлолият Сарвари давлат ба масъалаи андешаи миллӣ ва роҳҳои такмил додани он дар таҳкими ваҳдати миллӣ ва таъмини сулҳ таваҷҷуҳи хосса дода, дар асоси омӯзиши дақиқи мероси илмию фарҳангии гузаштаамон китобҳои ҷудогонаи арзишманди илмӣ, аз ҷумла «Нигоҳе ба таърих ва тамаддуни ориёӣ», «Тоҷикон дар оинаи таърих», «Аз ориён то Сомониён», «Забони миллат-ҳастии миллат», «Чеҳраҳои мондагор» ва ғайраро таълиф кардааст, ки масъалаи мазкурро бо тамоми ҷузъиёташ шарҳу тавзеҳ медиҳанд.

Ба ин масъала таваҷҷуҳ додани Пешвои миллат бесабаб набуд. Чунки таърихи миллат таҷассумкунандаи фарҳанг ва тамаддуни он аст, ки барои насли имрӯзу оянда арзишҳои ахлоқию сиёсӣ ва инсонгароёнаи онҳо, роҳи нақӯию саодат, ба ҳадафҳои неку созанда расиданро нишон медиҳад. Ба мардум ғизои маънавӣ дода, онҳоро сарҷамъ ва барои рушди ҷомеа муттаҳид менамояд.

Маҳз ин тамаддуни ғании дар пояи андешаҳои ахлоқӣ, таҳаммулгаро, ва инсонпарварона ва ватандӯстона бунёдёфта боис гардид, ки тоҷикон барои бақои миллат якдигарро гузашт карда, ба сулҳу салоҳ расанд. Мактаби сулҳофарии худро ҳамчун падидаи нодири ҷомеаи муосир барои ҷаҳониён, хусусан кишварҳои ноорому даргир ҷиҳати омӯзиш ва истифода пешакаш намоянд.

Бояд гуфт, ки Сарвари давлат ҳанӯз дар иҷлосияи XVI Шӯрои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳри муттаҳидӣ ва сарҷамъии мардум, бақои миллат ваояндаи дурахшонӣ он суханони аввалини худро аз «Сулҳ», «Ваҳдат» ва «Иттиҳод» оғоз бахшид. Чӣ тавре файласуфи тоҷик А.Самиев барҳақ қайд карда буд «Аслан, ин мафҳумҳо аз батни андешаи миллии мо сар зада, дар тӯли асрҳо инсониятро муттаҳид намуда, дар давраи соҳибистиқлолӣ ва сарнавиштсоз ба асоси маънавию ахлоқии давлати мо табдил ёфтанд. Ин мафҳумҳо ифодаҳои мазкури сеҳрангезро касб карданд, ки ҳар навъ номгузорӣ шаванд ҳам, мантиқан яклухт ва алоқаманд мебошанд… дар ин асос Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон сиёсати дохилию хориҷии кишварро таҳия намуда, назарияи умумии фарҳанги сулҳро ҳамчун арзиши бебаҳои андешаи умумимиллӣ офарид».[11.-с.59]

Файласуфи тоҷик И.Шарипов оид ба арзиши фалсафӣ ва инсонии сулҳи тоҷикон ибрози андеша карда, дар ин маврид чунин маълумот медиҳад, ки «Сулҳи байни тоҷикон, ки натиҷаи заҳматҳои бағоят сангини тарафҳои бо ҳам муқобил, давлатҳои хайрхоҳ ва ташкилотҳои бонуфузи байналмилалӣ буд, марзи ҷуғрофиро убур карда, ба омили муҳими сиёсии ҳалли мунокишаҳои байни халқҳо табдил ёфт. Имрӯз кулли давлатҳои гирифтори мухосамат ба таҷрибаи сулҳи тоҷикон чун роҳи мусоламат мурочиат мекунанд, онро меомӯзанд ва сабақ мебардоранд».[14.-с.63]

Ба андешаи донишманди тоҷик П.Шозимов бошад, муттаҳидшавии миллиро яке аз усулҳои муқаддимавии татбиқи ғояи ваҳдати миллӣ метавон шуморид. Ба ақидаи ӯ «Ин усулро пешвоёни ҳар як миллат барои дар заминаи умумиятҳои фарҳангӣ, таърихӣ ва таърихиву сиёсӣ дар фазои ягонаи сиёсӣ бо ҳам муттаҳид кардани нерӯҳои сиёсӣ, фарҳангӣ ва иқтисодии миллати хеш ба кор мебаранд. Усули мазкур дар давраи аввали татбиқи ғояи ваҳдати миллӣ истифода бурда мешавад, ки дар он давра якпорчагӣ ва ягонагии миллат ҳанӯз дар марҳилаи ташаккулёбӣ қарор доранд. Давраи тантанаи усули муттаҳидшавии миллӣ дар Тоҷикистон баъди хотима ёфтани ҷанги шаҳрвандӣ ва истиқрори сулуҳу амният сар мешавад».[15.-с.90-91]

П.Шозимов барқароршавии ҷараёнҳои муттаҳидшавии тоҷиконро баъд аз ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ таҳлил ва муқоиса карда онҳоро ба се давра тақсим мекунад: давраи якум- солҳои 1991-1997; давраи дуюм – солҳои 1997-2006 ва давраи сеюм аз солҳои 2006 то имрӯз.[15.-с.97]

Мувофиқи таҳлили муҳаққиқ ҳадафи давраи аввал ин дар асоси аз нав эҳё кардани арзишҳои фарҳангии гузаштагон бунёд кардани давлати миллӣ мебошад. Яъне дар ин давра омма аз болои элита ва ниҳодҳои сиёсӣ бартарӣ доштанд. Дар давраи дуюм бошад, элита ва ниҳодҳои сиёсӣ танзимгари фаъолияти халқ ва муттаҳидкунандаи онҳо гашт. Давраи сеюм, ки баёнгари таъсиси ҷомеаи шаҳрвандӣ мебошад, нақши асосиро дар интихоби оқилона ва мустақилонаи шаҳрвандон бозид.

Ҳамин тавр, мебояд хулоса кард, ки мафҳумҳои «ваҳдат», «якдилӣ», «ягонагӣ», «муттаҳидӣ» шаклан гуногунанд, вале мазмунан як мебошанд. Истиқлолият, мавҷудияти давлати миллӣ ва мақоми сарвари сиёсӣ омилҳои муҳим ва муассири таҳкими он ба шумор мераванд. Ба андешаи файласуфи тоҷик И.Шарипов «Ваҳдати миллӣ танҳо дар сурате таъмин ва тақвият мёёбад, ки таъмингари ин падида - миллат, халқ ва давлати миллӣ муттаҳид, якдил бошанд ва давлати миллӣ барои амалӣ гардидани Ваҳдат аз тамоми имконияту воситаҳо, роҳу усулҳо мақсаднок истифода барад».[14.-с.67]

Ба андешаи мо, самтҳои асосӣ ва муҳимме, ки ваҳдати миллиро дар Тоҷикистон таҳким дода, сулҳи саросарию фазои орому субот ва осоишта, рушди тамоми соҳаҳо ва зиндагии шоистаро барои аҳолии кишвар таъмин мекунад, инҳоянд:

- халқро манбаи ҳокимият эътироф карда, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯро таъмин ва ҳифз намудан;
- манфиатҳои миллиро аз манфиатҳои шахсӣ боло гузоштани ҳар як фарди ҷомеа новобаста аз мавқеияти иҷтимоӣ;
- пешгирӣ кардани фаъолияти гурӯҳҳои ҷудоихоҳ, ифротӣ ва террористӣ, ки ба мафкураи мардум идеяҳои худро ҷой дода, фазои мусоидро нооором мекунанд;
- арҷ гузоштан ба бозёфтҳо ва дастовардҳои фарҳангӣ ва ҳимоя карда тавонистани онҳо дар раванди бархӯрди тамаддунҳо;
- аз роҳи муколама ва гуфтушунид ҳал кардани ҳар гуна низоъ ва нофаҳмиҳо, ки дар сатҳи кишвар ва дастгирии нерӯҳои беруна ба вуқӯъ мепайванданд;
- тавассути муассисаҳои таҳсилотӣ: умумӣ, миёна ва олии касбӣ ташаккул додани ҳофизаи таърихии насли наврас ва ҷавонони кишвар аз бозёфтҳои фарҳангии гузаштаи миллат ва дастовардҳои тамаддуни муосир;
- дар асоси рушди ҳаёти иқтисодӣ ва вусъат бахшидани фаъолияти субъектҳои соҳибкор баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагӣ дар минтақаҳои гуногуни кишвар;
- ба манфиат ва ақлонӣ истифода бурдани шабакаҳои гуногуни интернетӣ, ки имрӯз ба яке аз воситаҳои асосии ҷалби ҷавонон ба ҳаракатҳои ифротию террористӣ, ҷудоихоҳ табдил ёфтааст ва ғайра.

Муҳаққиқи дигари тоҷик Адулло Ҳаким оид ба саҳми таърихии тоҷикон дар самти тамаддунофарию давлатсозӣ андешаронӣ карда, қайд мекунад, ки «дар замони муосир низ тоҷикон бо ба даст овардани таҷрибаи нодири сулҳ дар соҳаи ҳалли низоъҳои дохилӣ ва такмили фарҳанги муколамаву ҳамзистии неруҳои сиёсии дорои дидгоҳҳои гуногун саҳми махсус ба ҷой монданд».[2.-с.204]

Саҳми бузурги тоҷикон дар ҷомеаи муосир - ин эҷод кардани фарҳанги сулҳ тавассути муколама, ки ҳадафаш ҳамзистии осоишта тавассути гузашт кардани ҳамдигар мебошад, маҳсуб мёёбад. Ин нуктаро собиқ Дабири кулли СММ Кофи Аннан борҳо тавассути минбарҳои баланд эълон дошта, бавижа навишта буд: «Тоҷикистон барои бисёр мамлакатҳои дигар дар ҳалли

мунокишаҳои дохилӣ сабақи беназир дод. Фикр мекунам, ки ин саҳми Тоҷикистон дар таърихи эҷоди сулҳ мебошад».[16.-с.2]

Сулҳу суботи комили сиёсии ҷомеа ва пойдориву устувории ваҳдати миллӣ, сиёсати сулҳофар ва созандаи Эмомалӣ Раҳмон барои умед бастан ба фардои зиндагӣ мусоидат карда, аҳли кишварро ба пешрафту ободии Ватан ҳидоят намуд. Зеро ин рӯйдоди нодири таърихӣ дар дилу шуури шаҳрвандони кишвар ҳисси эҳтиром ба Тоҷикистон ва муқаддасоти Ватанро устувор гардонида, ба онҳо эътимод бахшид, ки миллати кӯҳанбунёди тоҷик метавонад танҳо бо ҳамин ғояи наҷотбахш ба ободкориву созандагӣ машғул шавад ва бароиояндагон як Ватани ободу зебо ба мерос гузорад.

Ниҳоят, мувофиқ ба таъкиди Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон ваҳдати миллӣ меҳвари сиёсати дохилии давлати мо буда, онро пойдору устувор нигоҳ медорад ва вазифаи муқаддаси ҳамаи мо аз он иборат аст, ки бо саъю талоши пайваста аркони давлати соҳибихтиёрамонро боз ҳам таҳким бахшем. … бояд беш аз ҳар вақти дигар ҳушёру зирак бошем, бо дасту дили поку нияти нек ва бо рӯҳияи баланди созандагӣ ҷиҳати татбиқи ҳадафҳои стратегии давлатамон кору фаъолият намоем.

Решаи ваҳдати миллӣ дар амонӣ ва хайрхоҳии афродии миллат нисбат ба якдигар мебошад. Омили эҷодкунандаи ин ваҳдат ғурури миллӣ буда, асоси ғурури миллӣ худшиносии миллист, ки дар заминаи хотираи таърихӣ сурат мегирад. Ҳар як фарди миллат ҳамон вақт нисбат ба миллаташ ҳусни таваҷҷуҳ пайдо мекунад, ки бо таърихи тамаддуни ӯ шинос бошад ва ба он фахр кунад.[9.-с.138]

Файласуфи тоҷик М.Асрорӣ дар мақолаи худ «Ваҳдат-арзиши муқаддасу азиз» як нуктаи муҳимро ба эътибор мегирад, ки воқеан «Хиради волою азалӣ, тамаддуни баланди оламгир, «Гуфтори нек, пиндори нек ва кирдори нек», ки дар раванди таърихи қарнҳо ҳамчун арзиши бебаҳои ҷовидона хизмат карда, дар андешаву омоли миллати тоҷик ҷой гирифтааст, мардуми моро аз маҳву нобудшавӣ нигоҳ дошта, дар замони мо низ асоси ғоявии ваҳдати миллати тоҷиконро ташкил медиҳад».[3.-с.166]

Муҳаққиқи турк Э.Коч дар муқаддимаи китоби «Ваҳдат ва раванди гуфтугӯи тамаддунҳо» оид ба талошҳои пайвастаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар роҳи расидан ба сулҳу ваҳдати миллии тоҷикон, ки аз ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ кишварро хароб, мардумро гуреза ва ҷони ҳазорҳо одамони бегуноҳро қурбони ин амали нангин намуд, ибрози андеша карда, воқеъбинона баҳо медиҳад, ки таҷрибаи сулҳофарии тоҷикон мактаби омӯзанда аст. Ҷомеаи ҷаҳонӣ бояд аз ин таҷрибаи тоҷикон ҷиҳати ҳалли бӯҳронҳои сиёсӣ сабақ андӯзанд.[4.-с.9]

*Мақолаи мазкур ба махсусиятҳои раванди низомигароии кишварҳои Осиёи Миёна баъди ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ дар доираи ҳамкориҳои ҳарбию сиёсӣ ба хотири таъмини амният дар минтақа бахшида шудааст.*

***Калидвожа**: Осиёи Марказӣ, низомигароӣ, таъмини амният, хилофи манфиатҳо, рушди устувор, ҷомеаи шаҳрвандӣ.*

## ASPECTS OF MILITARIZATION IN THE COUNTRIES OF CENTRAL ASIA: PRIORITIES AND CONFLICTS OF INTEREST

*This article is devoted to the specifics of the militarization process of the post-Soviet countries of Central Asia after they gained independence in the framework of military-political cooperation to ensure stability in the region.*

***Keywords**: Central Asia, militarization, stability, conflict of interest, sustainable development, civil society.*

## АСПЕКТЫ МИЛИТАРИЗАЦИИ В СТРАНАХ ЦЕНТРАЛЬНОЙ АЗИИ: ПРИОРИТЕТЫ И КОНФЛИКТ ИНТЕРЕСОВ

*Данная статья посвящена особенностям процесса милитаризации постсоветских стран Центральной Азии после приобретения ими независимости в рамках военно-политического сотрудничества для обеспечения стабильности в регионе.*

***Ключевые слова**: Центральная Азия, милитаризация, обеспечение стабильности, конфликт интересов, устойчивое развитие, гражданское общество.*

***Маълумот дар бораи муаллиф:***

***Каримов Шамсиддин Турсунматович** – доктори илмҳои сиёсӣ, кафедраи сиёсатшиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ. Тел.: +(992) 93 570 17 80; Email: shamskarimov14@gmail.com*

***Сведения об авторе:***
***Каримов Шамсиддин Турсунматович*** *– доктор политических наук, кафедра политологии Таджикского государственного педагогического университета им. С.Айни.Тел.: + (992) 93 570 17 80; E-Mail: shamskarimov14@gmail.com*
***About the author:***
***Karimov Shamsiddin Tursunmatovich*** *- doctor of political sciences, Department of Politacal Sciences of Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni, Tel.: + (992) 93 570 17 80, Email: shamskarimov14@gmail.com*

## ҶАСОРАТИ СИЁСИИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ДАР ИСТИҚРОР ВА ТАҲКИМИ СУЛҲУ СУБОТ ДАР МИНТАҚА

***Каримов Ш.Т.,Файзов Р.Х.***
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ*

Дар ҷаҳони муосир ҳаракат ба сӯи ҷаҳони озод, ки дар он арзишҳои аслии инсонӣ мақоми махсус доранд ва инсон дар маркази таваҷҷуҳи он аст, хусусияти ҷаҳонӣ ба худ касб кардааст. Ва ин табиист. Дар тули таърих инсоният ҳамеша дар орзуи зиндагии осоишта ва шоиста будааст ва ин орзу ҳамчун маяк ва шуълаи умед онҳоро ба муборизаҳо ва талошҳои бардавом водор сохтааст. Аммо ин роҳ ва ин мубориза ҳаргиз якранг ва осон набудааст. Воқеияти ҷаҳони муосир аз он шаҳодат медиҳад, ки имрӯз аз дирӯз дар ин замина чандон тафовуте надорад. Аз ҷумла, ҳодисаҳои ахири Афғонистон ҷомеаи ҷаҳониро хеле нигарон кардааст. Бояд гуфт, ки масъалаҳои марбут ба ҷангу сулҳ, ҳалли моҷароҳои сиёсӣ ва дар заминаи онҳо таҳияи равандҳои ташкили низом ва субот, ташаккул ва инкишофи ваҳдати миллӣ ҳам аз ҷиҳати назариявӣ ва ҳам аз ҷиҳати амалӣ дар асарҳо ва суханрониҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мавриди баррасии васеъ ва ҳамаҷониба қарор гирифтаанд (4). Ба ақидаи муҳаққиқи афғон Шарофуддин Шарафёр (7), мушкилот дар Афғонистон монанди захми ибтидоие аст, ки дар оғоз мешуд бо амали ҷарроҳии дақиқ аз пайкараи ҷомеа бартараф сохта шавад, вале инак, мутаассифона, бар асари бетаваҷҷуҳии масъулин ба марази саратон табдил гардидааст, ки умед ба дармон ва беҳбудии он душвор ба назар мерасад. Зеро ин беморӣ на танҳо дар пайкараи ҷомеа ва сиёсати давлат амиқ реша гирифтааст, балки бо вусъати доманадор ба бахшҳои мухталифи дигар низ сироят кардааст.

Аслан ба сари қудрат омадани Толибон ин худ як шикасти бузург дар парвариш ва рушди арзишҳои аслии инсонист, ки ҷомеаи ҷаҳонӣ дар давоми солҳои зиёд барои он мубориза бурдааст. Эътирофи Толибон рӯй гардондан аз меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ва хок пошидан ба он дастовардҳо дар роҳи таҳкими бештари ҳуқуқи башар ва эъмори як ҷомеаи мардумсолор аст. Дар ин замина изҳороти Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пурарзиш ва баҷост: «Далелҳо возеҳан нишон медиҳанд, ки Толибон аз ваъдаҳои қаблии худ ҷиҳати ташкил додани ҳукумати муваққатии интиқолӣ бо иштироки васеи дигар нерӯҳои сиёсии кишвар даст кашида, ба бунёди аморати исломӣ омодагӣ мебинанд. Тоҷикистон ҳамагуна намуди беқонунӣ, зуҳуроти куштор, ғоратгарӣ ва таъқибу зулмро алайҳи мардуми Афгонистон, махсусан тоҷикон, узбекон ва дигар ақаллиятҳои миллӣ қатъиян маҳкум менамояд» (4). Пешвои миллат на фақат садои худро барои истиқрори сулҳу субот, адолати иҷтимоӣ, дифоъ аз арзишҳои аслии инсонӣ баланд кард, балки ҷасорати сиёсӣ ва фаҳмиши дурусти қазияи Афғонистонро ба ҳайси як марди сиёсат иброз намуд, ки шоистаи таҳсин ва дастгирист: «Тоҷикистон ҳеҷ гуна ҳукумати дигарро, ки дар ин кишвар бо роҳи зулму таъқиб, бе дарназардошти мавқеъи кулли мардуми Афгонистон, бахусус тамоми ақаллиятҳои миллии он таъсис дода мешавад эътироф нахоҳад кард.... Тоҷикистон аз ҷомеъаи ҷаҳонӣ даъват ба амал меорад, ки барои таъмини сулҳу субот дар Афгонистон ва ҳарчӣ тезтар муътадил гардонидани вазъияти мушкили сиёсиву амниятии он бо роҳи гуфтушунидҳо чораҳои фавриро бинад. Беэътиноии ҷомеъаи ҷаҳонӣ ба вазъияти имрузаи Афгонистон метавонад ба ҷанги давомнокӣ шаҳрвандӣ ба ин кишвар оварда расонад» (4).

Ин мазмун дар қаринаи мубориза бар зидди экстремизм ва ашколи мухталифи он, ки дар инҳояти кор ба терроризми сиёсӣ оварда мерасонад, аҳамияти махсус касб менамояд. Ба ин мазмун захираю воситаҳои минтақавиро истифода бурдан мумкин аст, дар сатҳи ташкилотҳои минтақавӣ якҷоя гузаронидани машқҳои ҳарбӣ, таълимӣ ва чорабиниҳои хусусияти зидди террористиро афзун бояд кард. «Вазъи тағйирёбандаи ҷаҳони имрӯза ва хусусияти устувор пайдо намудани зуҳуроти хатарноки замони муосир, аз ҷумла терроризму экстремизм, қочоқи силоҳ, гардиши ғайриқонунии

маводи мухаддир, киберҷиноятҳо ва дигар ҷиноятҳои фаромиллӣ, ки башариятро ба ташвиш овардаанд, моро водор месозад, ки ба масъалаҳои таъмини амнияти кишварамон диққати аввалиндараҷа диҳем. Зеро пайравони созмонҳои террористиву экстремистӣ барои ноором сохтани вазъият дар ҷомеа ва тафриқаандозиву барангехтани низоъҳои диниву мазҳабӣ кӯшиш карда, барои гумроҳ сохтани сокинони мамлакат, бахусус, ҷавонон ва ба созмонҳои манъшуда ҷалб намудани онҳо аз шабакаҳои интернетӣ васеъ истифода мебаранд. Таъкид месозам, ки хоинони миллат ва хоҷаҳои хориҷии онҳо то ҳанӯз аз нақшаҳои нопоку ғаразноки худ, ки ибтидои солҳои 90-ум доштанд, даст накашидаанд. Онҳо то ба ҳол аз хориҷи кишвар бо тамоми роҳу воситаҳо кӯшиш карда истодаанд, ки ҷомеаи моро ноором сохта, фарҳангу мазҳаби бегонаро ба сари мардуми мо таҳмил кунанд» [7].

Дар ҳамин замина сафари навбатии Пешвои миллат ба Аврупо, ки рӯзҳои 14-16 октябри соли равон сурат гирифт, сафари оддӣ набуд. Он дар фазои норавшани сиёсӣ ва мушкили марбут ба ҳодисаҳои ахири Афғонистон, ғасби қудрати сиёсии ин кишвар аз тарафи Толибон сурат гирифт. Хушбахтона, мавқеи Президенти Фаронса дар ин бобат равшан ва ҳамсадо бо изҳороти расмии Тоҷикистон аст. Аммо дигар кишварҳои Аврупо чӣ? Оё Иттиҳоди Аврупо низ дар маҷмӯъ аз чунин мавқеъ ва бархурд пуштибонӣ хоҳад кард? Агар ҳа, дар кадом шакл ва агар не, чӣ бояд кард? Роҳи ҳалли ин қазия ва ин падидаи номатлуб кадом аст?

Сафари Пешвои миллат ба Аврупо ва дар сатҳи олӣ пазируфта шудани ӯ ҳам дар Брюссел ва ҳам дар Фаронса аз он гувоҳӣ медиҳад, ки ҷомеаи пешрафтаи ҷаҳонӣ мавқеъ ва изҳороти таърихии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро дуруст меҳисобад ва аз чунин мавқеъгириии шоиста ҷонибдорӣ мекунад (1). Аз тарафи дигар, ин як паёми равшан ва мушаххас на фақат ба худи Толибон, балки ба тамоми инсонияти тараққипарвар аст, ки қазияи Афғонистон ва муносибат бо Толибон дар кадом шакл ва мазмун бояд арзёбӣ гардад. Натиҷаи мулоқоти сарони кишварҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (3) ва нишасти ахири Маскав перомуни мавзӯи Толибон (5) низ аз чунин мавқеи сиёсӣ ва ҳалли мушкилот далолат мекунад. Изҳороти мазкур дар бобати низоми сиёсии Толибон мавқеъ ва нуфузу эътибори Пешвои миллатро на фақат ба ҳайси лидери шинохтаи миллӣ, балки ҳамчун ходими барҷастаи сиёсӣ ва лидери минтақа низ дар арсаи ҷаҳонӣ муаррифӣ намуд. Суханони Президенти Фаронса Эманнуэл Макрон дар ин бобат гувоҳи равшананд, чун Макрон мавқеи принсипиалии Президенти Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро дар таҳкими суботи минтақавӣ ҳамчун сарвари оштинопазири давлати Тоҷикистон дар мубориза бо терроризм ва ҳифзи ҳуқуқи занон махсус қайд кард: «Ман мехостам аз нақш ва талаботи шумо, ки барои ба эътидол овардани вазъи тағйирёфтаи минтақа хидмат мекунад, истиқбол кунам. Ва инчунин аз мавқеи кишваратон, ки нисбат ба гурӯҳҳои террористӣ ягон созишро қабул надорад ва дар ҳифзи арзишҳои мо, бахусус ҳуқуқҳои занон мебошад» (2).

Албатта, мавзӯи Афғонистон масъалаи ягона дар ин сафари Пешвои миллат ба Аврупо набуд. Ин сафар ҳамчунон баёнгари сиёсати хориҷии пайгиронаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бобати идома ва тавсеаи сиёсати «дарҳои боз» ва гуногунсамт (многовекторная политика) низ мебошад. Рушду такомул ва таҳкими бештари муносибатҳои Тоҷикистон бо кишварҳои Аврупо//Иттиҳоди Аврупо аз он шаҳодат медиҳад, ки кишвари мо на фақат ба таъмини сулҳу субот дар минтақа, балки ба масъалаҳои рушду такомули баъдии равандҳои демократӣ, ҳуқуқи инсон, озодии сухан, ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ҳамчун замонати рушди устувор ва зиндагии осоиштаи мардумон таваҷҷуҳи бештар зоҳир менамояд. Моҳияти чунин стратегия дар он зоҳир мегардад, ки Тоҷикистон дар сиёсати хориҷии худ на фақат бо шарикони анъанавии худ дар минтақаи Осиёи Марказӣ дар бобати таъмини сулҳу суботи бардавом (Федератсияи Россия) ва рушду инкишофи иқтисод ва инфрасохторҳо (Ҷумҳурии Мардумии Чин) бомуваффақият давом хоҳад дод, балки ҳамкориҳои дуҷонибаро бо кишварҳои Иттиҳоди Аврупо дар самти таҳкими равандҳои созандаи демократӣ дар кишвар низ тақвият хоҳад бахшид.

Хулоса, изҳороти таърихии Президенти Тоҷикистон дар бобати низоми сиёсии Толибон ва мавқеи Чумҳурии Тоҷикистон дар ин бобат на фақат боҷуръатона, балки гувоҳи равшани ҷасорати сиёсии Пешвои миллат ҳамчун идомаи сиёсати дурбинона ва хирадмандонаи ӯст, ки аз истиқрори сулҳи тоҷикон ва таъмини ваҳдати миллӣ оғоз гардида, имрӯз шуҳрат ва эътибори ҷаҳонӣ касб намудааст ва Президент Эмомалӣ Раҳмонро ҳамчун сиёсатмадор ва лидери шоиста дар сатҳи ҷаҳонӣ муаррифӣ кардааст.

**АДАБИЁТ**


1. Вохидова С. Обеспокоенность глав государств Таджикистана, Франции и Евросоюза за мир в Афганистане // www.osiyoavrupo/tj от 12.10.2021.
2. Вохидова С. Президент Франции Эманнуэл Макрон поприветствовал позицию Таджикистана по Афганистану // www.osiyoavrupo.tj от 16.10.2021

3. Заседание Совета глав государств СНГ. Москва, 15 октября 2021 // http://kremlin.ru/events/president/news/66937
4. Мулоқоти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Исломии Покистон Маҳдум Шоҳ Маҳмуд Қурейшӣ. 25 августи соли 2021. http://president.tj/node/26366
5. Началось третье заседание «московского формата» по Афганистану. 20.10.2021 // https://ria.ru/20211020/zasedanie-1755358106.html
6. Раҳмон, Эмомалӣ. Тоҷикон дар оинаи таърих. Аз Ориён то Сомониён (китоби сеюм) – Душанбе: Ирфон, 2006. -228 с.; Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат [Матн] / Э.Ш. Раҳмонов. // Иборат аз 4 ҷилд. - Душанбе: Ирфон, 2002; Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ». 26 январи соли 2021; Суханронӣ дар назди намояндагони воситаҳои ахбори омма пеш аз мулоқот бо Президенти Ҷумҳурии Фаронса Эммануэл Макрон. 13 октябри 2021. http://president.tj/node/26973 ; Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мубоҳисаҳои умумии Иҷлоси 76-уми Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид. 24 сентябри соли 2021. https://mfa.tj/tg/kobul/view/ 8705/sukhanronii-prezidenti-jumhurii-tojikiston-dar-mubohisahoi-umumii-ijlosi-76-umi-majmai-umumii-sozmoni-milali-muttahid; Изҳороти матбуотӣ дар фарҷоми музокироти ҳайатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии Афғонистон. 29 марти соли 2021. https://mfa.tj/tg/kobul/view/7446/izhoroti-matbuoti-dar-farjomi-muzokiroti-haiathoi-jumhurii-tojikiston-va-jumhurii-islomii-afgoniston
7. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 26 январи соли 2021 [манбаи электронӣ].URL: http: http://www.president.tj/node/25005 (санаи истифодабарӣ: 2.02.2021)
8. Шарафёр, Шарофуддин. Хусусиятҳои моҷароҳои сиёсӣ дар Афғонистон ва дахолати кишварҳои хориҷӣ ба онҳо. Автореферати диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсатшиносӣ аз рӯи ихтисоси 23.00.06. - Низоъшиносӣ. Душанбе, 2021. - 49с.

## ҶАСОРАТИ СИЁСИИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ДАР ИСТИҚРОР ВА ТАҲКИМИ СУЛҲУ СУБОТ ДАР МИНТАҚА

*Мақолаи мазкур ба ҷасорати сиёсии Президент Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун Пешвои миллат ва роҳбари сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст. Аз назари муаллифон, чунин хислат ва иродаи қавии сиёсӣ ба ӯ имкон додааст, ки на фақат дар сатҳи миллӣ, балки дар сатҳи минтақавӣ ва байналмилалӣ низ ҳамчун марди асили сиёсат шинохта ва эътиров гардад.*
***Калидвожаҳо:*** *ҷасорати сиёсӣ, Эмомалӣ Раҳмон, сулҳу субот, амнияти минтақа, ифратгароӣ, терроризми сиёсӣ, Афғонистон, Иттиҳоди Аврупо.*

## ПОЛИТИЧЕСКОЕ МУЖЕСТВО ЛИДЕРА НАЦИИ В УСТАНОВЛЕНИИ И *УКРЕПЛЕНИИ МИРА И СТАБИЛЬНОСТИ В РЕГИОНЕ*

*Эта статья посвящена политическому мужеству Президента Эмомали Рахмона как Лидера нации и политического лидера Республики Таджикистан. С точки зрения авторов статьи, такой сильный характер и политическая воля позволили ему получить признание и уважение не только на национальном, но и на региональном и международном уровнях как настоящего политического деятеля.*
***Ключевые слова:*** *политическое мужество, Эмомали Рахмон, мир и стабильность, региональная безопасность, экстремизм, политический терроризм, Афганистан, ЕС.*

## POLITICAL COURAGE OF THE LEADER OF THE NATION IN ESTABLISHING AND STRENGTHENING PEACE AND STABILITY IN THE REGION

*This article is dedicated to the political courage of President Emomali Rahmon as the Leader of the Nation and the political leader of the Republic of Tajikistan. From the authors point of view, such a strong character and political will allowed him to gain recognition and respect not only at the national, but also at the regional and international levels as a real political figure.*
***Keywords:*** *political courage, Emomali Rahmon, peace and stability, regional security,extremism, political terrorism, Afghanistan, EU.*

***Маълумот дар бораи муаллиф:***
***Каримов Шамсиддин Турсунматович-*** *устоди кафедраи сиёсии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ, доктори илмҳои сиёсӣ. 734025, Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 33. Тел: 93 5701780, Email: shamskarimov14@gmail.com*
***Маълумот дар бораи муаллиф:***
***Файзов Рамазон Холмадович-*** *саромӯзгори кафедраи сиёсатшиносии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А.Рӯдакӣ* ***Суроға:****735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Кулоб, кӯчаи. С. Сафаров, 16.* ***E–mail:*** *ramazondk@mail.ru*
***Сведения об авторе:***

***Каримов Шамсиддин Турсунматович**-преподаватель каафедры политологии Таджикского государственного педагогического университета имени С.Айни, доктор политических наук. 734025, г. Душанбе, проспект Рудаки 33. Тел: 93 5701780, электронная почта: shamskarimov14@gmail.com*

***Сведения об авторе**:*

***Файзов Рамазон Холмадович**- старший преподаватель кафедры Кулябского государственного университета им. А. Рудаки. Адрес: 735360, Республика Таджикистан, г. Душанбе. Куляб, ул. С. Сафарова, 16. E-mail: ramazondk@mail.ru*

***About the author:***

***Karimov Shamsiddin Tursunmatovich**-Department of Political Sciences, Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Ayni, Doctor of Political Science. 734025, Dushanbe, Rudaki avenue 33. Tel: 93 5701780, e-mail: shamskarimov14@gmail.com*

***About the author**:*

***Fayzov Ramazon Kholmadovich** - senior lecturer, Department of Political Science, Kulyab State University named after A. Rudaki, E-mail: ramazondk@mail.ru*

## МАФҲУМИ ИСТИҚЛОЛИЯТИ МИЛЛӢ ВА СОҲИБИХТИЁРИИ ДАВЛАТӢ

***Бедилзода Ҳ, Бобоев А.Ш.***

*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ*

Дар системаи масъалаҳои мубрами сиёсатшиносии муосир яке аз мавқеи аввалиндараҷаро масъалаи мафҳуми истиқлолияти миллӣ ва соҳибихтиёрии давлатӣ дар бар мегирад. Масъалаи истиқлолияти миллӣ ва соҳибихтиёрӣ ҳамеша дар маркази консепсияи сиёсии мавҷудияти ҳар як халқ, миллат ва давлат мебошад. Дар робита ба ин, қайд кардан ба маврид аст, ки таҳлили адабиёти илмӣ ва иҷтимоӣ-сиёсӣ, инчунин таҷрибаи таърихи нишон медиҳад, ки ғояҳои консепсияи истиқлолияти миллӣ ва соҳибихтиёрии сиёсӣ дар заминаи таърихи рушди халқҳо, миллатҳо ва давлат ба вуҷуд меоянд.

Омӯзиши мафҳуми «истиқлолияти миллӣ» ва «соҳибихтиёрӣ», ифшои моҳият, пайдоиш, марҳилаҳои ташаккул ва нақшҳои муайян дар ҳаёти халқҳо, миллатҳо ва давлатҳо зарурати таърихии замони мо мебошанд.

Баррасии масъалаҳои ибтидоӣ, пеш аз ҳама, таҳлили омилҳои фалсафӣ, иҷтимоӣ-идеологии пайдоиш, марҳилаҳои асосии ташаккули истиқлолияти миллӣ ва соҳибихтиёриро талаб мекунад.

Дар таҳқиқоти чунин олимони маъруфи кишварҳои ИДМ, ба монанди: А.А. Безгулов, В.С. Шведов, В.В. Цветков, В.Б. Аверянов, В.В. Копейников, В.Н. Селивонов, М.Б. Садыков, Р.А. Тузмухмедов, М.А. Свердлин, М.С. Ҷунусов, Д.В. Олшанский, М.С. Аженов, А.Н. Нисанбоев, В.В. Витюк, Д.М. Этнин, С.С. Ятимов, Г.Н. Зокиров, А.Н. Маҳмадов ҷанбаҳои фалсафӣ, ҳуқуқӣ, таърихӣ, сиёсии мушкилоти истиқлолияти миллӣ ва соҳибихтиёрии халқу миллатҳо таҳқиқ гардидаанд. Ин олимон на танҳо муносибати мураккаби падидаҳои истиқлолият ва соҳибихтиёриро ошкор карданд, балки қонунияти худи равандҳои пайдоиш, ташаккул ва рушди истиқлолият ва соҳибихтиёрӣ, омилҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ-сиёсӣ ва маънавиро муайян карданд, балки ногузирии таърихии равандҳои ба даст овардани истиқлолият ва соҳибихтиёрии давлатии халқҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ аз ҷиҳати илмӣ асоснок карданд.

Таҷрибаи таърихӣ ва натиҷаҳои амалӣ нишон медиҳад, ки мушкилоти истиқлолияти миллӣ ва соҳибихтиёрӣ бо ҳам алоқаманданд. Дар асоси ин, ба андешаи мо, пеш аз ҳама баррасии мафҳумҳои «истиқлолият» ва «соҳибихтиёрӣ» ва муносибати онҳо дар ҳаёти ҳар як халқ, миллат ва кишвар мувофиқи мақсад мебошад. Дар робита ба ин истиқлолияти миллӣ ва соҳибихтиёрӣ пайдо мешавад.

Ғояи истиқлолият ва соҳибихтиёрии миллӣ дар замонҳои қадим ба вуҷуд омада, сарчашмаҳои ғоявию назариявӣ дорад. Ҳатто дар асарҳои файласуфони юнонӣ аз қабили Сукрот, Афлотун, Арасту, Ситсерон ва дигарон, идеалҳои «истиқлолият» ва «соҳибихтиёрӣ» ва аҳамияти онҳоро дар рушди ҷомеаи инсонӣ мавриди баррасӣ қарор додаанд. Онҳо боварӣ доштанд, ки роҳи оқилтарин ва одилонаи зиндагии мардум давлат аст. Дар ин робита, Плутон навиштааст: «Ман марги наздики чунин давлатро мебинам, ки қонун ҳеҷ гуна эътибор надорад ва дар ихтиёри каси дигаре аст» [5, 188-189]. Файласуфи дигари барҷастаи юнонӣ Арасту, бо Афлотун комилан мувофиқ аст. Вай қайд мекунад, ки «дар ҷое, ки қонун вуҷуд надорад, ҳукумат ҳам нест. Қонун бояд бар ҳама чиз ҳукмронӣ кунад».

Афлотун ва Арасту боварӣ доштанд, ки истиқлолияти миллӣ ва соҳибихтиёрӣ яке аз категорияҳои марказии ҷомеаи инсонӣ мебошад. Таҷрибаи таърихӣ нишон медиҳад, ки ин ду мафҳум ҳамеша дар ҳамбастагӣ мебошанд ва доимо ҳамдигарро такмил медиҳанд. Аз ин рӯ, дар мадди аввал мо бояд донем, ки мафҳумҳои истиқлолияти миллӣ ва соҳибихтиёрӣ чист? Дар ин

замина, мафҳумҳои истиқлолияти миллӣ ва соҳибихтиёрӣ таҳлили мушаххас ва возеҳро талаб мекунанд.

Таърифи дурусти мафҳуми «истиқлолияти миллӣ» ва «соҳибихтиёрӣ», дарки ҷойгоҳ ва нақши онҳо дар ҳаёти ҷомеаи демократӣ аҳамияти бузурги илмӣ, назариявӣ ва амалӣ доранд. Мушкилот ва мафҳуми «истиқлолияти миллӣ» ва «соҳибихтиёрӣ» тавре, ки маълум аст, мавзӯи омӯзиши илмҳои иҷтимоӣ ва гуманитарӣ, фалсафа, таърих, ҳуқуқ, сотсиология, сиёсатшиносӣ, адабиёт, мантиқ, психология, дин ва ғайра мебошад. Вобаста аз он, ки кадом илм бо мафҳуми «истиқлолияти миллӣ» ва «соҳибихтиёрӣ» амал мекунад, мундариҷаи ин мафҳумҳо ба ин ё он самти ба мавзӯи илм хос арзёбӣ мегарданд.

Тибқи моҳият ва мундариҷаи иҷтимоии худ «истиқлолияти миллӣ» ва «соҳибихтиёрӣ» як падидаи хеле мураккаб ба ҳисоб мераванд. Беҳуда нест, ки дар адабиёти илмии дар мамлакати мо нашршуда оид ба таърифи мафҳуми истиқлолияти миллӣ ва «соҳибихтиёрӣ» маълумоти кам ба назар мерасад.Таҳлили адабиёти сершумори мавҷуда нишон медиҳад, ки таърифи истилоҳоти «истиқлолият» ва " соҳибихтиёрӣ» хеле кам истифода шудааст.

Истиқлолияти миллӣ ва соҳибихтиёрӣ (соҳибихтиёрии миллат) ҳамчун ҳукмронии комили миллат, озодии сиёсӣ ва иқтисодии он, доштани имконияти воқеӣ барои бе истисно ва пурра назорат кардани тақдири худ, пеш аз ҳама, қобилияти аз ҷиҳати муайян намудани ташаккули давлати мустақил мебошад. Соҳибихтиёрии миллат дар ҳалли масъалаҳои марбут ба озодии миллии он, ташкили давлатӣ-ҳуқуқӣ, муносибат бо дигар миллатҳо ва рушди ҳама паҳлӯҳои ҳаёти миллӣ зоҳир мешавад.

Тибқи таҷрибаи таърихӣ, ҳар як миллат метавонад сарнавишти худро муайян кунад, гузашта аз ин, қарорҳои берунаро ба ӯ таҳмил кардан номумкин аст. Дахолати хушунатомез ба ҳаёти ӯ қобили қабул нест. Дар баробари ин, бояд таъкид карда шавад, ки бо таҷрибаи таърихӣ ва амалияи воқеият исбот карда шудааст, ки худи миллат масъалаи истиқлолияти миллӣ ва сохтори давлатдориашро ҳал мекунад, балки истиқлолияти миллӣ ва давлати мустақилро ташкил диҳанд. Академик Б. Ғафуров қайд мекунад, ки «ҳар як миллат ҳуқуқ дорад забон, урфу одатҳо ва муассисаҳои дахлдори миллиро ҳифз ва озодона инкишоф диҳад» [2, 501]. Ҳамзамон, миллат зуҳуроти равшани соҳибихтиёриро дар як қатор ҳуқуқҳои асосии иҷтимоию сиёсии худ ва кафолатноки худ пайдо мекунад. Ба назар гирифтани он воқеият хеле муҳим аст, ки ҳуқуқҳои номбаршудаи миллатҳо, ки асоси истиқлолият ва соҳибихтиёрии онро ташкил медиҳанд, бо принсипҳои бунёдии демократии системаи иҷтимоӣ ва давлатӣ ба таври органикӣ ба ҳам алоқаманданд ва ба ҳам вобаста мебошанд.

Яке аз хусусиятҳои хоси истиқлолияти миллӣ ва соҳибихтиёрӣ таъмини баробарии миллатҳо мебошад. Бе баробарии миллатҳо истиқлолияти миллӣ ва соҳибихтиёрии милатҳо вуҷуд дошта наметавонад. Ҳамин тариқ, истиқлолияти миллӣ ва соҳибихтиёрӣ, истиқлолияти сиёсӣ, ҳудудӣ, фарҳангӣ, мустақилияти забон ва халқ имкон медиҳад, ки соҳибихтиёрӣ дар ҳаёти иҷтимоии миллатҳо зоҳир шуда, татбиқи пурраи онҳоро таъмин намояд.

Таҳлили таҷриба ва адабиёти таърихӣ нишон медиҳад, ки пайдоиши истиқлолияти миллӣ бо пайдоиш ва ташаккули миллат алоқаманд аст. Таълимоти истиқлолияти миллӣ ва соҳибихтиёрӣ ҳамчун як қисми назарияи умумии соҳибихтиёрии буржуазӣ дар замоне ба миён омад, ки буржуазияи навзод барои ҳокимияти сиёсӣ бар зидди феодализм мубориза мебурд ва мутобиқи шароити хоси рушди сиёсии ҷомеа рушд мекард. «Назарияи соҳибихтиёрӣ маҳсули шароити хоси таърихии ҳаёти ҷомеа ва давлат мебошад. Бо тағйир ёфтани ин шароит, назарияи соҳибихтиёрӣ низ тағйир меёбад. «Ғояи таърихии соҳибихтиёрӣ каму беш дар як вақт дар кишварҳои гуногун ҳангоми болоравии қудрат, ташаккул ва таҳкими мутлақият пайдо шуд».» Истиқлолият «ва» соҳибихтиёрӣ " - бори аввал аз ҷониби ҳуқуқшиноси олмон Иоганн Алтюсюс (1557- 1638) пешниҳод шуда буд, китоби ӯ, ки ба эътирофи ҳокимияти мутлақи монарх равона шудааст, соли 1603 ба табъ расид. Қайд кардан ба маврид мебашад, ки ғояи ҳуқуқи мардум низ ба миён гузошта шуда дар давраи инқилоби буржуазии англисӣ дар асри 17 аз ҷониби Гоббс ва Локк пеш рафта, аз кризиси феодализм сарчашма гирифта, назарияи соҳибихтиёрии халқ дар асри 18 пеш аз инқилоби Фаронса ба авҷи худ расид. Офаринандаи назарияи классикии ҳокимияти халқӣ, ки буржуазияи он даврро инъикос мекунад, файласуфи фаронсавӣ Жан Жак Руссо мебошад. Сипас назарияҳои истиқлолияти миллӣ ва соҳибихтиёрӣ дар шаклҳои гуногун дар Италия, Бельгия, Испания, Голливуд, Австрия, Ҷопон, Русия, Амрико ба бисёр кишварҳои дигари Осиё, Африка ва Амрикои Лотинӣ васеъ паҳн карда шуданд.

Ташаккули ғояи соҳибихтиёрии сиёсӣ бо мурури замон бо пайдоиши давлатҳои мустақили миллӣ, мутамарказ дар Аврупои Ғарбӣ рост омада, илова бар ин, дар ин ҷо соҳибихтиёрӣ сифати асосии давлатҳои дар ҳоли ташаккулёбии мустақил аз калисо, давлатҳои дигар ва марказҳои дигари қудрат дар доираи як давлати муайян пайдо гардид. Идеологияи давлати соҳибихтиёр ба идеяи асримиёнагӣ дар бораи бартарии «соҳибихтиёрӣ», сенатор, ҳокими олии феодалӣ, ки ҳатто аз монархияи марказии қудрат амалан мустақил буд, муқобил баромад. Дар тафсири Макиавелли

қудрати соҳибихтиёр ҳамчун қудрат ба назар мерасад. Дар замони муосир таъкид аз гузаштан ба ҳокимияти сиёсии ҳокимияти шахсии феодал, монарх, соҳибихтиёр ба имтиёзи давлат ва ғояи мардум мегузарад. Тибқи гуфтаи Г.Гроций ва И.Кант, «соҳибихтиёрӣ ба моликият дахолат накарда корҳои давлатро ба даст меорад ва ҳуқуқҳои байналмилалиро ҳимоя мекунад. Масъалаҳои баҳсталаби байни давлатҳои соҳибихтиёр бояд бо истифодаи системаи шартномаҳои басташуда ҳал карда шаванд. Таърифи классикии соҳибихтиёрии сиёсӣ ҳамчун ҳуқуқи соҳибихтиёрии ҳокимони мустақил дар нимаи дуюми асри 16 аз ҷониби Ҷ.Боден пешниҳод шудааст: «Соҳибихтиёрӣ қудрати мутлақ ва доимии давлат аст... Ҳокимияти мутлақ бар шаҳрвандон ва тобеон, на ба ягон қонун вобаста аст» [8, 498].

Қайд кардан ба маврид аст, ки ба қавли Ҷ. Боден, соҳибихтиёрии давлат маънои ҳуқуқи номаҳдуди монарх ба баровардан ва бекор кардани қонунҳо, таъин ва аз мансаб сабукдӯш кардани мансабдорон, эълони ҷанг ё сулҳ, ситонидани андоз, татбиқи суди олӣ ва ғайра мебошад. Аз назарияи Т.Гоббс, соҳибихтиёрӣ қудрати мутлақи давлатро бар тобеонаш мефаҳмонад; аммо унсури қудрати як шахс тадриҷан қудрати қонуни давлатро иваз мекунад. Спиноза ва Г.Гросия мафҳуми соҳибихтиёрии сиёсиро аллакай бо хусусиятҳои сифатии давлатдорӣ комилан алоқаманд менамоянд. Ж.Ж. Руссо пешниҳод кард, ки дар натиҷаи шартномаи ибтидоии иҷтимоӣ мувофиқа бо шахсони алоҳида, тамоми ҷомеа ба вуҷуд меояд, ки дорои тамоми моликияти соҳибихтиёрии сиёсист, бинобар ин он инчунин ғайри қобили намояндагӣ, тақсимнашаванда ва ҷудонопазир аст.

Мувофиқи таҳлили пешгӯиҳои олимон нисбат ба таърифи мафҳуми «соҳибихтиёрӣ», ки дар давраҳои гуногун файласуфон ва олимон ақидаҳои мушаххас нисбат ба ин мафҳуми мураккаб пешкаш карданд онро яктарафа баррасӣ карданд ва тафсирҳои онҳоро дар робита бо соҳибихтиёрии давлатӣ асоснок мекунад. Ба ақидаи мо мафҳуми «соҳибихтиёрӣ» нисбат ба соҳибихтиёрии давлатӣ васеътар аст. Аз назари мо, истиқлолияти миллӣ, давлатӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ, идеологӣ, фарҳангӣ ва забоншиносӣ як қатор қарор доранд ва дигар соҳаҳои ҳаёти як синфи муайяни миллатро дар бар мегиранд. Файласуфон, таърихнигорон, сотсиологҳо, сиёсатшиносон, ҳуқуқшиносон ва намояндагони илмҳои дигар, алахусус олимон, аз нуқтаи назари донишҳои методологӣ ва назариявӣ ҷанбаҳои гуногуни мафҳуми истиқлолият ва соҳибихтиёрии миллиро баррасӣ намуда, нуқтаи назари хешро саҳеҳтар меҳисобанд.

Солҳои охир мафҳумҳои «истиқлолияти миллӣ» ва «соҳибихтиёрӣ» дар асарҳои олимони маъруфи кишварҳои ИДМ, ба монанди: М.Б.Содиҳов, А.И.Лепёшкин, Р.А.Тузмухамедов, П.М.Рочаев, Ю.Сврдяина, М.С.Джунусоз, Глезериана, М.Х.Каримова, Р.Н. Нисанбоева, С.А.Раҷабов, М.Б.Бобохонова ва дигарон хеле паҳн гаштанд. Ташаккул ва рушди ғояи «Истиқлолияти миллӣ» ва «соҳибихтиёрӣ», ки чандин аср пеш ба вуҷуд омада буданд, натиҷаи таъсири мутақобилаи як қатор омилҳо ва муҳимтарин буданд, аз қабили: гузариш аз феодализм ба ҷомеаи саноатӣ, рушди демократия, шиддат ёфтани муборизаи халқҳо ва миллатҳои гуногун барои ҳуқуқҳои худ, тавонмандии дастгоҳи идоракунии давлатӣ ва дигар шароити иҷтимоӣ-таърихӣ, ки ниёз барои ба даст овардани «истиқлолияти миллӣ» ва «соҳибихтиёрӣ» буданд. Пайдоиши чунин падидаи иҷтимоӣ-сиёсӣ ва ҳуқуқӣ, ба мисли падидаи иҷтимоӣ, як марҳилаи табиии рушди тамаддун мебошад, ки на танҳо ба густариши масъалаҳои иҷтимоӣ оварда мерасонад, балки инчунин пазируфта шудани истиқлолияти миллӣ ва «соҳибихтиёрии давлатиро нишон медиҳад «, ва ба дӯш гирифтани масъулият барои озодӣ, некӯаҳволии шаҳрвандон, огоҳии ҷомеа аз зарурати таъмини ҳуқуқҳои иҷтимоии шаҳрвандон мебошад ба ҳисоб меравад. Ғояи «истиқлолияти миллӣ» ва «соҳибихтиёрӣ» ба принсипҳои адолати иҷтимоӣ, баробарии иҷтимоӣ ва миллӣ ва таъмини кафолатҳои иҷтимоӣ асос ёфтааст.

Дар солҳои охир мафҳумҳои «истиқлолияти миллӣ» ва «соҳибихтиёрӣ» аксар вақт дар адабиёти илмӣ ва иҷтимоӣ-сиёсӣ ҳамчун категорияҳои нав пайдо мешаванд, ки дар онҳо ҳанӯз мафҳуми он ба қадри кофӣ муайян нашудааст. Ба унвони мисол, метавон асарҳои М.И.Одинцов, А.К.Пономарев, Д.А.Ковачев, З.Ҳакимов, Н.В.Савелов, В.Э.Чиркин, Г.Т.Тавадов ва дигаронро номбар кард [4].

Бо назардошти мафҳуми соҳибихтиёрии миллӣ ва давлатӣ, А.Козлов ва И.Шериф менависанд, ки «на танҳо дар амал, балки дар назария низ омехтагии мафҳумҳои давлат ва истиқлолияти миллӣ ба вуҷуд омадааст, ки ин ба оқибатҳои манфӣ оварда мерасонад. Воҳидҳои ҷудогонаи миллӣ-давлатӣ ва ҳудудӣ худро мустақил эълон мекунанд, гарчанде ки соҳибихтиёрӣ танҳо ба давлат хос аст. Соҳибихтиёрии миллӣ хусусиятҳои хоси худро дорад ва моликияти сиёсӣ ва ҳуқуқии миллат аст, давлат дар шаклҳои гуногуни сохтори миллии худмухтор зоҳир мешавад, ки эълони ҳатмии истиқлолияти давлатии ягон воҳиди мухторро талаб намекунад» [7].

Пас, таҳлили мубоҳиса дар бораи таърифи мафҳуми «истиқлолияти миллӣ» ва «соҳибихтиёрии давлатӣ» нишон медиҳад, ки дар адабиёти мо ғояи густурдаи истиқлолияти миллӣ вуҷуд дорад. Мафҳуми соҳибихтиёрии миллӣ ҳамчун моликият ё сифати хоси як миллат мебошад, ки дар таҳқиқоти М.Б. Содиқов комилан пурра ифода ёфтааст. «Истиқлолияти миллӣ, - мегӯяд ӯ, - бо тамоми робитаҳои объективии хоси дохилӣ ва берунии сиёсии давлатҳо хос мебошад. Ин сифат ба

он ҳам хос аст, ки аллакай миллатҳои озод ва комилҳуқуқ ва мазлум мебошанд. Далели зулми мардум худ аз худ маънои онро надорад, ки онҳо истиқлолияти миллӣ надоранд. Дар ҷомеаи антагонистӣ, як миллат метавонад халқҳои дигарро зулм кунад, ҳуқуқҳои онҳоро маҳдуд кунад, ба рушди миллӣ халал расонад, аммо дар айни замон наметавонад онҳоро аз соҳибихтиёрии миллӣ маҳрум созад, ки ин як имконияти эҳтимолӣ барои истиқлолияти сиёсӣ, фарҳангӣ, забонӣ ва дигар мардум мебошад ...[6] Радди ин муқаррароти ногузир ба чунин натиҷа мерасад, ки соҳибихтиёрии миллӣ, танҳо ҳамчун соҳибихтиёрии миллат, имконияти воқеии идоракунии тақдири худ ва ғайра тасаввур карда мешавад.

Бо назардошти мафҳуми истиқлолияти миллӣ, Л.И.Лепёшкин қайд намудааст, ки «соҳибихтиёрии миллат моликияти ҷудонашавандаи он аст, ки ба он ҳамчун як ҷомеаи муайяни таърихии одамон хос аст. Ин ҳуқуқи иқтидории миллат ба ҳастии мустақил, шарти муҳимтарин барои ба амал баровардани истиқлолияти миллӣ мебошад. Агар миллати соҳибихтиёр ҳуқуқи ҷудонопазири худро ба мавҷудияти мустақил ва соҳибистиқлолӣ дар назар дошта бошад, пас истиқлолияти миллӣ татбиқи ин ҳуқуқ дар давлати мушаххас шаклҳои ҳуқуқии ҳаёти сиёсӣ, таъмини рушди озоди он ҳамчун миллат мебошад» [3, 254].

Ба назари мо, вижагии мавқеи А.И.Лепешкин танҳо дар он буд, ки ӯ ду мафҳумро фарқ кард: истиқлолият ва соҳибихтиёрии миллат, эътироф кардани соҳибихтиёрӣ ҳамчун моликияти ҷудонашавандаи миллат ва соҳибихтиёрӣ ҳамчун татбиқи амалии соҳибихтиёрӣ дар давлати мушаххас ва шаклҳои ҳуқуқӣ. Аз таърифҳои гуногуни мафҳуми «истиқлолияти миллӣ» ва «соҳибихтиёрӣ», ки дар боло оварда шудааст, дурусттарин, ба назари мо, нуқтаи назари А.И.Садыков, А.И.Лепёшкин мебошад.

«Истиқлолияти миллӣ ҳамчун сарвати махсус барои ҳар миллат хос аст»,- навиштааст О.Р. Вихарев. - Ин раднопазир аст, онро додан ё бекор кардан мумкин нест, онро танҳо шикастан ё барқарор кардан мумкин аст ... Истиқлолияти миллӣ моликияти ғайридавлатии миллат мебошад. Ҳамзамон бо зуҳури миллатҳо ба вуҷуд меояд ва бо пажмурда шудани онҳо аз байн меравад"[1, 56].

Дар баробари ин, бояд қайд кард, ки мазмуни мафҳуми «соҳибихтиёрии миллӣ» ду ҷанба дорад: дохилӣ ва хориҷӣ. Ҳар яки онҳо аз ҷиҳати иҷтимоӣ шартӣ ва аз мавқеи мушаххаси синфӣ баҳо дода мешавад. Бо дарназардошти ин ду ҷанбаи ба ҳам алоқаманд ҳангоми арзёбии мавқеи як миллати мушаххас метавонад ба мавқеи эътирофи бечунучарои озодии миллат барои ҳалли тамоми масъалаҳои ҳаёти худ риоя кунад ва ҳамзамон аз талаботи миллӣ барои баҳодиҳии мустақили синфӣ сарчашма мегирад.

Соҳибихтиёрии миллат ҷузъи таркибии демократияи сиёсӣ мебошад. Дар доираи консепсияи умумии демократия, ки дар ниҳояти кор бо сохтори иқтисодии ҷомеа муайян карда мешавад, соҳибихтиёрии миллат як ҷузъи болопӯши сиёсии ҷомеа мебошад. Принсипи худмуайянкунӣ бо татбиқ, шароит ва талаботи демократия ва соҳибихтиёрии миллатҳо мувофиқ аст. Ҳуқуқи миллатҳо барои ташкили истиқлолияти миллии худ ва ҳукумати миллии худ хос мебошад.

**АДАБИЁТ**


1. Вихарев С.Р. В.И.Ленин о суверенитете союзных Республик. Минск, 1969, 1969.-С.56.
2. Гафуров Б.Г. -Таджики: древнейшая, древняя и средневековая история. Душанбе, «Ирфон», 1988.- С.501.
3. Лепёшкин А. И. Советский федерализм (теория и практика). -М., Зорид. Лит., 1987. -С.254
4. Одинцов М.И. Россия строит светское государство (1985 1997г.г.) государство, религия, церковь в России и за рубеже,.М.,1997;
5. Платон. Соч. в 3-х томах. Т.2.Ч.2.-М., 1971-1972, с.188-189.
6. Садыков М.Б.Единство интернациональных и национальных интересов в советском многонациональном государстве (теоретико-методологические проблемы).Изд-во Казанского университета, 1989.-С.45-46
7. См.: Общественные науки и современность, 1999,№4.-с.78.
8. Человек и общество: Краткий энциклопедический словарь-справочник (политология). Ростов-на-Дону. «Феникс», 1997.-С.498.


## МАФҲУМИ ИСТИҚЛОЛИЯТИ МИЛЛӢ ВА СОҲИБИХТИЁРИИ ДАВЛАТӢ

*Таҳлили маъхазҳо ва адабиёт нишон медиҳад, ки гарчанде ки истилоҳоти «истиқлолияти миллӣ» ва «соҳибихтиёрӣ» дар нашриёҳои ахири олимони кишварҳои ИДМ баррасӣ шудаанд, аммо мафҳуми ин падидаҳои печидаи иҷтимоӣ ҳамчун «истиқлолият» ва «соҳибихтиёрӣ» ҳанӯз нокофӣ муайян шудааст . Ба унвони мисол, мо метавонем асарҳои чунин олимони барҷастаро ба мисли В.В.Клочков, Р.Арон, Ф.М.Бурлатский, Е.Н.Тарасов, М.О. Мнат сакайнян, М.Н.Руткевна, А.Имомова ва дигарон мисол овардем. Дар ин асарҳо таҳлили муфассали мафҳумҳои «истиқлолияти миллӣ» ва «соҳибихтиёрӣ», тавсифи моҳият ва мундариҷаи мубориза миллатҳо ва халқҳо барои ба даст овардани истиқлолият ва соҳибихтиёрии онҳо бахшида шудаанд. Дар ин ва дигар маъхазҳои адабӣ мушкилоти «истиқлолияти миллӣ» ва «соҳибихтиёрӣ» ба сурати умум*

*баррасӣ шудаанд. Таҳлили моҳияти истиқлолияти миллӣ ва соҳибихтиёрӣ, муносибати онҳо ба вуҷуд меорад. Омилҳои иҷтимоӣ-сиёсии пайдоиш ва марҳилаҳои рушди ба даст овардани истиқлолияти миллӣ ва соҳибихтиёрии як халқи мушаххас, миллат, синф ва давлатро якҷониба баррасӣ мекунад.*

*Аз нуқтаи назари мо, бо ифодаи мавқеи воқеии иҷтимоӣ ва сиёсӣ ва ҳуқуқии миллат ё халқ дар ҷомеа ва давлат, соҳибихтиёрии миллатро пеш аз ҳама системаи иҷтимоӣ ва давлатӣ муайян ва таъмин менамояд. Озодии ҳақиқии мардум ва миллат, соҳибихтиёрии онҳо танҳо ба озодии иҷтимоӣ ва миллии мардуми меҳнаткаш, ба эҷоди кафолатҳои воқеӣ ва ҳуқуқии қудрати мутлақи онҳо асос ёфтааст.*

***Калидвожаҳо**. Мафҳум, истиқлолият, истиқлолияти миллӣ, давлат, соҳибихтиёрӣ, ҷумҳурӣ, Тоҷикистон.*

## ПОНЯТИЕ НАЦИОНАЛЬНОЙ НЕЗАВИСИМОСТИ И ГОСУДАРСТВЕННОГО СУВЕРЕНИТЕТА

*Анализ источников и литературы показывает, что хотя термины «национальная независимость» и «суверенитет» рассматриваются в последних публикациях ученых стран СНГ, но однако еще недостаточно определено понятие этих сложных социальных феноменов, как «независимость» и «суверенитет». В качестве примера можно назвать работы таких ведущих ученых, как В.В.Клочкова, Р.Арона, Ф.М.Бурлацкого, Е.Н.Тарасова, М.О. Мнацакайняна, М.Н.Руткевна, А.Имомова и др. В этих работах нет подробного анализа понятий «национальная независимость» и «суверенитет», отсутствует характеристика сущности и содержания борьбы наций и народов за приобретение своей независимости и суверенитета. В этих и других литературных источниках проблемы «национальной независимости» и «суверенитета» рассматриваются в общих чертах.*

*По нашему мнению суверенитет охватывает национальные, государственные, социальные, политические, экономические, идеологические, культурнее, языковые,- традиционные и ряд других областей жизни того или иного класса, народности, нации государства и системы общества.*

***Ключевые слова**. Понятие, независимость, национальная независимость, государство, суверенитет, республика, Таджикистан.*

## CONCEPTS OF NATIONAL INDEPENDENCE AND STATE SOVEREIGNTY

*Analysis of sources and literature shows that although the terms «national independence» and «sovereignty» are considered in the latest publications of scientists from the CIS countries, the concept of these complex social phenomena, such as «independence» and «sovereignty», has not yet been sufficiently defined. As an example, we can name the works of such leading scientists as V.V. Klochkov, R. Aron, F.M. Burlatsky, E.N. Tarasov, M.O. Mnatsakainyan, M. N. Rutkevna, A. Imomova and others. In these works, there is no detailed analysis of the concepts of «national independence» and «sovereignty», there is no characterization of the essence and content of the struggle of nations and peoples for the acquisition of their independence and sovereignty. In these and other literary sources, the problems of «national independence» and «sovereignty» are considered in general terms.*

*In our opinion, sovereignty covers national, state, social, political, economic, ideological, cultural, linguistic, traditional and a number of other areas of life of a particular class, nationality, nation, state and system of society.*

***Keywords**. Concept, independence, national independence, state, sovereignty, republic, Tajikistan.*

***Маълумот дар бораи муаллиф:***

***Бобоев Абдураҳим Шамсович-** доктор PhD-и кафедраи сиёсатшиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ. Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121. тел. 985423981*

***Сведения об авторе**: Бобоев Абдурахим Шамсович.- доктор PhD кафедры политология Таджикского государственного педагогического университета имени С. Айни., Тел.: 985423981*

***About the author**: Boboev Abdurahim. – PhD student of the Department of Political Science of Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni., Tel.: +992 985423981*

# ҶОЙГОҲИ АМНИЯТИ ОБӢ ДАР ҲИФЗИ АМНИЯТИ МИЛЛӢ ДАР ШАРОИТИ ТАҒЙИРПАЗИРИИ ҶОМЕАИ МУОСИР

**Қувватзода С. З.**
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ*

Вазъи зудтағйирёбандаи ҷаҳони муосир ҳам аз лиҳози сиёсию иқтисодӣ ва ҳам иҷтимоию фарҳангӣ, махсусан аз лиҳози низомӣ таҳдиду хатарҳои зиёдро барои ҳифзу побарҷо нигоҳ доштани амнияти миллӣ ба вуҷуд овардааст. Дар чунин шароит таъмину ҳифзи амнияти миллӣ дар баробари заминаҳо ва омилҳои анъанавӣ аз сабабу омилҳои нав, ки хоси замони муосир мебошанд вобаста гардидааст.

Яке аз чунин падидаҳое, ки ба амнияти миллии давлатҳо ва халқу миллатҳо таъсиргузор гардидааст, амнияти обӣ мебошад. Таъмини дастрасии ҷомеа ба миқдори зарурии об барои истифодаи бевосита дар ҳаёти ҳамарӯза ва дигар ниёзҳо шарти асосии таъмини осоиштагии мардум ва дар заминаи он ҳифзи амнияти миллӣ мебошад.

Амнияти об ҳамчун мавҷудияти об дар миқдор ва сифати қобили қабул барои таъмини саломатӣ, воситаҳои зиндагӣ, экосистемаҳо ва истеҳсолот ва сатҳи қобили қабули хатарҳои марбут ба об ба одамон, муҳити зист ва иқтисодиёт муайян карда мешавад[1].

Тибқи маълумоти дигар амнияти об гуфта, имконияти дастрасии устувори аҳолӣ ба миқдори кофии оби босифат, ки барои таъмини воситаҳои зиндагӣ, некӯаҳволии инсон ва рушди иҷтимоию иқтисодӣ он зарур мебошад фаҳмида мешавад. Ҳамзамон зери ин мафҳум ҳифзи ҷомеа аз заҳролудшавӣ аз обҳои ифлос, офатҳои марбут ба об, муҳити зист, иқлим ва амнияти сиёсӣ фаҳмида мешавад[2].

Мукаммалтарин консепсияи амнияти об ва сатҳи баҳодиҳии он дар «Шарҳи рушди об дар Осиё барои соли 2013» пешниҳод шудааст. Шарҳи мазкур барои баҳодиҳии пешрафт дар роҳи ояндаи таъмини амнияти обӣ барои халқҳои Осиё ва ҳавзаи уқёнуси Ором замина мегузорад. Натиҷаҳо, рейтингҳо ва маълумоти асосӣ, ки шароити мушаххаси кишварҳоро дар баррасӣ инъикос намудаанд, самт ва афзалиятҳои афзоиши сармоягузорӣ, такмили идоракунӣ ва таҳкими иқтидори сохторҳои танзимкунанда ва пешбарандаи муносибатҳои вобаста ба обро нишон медиҳанд. Шарҳ инчунин чаҳорчӯбаро барои таҳлили тамоюлҳо ва таъсири сиёсатҳо ваислоҳот фароҳам меорад, ки онҳоро тавассути ирсоли натиҷаҳои мониторинг ба ҷонибҳои манфиатдори оянда назорат кардан мумкин аст.

Ҳангоми таҳияи чаҳорчӯби таҳлилии ин Шарҳ, як гурӯҳи корӣ бо дастгирии Бонки Осиёии Рушд (БОР) дидгоҳи умумиро оид ба амнияти об омода кардааст, ки тибқи он нишондодҳои асосии таъмини амнияти обӣ пешниҳод гардидааст:

1.Таъмини системаҳои обтаъминкунӣ ва канализатсия дар тамоми ҷамоатҳо;
2. Дастгирии чунин соҳаҳо, аз қабили кишоварзӣ, саноат ва энергетика;
3. Ободонии шаҳру деҳаҳои истиқоматӣ;
4. Барқарор намудани ҳолати экологии дарёҳо ва экосистемаҳо;
5. Бунёди ҷамоатҳои устувор, ки қодиранд ба шароити тағйирёбандаи зиндагӣ мутобиқ шаванд [3].

Консепсияи амнияти об фароумумӣ аст, зеро он ҳадафи асосии идоракунии обро ифода мекунад, ки ба баланд бардоштани сифати зиндагии ҳамагон нигаронида шудааст. Ин консепсияест, ки барои сиёсатмадорон, соҳибкорон, мутахассисони соҳаи об, намояндагони соҳаҳои гуногун ва гурӯҳҳои манфиатдор платформаи муштарак фароҳам меорад. Амнияти об нуқтаи ибтидоии гуфтушунидҳо оид ба масъалаҳои мураккаби тақсимоти захираҳои маҳдуди об дар байни бисёр ниёзҳои рақобатпазир ва аксаран ба ҳам мухолиф мебошад.

Татбиқи консепсияи амнияти об маънои муайян кардани параметрҳои гуногуни он, тарҳрезии ҳадафҳо ва ҷустуҷӯи чораҳои ноил шудан ба ин ҳадафҳоро дорад. Ин як раванди мураккаб буда, марҳилаи муайянро тақозо менамояд.

Асоси таъмини амнияти об аз нишондодҳои зерин иборат мебошад:

1. Таъмини мавҷудияти захираҳои обии кофӣ ва сифати боэътимоди он барои таъмини тамоми фаъолиятҳои иҷтимоию иқтисодӣ бо шароити устувори экологӣ.
2.Коҳиш додани хатарҳои марбут ба об, аз қабили обхезӣ, хушксолӣ ва ифлосшавӣ;
3. Ҳалли низоъҳое, ки метавонанд аз баҳсҳо дар бораи захираҳои обии муштарак ба вуҷуд оянд.

Аз нишондодҳои мазкур бар меояд, ки таъмини амнияти обӣ дар сатҳи сайёра дар ҳолати ғайриқаноатбахш ва номуътадил қарор дошта, ба истиснои давлатҳои алоҳида, дар аксари манотиқи ҷаҳон, на амнияти обӣ, балки хатари обӣ мавҷуд аст.

Тибқи маълумотҳои мавҷуда, захираҳои оби тоза дар сатҳи сайёра нобаробар ҷойгир шудаанд ва ин сабаби асосии маҳдуд шудани дастрасии як қисми аҳолӣ ва гурӯҳҳои муайяни сокинони кураи

замин ба оби тозаи ошомиданӣ мебошад. Тибқи маълумоти мавҷуда, Африка дар ҳолати вазнин қарор дорад, ки дар он танҳо 10% аҳолӣ ба об дастрасии доимӣ доранд. Аврупо дар сатҳи қаноатбахши таъминоти об қарор дорад, ки дар он зиёда аз 95% аҳолӣ барои таъминоти об шароити хуб доранд[4]. Бӯҳрони обӣ ба минтақаи Осиё, ки дар он 50% аҳолии ҷаҳон ва 36% захираҳои об ҷойгир аст таҳдид мекунад. Имрӯзҳо аҳолии 80 кишвар ба оби тозаи ошомиданӣ дастрасӣ надоранд. Сокинони ин кишварҳо ҳамарӯза бо мушкилоти об рӯбарӯ ҳастанд ва норасоии шадиди оби ошомиданиро эҳсос мекунанд. Мушкилоти дигари асосӣ сифати оби ошомиданӣ мебошад. Ҳоло, аз оби бесифат, ҳаёт ва саломатии миллионҳо одамон зери хатар аст. Илова бар ин, мушкилоти мазкур мушкилоти иқтисодӣ эҷод мекунад ва ба некӯаҳволии одамон таъсири манфӣ мерасонад. Бо ин сабаб, дар ҷаҳон ҳар сол зиёда аз 500 миллион нафар одамон ба бемориҳои гуногун гирифтор мешаванд. Далели аз ҳама ташвишовар ин аст, ки ҳамасола аз 10 то 18 миллион нафар одамон бо ин сабаб мефавтанд[4]. Ин рақам аз шумораи аҳолии бисёре аз кишварҳои ҷаҳон зиёдтар аст. Ин маънои онро дорад, ки ҳамасола бо сабаби нарасидан ё истифодаи оби пастсифати нӯшокӣ аҳолии як давлати олам комилан ба ҳалокат мерасад.

Тибқи маълумоти Созмони умумиҷаҳонии тандурустӣ ва Хазинаи кӯдакони Созмони Милали Муттаҳид, ҳамасола тақрибан 1,5 миллион кӯдакони то панҷсола бо сабаби дастрасии комил надоштан ба оби тозаи нӯшокӣ ва масоили дигари вобаста ба он мефавтанд. Ҳамасола кӯдакон бо сабаби бемориҳои вобаста ба истеъмоли оби нӯшокии пастсифат ва санитария 443 миллион рӯзи дарсиро аз даст медиҳанд. 31 фоизи муассисаҳои таълимии сайёра ба оби тоза дастрасӣ надоранд[5].

Вобастагии камбизоатӣ низ ба дастарсӣ ба об тавъам аст: шумораи одамоне, ки дар як рӯз камтар аз $ 1,25 даромад доранд, ба шумораи одамоне, ки ба оби тозаи ошомиданӣ дастрасӣ надоранд, баробар аст[6].

Мувофиқи пешгӯиҳо то соли 2030 тақрибан нисфи аҳолии ҷаҳон аз нарасидани об азият мекашанд ва аз 24 то 700 миллион нафар одамон аз сабаби нарасидани об маҷбур мешаванд манзили зисти худро тарк кунанд[7].

Тибқи иттилои як манбаи дигар, имрӯз беш аз ду миллиард нафар дар ҷаҳон хавфи норасогии обро аз сар мегузаронанд. Тибқи пешгӯии коршиносон, то соли 2050 ин рақам метавонад то панҷ миллиард афзоиш ёбад, ки тақрибан нисфи аҳолии ҷаҳонро ташкил менамояд[8].. Дар ҳисоботи СММ аз соли 1998 дар ин бора нишон дода шуда аст, ки агар дар соли 1950 танҳо 12 кишвар бо шумораи камтар аз 50 миллион аҳолӣ ба норасоии об дучор шуда бошанд, дар соли 1990 аллакай 300 миллион аҳолии 26 кишвар ба ин мушкилот дучор шуда буданд. Дар соли 2021 зиёда аз 2,1 миллиард нафар ба оби тозаи ошомиданӣ, 4,5 миллиард нафар ба хизматрасониҳои асосии санитарӣ дастрасӣ надоштанд[9]. Норасогии об ба 40 фоизи аҳолии сайёра таъсир мерасонад ва 80 фоизи обҳои нӯшокӣ дар муҳити зист бидуни коркарди аввалиндараҷа мемонад. Дар соли 2050 бо мушкилоти обӣ 65 кишвар тахминан бо шумораи умумии 10 миллиард аҳолӣ дучор хоҳанд шуд.

Рақамҳои овардашуда, инъикосгари онанд, ки имрӯз амнияти обӣ дар сатҳи ҷаҳон зери хатар қарор дорад ва яке аз заминаҳои асосии қашоқӣ дар гӯшаҳои гуногуни дунё ва дар пайи он афзудани ҷинояткорию ноамнӣ аз набудани амнияти обӣ вобаста аст.

Давлатҳое, ки аҳолии худро бо миқдори зарурии об, махсусан оби тозаи нӯшокӣ таъмин карда наметавонанд, таъмини амнияти миллӣ низ барои онҳо душвор мегардад. Ин равандро тағйирёбии иқлим, ки таҳдиди бевосита ба захираҳои об мебошад боз ҳам мураккабтар мегардонад.

Масъалаи дигари вобаста ба амнияти обӣ алоқамандии бевоситаи он ба амнияти озӯқаворӣ ва энергетикӣ мебошад.

Дар баробари истифодаи бевосита об инчунин асоси мавҷудияти дигар соҳаҳо ва рушду пешрафти онҳо мебошад. Махсусан, таъминоти озӯқаворӣ бе соҳаи кишоварзӣ ва соҳаи кишоварзӣ бе таъминоти об вуҷуд дошта наметавонанд. Ҳамзамон, дар шароити муосир захираҳои об яке аз сарчашмаҳои асосии истеҳсоли қувваи барқ ба ҳисоб рафта, бунёди неруи сабз ва иқтисоди сабз мебошад.

Бо назардошти ин, масоили об, озӯқа ва энергия ба ҳам пайвандии ногусастанӣ доранд ва таъминоти амнияти озӯқаворию энергетикӣ пеш аз ҳама ба таъминоти амнияти обӣ вобаста аст.

Таъмини амнияти обӣ, озуқаворӣ ва энергетикӣ аз авлавиятҳои асосии сиёсати давлатӣ ва минтақавии тамоми кишварҳои ҷаҳон мебошад. Барои ноил шудан ба ҳар як ҷанбаи амният равишҳои ҳамоҳангшуда ва байнисоҳавӣ оид ба истифодаи захираҳои об, энергетика ва замин ҳам дар дохили кишвар ва ҳам байни кишварҳоро тақозо мекунад. Дар солҳои охир мубоҳисаҳои ҷиддӣ дар бораи аҳамияти дуруст ба назар гирифтани ҳамбастагии зиёди байнисоҳавӣ барои ноил шудан ба амнияти обӣ, озуқаворӣ ва энергетикӣ ва рушди устувор идома доранд. Дарки имкониятҳое, ки дар натиҷаи банақшагирии байнисоҳавӣ ва фаромарзӣ пешниҳод мегарданд, барои ояндаи устувори иқлим низ муҳим аст.

Зери мафҳуми «амният» барои арзёбии мақсадҳои зери назар, дар умум дастрасии воқеии захираҳои об, энергия, озуқаворӣ, дастрасӣ ба манбаи ин захираҳо ва эътимоднокии он бо

назардошти ҷанбаҳои сиёсӣ, ҳуқуқӣ ва техникии марбут ба дастрасӣ ба манбаъ ва арзиши дастрас доштани онҳо фаҳмида мешавад.

Тибқи арзёбии UNECE зери мафҳуми «алоқамандӣ» миёни амнияти об, озуқа ва энергетика, робитаи ногусастани миёни ин соҳаҳо фаҳмида мешавад, ки дар сурати расидани таъсир ба яке аз ин соҳаҳо ҳатман он ба соҳаҳои дигар, инчунин ба экосистемаҳо низ мерасад, ки аз онҳо захираҳои табиӣ ва фаъолияти инсон вобаста аст[10].

Бо дарназардошти таъсири мутақобилаи системаҳои об, энергетика ва озуқаворӣ, равиши «алоқамандӣ» ба баланд бардоштани натиҷаҳои мутақобилан судманд, ҳадди ақалл кам кардани қарорҳои ғайримуқаррарӣ, баланд бардоштани истифодаи оқилонаи захираҳо ва коҳиш додани пайомадҳои манфии иҷтимоӣ ва экологӣ нигаронида шудааст. Ҳамин тариқ, ҳадафи асосии равиши «алоқамандӣ» густариши ҳамгироии байнисоҳавӣ барои беҳтар намудани амнияти об, энергетика ва озуқаворӣ мебошад.

Дар ин раванд об ҳамчун омили муайянкунанда ба ҳисоб рафта, бе он соҳаҳои дигар амал намекунад. Аз ин рӯ, ҳамоҳангсозии байнисоҳавии ҳамаи соҳаҳои истифодабарандагон ва истеъмолкунандагони об ҳамчун яке аз унсурҳои идоракунии маҷмӯии захираҳои об бо таваҷҷуҳи махсус ба устувории экологӣ зарур мебошад.

Натиҷаи тартиби иттилоотикунонӣ унсури нави амнияти миллӣ – амнияти иттилоотӣ мебошад. Солҳои охир рушди бехатари соҳаи иттилоот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамияти махсусро дар равандҳои мураккаб ва муттазоди ҷаҳонишавӣ касб намудааст. Айни замон, аксари муҳимтарин манфиатҳои инсон, ҷомеа ва давлат ба дараҷаи калон бо тавсифҳои миқдорӣ ва сифатии онҳо дар соҳаи иттилоот муайян карда мешавад. Асоснок гуфтан мумкин аст, ки амнияти иттилоотӣ унсури муҳимми амнияти миллӣ буда, ба ҳамаи шаклҳои дигари амният ворид шудааст.

Солҳои охир баҳри таъмини амнияти иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси санадҳои меъёрию ҳуқуқии мавҷуда як қатор усулҳои ташкилӣ ва техникӣ ба роҳ монда шудааст. Ба назари мо барои бозҳам беҳтар ва самаранок ба роҳ мондани нақша чорабиниҳо ҷиҳати таъмини эътимодноки амнияти иттилоотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷрои вазифаҳои зерин саривақтӣ мебошад:

- таҳияи барномаҳо барои таъмини амнияти иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- муайян намудани манбаъҳои дастгирии молиявӣ ва таҳияи тартиби маблағгузорӣ;
- ташкили механизми суғуртаи хатарҳои иттилоотӣ.

Дар консепсияи амнияти иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон гуфта мешавад, ки амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон асосан аз таъмини амнияти иттилоотӣ вобаста аст ва дар рафти рушди техникӣ ин вобастагӣ зиёд шудан мегирад.

Тавре муҳаққиқи муосири рус Г.В. Ивашенко қайд мекунад, пешниҳоди иттилоот чун раванди беназири дороии шартҳои мавҷудият ҳамзамон раванди ҳам мураккаб ва ҳам ихтилофноки озодии субъектҳо чун таҷассуми лаёқати идоракунии шароитҳои хусусии мавҷудият мебошад [4].

Вақте сухан дар бораи амнияти иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қаринаи устувории амнияти миллии мамлакат меравад, бе таҳлили амиқи заминаи ҳуқуқии он таҳқиқоти мо пурра ва мукаммал шуда наметавонад. Бинобар ин, ёдрас менамоем, ки ҳуҷҷати асосӣ оид ба амнияти иттилоотӣ дар мамлакат Консепсияи амнияти иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб рафта, маҷмӯи нуқтаҳои назари расмӣ ба ҳадафҳо, вазифаҳо, принсипҳо ва самтҳои асосии таъмини амнияти иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дарбар мегирад. Амнияти иттилоотӣ риояи ҳуқуқҳои конститутсионӣ ва озодиҳои шаҳрвандонро ҷиҳати гирифтани иттилоот ва истифода аз он, татбиқи технологияҳои ҳозиразамони иттилоотӣ ва ҳимояи захираҳои иттилоотиро таъмин менамояд [5].

Манфиатҳои шахс дар соҳаи иттилоот аз амалӣ намудани ҳуқуқҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд ҷиҳати дастрасӣ ба иттилоот, ба истифодаи иттилоот ба манфиати амалӣ намудани фаъолияти бо қонун манъношуда, инкишофи ҷисмонӣ, маънавӣ ва зеҳнӣ, инчунин аз ҳимояи иттилооти амнияти шахсиро таъминкунанда иборат аст [6].

Манфиатҳои ҷомеа дар соҳаи иттилоот аз таъмини манфиатҳои шахс дар ин соҳа - пойдории демократия, бунёди давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона, комёбӣ ба пуштибонии ризоияти иҷтимоӣ, эҳёи маънавии Тоҷикистон иборат аст.

Манфиатҳои давлат дар соҳаи иттилоот аз фароҳам овардани шароит барои инкишофи мутаносиби инфрасохтори иттилоотӣ иборат аст, ки ба амалӣ намудани ҳуқуқҳо ва озодиҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд дар ба даст овардани иттилоот ва истифодабарии он барои таъмини дахлнопазирии сохти конститутсионӣ, соҳибистиқлолӣ ва тамомияти арзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, пойдории сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, волоияти мутлақи қонун ва ҳуқуқ, рушди ҳамкориҳои байналхалқии баробарҳуқуқ ва манфиатҳои мутақобила равона карда шудааст.

Самтҳои танзимкунанда дар соҳаи амнияти иттилоотӣ:

Қонунгузории Тоҷикистон дар соҳаи амнияти иттилоотӣ дар самтҳои зерин инкишоф меёбад [7]:

Бастубанди маҷмӯи қоидаҳои умумӣ доир ба дастрасӣ ба иттилоот, дар бораи махфият ва ҳимояи иттилоот. Дар ин ҷо санади базавӣ Қонуни ҶТ «Дар бораи иттилоот» ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи иттилоот» мебошанд.

Муайянкунии тартиботи ҳуқуқии шаклҳои алоҳидаи иттилоот:

кодексҳои шаҳрвандӣ ва оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- сирри давлатӣ – Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сирҳои давлатӣ»;
- сирри тиҷоратӣ – Кодекси шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қонуни ҶТ «Дар бораи сирри тиҷоратӣ»;
- сирри касбӣ, тартиботи мурофиаи суд – кодексҳои тартиботи мурофиаи суд ва қонунҳо оид ба шаклҳои дахлдори фаъолият (дар бораи адвокатура, барасмиятдарории ҳуҷҷатҳои нотариалӣ, ҳифзи саломатии шаҳрвандон ва монанди инҳо);

танзими маъмурии фаъолият доир ба ҳимояи иттилоот, аз ҷумла бо гардиши воситаҳои алоқаманди криптографӣ;

- муайян намудани тартиби чорабиниҳои фаврӣ-ҷустуҷӯӣ дар соҳаи иттилоот;

мубориза бо ҷиноятҳо дар соҳаи амнияти иттилоотӣ бо роҳи мустаҳкамкунии таркибҳои мутобиқи ҷиноятҳо дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Ҳамин тариқ, мафҳуми амнияти иттилоотиро чун унсури асосии устувории амнияти миллии мамлакат ва самтҳои илмии он таҳлил намуда, чунин хулосаҳоро баровардан мумкин аст:

- соҳаи иттилоотӣ, чун омили ҳамоҳангсози ҳаёти иҷтимоӣ ва миллӣ, муайян намудани талаботи амнияти иттилоотӣ ва психологии шахс, ҷомеа ва давлат, бозсозии заминаи мавҷудаи ҳуқуқиро талаб мекунад, ки ҳимояи кафолатноки манфиатҳои шахс, ҷомеа ва давлатро дар соҳаи иттилоот таъмин менамояд. Амнияти миллии Тоҷикистон асосан аз амнияти иттилоотии мамлакат вобастагӣ дошта бо сабаби рушди техникӣ, вобастагӣ оҳиста-оҳиста зиёд мегардад;
- нововбаста аз он, ки аксари муҳаққиқон диққати худро ба масъалаҳои амнияти иттилоотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон равона мекунанд, пешравии чашмрас дар самти дарки иҷтимоию фалсафии онҳо ба назар намерасад. Зеро, як қатор ҷанбаҳои методологии масъала ба таври кофӣ коркард нашудаанд, ки ташкили самараноки низоми амнияти иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистонро душвор мекунанд. То ҳол дар илми ватанӣ монографияҳои ба омӯзиши байнифаннии ҷанбаҳои иҷтимоию фалсафӣ, сиёсӣ ва ҷомеашиносӣ бахшидашудаи амнияти итилоотӣ кам ба назар меравад;
- истилоҳи «амнияти иттилоотӣ» дар консепсияи расмии «амнияти иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон» моҳияти васеъ дорад. Ба назари мо, ин бо иттисоли яктарафаи мафҳумҳои «амнияти миллӣ» ва «амнияти иттилоотӣ» вобастагӣ дорад. Низоми то ҳол ташаккулёбандаи амнияти иттилоотӣ дар Тоҷикистон айни замон, лаёқати самаранок ва пайдарҳам нишон додани муқовимат ба таҳдидҳои навро надорад;

Номукаммалии воқеии сохтори идоракунӣ, зиён ба сирри шахс, сирри мукотибот, инчунин ба ҷомеа пешниҳод кардани иттилооти кӯҳнашуда, иттилооти нодуруст ва ё ғаразнок метавонанд чун таҳдид ба давлат ҳисобида шаванд. Таҳия ва қабули қонунҳои миллӣ «Дар бораи асосҳои амнияти иттилоотӣ», «Дар бораи асосҳои амнияти иттилоотию психологӣ» зарур ҳисобида мешавад. Пешрафти Тоҷикистон ба сӯи ҷомеаи иттилоотӣ ҳимояи самараноки манфиатҳои миллиро дар соҳаи иттилоотӣ пайдарҳам ва ба таври амалӣ татбиқ намудани маҷмӯи қоидаҳои Консепсияи амнияти иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистонро пешбинӣ менамояд.

Ғайр аз он, дарёфти ҳалли масъалаҳои актуалии таъмини амнияти иттилоотии обектҳои марбут зарур ҳисобида мешавад. Пеш аз ҳама ин ба захираҳои миллии иттилоотӣ, сохторҳои иттилоотию коммуникатсионӣ, низомҳо ва воситаҳои телекоммуникатсионӣ ва коммуникатсионии барои рушди устувори ҷомеа ва давлат зарур, дахл дорад. Ҳамзамон, баланд бардоштани сатҳи самаранокии фаъолияти ҳамоҳангсозии ташкилот ва идораҳои давлатӣ дар соҳаи амнияти иттилоотӣ зарур аст.

таҳлили масъалаҳои амнияти иттилоотӣ бояд муайян намудани манфиатҳои субъектҳои муносибатҳои иттилоотиро, ки бо истифодабарии системаҳои иттилоотӣ алоқаманд аст, дарбар гирад. Таҳдидро барои амнияти иттилоотӣ танҳо шабакаи мухталифи истифодаи технологияҳои иттилоотӣ меоварад;

- харитасозии манфиатҳои субъектҳои бо истифодабарии технологияҳои иттилоотӣ алоқамандро ба қисматҳои таъмини инфрасохтори дастрасии иттилоотӣ ва дастгирикунанда, томият ва махфият тақсим кардан мумкин аст. Лаҳзаи калидӣ дар шаклҳои гуногуни фаъолият дар соҳаи амнияти иттилоотӣ, ҳимояи самаранок ва ҳамаҷонибаи манфиатҳои иҷтимоӣ, миллӣ ва давлатии субъектҳои муносибатҳои иттилоотӣ мебошад;
- таҳқиқоти амнияти иттилоотӣ чӣ дар сатҳи дохилидавлатӣ, миллию давлатӣ, байнидавлатӣ/минтақавӣ ва чӣ дар сатҳи мақомоти маҳалии ҳокимият гузаронида мешавад. Ғайр аз он дар соҳаи фаъолияти мақомоти давлатии ҳокимияти сиёсӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ, инчунин дар соҳаи амнияти иттилоотии шахс дар назар дошта шудааст;

- сиёсати самараноки давлатӣ дар соҳаи амнияти иттилоотӣ аз ҷиҳатҳои зиёд аз интихоби дурусти бартариҳои таҳқиқотии мушкилотҳои миллӣ, сатҳи байнифаннӣ ва муносибатҳои фалсафӣ барои ҳалли онҳо вобастагӣ дорад.

Дар шароити кунунии фавқулодда барои паҳнкунии интернет, технологияҳои шабакавӣ ва компютерӣ, захираҳои иттилоотии ҷомеаи муосир ба миқдори зиёди хатарҳои бо зарарҳои гуногун ва талафот вобаста, таҳдид ва мушкилоти навро барои амнияти инфрасохтори иттилоотӣ ба миён меоваранд.

Масъалаи танзими соҳаи иттилоот дар рӯзномаи сарварон ва роҳбарони давлатҳо ва созмонҳои байналхалқӣ низ ҷойи марказиро ишғол менамояд. Дар ин робита, Вазири корҳои хориҷии Федератсияи Россия Сергей Лавров дар мусоҳибаи умумисиёсии иҷлосияи 74 Маҷмааи Умумии СММ баромад намуда, дар бораи муҳим будани танзими муҳити рақамӣ қайд намуд, ки «Миёни вазифаҳои муҳимтарини ҷомеаи ҷаҳонӣ коркарди муносибатҳои мақбули ом дар танзими соҳаи рақамӣ, дарки равандҳои бо ташкил намудани «зеҳни сунъӣ» алоқаманд меистанд. Инчунин қайд карда шуд, ки «Бо ташаббуси Россия қатънома оид ба муқобилият ба киберҷиноятҳо қабул карда шуд. Вазир иброз доштанд, ки ҷиҳати расидан ба ҳадафҳои ҳуқуқии шартномаҳои уҳдадоркунанда аз рӯйи ҳамаи ҷанбаҳои амнияти байналхалқии иттилоотӣ ба пеш қадам гузоштан лозим аст» [8].

Қайд кардан муҳим аст, ки ҳанӯз моҳи феврали соли 2011 зери раёсати Пешвои миллат, Раиси Шӯрои технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионии назди Президенти мамлакат аввалин ҷаласа баргузор карда шуд. Дар рафти ҷаласа Президент иброз доштанд, ки имрӯз дар мамлакат ҷораҳои самаранок барои компютеркунонии муассисаҳои таълимӣ, таъмини дастрасии ҷавонон ба интернет, ташкил намудани китобхонаҳои электронӣ ва таълимоти фосилавӣ, шиносонидани насли наврас бо технологияҳои ҳозиразамони иттилоотию коммуникатсионӣ, ташвиқот миёни ҷавонон оид ба омӯзиши илмҳои амиқи муосир, ташкил намудани низоми ягонаи электронии молиявӣ ва гумрук, пардохтҳои ғайринақдӣ, ба таври электронӣ бақайдгирии субъектҳои соҳибкорӣ ва татбиқи чораҳо оид ба созмондиҳии ҳукумати электронӣ, андешида шуда истодаанд [9].

Президенти Белоруссия Александр Лукашенко дар машварати худ аз 31 январи соли 2019 мавзӯи амнияти итилоотиро ба тариқи зайл ба миён гузошта, чунин баён намуданд: «Амнияти иттилоотӣ, «имрӯз дар фаъолияти давлат ба қатори аввал баромадааст. Ҳаргуна ҷангҳои сард ё алалхусус ҷанги гарм ҳеҷ гоҳ бе фишоровари ва муқовимати иттилоотӣ сар намезанад» [1].

Аз ин лиҳоз моро мебояд, ки чолишҳои асосии амнияти иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистонро муайян намоем. Чолишҳои амнияти иттилоотӣ шартан ба дохилӣ ва хориҷӣ ҷудо карда мешаванд. Сараввал он мушкилотеанд, ки ҳокимият метавонад онро дар сурати мавҷуд будани шароитҳои муайян ва иродаи сиёсӣ ба танзим дарорад:

мавҷуд набудани соҳибихтиёрии иттилоотии мамлакат, ки ба таҳдиди ҳадафноки қаллобӣ бо мақсади ба миён овардани вазъияти munоқишавӣ, қаллобӣ бо суйистифода аз ҳолати мавҷуда бобати ба даст овардани ҳадафҳои сиёсӣ, таназзули сатҳи боварии институтсионалӣ барои кам кардани лаёқат ба ҳамкориҳои шаҳрванд ва ниҳодҳои ҷомеавӣ ва давлатӣ;

- мавҷуд набудани ягонагии фазои забонӣ ва парокандагии мавҷудаи мафҳумии фазои бесилсилаи иттилоотӣ. Муҳим он аст, ки ҳамагуна гурӯҳи иҷтимоии ҷомеа ба мафҳумҳои ҳозира дастрасӣ дошта, барои ҷаҳоникунии худ аз имкониятҳо истифода бурда тавонад. Дар ин робита, дастрасии пурра дар муҳити тоҷикзабонҳо зарур ҳисобида мешавад;
- мавҷуд набудани сиёсати ҳамоҳанг ва ҳамрайъӣ дар баҳогӯзории мушкилоти мавҷуда дар соҳаи амнияти иттилоотӣ;
- мавҷуд набудани мақомоти ягона оид ба амнияти иттилоотӣ;
- норасоии дониш ва имкониятҳои техникӣ;
- гузариш ба пахши барномаҳои рақамӣ ва рақобатнопазир будани шабакаҳои телевизионии Тоҷикистон.

Таҳлили чолишҳои дохилӣ нишон медиҳад, ки давлат бояд тамоюлҳои рушди соҳаи иттилоотии ҷаҳониро ба хубӣ дарк карда, таҳдидҳо ва хатарҳои эҳтимолиро пешбинӣ кунад. Ҳамзамон, барои андешидани чораҳои иловагӣ, ки на танҳо таҳдидҳоро сари вақт муайян кунанд, балки ба онҳо фаъолона посух диҳанд, вазифаи ҳар як давлати муосир мебошад.

Мушкилиҳои хориҷии аввалиндараҷа инҳоянд:

- ҳуҷумҳои иттилоотӣ, ки ба воситаи ҳамаи шабакаҳои пахшкунӣ намоиш дода мешаванд ва дар қаламрави Тоҷикистон дастрасанд. Аксаран ин ҳуҷумҳо бо худ мубориза иттилоотии бозингарони калони геосиёсиро мемонанд, ки барои таъсиррасонӣ мубориза мебаранд ва ҳамаи техникаҳои иттилоотии қаллобиро истифода мебаранд, то ба тағйир додани тасвири олам дар афкори бинандагони тоҷик ноил гарданд;
- ҷанги иттилоотии гурӯҳҳои иртиҷоии гуногуни динӣ дар шабакаҳои иҷтимоӣ;

баландравии киберҷиноят ва хислати ҷаҳонии он. Муҳаққиқон инкишофи ин намуди таҳдидро пешгӯйӣ мекунанд, бо сабаби он ки технологияҳо доимо такмил мeёбанд ва дастрас мегарданд,

муштариёни шабакаҳои ҷаҳонӣ тағйир меёбанд. Имрӯз киберфазо саҳнаи аз ҳама муҳимми амалиётҳои ҷангӣ мебошад, ки дар доираи он ҳоло механизмҳои самараноки боздоштани таҳдидҳо вуҷуд надоранд.

Вобаста ба ҳолатҳои дар боло зикршуда мо тавсияҳоро пешниҳод мекунем, ки бештар ба ҳимояи фазои иттилоотӣ, таъмини сиёсати давлатӣ ва манфиатҳои миллии Тоҷикистон равона карда шудааст.

Барои расидан ба ин ҳадафҳо ба сохторҳо қабули қарори сатҳи боло зарур аст:

сиёсати давлатиеро оид ба амнияти иттилоотӣ ташаккул диҳанд, ки имконияти ҳалли масъалаи инъикоси айнан якхелаи таҷовузи иттилоотию психологиро ҳал карда тавонанд;

- соҳаи ҳуқуқи иттилоотиро инкишоф диҳанд;
- коркарди маҷмӯи чораҳо дар соҳаи ташаккули фазои иттилоотии тоҷик ва ҳамгироии он ба фазои медиявии ҷаҳонӣ ба воситаи инкишофи низоми ахбори омма;
- аз тарафи давлат дастгирӣ ёфтани фаъолияти агентиҳои иттилоотии тоҷик дар пешниҳоди маҳсулоти онҳо ба бозорҳои хориҷӣ;
- афзоиш додани фаъолияти бартарафсозии оқибатҳои манфии паҳнкунии хабарҳои бардурӯғ доир ба сиёсати дохилии Тоҷикистон тавассути паҳн кардани иттилооти воқеӣ (объективӣ)-и мутавозин;
- моделҳои ахбори оммаи худро созмон диҳанд ва рақобатпазирии онҳоро афзоиш диҳанд;
- тезонидани ташаккули захираҳои кушоди давлатии иттилоотӣ, баланд бардоштани самаранокии истифодабарии онҳо;
- баланд бардоштани сатҳи салоҳиятнокии шахсони масъулро барои амнияти иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати дарки мулоҳиза оид ба он, ки муҳити хубамалкунандаи амнияти иттилоотӣ ба алоқаи мутақобила байни ҷомеа ва Ҳукумат мусоидат мекунад ва замина барои устувории сиёсӣ, баланд бардоштани рақобатнокии мамлакат дар ҷаҳон гузошта метавонад, ки ба тасҳеҳи саривақтии ҳадафҳо ё гузоштани вазифаҳои тамоман нав оварад.

Таъмини амнияти шаҳрвандон яке аз вазифаҳои асосии давлат мебошад. Рушди босубот ва ҳастии Ҷумҳурии Тоҷикистон чун давлати соҳибихтиёр бе таъмини амнияти миллии он ғайриимкон мебошад. Ягон қувваи дигари иҷтимоӣ ин вазифаҳоро иҷро карда наметавонад. Бинобар ин, барои давлат ингуна нақш зарур мебошад.

Ҳамин тариқ, амнияти иттилоотӣ ҳамчун омили муҳимми пойдории амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистонро таҳлил намуда, мо ба чунин хулосаҳо расидем.

- баробари рушди иттилоотонӣ ва ҷаҳонишавӣ нақши амнияти иттилоотии шахс, ҷомеа, давлат меафзояд ва таъмини он бояд дар сиёсати давлат мавқеи сазоворро касб намояд;
- пешбурди корҳои маърифатию фаҳмондадиҳӣ оид ба масъалаҳои таҳдид ба амнияти иттилоотӣ, терроризм, экстремизм ва киберамният, хусусан дар муҳити равонии техникӣ бо ҷалби мутахассисон – муҳаққиқони ватанӣ зарур аст;
- иттилоот яке аз омилҳои қавии расонидан ба садамаҳои калонҳаҷм, низоъҳои ҳарбӣ ва вайрон кардани идораи давлат табдил ёфтааст. Чӣ қадаре ки сатҳи зеҳнигардонӣ ва иттилоотонии ҷомеа боло равад, ҳамон қадар амнияти иттилоотии он эътимоднок мегардад. Аз ин рӯ, ба Тоҷикистон зарур аст, ки ба амнияти миллии худ диққати махсус зоҳир намояд, зеро ки он асоси муайян намудани самтҳои муҳимтарин ва унсурҳои сиёсати давлатии мамлакат, манфиатҳои ҳаётан муҳимми шахс, ҷомеа ва давлат мебошад;

Ҷумҳурии Тоҷикистонро зарур аст, ки дар доираи санадҳои меъёрию ҳуқуқии мамлакат барои бартараф намудани мушкилиҳои мавҷуда талош варзад. Зеро мушкилиҳои ҷойдошта дар самти ташаккули низоми амнияти иттилоотии мамлакат монеаҳое мебошанд, ки садди роҳи рушди бомароми соҳа мегарданд.

**АДАБИЁТ**


1. Послание Президента Республики Таджикистан Маджлиси Оли РТ. -Душанбе. [Манбаи электронӣ]. URL: http://www.president.tj/node/10842012. (санаи муроҷиат 29.09.2019).
2. Lasswell, H. D. The Structure and Function of Communication in Society // The Communication of Ideas / Ed.: L. Bryson. – N.Y.: Harper and Brothers, 1948/ P. 37–51.
3. Молчановский, В.Ф. Безопасность как атрибут социальной системы. [Текст] / В.Ф. Молчановский. // Социально-политические аспекты государственной безопасности в современных условиях. М.: Граница,1994. - С. 43.
4. Марков, А.А. Некоторые аспекты информационной безопасности в контексте национальной безопасности. [Текст] / А.А. Марков. Вестник СПбГУ. Сер. 12.2011. вып.1. С.45.

5. Указ Президента Республики Таджикистан от 5 ноября 2003 г. № 1174 «О Государственной стратегии «Информационно-коммуникационные технологии для развития Республики Таджикистан» // [Манбаи электронӣ]. URL: http://cis.rudn.ru/doc/255. (санаи муроҷиат 04.09.2019).

6. Bynum, T. Ethical Challenges to Citizens of the Automatic Age: Norbert Wiener on the Information Society // Journal of Information, Communication and Ethics in Society. – 2004. – № 2 (2).

7. Обзор законодательства Республики Таджикистан в сфере информационной безопасности. Digitalreport-06.12.2017. Доктрина информационной безопасности Таджикистан. [Манбаи электронӣ]. URL: https://digital.report/zakonodatelstvo-tadzhikistana-v-sfere-informatsionno-bezopasnosti. (санаи муроҷиат 08.09.2019).

8. Лавров, С.В. С трибуны ГА ООН подчеркнул необходимость выполнить минские договоренности. Информационное агентство ТАСС. С.В. Лавров. [Манбаи электронӣ]. URL:https://tass.ru/politika/6939431. (санаи муроҷиат 10.10.2019).

9. Заседание Совета информационных и коммуникационных технологий при Президенте Таджикистана. [Манбаи электронӣ ]. URL: http://president.tj/ru/node/1365. (санаи муроҷиат 13.10.2019).

10. Лукашенко, А. озвучил инициативы по усилению информационной безопасности. А. Лукашенко [Манбаи электронӣ]. URL:https://rg.ru/2019/01/31/lukashenko-ozvuchil-iniciativy-po-usileniiu-informacionnoj-bezopasnosti.html (санаи муроҷиат: 09.01.2020)

## АМНИЯТИ ИТТИЛООТӢ ҲАМЧУН ОМИЛИ МУҲИММИ ПОЙДОРИИ АМНИЯТИ МИЛЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

*Муаллиф дар мақола самтҳои асосии инкишофи ҷомеа ва хусусан масъалаи амнияти иттилоотӣ ва технологияҳои итилоотӣ дар низоми амнияти миллии мамлакатро таҳлил намудааст.*

*Дар мақола, вобаста ба ҳолати кунунии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон аксаран бо натиҷаҳои раванди иттилоотонӣ ва рушди назаррас дар соҳаи воридоти технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ, омодасозии кадрҳои баландихтисоси ин соҳа, мунтазам баланд бардоштани сатҳи дониш ва малакаи хизматчиёни давлатӣ ва ғайра андешаронӣ карда мешавад.*

*Бояд гуфт, ки Президенти мамлакат дар Паёми худ ба Маҷлиси Олӣ моҳи апрели соли 2012 аз кишварҳое, ки дар татбиқи технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ ва рушди ҳукумати электронӣ ба пешравиҳои назаррас ноил гардидаанд ёдовар шуда, дар ин робита иброз намуданд, ки бо ин восита имкони ба таври электронӣ сари вақт ва босифат расонидани номгӯи зиёди хизматрасониҳои давлатӣ ба шаҳрвандон ва тадриҷан аз байн бурдани зуҳуроти номатлубе чун бюрократия ва коррупсия ҷой дорад. Ҳамзамон, таъкид намуданд, ки муносибати мутақобилаи ҷомеа бо сохторҳои давлатӣ таҳким меёбад, ки ин яке аз рукнҳои муҳимми ҷомеаи шаҳрвандӣ ба шумор меравад.*

*Ба андешаи муаллиф, масъалаи таъмини амнияти иттилоотӣ дар шароити нав дарки илмӣ, таҳлили сиёсии мушкилотҳои бо таъмини амнияти иттилоотӣ вобастабударо, чун таркибдиҳандаи асосии амнияти байналхалқӣ, минтақавӣ ва миллӣ талаб мекунад.*

***Калидвожаҳо:*** *амнияти иттилоотӣ, технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ, амнияти миллӣ, интернет, чолишҳо, шабакаҳои иҷтимоӣ.*

## ИНФОРМАЦИОННАЯ БЕЗОПАСНОСТЬ КАК ЭЛЕМЕНТ УСТОЙЧИВОСТИ НАЦИОНАЛЬНОЙ БЕЗОПАСНОСТИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

*В статье автор анализирует основные направления развития общества, в частности вопрос информационной безопасности и информационных технологий в системе национальной безопасности страны.*

*В статье рассматривается текущее состояние национальной безопасности Республики Таджикистан с результатами процесса информатизации и значительного развития в области информационно-коммуникационных технологий, подготовка высококвалифицированных кадров в этой сфере, постоянное совершенствование знаний и навыков государственных служащих.*

*Следует отметить, что в своем Послании к Маджлиси Оли в апреле 2012 года Президент страны упомянул страны, которые добились значительного прогресса во внедрении информационно-коммуникационных технологий и развитии электронного правительства, и в этой связи сказал:*

*Это позволит своевременно и качественно донести до граждан множество наименований государственных услуг, постепенно искоренить такие нежелательные явления, как бюрократия и коррупция. В то же время будут укрепляться отношения между обществом и государственными структурами, что является одной из важных основ гражданского общества.*

*По мнению автора, вопрос информационной безопасности в новом контексте требует научного осмысления, политического анализа вопросов, связанных с информационной*

*безопасностью, как ключевой составляющей международной, региональной и национальной безопасности.*
***Ключевые слова:*** *информационная безопасность, информационно-коммуникационные технологии, национальная безопасность, интернет, вызовы, социальные сети.*

## INFORMATION SECURITY AS AN ELEMENT OF SUSTAINABILITY OF THE NATIONAL SECURITY OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

*In the article, the author analyzes the main directions of the development of society, in particular, the issue of information security and information technology in the country's national security system.*

*The article examines the current state of national security of the Republic of Tajikistan with the results of the informatization process and significant development in the field of information and communication technologies, the preparing of highly qualified personnel in this area, the continuous improvement of the knowledge and skills of civil servants.*

*It should be noted that in his address to the Majlisi Oli in April 2012, the President of the country mentioned the countries that have made significant progress in the implementation of information and communication technologies and the development of e-government, and in this regard said:*

*This will make it possible to timely and efficiently convey to citizens a variety of names of public services, gradually eradicate such undesirable phenomena as bureaucracy and corruption. At the same time, relations between society and state structures will be strengthened, which is one of the important foundations of civil society.*

*According to the author, the issue of information security in a new context requires scientific understanding, political analysis of issues related to information security, as a key component of international, regional and national security.*
***Keywords:*** *information security, information and communication technologies, national security, internet, challenges, social networks.*
***Маълумот дар бораи муаллиф:***

***Қаландаров Фирдавсҷон*** *– Унвонҷӯи кафедраи муносибатҳои байналхалқии ДМТ. Суроға 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони. Рӯдакӣ, 17. Тел: (+992) 904014244, E-mail: kalandarov-94@list.ru*

***Сведения об авторе:***

***Каландаров Фирдавсджон Шоназарович*** *–соискатель кафедры международных отношений Таджикского национального университета, Тел.: (+992) 904014244, E-mail: kalandarov-94@list.ru*

***About the author:***

***Kalandarov Firdavsjon Shonazarovich*** *– applicant of the Department of International Relations of Tajik National University,Tel.: (+992) 904014244, E-mail: kalandarov-94@list.ru*

## ЗАМИНАҲОИ СИЁСИИ ТАЪРИХИИ ТАЪСИСЁБИИ ҚУШУНҲОИ САРҲАДИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

***Исроилов И. И.***

*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ*

Дар давраи соҳибистиқлолии кишвар Ҷумҳурии Тоҷикистон тавонист як қатор муваффақиятҳои назаррасро дар соҳаҳои мухталиф ба даст оварад. Таъмини амният, ки муфидтарин ва асоситарин комёбӣ ба ҳисоб меравад, тамоми имконият истифода бурда шуд, ки ин ганҷинаи нодир ба даст оварда шуда, сулҳу рифоҳ ва осоишу оромӣ дар саросари кишвар ҳукмфармо гардад. Нақш ва ҷойгоҳи Қушунҳои сарҳадӣ дар робита ба ин шоёни таҳсин ва ситоиш буда, нақши калидиро иҷро мекард.

Таъмини амнияти миллӣ ва ҳифзи сарҳадоти давлатӣ дар ҷаҳони муосир яке аз вазифаҳои асосӣ ҳар як давлату миллат мебошад. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯзҳои нахустини соҳиб гардидан ба истиқлолияти давлатӣ ҳифзи сарҳадоти давлатиро яке аз нишонаҳои асосии истиқлолияти давлатӣ дониста, дар таъмини амният ва ҳифзи он тамоми чораҳои заруриро роҳандозӣ намуд.[1]

Қайд кардан бамавридаст, ки баъди пош хӯрдани Иттиҳоди Шуравӣ Ҷумҳурии Тоҷикистонро фазои нооромии сиёсӣ фаро гирифт. Дар мамлакат ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ ба амал омад. Дар фосилаи солҳои 1992-1997 таъмини амнияти миллӣ ва ҳифзи сарҳадоти давлатӣ дучори хатар

гардиданд. Аз охирҳои соли 1992 сар карда, иншоотҳои техникии дар сарҳадбуда шикаста ва вайрону валангор карда мешуданд. Ҳимояи баъзе қитъаҳои ҷудогонаи сарҳад беш аз пеш душвор мегардид. Шумораи вайронкунандагони хати сарҳад торафт зиёд мешуд. Ин ҳолат Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон водор намуд, ки ҳарчи зудтар назоратро дар сарҳад мустаҳкамтар намояд. Бо ин мақсад тибқи қарори Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №981 18 декабри соли 1992 дар назди Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби аъзоёни ҷабҳаи халқӣ иборат аз 1200 нафар бригадаи таъиноти махсуси марзбонон таъсис дода шуд. Сохтори ин бригада тибқи фармони раиси Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон полковник Сайдамир Зухуров дар шаҳри Душанбе тасдиқ карда шуд. Аввалин қумандони бригадаи мазкур сардори шуъбаи контразведкаи Раёсати Кумитаи амнияти миллии ҷумҳурӣ дар вилояти Кӯлоб полковник Сайфуллоев Сафаралӣ таъин гардид. Ҳамзамон ҷиҳати ҳифзи сарҳадоти ҷумҳурӣ дар ноҳияҳои сарҳадии мамлакат гурӯҳҳои зудамали бригада дар ноҳияҳои Шаҳритус, Ҷайҳун, Панҷ, Фархор, Шамсудини Шоҳин сафарбар карда шуданд. Ҳайати шахсии гурӯҳҳои зудамал бо лавозимотҳои ҷангӣ силоҳҳои автомат, пулемёт, грантамёт, зенитий, АГС-17, 12-адад танк, 28 БТР-80 (мошини зиреҳпӯш), 12 БМП (мошини ҷангии пиёдагардҳо) мусаллаҳ буданд. Дар тавозуни бригада ва гурӯҳҳои зудамал 5-адад мошинаҳои алоқа, 10-адад мошинаҳои кашонидани сӯзишворӣ, 16-адад мошинаҳои ГАЗ-66 буд. [2]

28-уми декабри соли 1992 Президиуми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон фармони таъсиси Раёсати ҳифзи сарҳади давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар сохтори Кумитаи давлатии амнияти миллӣ ба тасвиб расонид. Бригадаи таъиноти махсус ба сохтори раёсат ворид карда шуд. 30-майи соли 1994 дар пояи Раёсати ҳифзи сарҳади ҷумҳурӣ Сарраёсати Қушунҳои сарҳадӣ дар ҳайати Вазорати амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуд. Дар асоси тадбирҳои муайяншуда барои пурра ва мукаммал намудани ҷузъу томҳои сарҳадӣ аз сохтори Қувваҳои мусаллаҳи ҷумҳурӣ 2000 воҳиди хизматӣ аз он ҷумла 228 афсар, 80 прапоршик ва 1692 сарбоз ҷудо карда шуд. Ҳамзамон аз полкҳои Вазорати корҳои дохилӣ низ 3893 хизматчиёни ҳарбӣ ба ҷадвали штатии қушунҳои сарҳадӣ ворид карда шуданд. [3]

Дар давраҳои минбаъда низ сохтори Қушунҳои сарҳади батадриҷ такмил ёфта, сафи аскарону афсарони ин ниҳод аз ҳисоби афсарони корозмуда ва таҷрибадор ба маротиб зиёд гардид. Ҳангоми ба Сарраёсат табдил ёфтани Раёсати қушунҳои сарҳадӣ дар тобеъяти он ду отряди сарҳадӣ, як полки таъҷилии ноҳияи Ҷайҳун, отряди сарҳадии Шаҳритус, комендатураҳои ноҳияҳои Дарвоз ва Рӯшон қарор доштанд. Ғайр аз ин, барои ташкили ротаҳои махсуси алоқа, бинокорӣ, нақлиётӣ иҷозат гирифта шуд. Ҳамзамон нуқтаи сарҳадии гузаргоҳӣ «Хуҷанд», Маркази таълимии тайёр кардани мутахассисони хурди низомӣ, пойгоҳи таъминоти амвол, дастаи «Фалак», ки қаблан ҳам дар таркиби лашкариёни марзбон амал мекарданд, дар сохтори нави Сарраёсат боқӣ монданд.

Моҳи майи соли 1997 лоиҳаи сохтори кумита ва низомномаи он ба Ҳукумати ҷумҳурӣ пешниҳод карда шуд. Дар асоси ҳуҷҷатҳои пешниҳодшуда сохтори кумита боз ҳам тақвият ёфта, чандин ҷузъу томҳои нав дар ҳайати он таъсис ёфт. Аз ҷумла, дар шаҳри Хуҷанд ва ноҳияҳои Нову Бӯстон комендатураи сарҳадӣ ва постгоҳҳои назорати сарҳадӣ ба фаъолият сар карданд. Ба замми ин, аз системаи комендатурие, ки идораи якчанд минтақаро ӯҳда карда наметавонист даст кашида, низоми бригадавӣ ҷорӣ карда шуд. Ба ҳамин хотир дар вилояти Хатлон ташкили 4 отряди сарҳадӣ дар сохтор пешбарӣ шуд. Дар ноҳияҳои Фархору Панҷ ва Ҷиликӯлу Турсунзода аллакай комендатураҳои нав фаъолият ба фаъолият шурӯъ карданд. Дар худи кумита бошад, якчанд таркибҳои нави сохторӣ ба монанди Раёсати ҳуқуқ ва муносибатҳои байналхалқӣ, Хадамоти иттилоотӣ, Раёсати иктишофӣ, Маркази ахбор ва чанд воҳиди дигар ба кор сар карданд. Лоиҳаи ба Ҳукумати ҷумҳурӣ пешниҳод гардида бо қарори ҳукумати ҷумҳурӣ таҳти рақами № 346-9 аз 5.08. с.1997 тасдиқ ва шумораи сарҳадбонон зиёд карда шуд. Расман баъди қарори Ҳукумат подполковник Эмомов Р. фармондеҳи отряди 1-ӯм (дар ҳайати ду комендатура), фармондеҳи отряди 2-ӯм подполковник Шамолов С. (дар ҳайати се комендатура), фармондеҳи отряди 3-юми сарҳадӣ полковник Чолов Қ. (иборат аз ду комендатура), фармондеҳи ливои 4-ӯм подполковник Раҷабов Б. - комендатураи алоҳидаи сарҳадии Дарвоз ва Рӯшон, фармондеҳон Комилов Б.(полковник) ва Холбашев Х. сардори комендатураи сарҳадии ноҳияи Турсунзода, полковник Саидов С. ва полковник Ҳомидов Ҳ.Р. - сардори камендатураи сарҳадии Хуҷанд таъин гаштанд. Генерал-майор Рогов А.И. ба сифати сардори ситоди лашкарони сарҳадии ҷумҳурӣ аз тарафи Ҳукумати ҷумҳурӣ таъин карда шуд. Ҳамзамон пешниҳод оиди дар шаҳри Душанбе барпо намудани бемористони низомӣ ва дар аэропорти пойтахт таъсис додани шуъбаи назоратии сарҳадӣ ҳалли худро ёфтанд. [4]

Таълиму тарбия ҳарбии афсарони Қушунҳои сарҳадӣ дар баробари дигар масъалаҳои мубрами ин ниҳод яке аз масъалаҳои муҳим ва рӯзмара ба шумор меравад. Бо ин мақсад моҳи декабри соли 1997 бо ташаббуси Ҳукумати ҷумҳруӣ ва роҳбарияти Кумита курсҳои кӯтоҳмуддат таъсис ёфтанд. Курсҳои кутоҳмудат аз моҳи декабри соли 1997 то моҳи апрели соли 2001 идома ёфта, дар ин давра

якчанд гурӯҳи афсарони хурд дар мудати шаш моҳ таълиму тарбияи ҳарбӣ гирифта ба қушунҳои марзӣ сафарбар шуданд.

15 сентябри соли 2001 бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон таҳти №216 бори аввал дар мамлакат «Омӯзишгоҳи олии сарҳадӣ» ташкил карда шуд. Омӯзишгоҳи мазкур дар ноҳияи Ҳисор мавқеъ гирифта, ҳадафи асосиаш ин омода намудани афсарони соҳибмаҳорат барои қушунҳои сарҳадӣ буд. Донишҷӯён баъди аз чорсоли таҳсил дар ин и омӯзишгоҳ соҳиби маълумоти соҳавӣ ва ҳуқуқшиносӣ гардида, бо рутбаи лейтенант ба дифои марзи ҷумҳурӣ ба хидмат мерафтанд. Дар баробари ин дар тӯли солҳои 1993-2002 таҳти сиёсати сулҳпарварони Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, президенти Ҷумҳурии Тоҷикстон Эмомалӣ Раҳмон ба хотири мустаҳкам нигоҳ доштани сарҳадоти мамлакат бунёди як қатор биноҳои маъмурӣ, комендатураҳо, постгоҳҳои марзӣ ва дигар нуқтаҳои назорати сарҳадӣ роҳандозӣ гардид. Соли 1999 дар пойтахти ҷумҳурӣ шаҳри Душанбе бемористони ҳарбии бо технологияи замонавӣ ҷиҳозонидашуда бунёд ва мариди баҳрабардорӣ қарор гирифт. Соли 2000-ум шуъбаҳои он дар вилоятҳои Суғду ва Хатлон баҳри ҳифзи саломатии афсарону сарбозон ба кор шурӯъ карданд.[5]

Ҳамкори бо созмону ташкилотҳои хориҷӣ яке аз самтҳои асосии фаъолияти Қушунҳои сарҳадии мамлакат мебошад. Бори аввал соли 1994 Қушунҳои сарҳадии мамлакат ба узвияти Шӯрои фармондеҳони сарҳадбонҳои Давлатҳои муштаракулманофеъ қабул карда шуд. Намояндагони ин мақомот 47 маротиба дар машваратҳои ин Шӯро, ки дар давлатҳои Аврупо ва Осиёи Марказӣ баргузор гардиданд иштирок ва суханронӣ намуданд. Солҳои 1996, 1999, 2002 ҷаласаҳои ин Шӯро дар пойтахти мамлакат шаҳри Душанбе баргузор гардиданд. Дар баробари ин ҳамкориҳои Кумитаи бо сафорати Ҷумҳурии мардумии Чин дар сатҳи хеле хуб роҳандозӣ гардидаанд. Соли 1999-ум барои бемористони кумита аз давлати Чин ба маблағи 120 ҳазор доллари ИМА таҷҳизоти тиббӣ, ҳамчун ёрдами бошарадӯстона, оварда шуд, ки он ба ҳифзи саломатии афсарону сарбозон гузошта шудаанд. Чунин кӯмаки башарадӯстона аз ҷониби сафоратхонаи Чин ба КҲСД назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон низ тирамоҳи соли 2001 расонида шуд.

Ҳамкориҳои дуҷониба кумита дар баробари Ҷумҳурии мардумии Чин инчунин бо дигар давлатҳо аз ҷумла, бо ШМА хеле хуб роҳандозӣ гардидааст. ШМА бо мақсади истеҳком бахшидани марзи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо марзи Ҷумҳурии Исломиии Афғонистон соли 2001 як барномаи мушаххаси кӯмакҳои моддӣ ва маънавиро пешниҳод карданд. Тибқи он нақшаи бо техника ва технологияи ҳозиразамон ҷиҳозонидани КҲСД назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон кашида шуд ва ба ин мақсад 7,9 млн. доллари амрикоӣ ҷудо карданд, ки давра ба давра амалӣ шуд. Солҳои 1999-2001 кормандони КҲСД назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сатҳи кормандони роҳбарикунанда ва дараҷаи раёсату фармондеҳон бо намояндагони сарҳадии Ӯзбекистону Қирғизистон зиёда аз 120 воҳӯриҳо гузарониданд. Чунин як вохӯрӣ соли 2001 бо намояндаи сарҳадбонон ва волиҳои вулусволиҳои вилояти Дарвоз ва Бадахшони Афғонистон дар отряди сарҳадии Дарвози Вилояти Кӯҳистони Бадахшон гузаронида шуд. Он вақт намояндагии афғонҳо 64 идораҳои давлатии исломии Афғонистонро дар бар мегирифт. Аз ҷониби мо намояндаи Вазорати амнияти ҷумҳурӣ ва гурӯҳи Хадамоти федералии Русия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ иштирок доштанд. Тарафайн як суратҷаласаи муҳими таърихиро ба имзо расониданд. Тибқи ин суратҷаласа тарафи Афғонистон дар ду ҷода кафолати пурсамари ҳамкориҳоро ба ӯҳда гирифта буд. Мувофиқи банди аввали суратҷаласа сарҳадбонон ва волиҳои вулусволиҳо кафолат доданд, ки пеши роҳи қочоқи маводи мухаддирро мегиранд. Ҳамин тавр, кумитаи мазкур бо мақсади ҳифзи сарҳадоти ҷумҳурӣ аз ҳамагуна амалҳои ҷиноӣ ҳамкории худро бо давлатҳо ва созмонҳои минтақавию байналмилалӣ дар шароити хеле хуб ба роҳ мондааст.[6]

Дар маҷмӯъ метавон гуфт, ки таъсиси Қушунҳои сарҳадии ҷумҳурӣ ба даврони истиқлолияти давлатӣ рост омада, дар таъмини амнияти миллӣ ва ҳифзи сарҳади ҷумҳурӣ нақши беназир дорад.

**Рӯйхати адабиёт:**


1. Бойгонии ҷории Вазорати мудофиаии Ҷумҳурии Тоҷикисатон. Ҳисоботҳои 1993-2013.
2. Суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бахшида ба 25-солагии таъсисиёбии Қушунҳои сарҳадӣ / Ҷумҳурият, 2019.
3. Абдурашитов Ф. М. Таърихи ҳарбӣ.-Душанбе, 2016, С. 140.
4. Абдурашитов Ф. М. Фаъолияти сохторҳои қудратӣ ва низоми ҳуқуқии Тоҷикистон дар охири асри ХХ- ва аввали асри ХХ1.-Душанбе, 2021. С. 48.
5. Ҷонибек А. Анушервон А. Марз ва марзбандӣ. -Душанбе, 2017. С.40.
6. Набиева Р. А., Зикриёев Ф. Б., Зикриёева М. Ф. Таърихи халқи тоҷик.-Душанбе, 2008, С. 188.
7. Ёдошти сарҳадбонон. Душанбе «Нашри мубориз» 2021. С.60.
8. Марзбон: «маҷалаи ҳарбию ватанпарастии сарраёсати қушунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон №2 майи соли 2019. С.46.
9. Марз ҷабҳаи садоқат. Душанбе, «Ганҷи нашриёт», 2019. С. 320.

## ЗАМИНАҲОИ СИЁСИИ ТАЪРИХИИ ТАЪСИСЁБИИ ҚУШУНҲОИ *САРҲАДИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН*

*Дар мақолаи мазкур сухан перомуни таъсиси Қушунҳои сарҳадӣ меравад. Муҳаққиқ қайд менамояд, ки дар ибтидои солҳои соҳибистиқлолии ҷумҳуририро як фазои нооромии сиёсӣ фаро гирифта буд. Дар мамлакат ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ ба амал омад. Дар фосилаи солҳои 1992-1997 таъмини амнияти миллӣ ва ҳифзи сарҳадоти давлатӣ дучори хатар гардид . Ин ҳолат Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон водор намуд, ки ҳарчи зудтар назоратро дар сарҳад мустаҳкамтар намояд. Бо ин мақсад тибқи қарори Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №981 18 декабри соли 1992 дар назди Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби аъзоёни ҷабҳаи халқӣ иборат аз 1200 нафар бригадаи таъиноти махсуси марзбонон таъсис дода шуд.*

***Вожаномаҳо:*** *Қушунҳои сарҳадӣ, Истиқлолият, мудофиа, Кумита, фармондеҳ, пойгоҳи низомӣ, бригадаи таъминоти махсус, марзбон, афсар.*

## ИСТОРИЧЕСКАЯ ПОЛИТИЧЕСКАЯ ОСНОВА СТАНОВЛЕНИЯ СИЛ ГРАНИЦА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

*В этой статье рассказывается о создании пограничных войск. исследователь отмечает, что в начале лет независимости страна находилась в состоянии политических потрясений. В стране разразилась навязанная гражданская война. В период с 1992 по 1997 год национальная безопасность и охрана государственных границ находились под угрозой. Эта ситуация побудила Правительство Республики Таджикистан как можно скорее усилить контроль на границе. С этой целью в соответствии с решением Верховного Совета Республики Таджикистан №981 от 18 декабря 1992 года при Государственном комитете национальной безопасности Республики Таджикистан из членов Народного фронта была сформирована бригада 1200 специальных пограничников.*

***Ключевые слова :*** *пограничные войска, независимость, оборона, комитет, командование, военная база, бригада специальной поддержки, пограничная охрана, офицер.*

## HISTORICAL POLITICAL BASIS FOR FORCE FORMATION BORDER OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

*This article talks about the creation of the Border Troops. the researcher notes that at the beginning of the years of independence, the country was in a state of political turmoil. An imposed civil war broke out in the country. From 1992 to 1997, national security and the protection of state borders were under threat. This situation prompted the Government of the Republic of Tajikistan to strengthen control at the border as soon as possible. This situation prompted the Government of the Republic of Tajikistan to strengthen border controls as soon as possible. For this purpose, in accordance with the decision of the Supreme Council of the Republic of Tajikistan No. 981 of December 18, 1992, a brigade of 1200 special border guards was formed from the members of the Popular Front under the State Committee for National Security of the Republic of Tajikistan.*

***Key words:*** *border troops, independence, defense, committee, command, military base, special support brigade, border guard, officer.*

***Маълумот дар бораи муаллиф:***

***Исроилов Исмоил Исроилович-*** *унвонҷӯи кафедраи сиёсатшиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ. Тел. 901 61 66 55*

***Сведение об авторе:***

***Исроилов Исмоил Исроилович - с****оискатель кафедры политологии Таджикского государственного педагогического университета им. С.Айни, Тел.: +992 901 61 66 55*

***About the author:***

***Isroilov Ismoil Isroilovichм*** *- applicant of the Department of Political Science of Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni, Tel.: +992 901 61 66 55*

## ХУСУСИЯТҲОИ ДАВЛАТҲОИ МИЛЛӢ ДАР ШАРОИТИ МУОСИР

**Қараев Н. Н.**
*Донишгоҳи давлатии Данғара*

Давлат шакли муайяни ташкили сиёсии ҷомеа аст, ки аломатҳои асосии он мавҷудияти аҳолӣ, ҳокимият ва ҳудуд ба ҳисоб меравад. Оид ба давлат сухан ронда, дар аксарияти ҳолатҳо бо мафҳуми «давлати миллӣ» рӯ ба рӯ мешавем. Дар ҳолате, ки ба мафҳуми «давлат» таҷассуми миллӣ ҳамроҳ карда мешавад, дар доираҳои илмӣ мафҳуми нав пайдо мешавад, имконияти нав барои омӯзиш ва баҳсҳои доманадор пайдо мешавад. Ҳамин тариқ, дар шароити имрӯза, яке аз масъалаҳои пурихтилофи омӯзиши илмҳои сиёсӣ давлати миллӣ гардидааст, ки нисбат ба моҳият, хусусиятҳо, восита ва заминаҳои асосии таҳаввулоти он ҳамчун падидаи иҷтимоиву таърихӣ мавқеъ ва муносибати ягона вуҷуд надорад.

Аз ин хотир, дар шароити имрӯза, муайян намудани моҳият ва хусусиятҳои давлати миллӣ ҳамчун падидаи иҷтимоиву сиёсӣ яке аз вазифаҳои муҳими илмӣ дар доираи илмҳои сиёсӣ ба ҳисоб меравад. Муайян намудани моҳият ва хусусиятҳои давлати миллӣ имконият медиҳад, ки самтҳо ва дурнамои рушди он ошкор карда шавад.

Мафҳуми «давлати миллӣ» (аз забони фаронсавии etat-nation – давлат-миллат ё аз забони англисии nation-state – миллат давлатҳо) категорияи заминавии назариявӣ аст, ки давлати соҳибистиқлол ва марказонидашударо ифода менамояд. Барои назарияи низоми муносибатҳои байналхалқӣ мафҳуми «давлатти миллӣ» муҳим аст, зеро давлат дар маънои «давлати миллӣ» унсури асосии тамоми муносибатҳои байналхалқӣ аст.

Қайд намудан зарур аст, ки дар таснифоти мафҳуми «давлати миллӣ» муайян намудани мафҳуми «миллат» хусусияти аввалиндараҷа дорад. Дар атрофи таснифоти «миллат» баҳсу мухолифатҳои зиёд мавҷуд аст, ки на танҳо дар корҳои назариявӣ, балки дар амалия, дар ҳаёти давлат ва ҷомеа мушоҳида карда мешаванд.

Дар луғатҳои муосири калимаҳои хориҷӣ ду таснифоти мафҳуми «миллат» пешниҳод гардидааст: ҳамчун умумияти ташаккулёфтаи одамон дар асоси умумиятҳои забонӣ, ҳудудӣ, иқтисодӣ ва тарзи равонии дар умумияти фарҳангӣ зоҳиршаванда; ҳамчун муродифи мафҳумҳои «мамлакат» ва «давлат» [11,320].

Яке аз масъалаҳои асосӣ дар он зоҳир мегардад, ки байни мафҳумҳои «миллат» ва «халқият» тафовути назаррас ҷой надорад, ки дар ҳолатҳои муайян метавонад масъаларо шиддатнок гардонад. Дар доираҳои илмӣ мафҳуми «халқият» ҳамчун ҷамоаи одамон, ки дар асоси баромад, забон, дин муттаҳид гардида, ба як халқият таалluқ доранд, тасниф карда мешавад. Халқият – ин маҷмӯи устувори байнинаслии одамон аст, ки дар ҳудуди муайян ташаккул ёфта, на танҳо дорои хусусиятҳои умумӣ, балки дорои хусусиятҳои устувори фарҳангӣ ва равонӣ, инчунин дорои фаҳми ягонагӣ ва тафовут аз дигар чунин ниҳодҳо мебошанд [3,20].

Дар доираи таснифоти В.П.Торукало моҳияти субъективӣ-равонӣ, умумияти фарҳангии одамон, организми этникиву иҷтимоӣ ё умумияти иҷтимоиву этникӣ, бунёди давлатӣ, тамаддун, моҳияти биологӣ ва ҷуғрофӣ, ягонагии биологӣ ва иҷтимоӣ, ташкилоти сиёсӣ, ташкили ҳудудӣ, категорияи муқоисавӣ-таърихӣ махсусан қайд карда мешаванд [12,51].

Миллат ин ҷамоаи сиёсӣ аст, ки бо меъёр ва анъанаҳои ягонаи таърихӣ, фарҳангӣ ва ҳуқуқӣ муттаҳид гардидааст, ки одамон аз рӯи онҳо зиндагӣ мекунанд. «Миллат гурӯҳи калони одамон аст, ки худро ҳамчун умумият ё гурӯҳ баррасӣ менамояд ва одатан садоқати худро ба гурӯҳи мазкур нисбат ба дигар шаклҳои садоқат боло мегузорад. Ба миллат одатан як ё якчанд хусусиятҳо, ба монанди забон, фарҳанг, дин, ниҳодҳои сиёсӣ, таърих, ки бо он худро монанд менамояд ва инчунин эътиқод ба тақдири умумӣ хос мебошад. Одатан, миллатҳо ҳудуди муайянро ишғол менамоянд» [17,751]. Э. Смит миллатро ҳамчун гурӯҳи одамон, ки дорои унсурҳои умумӣ ва муҳими фарҳанг, низоми ягонаи иқтисодӣ, ҳуқуқи шаҳрвандӣ барои тамоми аъзоён, ҳиссиёти якдилӣ, ки натиҷаи таҷрибаи умумӣ буда, ҳудуди умумиро ишғол намудаанд, муайян намудааст [16,19].

Ҳамин тариқ, асоси давлати миллӣ метавонад ҳам миллат ва ҳам халқият бошад. Дар ҳолате, ки халқият асоси давлати миллӣ аст, он бештар ба зоҳиршавии миллатгароӣ оварда мерасонад ва метавонад шаклҳои ниҳоӣ дошта бошад. Дар шароити имрӯза дар як қатор давлатҳо ҳудудҳое мавҷуд мебошанд, ки ба хусусиятҳои этникӣ ва забонӣ такя намуда, барои худмуайяннамоӣ мубориза мебаранд.

В.Малахов ҷанбаҳои мухталифи худмуайяннамоиро таҳқиқ намуда, қайд менамояд, ки пайдоиши миллат бо худмуайяннамоии он алоқаманд аст [6,27]. Яъне, миллат дар ҳамон ҳолат ташаккул меёбад, ки он худро ҳамчун миллат эҳсос менамояд ва бо ин васила ба субъекти суверенитет мубаддал мегардад. Мисоли равшан Инқилоби бузурги фаронсавӣ ва ташаккули аввалин ҷумҳурии Фаронса мебошад, ки дар натиҷаи он миллати фаронсавӣ ташаккул ёфт.

Таҳлили таснифотҳои мухталифи мафҳуми «миллат» нишон медиҳад, ки дар он то андозае номуайянӣ ҷой дорад, ки на танҳо ба таснифоти дурусти худи мафҳум, балки ба дарки нодурусти падидаи давлатӣ миллӣ оварда мерасонад. Дарки таҳрифшудаи мафҳуми «миллат» аз тарафи доираи васеи одамон ва як қатор таҳқиқотчиён бо фишори муқарраროти идеологияҳои гуногуни расмӣ алоқаманд аст. Албатта, чунин идеологияҳои расмӣ мақсадҳои сиёсӣ ва маҳдуди синфиро пайгирӣ менамоянд ва мувофиқи чунин онҳо таснифоти ин ё он падида, аз он ҷумла мафҳуми «миллат» -ро пешниҳод намудаанд.

Ҳамин тариқ, дар асоси таснифотҳои мухталиф, метавон қайд намуд, ки миллат ин як гурӯҳи бузурги одамон аст, ки дар асоси анъанаҳои таърихӣ, фарҳангӣ, ҳуқуқӣ муттаҳид гардидаанд ва барои онҳо чунин арзишҳо, ба монанди забон, фарҳанг, дин, ниҳодҳои сиёсӣ хос аст.

Дар раванди омӯзиши давлати миллӣ масъалаи пайдоиши миллат муҳим арзёбӣ карда мешавад. Албатта, дар доираҳои илмӣ оид ба пайдоиши миллат ақидаҳои мухталиф ҷой доранд, мавқеи ягонаи муҳаққиқон мушоҳида карда намешавад: К.Дейч ташаккули миллатро бо пайдоиши иқтисодиёти мубодилавӣ, сафарбарнамоии иҷтимоӣ, зиёд шудани миқдори шаҳрҳо, рушди алоқа ва робитаҳо, ҷамъшавии сармоя ва пайдо гардидани консепсияи манфиатҳо алоқаманд менамояд; Э.Смит ташаккули миллатро ҳамчун натиҷаи «инқилоби сегона» болоравии сифатӣ дар иқтисодиёт, сиёсат ва фарҳанг баррасӣ намудааст; Б.Андерсон ташаккули миллатро бо секуляризатсияи ҳаёти ҷамъиятӣ, таъсири капитализм ва паҳн гардидани саводнокӣ алоқаманд намудааст [13,7]. Г.Кон дар асоси таҳлили ҷанбаҳои мухталифи миллат қайд менамояд, ки як қатор омилҳои воқеӣ, ба монанди ҳудуд ва давлат дар ташаккули миллат аҳамияти калон доранд, лекин бо истифода аз онҳо шарҳ додани мавҷудияти миллат ва пешниҳоди таснифоти дақиқи мафҳумӣ ғайриимкон аст [4,15].

Ҳамин тариқ, дар асоси таҳлили ақидаи муаллифон, метавон ду мавқеи алоҳидаро ҷудо намуд: мувофиқи мавқеи якум миллат маҳсули рушди табиӣ ва таҳаввулоти тулонӣ ба ҳисоб меравад, ки ба ҷои шаклҳои пешинаи ташкилоти иҷтимоӣ пайдо шудаанд; [10,88] мувофиқи мавқеи дуюм миллат ин натиҷаи фаъолияти одамон, маҳсули шуури ҷамъиятӣ аст [4,15]. Ҳамин тариқ, миллат дар ягон ҳолат худ аз худ пайдо намешавад, онро метавон танҳо бо роҳи сунъӣ бунёд намуд. Тамоми миллатҳои мавҷуда натиҷаи бунёдкориҳо ва созандагиҳо ба ҳисоб мераванд. Миллатеро пайдо намудан душвор аст, ки ба таври табии ташаккул ёфта бошанд.

М.Вебер, И.Валлерстайн, К.Дейч, А.Тишков, Э.Геллнер, В.Н.Шевченко чунин мешуморанд, ки дар раванди ташаккули миллат нақши ҳалкунанда ба давлат тааллуқ дорад. Берун аз давлат метавон танҳо оид ба халқият, на оид ба миллат сухан ронд [9,24].

Миллат таҷрибаи бунёди давлати ҳуқуқиро пешниҳод менамояд: чунин таҷриба аллакай на танҳо маънавиёт ва урфу одат, балки ҳуқуқи давлатӣ ва ахлоқу одоби низомиро ташкил менамояд [2,19]. Дар ин радиф метавон оид ба «давлатҳои бемиллат» сухан ронд, ки аз фаҳми миллат ва халқ, инчунин давраи мушаххаси таърихӣ вобаста аст.

Як қатор муҳаққиқон пайдоиши давлатро хизмати миллат дониста, давлатро нуқтаи олии рушди миллӣ баррасӣ менамоянд. «Давлати миллӣ дар гурӯҳи этникӣ ё миллат асос ёфтааст, ки тавонистааст дар ҷомеаи ҷаҳонӣ эътирофи байналхалқӣ-ҳуқуқиро ба сифати давлати миллии ҳудуди маҳдуд ва соҳибистиқлолро ба даст овардааст» [1,68]. Дар чунин фаҳмиши масъала мубориза барои истиқлолият, яъне озодӣ, ки дар натиҷаи зӯроварӣ ба даст оварда шудааст, ба оғози ягонаи қонунигардонӣ ва бунёдкорӣ мубаддал мегардад, ки баҳснок аст. Эътирофи як қатор халқиятҳо дар мавқеи халқ ва гурӯҳи дигар халуиятҳоро танҳо ҳамчун ақкалиятҳои этникӣ, албатта объективона нест. Аз ин рӯ, таркиботи этникӣ барои тасдиқ намудани ин ё он умумият ба сифати халқ муайянкунанда ба ҳисоб намеравад.

Унсури дигари сохтори назариявии давлати миллӣ – худи давлат ҳамчун институти марказии системаи сиёсии ҷомеа баромад менамояд. Дар шароити имрӯза дар сарчашмаҳои мухталифи илмӣ миқдори зиёди таснифоти давлат, нуқтаи назар оид ба унсурҳои таркибии он мавҷуданд.

Давлат ҳамчун ташкили ҳокимияти сиёсӣ, ки дар ҷомеаи шаҳрвандӣ амалӣ гардида, дорои мақомоти муайян, шахсони мансабдори интихобӣ ва таъинотӣ мебошад ва дар доираи ваколатҳои расмии муқарраргардида амал менамояд [7,321].

Аз нуқтаи назари Э. Гидденс давлат:

- ин маҷмӯи шаклҳои ниҳодии назорати монополӣ аз рӯи ҳудуди муайян;
- маҷмӯи қоидаҳо, ки бо қонунгузорӣ муқаррар карда шудааст;
- назорати бевоситаи воситаҳои зуроварии дохилӣ ва хориҷӣ аст [4,42].

Ба консепсияҳои моҳият ва ташаккули давлатҳои миллӣ бевосита рӯй оварда, метавон қайд намуд, ки якум, тамоми ин консепсияҳо дар асоси таснифоти миллат бунёд шудаанд, аз ин рӯ фарқияти асосии онҳо масъалаи аввалиндараҷа будани давлат ё миллат ба ҳисоб меравад. Таҳлили сарчашмаҳои илмӣ нишон медиҳанд, ки на миллат дар истифодаи худ давлатро ба даст меорад, балки давлат миллатро мавриди истифода қарор медиҳад, ё ин ки давлат ва миллат дар якҷоягӣ роҳи ташаккули худро паси сар менамоянд.

Аломати ташаккулдиҳандаи низом барои давлати миллӣ, миллат ба ҳисоб меравад. Як қатор муаллифон қайд менамоянд, ки ду унсури мафҳуми давлати миллӣ – давлат ва миллат ба ҳам наздик шудаанд, лекин дар оғоз онҳо равандҳои ҷудогонаи таърихи: ташаккули давлатҳои муосир ва бунёди миллатҳои муосирро ташкил менамуданд. Лекин ба ин тезис нигоҳ накарда, метавон алоқаи наздик ва вобастагии тарафайни миллат ва давлатро, махсусан дар давраи кунуни инкишофи таърихӣ, эътироф намуд.

Давлти миллӣ – натиҷаи рушди мураккаби таърихӣ, яке аз маҳсули беназири сиёсии давраи Замони нав ба ҳисоб меравад. Дар Аврупо пайдо шуда, он ба ҷои монархияи мутлақи табақавӣ омад ва ба раият ва баъдтар ба шаҳрвандон ҳуқуқи иштирок дар ҳаёти сиёсии кишварро пешниҳод намуд.

Асосан, давлати миллӣ формулаи иштироки сиёсии аҳолӣ дар идоракунии давлат, институти асосии сиёсии давраи муосир ба ҳисоб меравад, ки рушд ва тақвияти унсурҳои демократиро дар ҷомеа таъмин менамояд. Давлати миллӣ ягона сохтори сиёсӣ гардид, ки талаботро ба худмухторӣ ва муттаҳидшавии милли қонеъ намуд, ки дар воридшавии оммаи мардум ба саҳнаи сиёсӣ таҷассум гардида, ба талаботи суверенитети халқӣ ҷавобгӯ аст [14,38].

Давлати миллӣ ягонагии таърихӣ ва сиёсии миллатро таъмин намуда, онро дар худ амалӣ намуд, арзиши олии тамаддуни муосир гардид. Дар ин самт саҳми маданияти сиёсии аврупоӣ бузург аст. Ҳамин тариқ, давлати миллӣ зинаи нави давлатдорӣ, давраи сифатан нав дар ташкили ҳокимияти давлатӣ гардид.

Дар давраи буҳрони монархияи мутлақ, баъдтар пошхурии низоми мустамликадорӣ, давлати миллӣ оғози асосии дигаргуниҳо мегардад, ки дорои неруи зиёди иҷтимоӣ буд. Маҳз бо ёрии идеяи миллат ҷомеаи шаҳрвандӣ пайдо шу два тавонист даъвои худро ба ҳокимияти сиёсӣ амалӣ намояд. Дар муносибати пуршиддати «ҷомеаи шаҳрвандӣ-давлат», миллат як навъ танзимкунанда ва оғози баробарии сиёсӣ мегардад.

Ҷомеаи шаҳрвандӣ ҳамчун соҳаи озоди фаъолӣ баррасӣ карда мешавад, ки дар он субъектҳои инфиродӣ ва дастаҷамъӣ мақсад ва манфиатҳои хусусиро пайгирӣ менамоянд. Ҷомеаи шаҳрвандӣ ин соҳаи манфиатҳои хусусӣ ва умумӣ, ки нисбати якдигар мустақил мебошанд, ба ҳисоб меравад. Ҷомеаи шаҳрвандӣ соҳаи ҷамъиятии ҳаёти инсонро дар ҷомеа то ҳамон андозае фарогир мегирад, ки дар чунин сатҳ он зери монополияи элитаҳои ҳокимияти намегардад ва озод, дастрасбарои тамоми аъзоёни ҷомепа мегардад.

Дар «Луғати афкори сиёсӣ» миллат-давлатҳо ҳамчун созмон барои идора кардани миллат, ки ҳудуди он дорои сарҳадоти муайян буда, ҳуқуқи он бо урфу одат ва интизориҳои миллӣ муайян карда шудааст, тасниф карда шудааст. Давлат-миллатро одатан бо полиси юнонӣ ё шаҳр давлатҳо муқоиса менамоянд, пайдоиши онро бошад ҳамчун яке аз далелҳои асосии таърихи муосири сиёсӣ баҳогузорӣ менамоянд [15,313].

Аз тарафи аксарияти муҳаққиқон давлати миллӣ ҳамчун қонуният ва шакли ҳатмии сохтори давлатии давраи пайдоиш ва таҳкими ҷомеаи буржуазӣ ва мутобиқан ҳамчун иловаи назарраси ғояи давлати буржуазӣ баррасӣ менамоянд. Аз ин нуқтаи назар, давлати ҳуқуқӣ, ки манфиати шахсият, озодии сиёсӣ ва иқтисодии ӯро ҳимоя менамояд, дар як ҳолат метавонад давлати миллӣ бошад, ки ягонагии сиёсии миллатро ҳимоя менамояд, рушди бозори миллиро кафолат медиҳад ва фарҳанги миллиро нигоҳ медорад [8,11].

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ба инобат гирифтани фарҳанг дар ташаккули чунин умумияти сиёсӣ, чун давлати миллӣ зарур аст. Масалан, Д.Кол чунин мешуморад, ки дар раванди бунёди миллат нақши назаррас ба системаи маориф тааллуқ дорад, ки барои бунёди муҳити ягҷинсаи иҷтимоӣ зарур аст.

Омили шомилият ба ин ё он намунаи маориф ва анъанаҳо имконияти иқтидори ҷудо гардидани миллати нав, аз он ҷумладоираи ҳудудии онро муайян менамояд. Маҳз талаботи якҷинсии фарҳангӣ ва сиёсӣ метавонад дар ташаккули миллат нақши ҳалкунанда дошта бошад. «Ҳар як гурӯҳ, ки андозаи он барои бунёди системаи мактабӣ кифоя аст, дорои андозаи ақаллин аст, ки барои кӯшиши болоравӣ то мавқеи давлат зарур аст. Дар натиҷа, давлат-миллатҳо на мувофиқи мавқеи М.Вебер, ҳамчун идора, ки дорои монополияи истифодаи зуроварии қонунӣ дар доираи ҳудуди муайян аст, балки мувофиқи мавқеи Э.Гелнер – ҳамчун идора, ки дорои монополияи фарҳанги қонунӣ дар доираи ҳудуди мушаххас муайян карда мешавад» [5,288].

Дар асоси таҳлили миллат ҳамчун падидаи сиёсиву идеологӣ ва иқтисодӣ, дар фарқият аз халқ, ки мазмуну мундариҷаи ҳуқуқӣ дорад ва этнос, ки ба сифати падидаи этникиву фарҳангӣ баррасӣ карда мешавад, метавон чунин хулосабарорӣ намуд, ки давлати миллӣ ҷанбаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, ҳуқуқӣ ва этникиву фарҳангиро муттаҳид намуда, ба сифати маҷмӯи мураккаби ҳамгироии ҳокимияти давлатӣ баромад менамояд.

Зарурати коркарди истифодаи конвенсиалии мафҳуми давлати миллӣ ба хотири танзими муносибатҳои байналхалқӣ, коркарди асосҳои барқарор намудани устувории воқеии сиёсӣ ва бартараф намудани бесарусомониҳо дар ҷомеа ба миён омадааст.

Давлати миллӣ ҳамчун як созмони сиёсии ҷомеаи шаҳрвандӣ дар давраи саноатӣ ба вуҷуд омадааст, ки иродаи шахсони алоҳидаро дарбар гирифта, манфиатҳои бунёдии ин гурӯҳро дар асоси ғояҳо ва арзишҳои ҳамбастагии иҷтимоӣ-фарҳангӣ, маънавӣ, таърихӣ, забонӣ, ҳудудӣ ва сатҳи ягонаи рушди иқтисодӣ ҳимоя мекунад.

Давлати миллӣ як шакли таърихии ташкили ҳокимияти давлатӣ, як марҳилаи гузариш дар рушди давлатдорӣ ба ҳисоб меравад. Сабаби асосии пайдоиши навъи нави таърихии давлат гузаштан ба марҳилаи нав дар таърихи инсоният - ҷомеаи иттилоотӣ ва шакли постиндустриалии рушди иқтисодиёт мегардад.

Мақсади давлати миллӣ ҳамеша бунёди фазои танзимшаванда буд, ки дар он инфирод метавонад бо амният ва самаранок ба навъҳои гуногуни фаъолият машғул гардад. Таърихан, давлати миллӣ ҳамеша кафили чунин навъи танзимнамоӣ баромад намудааст.

**АДАБИЁТ**


1. Альтерматт У. Этнонационализм в Европе / У.Альтерматт / Пер. с нем. С.В. Базарновой. -М.: РГГУ, 2000. -366 с.
2. Бородай Ю.М. Этнос, нация, государство / Ю.М.Бородай / Выступление на «круглом столе»: «Национальное государство: теория, история, политическая практика») // Полис. 1992. №5-6.-С. 9-11.
3. Бромлей Ю.В. К вопросу о выделении этносов среди других человеческих общностей / Ю.В. Бромлей // Этнос и политика; Хрестоматия / Авт.-сост. А.А. Празаускас. М.: УРАО, 2000. -111 с.
4. Гранин Ю. Д. Национальное государство. Прошлое. Настоящее. Будущее. Научное издание / Ю. Д. Гранин. - СПб.: «Экспертные решения», 2014. -240 с.
5. Кола Д. Политическая социология / Д.Кола / Пер. с фр.; предисл. А.Б.Гофмана. М.: Весь Мир, ИНФРА-М, 2001. - 389 с.
6. Малахов В. Понаехали тут... Очерки о национализме, расизме и культурном плюрализме / В. Малахов. -М., 2007. -200 с.
7. Мальцев Г.В. Понимание права. Подходы и проблемы / Г.В. Мальцев. -М.: Прометей, 1999. -419 с.
8. Мезюуев В.М. Идея национального государства в исторической перспективе / В.М. Мезюуев / Выступление на «круглом столе» «Национальное государство: теория, история, политическая практика» // Полис. 1992. № 5-6. -С.11-15.
9. Поздняков Э.А. Нация. Национализм. Национальные интересы / Э.А. Поздняков. -М.: АО Издательская группа «Прогресс-Культура», 1994. -128 с.
10. Смит Э.Д. Образование наций / Э.Д.Смит // Этнос и политика: Хрестоматия / Авт. сост. А.А. Празаускас. М.: УРАО, 2000. -111 с.
11. Современный словарь иностранных слов. -М.: Рус. яз., 1999. -320 с.
12. Торукало В.П. Нация; история и современность / В.П.Торукало. -М., 1996. -321 с.
13. Anderson B. Imagined Communities. Reflections on the Origin and the Spread of Nationalism / B. Anderson. - London, 1983. 232 p.
14. Beetbam D. The Future of the Nation State // The Idea of the Modem State / Ed. by G. McLennan, D. Held, S. Hall. Buckingham, 1984. P. 37-52.
15. Scruton R. A Dictionary of Political Thought. L.: The Macmillan Press, 1982. -313 p.
16. Smith Anthony D. Nationalism / D. Smith Anthony // Siciology. 1972. – PP. 18-26.
17. The Encyclopedia Americana. 1994. Vol. 19. P. 751-752.


## ХУСУСИЯТҲОИ ДАВЛАТҲОИ МИЛЛӢ ДАР ШАРОИТИ МУОСИР


*Дар мақолаи мазкур моҳият ва хусусиятҳои асосии давлати миллӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Муаллиф қайд менамояд, ки дар шароити имрӯза, муайян намудани моҳият ва хусусиятҳои давлати миллӣ ҳамчун падидаи иҷтимоиву сиёсӣ яке аз вазифаҳои муҳими илмӣ дар доираи илмҳои сиёсӣ ба ҳисоб меравад. Муайян намудани моҳият ва хусусиятҳои давлати миллӣ имконият медиҳад, ки самтҳо ва дурнамои рушди он ошкор карда шавад.*


*Яке аз масъалаҳои асосӣ дар он зоҳир мегардад, ки байни мафҳумҳои «миллат» ва «халқият» тафовути назаррас ҷой надорад, ки дар ҳолатҳои муайян метавонад масъаларо шиддатнок гардонад. Дар доираҳои илмӣ мафҳуми «халқият» ҳамчун ҷамоаи одамон, ки дар асоси баромад, забон, дин муттаҳид гардида, ба як халқият тааллуқ доранд, тасниф карда мешавад. Миллат ин ҷамоаи сиёсӣ аст, ки бо меъёр ва анъанаҳои ягонаи таърихӣ, фарҳангӣ ва ҳуқуқӣ муттаҳид гардидааст, ки одамон аз рӯи онҳо зиндагӣ мекунанд.*

*Асоси давлати миллӣ метавонад ҳам миллат ва ҳам халқият бошад. Дар ҳолате, ки халқият асоси давлати миллӣ аст, он бештар ба зоҳиршавии миллатгароӣ оварда мерасонад ва метавонад шаклҳои ниҳоӣ дошта бошад. Дар шароити имрӯза дар як қатор давлатҳо ҳудудҳое мавҷуд мебошанд, ки ба хусусиятҳои этникӣ ва забонӣ такя намуда, барои худмауйяннамоӣ мубориза мебаранд.*

*Аломати ташаккулдиҳандаи низом барои давлати миллӣ, миллат ба ҳисоб меравад. Як қатор муаллифон қайд менамоянд, ки ду унсури мафҳуми давлати миллӣ – давлат ва миллат ба ҳам наздик*

*шудаанд, лекин дар оғоз онҳо равандҳои ҷудогонаи таърихи: ташаккули давлатҳои муосир ва бунёди миллатҳои муосирро ташкил менамуданд. Лекин ба ин тезис нигоҳ накарда, метавон алоқаи наздик ва вобастагии тарафайни миллат ва давлатро, махсусан дар давраи кунуни инкишофи таърихӣ, эътироф намуд.*

***Калидвожаҳо:*** *давлат, миллат, халқият, давлати миллӣ, забон, фарҳанг, дин, ниҳодҳои сиёсӣ, демократия, суверенитет, монархия, ҷомеа шаҳрвадӣ.*

## ОСОБЕННОСТИ НАЦИОНАЛЬНЫХ ГОСУДАРСТВ В СОВРЕМЕННЫХ УСЛОВИЯХ

*В данной статье рассматривается сущность и основные черты национального государства. Автор отмечает, что в современных условиях определение сущности и особенностей национального государства как общественно-политического явления является одной из важнейших научных задач в области политологии. Определение сущности и особенности национального государства позволяет выявить направления и перспективы его развития.*

*Одним из основных проблем заключается в том, что между понятиями «нация» и «народ» нет существенной разницы, что в определенных случаях может усугубить проблему. В научных кругах понятие «народ» классифицируется как общность людей, объединенных по признаку происхождения, языка, религии и принадлежности к одной нации. Нация – это политическая общность, объединенная общими историческими, культурными и правовыми нормами и традициями, в рамках которых живут люди.*

*Основой национального государства может быть как народ, так и нация. В случае, когда народ является основой национального государства, он скорее ведет к проявлению национализма и может принимать крайные формы. В современном мире в ряде стран есть территории, которые опираются на этнические и языковые особенности в борьбе за самоопределение.*

*Признаком формирования системы национального государства является нация. Ряд авторов отмечает, что два элемента концепции национального государства - государство и нация - сблизились, но вначале образовали отдельные исторические процессы: образование современных государств и создание современных наций. Однако, несмотря на этот тезис, можно признать тесную связь и взаимозависимость нации и государства, особенно в современный период исторического развития.*

***Ключевые слова:*** *государство, нация, народ, национальное государство, язык, культура, религия, политические институты, демократия, суверенитет, монархия, гражданское общество.*

## FEATURES OF NATION-STATES IN MODERN CONDITIONS

*This article discusses the essence and main features of the nation state. The author notes that in modern conditions, the definition of the essence and characteristics of the national state as a socio-political phenomenon is one of the most important scientific tasks in the field of political science. Determining the essence and features of the nation state allows us to identify the directions and prospects for its development.*

*One of the main problems is that there is no significant difference between the concepts of «nation» and «people», which in certain cases can exacerbate the problem. In scientific circles, the concept of «people» is classified as a community of people united on the basis of origin, language, religion and belonging to one nation. A nation is a political community united by common historical, cultural and legal norms and traditions within which people live.*

*The basis of the nation-state can be both the people and the nation. In the case when the people is the basis of the nation-state, it tends to lead to the manifestation of nationalism and can take extreme forms. In the modern world, a number of countries have territories that rely on ethnic and linguistic characteristics in the struggle for self-determination.*

*A sign of the formation of the system of the nation-state is the nation. A number of authors note that the two elements of the concept of the nation state - the state and the nation - came close, but at first they formed separate historical processes: the formation of modern states and the creation of modern nations. However, despite this thesis, one can recognize the close connection and interdependence of the nation and the state, especially in the modern period of historical development.*

***Key words:*** *state, nation, people, nation state, language, culture, religion, political institutions, democracy, sovereignty, monarchy, civil society.*

***Маълумот дар бораи муаллиф:***

***Қараев Наҳтулло Ниёзмаҳмадович*** *– омӯзгори кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, муқовимат бо коррупсия ва терроризми Донишгоҳи давлатии Данғара**, тел: +992901110492***

***Сведения об авторе:***

***Караев Нахтулло Ниёзмахмадович*** *- преподаватель кафедры уголовного права, борьбы с коррупцией и терроризмом Дангаринского государственного университета, тел: +992901110492*

***About the author:***

***Karaev Nakhtullo Niyozmakhmadovich*** *- lecturer of the Department of Criminal Law, Combating Corruption and Terrorism, Dangara State University, Tel.: +992901110492*

# ЗИРАКИИ СИЁСӢ: ҲАМЧУН ОМИЛИ РУШДИ ХУДШИНОСИИ МИЛЛИИ ҶАВОНОН

***Мирзоев У.И.***
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ*

Дар шароити иҷтимоиву иқтисодӣ ва сиёсиву геопалитикие, ки ҷомеаи имрӯзаи тоҷик қарор дорад масъалаҳои огоҳии сиёсӣ, зиракии сиёсӣ, худшиносии миллӣ, фарҳанги сиёсӣ ва доштани маърифати баланди сиёсӣ дар баробари масъалаҳои иҷтимоиву иқтисодӣ муҳим буда, нисбат ба ҳар давраи дигар аҳамияти зиёд пайдо намудааст. Чуноне ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳарам Эмомалӣ Раҳмон қайд менамояд: «Яке аз масъалаҳои муҳимму арзишманд аз он иборат аст, ки мо бояд ҳамеша ҳушёру зирак бошем, ба ҳар гуна дасисаву фиреби доираҳои манфиатхоҳи бегона фирефта нагардем, мардумро муттаҳид ва суботи сиёсиро боз ҳам устувор гардонем»[8; 97].

Шахси аз лиҳози сиёсӣ зирак он нафаре маҳсуб меёбад, ки аз ҷиҳати сиёсӣ бофаросат, боҳуш, ҳушёр ва бомаърифат аст ва ҳамеша огоҳона бо равандҳову падидаҳои сиёсӣ муносибат менамояд. Ё ба таври дигар гӯем, як ҷавони аз лиҳози сиёсӣ зирак он ҷавоне ба ҳисоб меравад, ки ҳодиса, падида ва воқеаву равандҳои иҷтимоиву сиёсиро хуб дарк кардааст ва аз моҳияту мазмуни сиёсат, равандҳои сиёсии ҷомеа огоҳии амиқ дорад.

Таҷрибаҳои солҳои охир нишон медиҳад, ки бо сабаби паст будани маърифати динӣ ва фарҳанги сиёсӣ-ҳуқуқӣ бархе аз ҷавонон фирефтаи идеологияи бегонаи ифротии динӣ гашта, шомили созмону ҳаракатҳои ифротгароёна мегарданд ва дар ин роҳ ҷони худро дар хатар мегузоранд. Таъсири ин амали бади ӯ натанҳо ба худ, балки ба падару модар, зану фарзандон мерасад ва ин амали номатлуб доғи ҷомеа гардида, ба яке аз мушкилоти мураккаби сиёсӣ табдил меёбад.

Инсоният дар шароити ҷаҳонишавӣ ба ҳазорсолаи сеюм ворид гардида, дар ибтидои ин марҳалаи сарнавиштсози таърихи мутамаддин ба вазъияти буҳронии шадиди маънавию фарҳангӣ, психологӣ ва таҳаввулоту муноқишаҳои амиқи сиёсӣ рӯ ба рӯ гардидааст. Ҷумҳурии Тоҷикистон низ чун ҷузъи таркиби ҷомеаи ҷаҳонӣ аз доираи равандҳои мураккабу печидаи кунунӣ дар канор набуда, дар назди давлату миллат масоили муҳимму мубраме чун устувор гардонидани истиқлолияти сиёсию давлатӣ, таҳкими сулҳу субот ва амнияти кишвар, ҳифзи марзу бум, боло бурдани зиракии сиёсӣ ва маънавиёту маърифати ҳар як шахс, махсусан ҷавонон зарур дорад. Чуноне ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд намудааст: «Дар шароити торафт мураккабу печида гардидани авзои сиёсии ҷаҳон зарур аст , ки ҳар яки мо ҳамеша ҳушёру зирак бошем, ба ҳар гуна дасисаи бадхоҳони миллати тоҷик фирефта нагардем, манфиатҳои милливу давлатиро аз тамоми манфиатҳои дигар боло гузорем, сарзамини аҷдодии худро сидқан дӯст дорем, сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллиамонро содиқона ҳифзу эҳтиёт кунем ва саъю талоши фарзандонаи худро барои дар арсаи байналмилалӣ боз ҳам баланд бардоштани нуфузу эътибори Тоҷикистони маҳбубамон дареғ надорем»[8; 99].

Имрӯз ҷавонони худшиносу худогоҳ ва дорои маърифату зиракии сиёсӣ метавонанд аз сиёсати хирадмандонаи Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки ба рушду такомул ва ободию шукуфоии мамлакат нигаронида шудааст, комилан, ҷонибдорӣ намоянд[11]. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷӣ ибрози андеша намудаанд, ки: «Насли ҷавони кишвари мо бо дарки масъулияти баланд, иродаи мустаҳкам, садоқату муҳаббати ватандорӣ, эътиқод ба арзишу муқаддасоти миллӣ ва ақлу заковати худ исбот намуд, ки роҳи интихобнамудаи мо дар масири ватансозиву ватандорӣ дуруст мебошад.

Дар рӯҳияи ҳисси баланди миллӣ, садоқат ба давлату миллат, таҳаммулгароӣ, ватандӯстиву хештаншиносӣ ва пос доштани арзишҳои миллӣ тарбия намудани ҷавонон вазифаи муҳимтарини ҳамаи сохтору мақомот ва аҳли ҷомеа мебошад»[7; 36-37]. Ташаббуси мазкур, барои боло бардоштани ҳисси ватандӯстӣ, ташаккули тафаккури ҷавонон оид ба масъалаҳои ифтихори миллӣ ва худогоҳиву худшиносӣ такони ҷиддӣ мебахшид. Боиси қаноатмандист, ки ҷавонони боиродаи мо ҳамчун нерӯи созанда дар маъракаҳои муҳимми давлативу ҷамъиятӣ фаъолона иштирок карда, дар корҳои ободонӣ ва бунёдкорӣ ҳиссаи сазовор гузошта истодаанд. Ғамхории Ҳукумат нисбат ба ҷавонон барои ҳалли масъалаҳои вобаста ба ҳаёти наврасону ҷавонон минбаъд низ дар раъси

барномаҳои давлатӣ қарор хоҳад дошт. Паём дар беҳшавии зиракии сиёсии ҷавонон таъсири баланди худро расонида, онҳоро ба хушёриву зиракӣ ва нозукбинӣ ҳидоят месозад.

Дар партави андешаҳои Пешвои миллат ҷиҳати баланд бардоштани зиракии сиёсии ҷавонон, ки асоси худшиносии миллист, аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар самти тарбияи ватанпарастӣ ва худшиносии миллии ҷавонон ва татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон инчунин, ҳифзи минбаъдаи манфиатҳои ҷавонон ба тасвиб расидааст: аз ҷумла, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон» аз 15 июли соли 2004 № 52, Стратегияи сиёсати давлатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020, аз 4 октябри соли 2011, № 480; Консепсияи миллии сиёсати ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 июни соли 2014, №228; Барномаи миллии рушди иҷтимоии ҷавонон барои солҳои 2016-2018 аз 13 январи соли 2016, №4 ва дигар барномаҳои давлатӣ дар ин самт таҳия ва қабул карда шудаанд. Дар моддаи 4 – уми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон» омадааст: «Тарбияи ҷавонон, аз ҷумла тарбия дар рӯҳияи худшиносии миллӣ, ватандӯстӣ, эҳтиром ба рамзҳои давлатӣ, масъулияти шаҳрвандӣ, таъмини иштироки онҳо дар рушди фарҳангӣ, миллӣ ва забони давлатӣ»[4] мебошад, кафолат дода мешавад.

Ҳамзамон, дар «Стратегияи сиёсати давлатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020» чунин омадааст: «Дар ҷавонон ташаккул додани ҳисси ватанпарастӣ, рушди ахлоқ ва маънавии ҷавонон яке аз самтҳои асосии стратегияи давлатии ҷавонон ба ҳисоб меравад»[9]. Дар ин раванд баланд бардоштани эҳсоси ватандӯстии ҷавонон, равнақи худшиносиву худогоҳӣ ва ифтихори миллии онҳо дар шароити соҳибистиқлолии мамлакат яке аз омилҳои таҳкиму тақвият бахшидани истиқлолият ва муҳимтарин фишанги ҳаракатдиҳандаи пешрафти ҷомеа ба ҳисоб меравад[2], омадааст дар Консепсияи миллии сиёсати ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Дар баробари таҳлил ва баррасии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар самти тарбияи худшиносии миллии ҷавонон баланд бардоштани зиракии сиёсии ҷавонон яке аз самтҳои асосӣ ва меҳварии сиёсати давлатии ҷавонон ба шумор меравад. Зиракии сиёсӣ натиҷаи шуур ва маданияти сиёсӣ буда, ин маҷмӯи дарки донишҳои сиёсиро дар ҳама самт, ки асоси онро арзишҳои маънавию сиёсӣ мебошанд, ташкил медиҳад. Яке аз омилҳои асосии рушди қобилияти зеҳнӣ ва зиракии сиёсӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ пайваста рӯ овардан ба арзишҳои миллӣ бо истифода аз васоити ахбори омма, бахусус рӯзномаю маҷаллаҳо ва сомонаҳои иттилоотию таҳлилӣ мебошад. Чунки баррасию муҳокимарониҳои воқеаҳои ҳаёти сиёсӣ, ки феълан дар матбуот ҷойгоҳи асосӣ касб намуда, ба дарки бедории шуур ва маданияти сиёсӣ таъсир расонида, ба ҳисси баланди зиракии сиёсӣ оварда мерасонад. Зиракии сиёсӣ ифодагари он аст, ки ҳар як инсон ба арзишҳои миллию таърихӣ эҳтироми хоса дошта, онҳоро моҳиятан дарк намуда, мавқеи худро ҳамчун ҳифзкунандаи ин арзишҳо дар раванди ҷаҳонишавӣ нишон дода тавонад.

Таърихи ташаккули ҷаҳони муосир ва равандҳои гуногуни сиёсию идеологӣ нишон медиҳанд, ки бе такя ба ҷавонон ва тарбияи онҳо дар рӯҳияи худшиносии миллӣ ва ифтихори миллию ватандӯстӣ ва ҷалби мунтазами иштироки бевоситаи онҳо дар эъмори давлати демократию ҳуқуқбунёд ва дар маҷмӯъ расидан ба ҷомеаи шаҳрвандӣ имконнопазир аст. Имрӯз бо пайдо шудани идеологияи гуногун ва тағйир додани фазои геополитикии ҷаҳон бо роҳҳои гуногун амалӣ намудани ҳадафҳои худ, ки нишонаҳои аввалини он дар бархе аз давлатҳои дунё возеҳу равшан аст, натанҳо бунёди давлати соҳибистиқлол, тараққикардаю демократӣ, балки таъмини сулҳу ваҳдати миллӣ дар он душвор гардида, асолати нигоҳдошти абадияти он аз бунёди он дида душвортар мегардад.

Таърихи давлатдории миллати тоҷик аз замони куҳан нишон медиҳад, ки асолати таъмини абадияти пойдории давлат ва сулҳу ваҳдати сартосарӣ ва ягонагӣ дар он аз чор унсури асосӣ иборат мебошад:

1. Ифтихори миллӣ;
2. Ватандӯстӣ;
3.Худшиносии миллӣ;
4.Зиракии сиёсӣ.

Ба андешаи Қувватзода С. баланд бардоштани ҳисси ватандӯстӣ, ифтихори миллӣ ва худшиносии миллӣ, ки асоси зиракии сиёсии ҷавононро ташкил медиҳанд, ин аз тарбияи сиёсии ҷавонону наврасон дар оила вобастагии зич дорад ва онҳо маҳз дар оила доир ба масоили муҳимми сиёсии Ватани азизамон, ҷаҳони муосир ва таъсири мусбату манфии онҳо дониши мукаммал пайдо намуда, дар мактабу донишгоҳ онро инкишоф медиҳанд[5; 8].

Дигар муҳаққиқон низ нақши бедорию зиракии сиёсии ҷавононро дар раванди ҷаҳонишавӣ баланд арзёбӣ намуда, таъкид менамоянд, ки шароити имрӯз моро водор менамояд, ки зиракии сиёсии ҷавононро баланд бардошта, дар муқобили ҳар гуна падидаҳои номатлуб бо саволу амалҳои муқобили он бояд ҷавобҳои мушаххас диҳем. Ҷавонон, ки ҷисман ва зеҳнан солим ҳастанд доимо дар маркази диққати нерӯҳои манфиатдор қарор мегиранд. Бинобар он, тарбияи дуруст ва ҳидоят

намудани онҳо дар самти ватандӯстӣ, ватанпарастӣ ва фаҳми манфиатҳои давлатӣ хело саривақтӣ ва ногузир аст.

Зиракии сиёсӣ ва инқилоби фикрию таҷдиди тафаккури хуб бояд дар афкори ҷавонон эҳё карда шавад. Маҳз ба ин васила, иқтидори зеҳнии онҳо пешрафта мешавад ва ҳар гуна нерӯҳои манфиатдори кишварҳои манфиатдор, ки дар ҷомеа сар мехалонанд, муваффақ намешаванд[1; 4].

Ба андешаи З.Ҳ. Қодирова сарзамини тоҷикон, ки соҳиби дину ойини солим аст, дар шароити бархӯрди фарҳангҳои бегона ва муборизаи иттилоотӣ дар зиддият қарор мегирад[3; 5]. Вобаста ба ин, М.М. Муинӣ қайд мекунад, ки баланд бардоштани зиракии сиёсӣ ва худшиносии миллӣ мақому манзалати инсонии худро бо решаҳои таърихӣ, бо сарнавишти миллату халқи худ бурда мерасонад. Ба андешаи Пешвои муаззами миллат - Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон бидуни пайванду ҳамгироии тамаддуни имрӯзаи тоҷикон бо таърихи куҳанбунёди хеш ва қадри истиқлолият, ифтихори Ватану ватандорӣ, ҳувияти миллӣ ва худшиносию худогоҳӣ расидан мушкил аст. Ҳамчунин, бе дарки огоҳонаи решаҳои таърихӣ, таҳкими истиқлолият пойдории давлати миллӣ ва бунёди ҷомеаи мутамаддин мушкилтар хоҳад буд[6; 3]. Яке аз сабабҳои асосии бедории зиракии сиёсӣ ва рушди худшиносии миллӣ ин арҷ гузоштан ба дастовардҳои асосии миллат, ки дар тӯли таърих ба он ноил гардидааст, арзи вуҷуд намудани шахсиятҳои фарҳангӣ, илмӣ ва сиёсиаш, ки тавонистаанд дар давраҳои душвори таърихӣ миллати тоҷикро дар шаклҳои гуногун муаррифӣ намоянд, ба монанди Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, Абӯалӣ ибни Сино, Абулқосим Фиравсӣ, Умари Хайём, Садриддин Айнӣ, Мирзо Турсунзода, Бобоҷон Ғафуров инчунин шахсиятҳои сиёсӣ махсусан, Спитамен, Муқаннаъ, Исмоили Сомонӣ, Темурмалик, Восеъ, Нусратулло Махсум, Широншоҳ Шоҳтемур ва садҳо нафарро номбар кардан мумкин аст. Дар воқеъ, агар устод Абӯалӣ ибни Сино ва Умари Хайём бо дониш ва илми худ миллати тоҷикро ба ҷаҳониён муаррифӣ карда бошанд, Нусратулло Махсум, Шириншоҳ Шоҳтемур бошад, халқи тоҷикро аз нобудӣ дар баробари ҷараёни махуфи «пантуркизм» наҷот бахшиданд, ки ин фидокории эшон барои ташкили Ҷумҳурии мухтор ва баъдан Ҷумҳурии мустақили Тоҷикистони Шӯравӣ мусоидат намуд. Ин корнамоиҳои беназири абармардон барои миллате чун тоҷик, ки дар вартаи ҳалокат қарор дошт, ниҳоят муҳимму саривақтӣ буд. Инчунин қаҳрамониҳои эшон метавонад мояи фахру иззати насли имрӯз қарор гирад. Ҳамзамон, метавон ёдовар шуд, ки нақши устод Садриддин Айнӣ ва Бобоҷон Ғафуров барои шиносонидани миллати тоҷик ба ҷаҳониён барҷаста буд, ва дар ин росто ин фарзона фарзандони миллат заҳамоти фаровоне кашидаанд. Чуноне, ки дар боло қайд гардид, дар воқеъ, шахсиятҳои бузург раҳнамои инсоният ҳастанд ва инсонҳо дар ҳалли масъалаҳои печида ва мураккаби иҷтимоиву иқтисодӣ ба онҳо умед мебанданд. Махсусан нақши инсонҳои бузург дар лаҳзаҳои фоҷеабор ба маротиб меафзояд. Масалан, дар набардҳои мусаллаҳона ҳамон лашкаркаше метавонад лашкарашро ба пирӯзӣ расонад, ки шуҷоъ ва тавоно бошад ва тавонад вобаста ба вазъияти баамаломада, дар майдони ҷанг иқдоми низомии дуруст намояд ва стратегияи мукаммалро ба кор барад. Зеро танҳо аз истеъдоди лашкаркашии ӯ ва тасмими дурусти ӯ сарнавишти кишвар вобаста аст.

Маъмулан ашхоси соҳибхирад ва боистеъдодро шароити ҳассос ва тақдирсози таърихӣ ва масъалаҳои мураккаби боқӣ мондани давлатҳо дар арсаи сиёсати ҷаҳонӣ ба давлатмардони барҷаста табдил медиҳанд. Дар чунин давронҳо пешвоёне бар арсаи сиёсат ворид мегарданд, ки қодиранд ҳама гуна монеаҳоро аз роҳи пешрафти ҷомеа гиранд ва роҳро барои рушду густариш омода созанд. Бо иборати дигар, шахсиятҳои барҷаста маҳсули даврони муҳимми таърихӣ мебошанд. Аммо барои табдил шудани инсон ба шахсияти барҷастаи сиёсӣ фақат шароити таърихӣ кам аст. Ҷавонон бояд аз фазилат ва хусусиятҳои шахсиятҳои барӯманд барои ҳалли масъалаҳои душвор ва анҷоми фаъолиятҳои бузург бархӯрдор бошанд ва ин ҳамчун сарчашмаи асосии бедории зиракии сиёсии ҷавонон ва худшиносии миллӣ ҳисобида мешавад. Нақши донишҳои мухталиф, ки ба худшинос кардани ҷавонон мусоидат менамоянд, басо муҳим аст. То ин ки дар заминаи ташаккули зиракии сиёсӣ ва ҳиссиёти миллӣ ҷавонон тавонанд манфиати давлатро аз манфиати шахсӣ боло гузоранд. Дар шароити шиддат гирифтани равандҳои ҷаҳонишавӣ ва муборизаҳои иттилоотӣ, ҷилавгирии воридшавии мафкураи бегона ба фазои иттилоотии ҷомеа басо муҳим аст, таъкил менамояд мутахассис С.А. Тоибов[10; 4].

Хулоса, бедорию зиракии сиёсии ҷавонон метавонад омилҳои халалдоркунандаи осудагии кишварро маълум созад ва барои аз байн бурдани онҳо ҷавонон талош кунанд. Гуфтаҳои боло шаҳодати он аст, ки воқеан имкониятҳои хуби таълиму тадрис дар кишвар ҷаҳонбинии ҷавононро васеъ намуда, баҳри тарбия намудани ин қишри ояндасоз дар рӯҳияи ватандӯстӣ мусоидат менамояд.

Аз нигоҳи дигар нерӯи маънавӣ дар рушди тафаккури инсоният ва дарки рисолати имонию инсонии ҳар фард нақши муассир дошта, барои таҳлил намудани ҳодисаҳои ҷамъиятӣ аз дидгоҳи манофеи давлат фаъолнокии ҷомеаро такони ҷиддӣ мебахшад. Умуман зиракии сиёсӣ, ки ҳамчун омили рушди худшиносии ҷавонон арзёбӣ мегардад, дар шароити мутамаддин аҳамияти бузурге

касб намудааст. Боло бурдани худшиносию худогоҳӣ, ифтихори миллӣ, зиракии сиёсӣ, бедории маънавӣ ва ватандӯстию ватанпарастии ҷавонону наврасон метавонад ба ояндаи ҷомеаи бофарҳангу маърифатнок таъсири амиқи худро расонад.


**АДАБИЁТ**

1. Боқизода Ф., Зиракии сиёсӢ тақозои замон аст http://nabzifayzobod.tj/index.php/vh/1614-zirakii-sijos-omili-asosii-peshgir-az ifrotgaro18.07.2018. Ф. Боқизода [Манбаи электронӣ]. URL: http: //ia-centr.ru//expert/1920/ (Санаи муроҷиат: 21.04.2020);
2. Консепсияи миллии сиёсати ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз «3» июни соли 2014 №228.
3. Қодирова З.Ҳ. Ҷавонон бояд зиракии сиёсиро аз даст надиҳанд https://hhdt-sugd.tj/archives/15151 03.05.2018. З.Ҳ. Қодирова [Манбаи электронӣ]. URL: http: //ia-centr.ru//expert/1920/ (Санаи муроҷиат: 20.04.2020).
4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон» 15 июли соли 2004 № 52, Стратегияи сиёсати давлатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020, аз «4» октябри соли 2011, № 480, моддаи 4 – ум.
5. Кувватзода С., Бедории маънавӣ ва зиракии сиёсии ҷавонон / С. Кувватзода. - Душанбе, 2018.
6. Муинова М.М., Талқини ҳисси худшиносиву худогоҳии миллӣ дар байни ҷавонон. Муинова М.М. [Манбаи электронӣ]. URL: http: //ia-centr.ru//expert/1920/ (Санаи муроҷиат: 22.04.2020).
7. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ. Ш. Душанбе, 26 декабри соли 2019.
8. Саидзода Ш. Ҷавонон – омили ҳастии миллат ва таҳкими давлат / Ш. Саидзода. - Хуҷанд: Ношир, 2019.
9. Стратегияи сиёсати давлатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020, аз «4» октябри соли 2011, № 480, қисми 4 – и банди якум.
10. Таибов С.А. Сардори шуъбаи иттилоот ва нашрияи ба номи Абӯалӣ ибни Сино. Таибов С.А. [Манбаи электронӣ]. URL: http: //ia-centr.ru//expert/1920/ (Санаи муроҷиат: 22.04.2020).
11. Худшиносии миллӣ ва зиракии сиёсии ҷавонон http://www.tguk.tj/index.php/tj/sokhtor/hugand/107-demo-contents/siosat/1178-hudshinosii [Манбаи электронӣ]. URL: http: //ia-centr.ru//expert/1920/ (Санаи муроҷиат: 20.04.2020);


## ЗИРАКИИ СИЁСӢ: ҲАМЧУН ОМИЛИ РУШДИ ХУДШИНОСИИ МИЛЛИИ ҶАВОНОН
## (Таҷрибаи Тоҷикистон)


*Дар мақолаи мазкур сухан доир ба зиракии сиёсии ҷавонон дар раванди дигаргуншавии ҷомеаи муосир меравад. Дар шароити муосир баланд бардоштани зиракии сиёсии ҷавонон боиси таъмини амнияти миллӣ гашта, заминаи мусоиди дарки миллиро фароҳам меоварад. Дар акси ин ҳол, яъне сатҳи пасти маърифати сиёсии шаҳрвандон, аз ҷумла ҷавонон сабаби гаравиш ба гурӯҳҳои экстремистию террористӣ мегардад. Собит шудааст, ки дилхоҳ амалҳои паёмадаш манфӣ аз заъфи донишҳои сиёсӣ сарчашма мегирад.*

*Зиракии сиёсӣ ва инқилоби фикрию таҷдиди тафаккури хуб бояд дар афкори ҷавонон эҳё карда шавад, чунки зиракии сиёсӣ омили рушди худшиносии миллӣ ва баланд бардоштани фарҳанги сиёсӣ дар ҷомеа мебошад.*

*Муаллиф таъкид менамояд, ки дар шароити муосир зарур аст, ки асоси тафаккури нави сиёсӣ ва фарҳангии ҷавононро ғояи таҳкими истиқлолияти давлат, ваҳдату худшиносии миллӣ, ҳисси баланди ватандӯстӣ, таъмини амният ва татбиқи манфиатҳои умумимиллӣ ташкил диҳанд.*

***Калидвожаҳо:** зиракии сиёсӣ, сиёсати ҷавонон, ҷомеаи муосир, худшиносии миллӣ, истиқлолият, ватандӯстӣ, тағйирпазирӣ.*


## ПОЛИТИЧЕСКАЯ ЗРЕЛОСТЬ: КАК ФАКТОР РАЗВИТИЯ МОЛОДЕЖЬ НАЦИОНАЛЬНОЕ САМОПОЗНАНИЕ (Опыт Таджикистана)


*В статье рассматривается политическая зрелость молодежи в процессе трансформации современного общества. В современных условиях повышение политической осведомленности молодежи обеспечит национальную безопасность и создаст благоприятную среду для национального взаимопонимания.*

*В противном случае низкий уровень политического образования граждан, в том числе молодежи, приведет к их присоединению к экстремистским и террористическим группировкам. Доказано, что любое действие с негативными последствиями происходит из-за отсутствия политических знаний.*

*Политическая зрелость и зрелая мысль революции, обновление здравого мышления должны возродиться в сознании молодежи, потому что политическая зрелость является фактором развития национального самосознания и подъема политической культуры в обществе.*

*Автор подчеркивает, что в современных условиях необходимо сформировать основу нового политического и культурного мышления молодежи, идеи укрепления государственной*

*независимости, национального единства и самосознания, чувства патриотизма, безопасности и зашита национальных интересов.*

***Ключевые слова:*** *политическая зрелость, молодежная политика, современное общество, национальное самосознание, независимость, патриотизм, трансформация.*

**POLITICAL MATURITY: AS A DEVELOPMENT FACTOR YOUTH NATIONAL SELF-KNOWLEDGE *(Experience of Tajikistan)***

*This article analyzes the issues of political intelligence of young people in the process of changing society. In modern conditions, raising the political awareness of young people will ensure national security and create a favorable environment for national understanding. Otherwise, the low level of political education of citizens, including young people, will lead them to join extremist and terrorist groups. It has been proven that the desired negative consequences stem from the weakness of political knowledge.*

*Political maturity and mature thought of the revolution, the renewal of sound thinking should be revived in the minds of young people, because political maturity is a factor in the development of national self-consciousness and the rise of political culture in society.*

*The author emphasizes that in modern conditions it is necessary to form the basis of a new political and cultural thinking of young people the idea of strengthening state independence, national unity and self-awareness, a strong sense of patriotism, security and the implementation of national interests.*

***Keywords:*** *political maturity, youth policy, modern society, national identity, independence, patriotism, transformation.*

***Маълумот дар бораи муаллиф:***

***Мирзоев Убайдулло Ибодуллоевич*** *– ассистенти кафедраи сиёсатшиносии ДДОТ ба номи С. Айнӣ. Тел: 918565674.*

***Сведения об авторе:***

***Мирзоев Убайдулло Ибодуллоевич*** *– ассистент кафедры политологии Таджикского государсвенного педагогического университета им. С. Айни. Тел: 918565674.*

***About the author:***

***Mirzoev Ubaydullo Ibodulloevich*** *– assistant of the Chair of Political Sciences of Tajik State Pedagogical University named affer S. Ayni, Tel: 918565674.*

## ТАРТИБИ ҚАБУЛ ВА НАШРИ МАҚОЛА

Маҷаллаи «Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ» тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи матбуот ва дигар воситаҳои ахбори омма» интишор мешавад.

Дар маҷалла натиҷаи корҳои илмӣ-тадқиқотии профессорону омӯзгорони Донишгоҳ ва олимони ватаниву хориҷӣ нашр карда мешавад.

Ҳайати таҳририя, ки ба он мутахассисони соҳаҳои мухталифи илм шомил мегарданд, бо фармони ректори Донишгоҳ тасдиқ карда мешавад.

Маҷалла мақолаҳои илмиро тибқи қарори кафедра ва шӯрои олимони факултет қабул менамояд. Мақолаҳое, ки ба суроғаи маҷаллаи «Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ» ирсол мешаванд, бояд ба талаботи зерин ҷавобгӯ бошанд:

1. Дар мақолаҳои илмӣ ҳалли масъалаҳо аниқ ва равшан ифода гардад.
2. Ҳаҷми мақола якҷоя бо расм, ҷадвал, диаграмма, графика ва матни аннотатсия аз 10 саҳифаи чопӣ зиёд набошад.
3. Дар ҳар як мақолаи илмӣ тибқи тартиб зикри мафҳумҳои калидӣ ва аннотатсия бо ду забон: русӣ ва англисӣ риоя шавад.
4. Мақолаҳо тибқи барномаи Winword дар дискета ё флешкарт бо шрифти Times New Roman Tj, ҳуруфи 14 қабул карда мешавад. Фосилаи байни сатрҳо 1, ҳошия аз тарафи чап 3 см, аз тарафи рост 1, 5 см, аз боло 2 см, ва аз поён 2 см - ро бояд ташкил намояд, матни мақола аз тарафи рост рақамгузорӣ карда шавад.
5. Дар саҳифаи аввали мақола ному насаб, номи падар ва ва номи ҷойи кори муаллиф дарҷ гардад.
6. Дар мақолаҳои илмӣ истифодаи адабиёт ва тарзи гузоштани иқтибос тибқи қоидаҳои нашрия, дар асоси талаботи амалкунандаи ГОСТ риоя шавад.
7. Дар охири мақола маълумот оид ба ҷойи кор, вазифаю унвони илмӣ, суроға ва имзои муаллиф ҷой дода шавад. Ба муаллифоне, ки масъули асосии ҳифзи сирри давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд, нишон додани маълумотҳои мушаххас зарур намебошад.
8. Ҳайати таҳририя ҳуқуқ дорад, ки мақолаи илмиро ихтисор ва ислоҳ намояд.
9. Дастхати мақолаҳо баргардонида намешавад.

## ПОРЯДОК ПРИЁМА И ИЗДАНИЯ СТАТЬИ

«Вестник педагогического университета» издается в соответствии Законом Республики Таджикистан «О печати и других средств массовой информации».

В журнале публикуется основные научные результаты диссертаций на соискание учёной степени кандидата и доктора наук отечественных и зарубежных исследователей.

Редакционная коллегия утверждена по приказу ректора университета.

Статьи принимаются с протоколом кафедр, научного совета факультетов и с отзывами научных руководителей.

Статьи, которые отправляются в адрес университета, должны соответствовать следующим требованиям:

1. Основное содержание издания должно представлять собой оригинальные научные статьи.
2. Представленные статьи совместно с рисунками, диаграммами, графиками, аннотациями должны быть не менее десяти страниц.
3. Каждая научная статья в обязательном порядке принимается с ключевыми словами и с аннотациям на русском и английском языках.
4. Статьи принимаются в формате Microsoft Word, шрифтом Times New Roman (Times New Roman Tj), размер шрифта 14. Все поля обязательны для заполнения независимо от формы (бумажной или электронной) научного издания. Интервал между строками 1 см с левой стороны 3 см., с правой стороны 1, 5 см, сверху 2 см, снизу 2 см., текст статьи номеруется с правой стороны.
5. На первой странице статьи указывается фамилия имя отчество и место работы автора.
6. У всех публикуемых научных статьях должны быть пристатейные библиографические списки, оформленные в соответствии с правилами издания, на основании требований, предусмотренных действующими ГОСТами.
7. В публикуемых материалах указывается информация об авторах, их месте работы и необходимые контактные данные. Авторы, имеющие допуск к государственной тайне Республики Таджикистан имеют право не указывать место работы и контактные данные.
8. Редакционная коллегия имеет право сократить и исправит научную статью.
9. Представленные научные статьи автору не возвращаются.

## ACCEPTANCE AND PUBLICATION PROCEDURE

«Herald of the Pedagogical University» is published in accordance with the Law of the Republic of Tajikistan «On press and other forms of mass media».

The journal publishes the main scientific results of dissertations for the degree of candidate and doctor of sciences of local and foreign researchers.

The editorial board was approved by order of the rector of the university.

Articles are accepted with the protocol of the departments, the scientific council of the faculties and with the reviews of scientific supervisors.

Articles sent to the university must meet the following requirements:

1. The main content of the publication should be original scientific articles.
2. The submitted articles together with figures, diagrams, graphs, annotations must be at least ten pages.
3. Each scientific article is accepted with keywords and annotations in Russian and English.
4. Articles are accepted in Microsoft Word format, font Times New Roman (Times New Roman Tj), font size 14. All fields are required regardless of the form (paper or electronic) of the scientific publication. The interval between the lines is 1 cm on the left side 3 cm, on the right side 1, 5 cm, on top 2 cm, on the bottom 2 cm and the text of the article is numbered on the right side.
5. On the first page of the article, the surname, name, patronymic, and the place of work of the author are indicated.
6. All published scientific articles must have cited bibliographic lists drawn up in accordance with the rules of publication, based on the requirements provided for by the current GOSTs.
7. The published materials indicate information about the authors, their place of work and the necessary contact information. Authors with access to state secrets of the Republic of Tajikistan have the right not to indicate their place of work and contact details.
8. The editorial board has the right to reduce and correct a scientific article.
9. Submitted scientific articles are not returned to the author.

**ВЕСТНИК ПЕДАГОГИЧЕСКОГО УНИВЕРСИТЕТА**
**2021. № 3-4**

**Издательский центр**
**Таджикского педагогического университета им. С.Айни**
**по изданию научного журнала**
**«Вестник педагогического университета»:**
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки 121
Сайт журнала: www.vestnik.tgpu.tj
E-mail: vestnik.tgpu@gmail.com
Тел.: (+992 37) 224-20-12, (+992 37) 224-13-83.
Формат 70x108/16. Бумага офсетная. Печать офсетная.
Тираж 100 экз. Уч. изд. л. 16 усл. п.л.16
Подписано в печать 14.10.2021 г. Заказ №
Отпечатано в типографии ТГПУ им. С.Айни
734025, г.Душанбе, ул.Рудаки 121.